Шайх Давлатхочаи
Мирзохочаи Раштӣ

# ДУНЁИ ФОНӢ ВА УҚБОИ БОҚӢ

*Рисолаи тарбиявӣ ва ахлоқӣ*

www.ansor.info

**ШАЙХ ДАВЛАТХОҶАИ**

**МИРЗОХОҶАИ РАШТӢ**

**Ҳамаи рушанфикрон ва зиёиёни диннӣ ва дунявӣ бояд муттаҳид шавем, то дар рушду нумӯи ҳамаҷонибаи Тоҷикистони азизамон саҳм гузорем!**

**Давлатхоҷаи Раштӣ**

**(Рисолаи тарбиявӣ ва ахлоқӣ)**

**Душанбе**
**"Ирфон – 2012"**

www.ansor.info

ШАЙХ ДАВЛАТХОҶАИ

МИРЗОХОҶАИ РАШТӢ

Ҳамаи рушанфикрон ва зиёиёни динӣ ва дунявӣ бояд муттаҳид шавем, то дар рушду нумӯи ҳамаҷонибаи Тоҷикистони азизамон саҳм гузорем!

Д. Раштӣ.

# ДУНЁИ ФОНӢ

# ВА УҚБОИ БОҚӢ

(Рисолаи тарбиявӣ ва ахлоқӣ)

Душанбе

“Ирфон - 2012”

www.ansor.info

ББК - 74.90 (2 тоҷик)
Мир 65

Бо қарори Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми июли соли 2012 -ум тахти № 39 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ**

Китоб зери назари ҳазрати домулло Хикматуллоҳи Точикободӣ ба чоп расидааст.

Давлатхоҷаи Раштӣ - Дунёи фонӣ ва уқбои боқӣ. Душанбе “Ирфон”, 2012. 286 саҳифа.

**Муҳаррирон:**
М. Абдулхай доктори илмҳои фалсафа М. Аҳмадов доктори илмҳои филология, профессор

Китобро ба рӯҳи поки ҳазрати қиблагоҳам (падари бузургворам), ки дар роҳи тарбияи мо заҳматҳои фаровоне кашиданд, вале аз боғи худ мевае начида даргузаштанд, мебахшам.

Илоҳо рӯҳашон шод ва ҷояшон фирдавс бодо.

0401000000-156
М501( 12)-2012
ISBN978-99947-0-710-2 ББК - 74.90 (2 тоҷик)
© Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ “Ирфон”-2012

**Тавсияномаҳое, ки аз ҷониби Академикон, Докторон ва Дотсентони Динӣ ва Дунявӣ, ки ба муаллиф барои чоп шудани китобаш додаанд.**

**ПЕШНИҲОД**

Оид ба нашри китоби Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ “Дунёи фони ва уқбои боқӣ"

Чи тавре, ки худи муаллиф таъкид мекунад, оид ба ин дунё ва он дунё ба забонҳои арабӣ ба хуруфоти форсӣ асарҳои зиёде ба табъ расидаанд, вале қариб ҳамаи онҳо ба хонандаи тоҷик дастрас нест. Сабаб албатта, маълум мебошад. Аввал ин, ки на ҳар кас забони арабиро медонад; дуюм ин, ки на ҳар кас алифбои арабиасосро мешиносад ва мехонад ва агар хонад ҳам шояд нафаҳмад.

Аз ин хотир ба чоп омода намудани ҳамин гуна як китоб аз ҷониби Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ бо хуруфоти кирилӣ басо кори савоб ва хайр аст. Рисола бо забони ноби тоҷикӣ таълиф гардидааст, ки ин қиммати онро меафзояд.

Бинобар он мо рисоларо ба чоп пешниҳод менамоем. Умед аст, ки он байни мардуми аҳли мусулмон ва ғайри он, ки аз забони тоҷикӣ огоҳанд, шӯҳрати зиёде пайдо мекунад.

Президенти Академияи Илмҳои

Педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Академик: М. Лутфуллоев

27.01.2015 сол.

# ТАВСИЯНОМА

Дар ҳақиқат нависандаи китоби «Дунёи фонӣ ва уқбои боқӣ" Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ шогирди арзандаи факултаи филологияи тоҷикӣ Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қанлил Ҷӯраев буда, бо баҳои "аъло» (5) дар куреси 5-ум таҳсил намуда истодааст ва китоби навиштаи ӯ ҳамаҷониба қобили дастгирӣ мебошад.

Рисолаи мазкур аз лиҳози муҳтавиёт фарогири андешаҳои бикри гузаштагон буда, ба ҷавонони имрӯзаи мо, «чун дастури ахлоқӣ маҳсуб мегардад. Чопи сариваќтии он, дар ҷомеъаи имрӯзаи мо, ки ахлоқу маънивиёт коста гардидааст, боиси дастгирӣ буда, барои ба асодати хеш баргаштани миллат, ба хусус ҷавонон, аз манфиат орӣ нест.

Аз ин хотир, мо устодони факулта китоби мазкурро барои чоп тавсия дода, умедворем, ки рисолаи мазкур тавассути нашриёти «Адиб» ҳар чӣ тезтар ба дасти хонандагон хоҳад расид. Ба мусанниф ва муттасадиёни чоп тавфиқ хоҳонем.
кафедрм илабнёти тонине

Устодони кафедраи адабиёти тоҷик:

Доктори илмҳои филология: М. Аҳмадов

Досент: М. Қурбонов

С. Қосимӣ

13.12.2004.

## Т а в с и н о м а

Китоби мазкур, ки рисолаи тарбиявӣ ва ахлоқист ва унвони зебои «Дунёи фонӣ ва уқбои боқӣ» - ро дорад, аз тасинфоти Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштист. Баъд аз мутолиаи рисолаи мазкур ба хулосае омадам, ки чопи ин китоб ногузир аст. Зеро дар раваиди тӯфони унсурҳои фарҳангхарош ва маънавияткуш, ки дар ҷомиа хеле бориз эҳсос мешаванд, ин рисола чун садд ва монеъа хизмат хоҳад кард.

Муҳтавои китоб бунёд аз каломи Худованд. паёми Расул (с) ва шуруҳи уламои ҷаҳони маънавӣ дорад ва ҳар хонандаро ногузир ба асолати хеш мебарад. Ахлоқе, ки шоистаи инсон аст, дар китоби мазкур сутуда шудааст. Ба гумони ман, имрӯз ҳусни одоб ва ахлоқ, ки дар ҷомиа коста шудааст, маҳз дар чунин рисолаҳои ахлоқӣ бояд ҷустуҷӯ кард. Ба муаллиф барои заҳматҳои фаровон ва меҳнатҳои таҳияи китоб сипос мегӯем.

**ТАҚРИЗ**
**«ДУНЁИ ФОНӢ ВА УҚБОИ БОҚӢ»**

рисолаи тарбиявӣ ва ахлоқиест, мутааллиқ ба қалами Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ.

Рисолаи фавқуззикр асари таҳиягардидаи мукаммалест, оозгор ба сиёсати замон, ки баҳри тарбияи ахлоқ ва маънавии ҷомеа, алалхусус ҷавонон, ба роҳи рост мувофиқат хоҳад кард.

Нашри бе тақсири он кори хайрест.

**Бо арзи эҳтиром, узви Иттиҳодияи Журналистони Тоҷикистон,**
**Муҳаррири ҳафтаномаи «Чархи гардун» Ҳабибулло Ёров.**

**Ба номи Худованди ҷону хирад,**
**К-аз ин бартар андеша барнагзарад.**

Китобе, ки шумо, хонандагони гиромӣ, дар даст доред, натиҷаи заҳамоти зиёда аз даҳсолаи Шайх Давлатхоҷа мебошад. Номбурда кӯшиш намудааст заруриётеро, ки имрӯз инсонҳо ба он эхтиёҷи зиёд доранд, ба тариқи мӯҷазу оммафаҳм баён намояд.

Китоб аз се манбаъ сарчашма гирифтааст: оёти Каломуллоҳи маҷид, аҳодиси паёмбар ва таълимоти мазҳаби ҳазрати Имоми Аъзам.

Ин китоб рисолаи ахлоқӣ буда, муаллиф ахлоқи ҳамидаи инсониро аз "нутфа", яъне аз вақте ки инсон нутфа аст дар пушти падар, падар бояд чӣ корҳоро ба анҷом расонад. Вақте, ки нутфа дар раҳми модар гузашт, модар чӣ корҳоро бояд иҷро намояд, то ин ки як тифли солим ва беолоиш ба дунё ояд. Баъд аз он чӣ гуна падар ва модар ӯро аз тифливу навҷавонӣ тарбия намоянд, то ки дар оянда ин тифл дузду роҳзан, майнӯшу фиребгар, нашъаманду мардумозор ва аз фармони падару модар дур набуда, ҳамчун як фарди солимақлу солимирода, мардумдӯсту ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба воя расида, дар итоати падару модар бошад, ин гуна ахлоқро дар китоби мазкур навиштааст.

Ва дар тӯли ҳаёт инсон чӣ корҳоро мувофиқи гуфтаҳои Худованд ва гуфтаҳои пайғамбар алайхи-с-салом иҷро намояд ва чӣ корҳоро иҷро накунад. Инчунин дар бораи мурдан ва қиёмат, биҳишту дӯзах, ҳисобу китоби рӯзи қиёмат, то дидори ҳазрати худованд дар охират дар ин китоб ба тариқи сода ва мухтасар навишта шудааст. Аз ин лиҳоз хондан ва истифода бурдани ин китоб барои ҳамагон зарур аст.

**М. Абдулҳай.**

**Ба номи Худованди бахшандаи мехрубон**

## ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

Падарону модарон, бародарону хоҳарони азизу мехрубон, ба хотири он ки аксарияти шумо вақти бисёр надоред ва фаҳмиши шумо ба китобҳои арабӣ ва китобҳои мураккаби форсӣ намерасад, банда аз чандин китобҳои мӯътабари арабӣ ва форсӣ ба кадри қувват заруриёти аҳкоми шариатро бо ёрии Худованди бузург бо умедӣ савоб ба тариқи мухтасар ва соддафаҳм ҷамъ намуда, дар ин китоб навиштам ва ин китобро "Дунёи фонӣ ва уқбои боқӣ" ном гузоштам, чунки ба ҳамаи мову шумо маълум аст, кӣ ин дунё - фонӣ, яъне несту нобудшаванда аст ва охират бошад, боқиву ҷовидон аст. Аз ин хотир саъй намудаам, ки бародарону хоҳарони муҳтарами мо бо хондан ва амал кардан ба ин китоб, рағбат ба сӯи укбо бештар намоянд, то ки тӯшаи хубе барои охирати хеш омода намоянд.
Худованди мутаол мададгори мову шумо бод, омин ё Рабба- л-оламин.

*　　* *

Мағфират дорам умед аз лутфи ту,
З-он ки худ фармудаӣ: ло тақнату[1].
Надорам ҳеҷ гуна тӯшаи роҳ,
Ба чуз ло тақнату мин раҳматиллоҳ.

***Шайх Давлатхоҷаи МирзохоҷаӣРаштӣ***
***1994-2005***

[1] Ло тақнату - навмед машав

# ШАММАЕ АЗ ТАЪРИХИ КИТОБ

Хонандагони азизу гиромӣ, ба ҳамаи мову шумо маълум аст, ки китоб навиштан кори саҳлу осон несг. Банда низ лаёқат ба навиштани китоб надоштам, чунки илму тақвои кофие надорам. Ҷуръат ҳам наменамудам, ки қалам ба даст гирифта китоб нависам. Лекин чанд бор кудрати ҳазрати Худовандиро дар хоб ва дар бедорӣ мушоҳида намудам. Пас аз ин эҳсоси масъулият намуда, бо ёрии ҳазрати Худованд шурӯъ ба навиштани китоб намудам.

Ҳангоме ки ба таҳсили илм ва машқи хат машғул будам, ҳамон вақт орзӯ мекардам, ки агар ҳазрати Худованд маро кӯмак намояд, дар тӯли ҳаётам китобе барои мардуми оддӣ аз бахри савоб менависам.

Аз ин байн тақрибан бист сол сипарӣ шуду кашмакашҳою бесарусомониҳои дохилии кишвар шурӯъ гардиданд. Рӯзҳои сахту сангине бар сари миллати тоҷик пеш омад...

Банда соли 1994 дар сангинтарин ҳолат гирифтор будам. Аз сахтии гармои тобистон ва тасфи мавзее, ки гирифтори он будам, тоқати курта ба тан пӯшидан надоштам. Ва чандин ғаму ғуссаҳои дигар низ азиятам медоданд, ки он ҳолатро танҳо Худованд медонад. Дар ҳамин вақти душворӣ, ки арақ аз тамоми вуҷудам равон буд, гӯё гӯяндае маро мегуфт:

- Акнун вакти навиштани китобе, ки орзӯ карда будӣ, фаро расид, бархезу ба навиштани он шурӯъ намо!

Он садои ғайбӣ ҳатто номи китобро хам мушаххасан баён менамуд. Номи китоб "Дунёи фонӣ ва Уқбои боқӣ", марҳилаи якум сулби падар ва раҳми модар, марҳилаи дувум фалон, марҳилаи сеюм фалон, инчунин то охир.

Ҳайрон аз он будам, ки дар ин марҳилаи сангин ба кудрати ҳазрати Худованди бузургу мехрубон чӣ гуна бароям қаламу қоғаз, рангу маводи навиштан пайдо шуд.

Банда ин китобро такрибан аз бист китоб **ҷамъоварӣ** намудаам. Чӣ **гуна** дастрасам гардидани ин китобҳоро дар он ҳолат, худам ҳам намедонам. Ин ҳама аз қудрати ҳазрати Парвардигор буду бас.

Вақте ки ба китоб навиштан шурӯъ намуда будам, бо вуҷуде, ки бандаи нолоиқ ва гунаҳкорам, ҳазрати Расули акрам (с)-ро дар хоб дидам.

Он ҳазратро чунин хоб дидам: бисёр марди нуронӣ буданд ва гирдзону нишаста, риши муборакашон нимсиёҳ ва нимсафед буданд. Дар пеши он Ҳазрат як коса оби сап-сафед буд ва аз он коса нур медурахшид. Вақте ки косаи обро бардошта нӯшиданд, ман бисёр ба хаяҷон омадам ва хостам, ки оби дар коса боқимондаи ӯро бинӯшам.

Обро нӯшиданд, дар таги коса ду-се қатра монд. Банда бо худ гуфтам: бо ин ду-се қатраи об оби дигар ҳамроҳ карда нӯшам.

Хостам оби дигаре бо он ҳамроҳ намоям, то зиёдтар шавад. Вале аз фикрам гашта, ба худ гуфтам:

- Агарчанде ду-се қатра ҳам бошад ин афзал аст, чунки пасмондаи холиси он Ҳазрат аст. Ба ҳамин хулоса омада, косаро ба даст гирифта он чанд қатра обро нӯшидам.

Баъдан забонамро бароварда, тариҳои косаро аз дарун ва берун лесидам. Он ҳазрат ин ҳолати бандаро дида табассум намуданд. Аммо сухане нагуфтанд.

Дар солҳои машғулиятам ба навиштани китоб боз шабе дар хоб дидам, ки дар чоҳи пуробе як дасти зебои боқувввате намоён аст. Он даст ҳаракат мекард ва гӯяндае мегуфт, ки ин дасти мубораки Ҳазрати Алӣ карамаллоҳу ваҷҳа аст.

Гузашта аз ин дар ин муддат ҳазрати устодам домулло Ҳикматуллоҳро дар хоб дидам, ки ҳамроҳи ӯ дар як ҳуҷра нишаста будам ва як чойник дар пеши банда буд. Ва чаҳорзону нишаста будаму боадабона чойро мехостам рехта ба ӯ диҳам. Аммо Ҳазрати домулло дасташро дароз карда, монанди шахси бисёр ташна дасти маро зер намуд ва аз даруни чойник оби сап-сафедеро ба пиёла рехт, ки пиёла аз он лабрез шуд.

Аз ӯ савол кардам, ки устод ин чи ҳикмат аст, ки пиёла лабрез шуд?

Ҷавобашро дар хобам нагуфтанд. Ин саволро аз худи ҳазрати Домулло дар хонааш пурсида, ҷавобашро гирифтам...

Дар солҳои 1970-1975 шахсияти ҳазрати домулло Ҳикматуллоҳро дар Қаротегин аксарияти мардум намедонистанд. Аввалин бор ин ҳазрат бо шогирдони зиёде, ки дошт, меҳмони хонадони мо шуданд, чунки ҳазрати Қиблагоҳи банда, Худованд раҳмату мағфираташ кунад, ʻбисёр шахси меҳмоннавоз ва олимдӯст буданд. Аз ин ҷиҳат хазрати Домулло борҳо Алҳамдулиллоҳ меҳмони мо шуданд.

Қиблагохи банда се хислати олии инсонӣ доштанд: бисёр саховатпеша буданд, олимонро дӯст медоштанд, аксарияти вақт хомӯш буданд. Шояд он камтар илме, ки Худованд ба банда ато намудааст, ба шарофати олимонро дӯст доштани ҳазрати Қиблагоҳам бошад.

Аввалин касе, ки маро ба дарс гуфтан супориш додааст домулло Ҳикматуллоҳ аст. Китобҳоеро, ки домулло маро ба хондани онҳо супориш дода буданд, ба ёрии Худованд ва ба дуъои домулло онҳоро хондам ва ба дарс гуфтан шурӯъ намудам.

Боз чандин ҳикматҳои Илоҳиро дар ин муддат дидам, ки онҳоро намегӯям. Инҳо буданд, ки маро қалам ба даст доданд ва омӯзишу таҳсил ҳидоятам карданд...

Таҳсилоти илми диниро дар назди ҳазрати домулло Амиршоҳ алайҳи-р-раҳма дар шаҳри Қурғонтеппа гирифтам. Маълумоти олии дунявиро бошад, дар риштаи забону адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатӣ дар шахри Душанбе аз худ намудам.

Феълан дар пажӯҳишгоҳи (Академияи) улуми педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи фаъолият дорам.

**БИСМИЛЛОҲИ-Р-РАҲМОНИР-РАҲИМ**

Алҳамду *лиллоҳи*-р-рабби-*л*-оламин, ва-*л*-оқибату *ли*- *л*-муттақин ва-с-салоту ва-с-саломү ало хайри халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаин.

Ин китоб дастуруламал аст барои ҳар як хонадон ва барои ҳар як шахси мусулмон аз мардон ва занон. Муштамил аст бар ҳашт марҳала[1].

Марҳалаи аввал - Сулби[2] падар ва раҳми модар
Марҳалаи дуюм - Аз рӯзи таваллуд то вақти балоғат
Марҳалаи сеюм - Аз вақти балоғат то вакти заъф ва пирӣ
Марҳалаи чаҳорум - Аз вакти заьф ва пирӣ то охири умр
Мархалаи панчум - Ворисон дар бораи майит
Мархалаи шашум -Аз вақти марг то рӯзи қиёмат
Мархалаи хафтум - Аҳволи рӯзи қиёмат
Мархалаи хаштум - Ашъори шуаро

**Марҳала - ченаки вақту замон**
**- Сулби падар- пушти падар**
**Раҳми модар - шиками модар**

## МАРҲАЛАИ АВВАЛ
## СУЛБИ ПАДАР ВА РАҲМИ МОДАР

**Муштамил аст бар ду фасл:**
**Фасли аввал — эҳтиёт дар нутфа.**
**Фасли дувум - васиятномаи ҳазрати Пайғамбар (с), мар ҳазрати Алиро.**

### Фасли аввал - эҳтиёт дар нутфа'

Вақте ки нутфа дар пушти падар асту баъд аз он дар раҳми модар мегузарад, падар ва модар гуфтаҳои зеринро бояд риоя намоянд:

Падар аввал дар луқмаи худ эҳтиёт кунад, то нутфае, ки ҳосил мешавад ва фарзанде, ки пайдо мешавад, ҳалолзода ояд. Расул (с) фармуданд, ки луқмаи худро пок доред, зеро фарзандони шумо аз асари луқмаҳои шумоанд.

Дар вакте ки фарзанд дар раҳми модар бошад, бояд модари ӯро аз ҳаром ва шубҳа парҳез фармоянд, то самари он дар нафси фарзанд зоҳир гардад.

Гӯянд, ки иродаи Ҳақтаоло мешавад барои мавҷуд кардани вуҷуде. Худованди таоло дили мардро ба ҷимоъ[*2] кардан муқайяд мегардонад. Чун оби падар аз пушт ва оби модар аз сина берун меояд, он ҷо ки аз ин ду об ҷамъ мешавад, баъди чиҳил рӯз ба хун табдил мешавад ва баъд аз чиҳил рӯз он гӯшти баста мешавад ва баъд аз чиҳил рӯзи дигар Ҳақ субҳонаху ва таъоло дар он гӯшт устухон меофарад ва сурат мебандад ва ризқу аҷалу саодат ва шақовати ӯро фариштае менависад. Баъд аз чаҳор моҳ дар он шакл ҷон, яъне рӯҳ дар қолаби ӯ ба амри Парвардигор медарояд. Пас аз роҳи ноф хун рӯзии вай мегардад.

Агар ҳамаи табибон ҷамъ шаванд, ҳеҷ кӯдакеро аз шиками модар натавонанд берун овардан, чунонки роҳи берун омадани одамиро Худованди ҷаҳон осон гардонидааст. Гӯянд. ки чун кӯдак дар шиками модар аст ва вақти зодани ӯ фаро мерасад, он кӯдак муноҷот мекунад, ки Худовандо, маро аз ин мақоми хуш берун макун.

'Нутфа - оби пушти падар.
Ҷимоъ - ҳамхобагӣ.

Фармон даррасад, ки аз барои парвардани ту хидматгорони некӯ офаридаам, хотири худро хуш дор ва берун ой.

Дар ҳақиқат, падару модар барои фарзанд беҳтарин хидматгоранд.

* * *

Ситоиш Худованди бахшандаро,
Ки мавҷуд кард аз адам бандаро.
Чу пок офаридат ба ҳуш бошу пок,
Ки нанг аст нопок рафтан ба хок.
Чу дар ибтидо будӣ оби манӣ,
Агар мардӣ, аз сар бадар кун манӣ.

**Фасли дувум- васиятномаи ҳазрати Пайғамбар алайҳи-с-салом, мар ҳазрати Алиро**

Пайғамбар (с) фармудааст: "Ё Алй, дар шаби якуми моҳ ва дар шаби охирини моҳ ҳалоли худро ҷимоъ макун, ки дар ин шабҳо фарзанд девона шавад. Ё Алй, дар рӯзи чаҳоршанбе бо зан наздикӣ макун, ки фарзанд кушанда ояд ва роҳзан шавад, дар шаби ид ҳам наздикӣ макун, ки фарзанд муханас (нармода) ояд. Ё Алӣ, дар вақти сӯҳбат кардан бо зан сухан магӯй, ки фарзанд гунг ояд ва дар аврати якдигар нигоҳ макунед, ки нобиноӣ орад. Ё Алӣ, дар зери дарахти бордор наздикӣ макун, ки фарзанд золим ояд ва миёни бонги намоз ва иқомат наздикӣ макун, ки фарзанд бефармон ояд. Ё Алӣ, зани худро наздикӣ макун, дар он ҳолат, ки пок набошӣ, ки фарзанд агар шавад, бахил хоҳад шуд. Ё Алӣ, зани худро дар шаби Душанбе сӯҳбат кунӣ, фарзанд хонанда ояд. Агар шаби сешанбе бо зан наздикӣ кунӣ фарзанд ҷавонмард ояд. Ё Алй, агар шаби панҷшанбе бо зани худ наздикӣ кунӣ, фарзанд олим ва парҳезгор шавад ва агар дар шаби чумъа наздикӣ кунӣ фарзанд обиду мухлис ояд".

Ҳикоят. Собит падари ҳазрати Имоми Аъзам раҳматуллоҳу алайҳи буд. Дар вақти пеш аз оиладорияш рӯзе аз ҷӯйчае мегузашт, ки об себеро овард. Себро аз об гирифта газид, баъд аз он дар хотираш омад, ки ин себ моли дигар кас аст ва ман чаро онро бе иҷозати соҳибаш газидам? Дар фикр афтода дар ҷустуҷӯи соҳиби себ қад-қади ҷӯйча равон шуд. Ҷӯйча аз даруни боғе меомад. Даруни боғ даромада, соҳиби боғро ёфта аз ӯ узр пурсид, ки ман ба ғайри қасд ин себро газидам. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки ҳамин себро ба ман бифурӯшед ва ё ин ҷинояти маро бубахшед, то ки дар қиёмат дармонда нашавам.

Соҳиби боғ аз худотарсии ҷавонмард дар ҳайрат монда гуфт, ки ман як шарт дорам, агар шартро қабул кунӣ, ҷурматро мебахшам, агар қабул накунӣ, онро намебахшам.

Собит пурсид:

* Он кадом шарт аст?

Соҳиби боғ гуфт:

-Як духтар дорам ҳам кур аст, ҳам кар аст, ҳам гунг аст, ҳам шал аст ва ҳам чӯлоқ. Ҳамонро агар ба занӣ қабул кунӣ, ман аз даъвои себ мегузарам.

Собит фикри бисёре карда, ноилоҷ ба он шарт розӣ шуд. Соҳиби боғ ӯро ба хонааш бурда духтарашро никоҳ карда ба ӯ дод ва ӯро гуфт, ба фалон хона рав зани ту дар ҳамон хона аст.

Собит рафта дари хонаро кушода дид, ки он ҷо як духтари соҳибҷамоле нишаста аст, дарҳол дарро пӯшида ба қафо баргашт. Гумон кард, ки ин он духтар нест. Духтар аз хона овоз бароварда гуфт:

- Куҷо меравӣ, баргард. Ҳамон духтари ваъдакардаи падар манам, биё даро.

Собит гуфт:

-Ваъдакардаи падарат ин гуна набуд.

Духтар гуфт:

-Падарам маро кур гуфт, аз он ҷиҳат, ки ман ягон номаҳрамеро надидаам, маро кар гуфт, барои он, ки овози номаҳрамеро нашунидаам, маро гунг гуфт аз он сабаб, ки ба номаҳраме сухан нагуфтаам, маро шал гуфт, ба он хотир, ки ба касе даст дароз накардаам, маро чӯлоқ барои он гуфт, ки аз хона берун набаромадаам.

Чун падар дар луқмаи худ эҳтиёт кард ва модар покдоман ва парҳезгор буд, аз ин падару модари Худотарс ҳазрати Худованд Имоми Аъзам раҳматуллоҳро ба дунё овард, ки мову шумо дар мазҳаби ӯйем ва сифати ӯ ба таъриф рост намеояд.

**Ҳикоят**. Нақл аст, ки Нуҳ ибни Марям, қозии шаҳри Марв буд. Ӯро духтаре буд, бузургони шаҳри Марв духтарро хостгорӣ мекарданд, аммо қозӣ хостгорҳоро рад мекард. Вай мегуфт, ки ман духтарамро танҳо ба ҷавони парҳезгор медиҳам ва барои духтараш ҷавони муносиб меҷуст. Ҳарчанд чуст, ҳеҷ касро аз ғуломи худ Муборак парҳезгортар ва диндортар надид. Пас ӯро озод кард ва духтари худро ба ғуломи худ никоҳ карда дод.

Муборак то чил рӯз гирди духтар нагашт. Модари духтар аз он ҳол хабардор шуда, шикоят кард ва ба шавҳараш гуфт:

-Духтари порсову покизаи худро ба ғуломи худ додӣ. Ӯ бошад, ҳанӯз майле ба вай намекунад, ин чи кор буд, ки ту кардӣ?

Қозӣ Муборакро ба наздаш хонда гуфт:

-Эй Муборак, ту магар аз фарзанди ман ноз мекунӣ, ки ба ӯ илтифоте надорӣ?

Муборак гуфт:

-Эй қозии мусалмонон, маро бо фарзанди шумо чӣ гуна ноз расад, аммо чун мансаби қозигӣ ба шумост, метарсам, ки ин духтар дар хонаи шумо луқмае хӯрда бошад, ки шояд щубҳанок бошад. Ман эҳтиёт мекунам ва ӯро таоми ҳалол мехӯронам, то даруни вай пок шавад. Агар ҳақ таоло фарзанде тақдир карда бошад, шоиста ва босалоҳ бошад.

Чун чил рӯз расо бигзашт, духтарро тасарруф кард ва чун ӯ дар луқма эҳтиёт ба ҷой оварда буд, Ҳак таоло ба ӯ Абдуллоҳро насиб гардонд.

Абдуллоҳ ибни Муборак ба чаҳор чиз дар ҳамаи рӯи замин монанд надошт, дар замони худ. Аввал ба илм, дуюм ба ҳилм, сеюм ба шуҷоат, чаҳорум ба саховат шӯҳрат дошт. Ҳамин аст, ки ҳар кас кор аз барои Худо кунад, ҳаргиз зиён накунад. Пас, бояд, ки шахси мусалмон аз барои дунёи мурдор шуда, фарзанди худро ба дасти нопокон надиҳад.

Дар ин мавзӯъ суханҳо бисёранд, лекин барои шахси бофаҳм ҳамин ҳам кифоя аст, чунки ҳазрати пайғамбар (с) гуфтааст, ки беҳтарин сухан он аст, ки кӯтоҳ бошад ва далолат ба максад кунад.

Аз Худованди карим хоҳони онем, ки ҳамаи мову шуморо тавфик диҳад ва ба ин гуфтаҳо амал карданро арзонӣ дорад. Омин.

Бигу одамиро назар кун дуруст,
Ки ӯ аз чӣ шуд халқ рӯзи нахуст.

**МАРҲАЛАИ ДУЮМ**
**АЗ РӮЗИ ТАВАЛЛУД ТО БА ВАҚГИ БАЛОҒАТ**
**Муштамил аст бар ду фасл.**
**Фасли аввал - масси шайтон.**
**Фасли дуюм - тарбияти фарзанд.**

**Фасли аввал - масси шайтон**

Вақте ки кӯдак таваллуд мешавад, агар шумо аҳамият дода бошед, албатта, ӯ дар вакти таваллуд шудан гиря мекунад. Сабабаш он аст, ки ӯро шайтони лаин шаллоқ мезанад, аз ҳамин ҷиҳат ӯ мегиряд. Аз ҳамин вақт шурӯъ намуда, то вақти ҷон аз бадан баромадан ин шайтони лаин аз қафои инсон шуда, ӯро ба роҳи бад далолат мекунад. Инсон бояд, ки ҳушёриро аз даст надода, кӯшиш кунад, ки шайтон ӯро дар доми худ наандозад.

Бидон, ки аввал чун кӯдак аз модар таваллуд мешавад, дар гӯши рости ӯ азон ва дар гӯши чапи ӯ иқомат гуфта мешавад ва ба коми вай ширинӣ расонда, дуои баракат хонда мешавад.

Вақте ки кӯдакро дар гаҳвора хоб мекунанд, дар вақти ҷунбонидани гаҳвора модар ӯро алла-алла гӯён мечунбонад. Ин алла-алла не, балки Аллоҳ-Аллоҳ гуфтан аст. То ин ки кӯдак дар гаҳвора Аллоҳ, яъне номи Худоро ёд гирад. Алла дар асл Аллоҳ аст, лекин модарон аз ҷиҳати бесаводӣ ба ҷои Аллоҳ - алла мегӯянд.

Алла гуфтан аз ҷониби нависандаи китоб барои модарони мӯҳтарам ҳам алла, ҳам дуо.

Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Калон шавӣ, чаққон шавӣ.
Хонандаи қуръон шавӣ.
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Ҷӯяндаи имон шавӣ,
Дастёри мардумон шавӣ.
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Гуяндаи Аллоҳ шавӣ.
Ҳам носири яздон шавӣ,
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Фарзанди бокамол шавӣ,
Бо нуру бо имон шавӣ.
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Дар гуфтаи илоҳӣ,
Ҷонро фидо намоӣ,
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.

Эй Худованди карими чорасоз,
Деҳ ба ин фарзанди ман умри дароз.
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Эй Худованди карими роҳнамо.
Аз карам бар тифлакам роҳе намо,
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе,
Эй Худованди карими бокарам,
Хайру эҳсонаш диҳӣ ту аз карам.
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.
Эй Худои ҳар ду олам, эй Худои меҳрубон.
Ту нигаҳ дор тифлакамро дар амон,
Аллоҳе, Аллоҳе, Аллоҳҷонам, Аллоҳе.

**Фасли дуюм - тарбияи фарзанд**

Вақте ки фарзанд ҳафтрӯза мешавад, бояд ки ӯро номи некӯ ниҳанд ва баъд аз он мӯи сарашро тарошанд, агар имкон дошта бошанд, барои писар ду гӯсфанд ва барои духтар як гӯсфанд бикушанд.

Дар ҳадиси Расул (с) омадааст, ки чун фарзанд аз шиками модар зода шавад, бо ҳар тораи мӯи ӯ маразе (касал) меояд. Бояд, ки мӯи сари ӯро баргиранд ва ба вазни он мӯй садақа диханд, то тифл аз мараз наҷот ёбад.

Бидон, ки фарзандро бар падару модар шаш ҳақ аст.

Аввал он ки модари ӯро аз ҷое никоҳ кунад, ки мардум

фарзанди ӯро аз ҷиҳати пастии насаб сарзаниш накунанд. Ҳаққи дуюм он аст, ки ӯро номи некӯ ниҳад ва ҷахд кунад то номе аз номҳои Расул (с)-ро ба ӯ биниҳад. Пайғамбар (с) фармудаанд: ҳаркиро се писар ояд, яке аз онҳоро ба номи ман ном наниҳад, ба дурустӣ, ки бар ман ҷафо кардааст.

Нақл аст, ки фардои қиёмат бандаеро ба сӯи дӯзах кашанд фармон даррасад, ки эй малоикаҳо, ин бандаи маро нигоҳ доред, ки ӯро ба назди мо як некӣ ҳаст. Фариштагон гӯянд, ки он некӣ кадом аст? Фармон даррасад, ки ӯ ҳамномӣ ҳабиби мост Муҳаммад ё Аҳмад ё Маҳмуд. Ман шарм дорам, ки ҳамномӣ ҳабиби худро азоб кунам.

Ҳаққи сеюм он аст, ки ӯро Қуръон биёмӯзанд, ки фазилати Қуръон хондан бисёр аст ва аҳли Қуръон хосагони Худованданд.

Ҳаққи чаҳорум, он ки ӯро бо таоми ҳалол парваранд, агар бо таоми ҳаром парвариш кунанд, луқмаи ҳаром дар нафси ӯ сироят кунад ва аз вай корҳои ношоиста дар вуҷуд ояд.

Ҳаққи панчум он аст, ки ӯро аз ҳафтсолагӣ ба намоз фармоянд, то бар намоз одат гирад, ки одати хурдсолӣ пойдор бувад. Дар ҳадис омадааст, ки агар кӯдак дар даҳсолагӣ намоз нахонад, ӯро адаб кунанд, яъне бизананд, то ӯ намозхон шавад.

Ҳаққи шашум, он ки ӯро ба илм машғул кунанд ва аз нанги ҷаҳолат ва залолат бираҳонанд, ки растагорӣ дар дунё ва охират илм аст. Ӯро ҳунаре ҳам омӯзанд. Ҳарчанд моли бисёр дорӣ, фарзандро ҳунар омӯз, ки рӯзе ӯро ба кор ояд, зеро ки моли днпё эътимодро нашояд.

Бидон, ки фарзанд амонатест дар дасти падару модар ва он дили пок чун гавҳари нафис аст ва нақшпазир ва аз ҳамаи нақшҳо холист; Ва чун замин аст, то ҳар тухме, ки дар вай афканӣ, бирӯяд. Агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дин ва дунё бирасад ва падару модару муаллим дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бад афканӣ ва ӯро бад-ӯ бозгузорӣ, ҳар чӣ хоҳад кунад ва бо ҳар кӣ хоҳад нишинад ва аз ӯ хайру салоҳ хоҳӣ ва хизматгорӣ ва ҳақгузорӣ тамаъ дорӣ, ғояти аблаҳӣ ва хомтамаъӣ бошад. Дили ӯ мисли қоғази сафед аст, ки дар ӯ ҳар чӣ нависӣ, қабул кунад, хоҳ русӣ бошад, хоҳ тоҷикӣ. Барои ҳамин кӯшиш кунед, то чизе нависед, ки дар дунёву қиёмат дармонда нашавед. Чунки пайғамбари Худо (с) фармудаанд, ки нигоҳ доред худро ва аҳлу фарзандони худро аз оташи дӯзах.

Имоми Аъзам раҳматуллоҳу алайҳи мегӯяд, ки фарзандони кофирон ва ҷуҳудон ҳам таваллуд шаванд, то вақти балоғат дар имони фитратанд, яъне дар имони азалӣ. Дар вақте ки арвоҳҳои мо дар рӯзи мисоқ аҳду паймон карда буданд, ба ҳамон имон таваллуд мешаванд, леқин онҳоро падару модарашон маҷусӣ ё насронӣ мекунанд ё дар дигар динҳои ботила мегардонанд. Инчунин фарзандони мусалмононро дар ҳолати хурдӣ падару модар кадом тарафе, ки баранд, мебаранд.

Дар амри тарбияти фарзанд писар ва духтар ҳар ду баробаранд. Тарзи фикре, ки баъзе падару модар дар бораи фарзандон доранд, чунончи писарро аз духтар болотар медонанд, ин фикри ғалат ва аз ахлоқи инсонӣ дур аст. Писарро ҳеҷ гуна имтиёзе бар духтар нест, падар ё модар наметавонанд ба хотири писар дили духтарро ранҷонанд.

Ислом андешаи нодурустеро, ки писаронро бар духтарон бартарӣ медоданд, аз байн бардошт ва барои ҳимояти духтарон ва ҷонибдорӣ аз онҳо ба падарон супориш додааст.

Расули Худо (с) фармуд: беҳтарин фарзандони шумо духтаронанд. Писарон неъматанд аз ҷониби Худованд бар падару модар ва духтарон бошанд, ҳасана, яъне некӣ.

Дар рӯзи қиёмат Худованд падару модарро аз неъмат ҳисобот мегирад ва аз ҳасана бошад, ҳисобот намедиҳанд, балки савоб мегиранд. Ба Пайғамбар (с) хабар расониданд, ки Шумо духтар ёфтед. Ӯ бисёр хурсанд шуда гуфт, духтар гуле аст, ки ӯро мебӯям ва рӯзии ӯро Худованд медиҳад. Ва фармуданд он касе, ки се духтар ё се хоҳарро сарпарастӣ кунад, биҳишт бар ӯ воҷиб гардад. Ислом дастур медиҳад, ки агар падаре ҳадияе барои фарзандон биёрад, аввал бояд, ки духтаронро бидиҳад, баъд писаронро, чунки дили духтар бисёр нозук аст ва меранҷад. Бисёр нораво ва зишт аст рафтори он падаре, ки духтарашро шаллоқе бизанад ва ё мушту лағат бизанад.

Луқмони Ҳаким мегӯяд: фарзанди нохалаф монанди марди шашангушта аст, агар бибурӣ, дард кунад ва агар набурӣ, айб бувад.

Мавлоно Муҳиддини Хонӣ мегӯяд: рӯзе дар шаҳре ваъз мегуфтам ва дар ҳаққи падару модар сухан мерафт. Писаре бархост ва гирён шуда гуфт: ё Мавлоно, чӣ мефармоед дар ҳаққи фарзанде, ки риши падарро бигирад ва чӯб бар сари падар занад.

Гуфтам: аз падар чи кор омӯхтааст?

Гуфт: харбонӣ..

Гуфтам: ҷурми аввал аз тарафи падар аст, ки ӯро дар хурдӣ ба мактаб нафиристодааст, то илму адаб ва шариатро биёмӯзад ва бо солиҳон сӯҳбат кунад ва бо падар бехурматӣ накунад ва таъзими падар ба воҷибӣ адо намояд. Аммо чун аз кӯдакӣ ба харбонӣ одат карда бошад, чӯб бар сари падар зада, гумон мекунад, ки бар сари хар мезанад.

* *

Надонӣ, ки сӯҳбат асар мекунад,

Ки беҳурматӣ бо падар мекунад.

Пас фарзандро аз торикии нодонӣ ба рӯшноии илм биовар, ки илм фахрасту ҷаҳл - ор.

Фарзанд то ба балоғат расиданаш агар тоату ибодат кунад, ҳам ба ибодат кардан одат мекунад ва ҳам ибодати ӯро дар номаи аъмоли падару модараш менависанд.

Агар ӯро ба назди олиме барад ва ӯ Бисмиллоҳир- рахмонир-рахимро ёд гирад, Худои таоло падару модар ва устоди ӯро аз оташи дӯзах наҷот медиҳад.
Овардаанд, ки як шахси бузург аз гӯристоне мегузашт, ба илми ҳол дид, ки шахсе ба азоби кабр гирифтор аст. Баъди чанд муддате гузараш боз ба ҳамин гӯристон афтод, дид, ки мард аз азоб халос шуда дар роҳат аст. Дар тааҷҷуб монда аз хазрати Худованд талаб кард, ки сабаби аз азоб халос шудани мардро ба ман маълум намо. Нидое шунид, ки ин шахс дар дунё амали неке надошт, аз ҳамин ҷиҳат ба азоб гирифтор буд, лекин баъд аз вафоташ аз ӯ фарзанде ба дунё омад. Модараш ӯро ба назди олиме бурд ва ӯ Бисмиллоҳир- рахмонир-раҳимро ёд гирифт Худои таоло ба баракати хондани писараш ӯро аз азоби қабр халос кард.
Бародарон ва хоҳарони муҳтарам, бубинед, ки ба сабаби аз оёти Қуръон хондани фарзанде, ки ӯ аз падар ятим монда буд. Худои таоло падари ӯро аз азоби қабр озод кард. Агар падару модар худашон дар ҳолати ҳаётияшон фарзандро куръонхон кунанд ва аз қафои вай сарфу харҷ кунанд, пас чӣ кадар аҷру савоб мегиранд, худатон фикр кунед.

Дар ин мавзӯъ суханҳо бисёр аст, лекин барои шахси бофаҳм ҳамин ҳам кифоя аст.

Худовандо, ҳамаи моро ба сӯи роҳи рост ҳидоят намуда, ба гуфтахои китоб амал карданро насибу рӯзӣ гардонӣ. Омин.

Эй зи хокат офарида, хокиё, ҳушёр шав,
Хок будӣ, хок гардӣ, дар миён ҳушёр шав.

## МАРҲАЛАИ СЕЮМ
## АЗ ВАҚТИ БАЛОҒАТ ТО БА ВАҚТИ ЗАЪФ ВА ПИРӢ

Муштамил аст бар 54 фасл:
Фасли аввал дар баённ булуғ ва Худошиносӣ.
Фасли дуюм дар баёни бинои ислом.
Фасли сеюм дар баёни намоз.
Фасли чахорум дар баёни закот.
Фасли панҷум дар баёни рӯзаи мохи шарифи рамазон.
Фасли шашум дар баёни лайлатулкадр.
Фасли хафтум дар баёни садақаи фитр.
Фасли ҳаштум дар баёни ҳаҷ кардани хонаи Каъба.
Фасли нуҳум дар баёни никоҳ кардан.
Фасли даҳум дар баёни эҳтироми падару модар.
Фасли ёздаҳум дар баёни хаққи ҳамсоя.
Фасли дувоздаҳум дар баёни уқубати ғайбат кардан.
Фасли сездаҳум дар баёни уқубати арақ хӯрдан.
Фасли чаҳордаҳум дар баёни уқубати зино кардан.
Фасли понздаҳум дар баёни укубати ливота.
Фасли шонздаҳум дар баёни укубати рибохӯрдан.
Фасли ҳабдаҳум дар баёни уқубати қасами бардурӯғ хӯрдан.
Фасли ҳаждаҳум дар баёни уқубати суханчинӣ.
Фасли нуздаҳум дар баёни укубати уҷбу кибр.
Фасли бистум дар баёни уқубати бухлу ҳасад.
Фасли бисту якум дар баёни укубати қаҳру ғазаб.
Фасли бисту дуюм дар баёни тавба ва надомат бар гуноҳ.
Фасли бисту сеюм дар баёни сабр кардан бар бало.
Фасли бисту чаҳорум дар баёни шукр кардан бар неъматҳо.
Фасли бисту панҷум дар баёни ризо ба қазо.
Фасли бисту шашум дар баёни эътидоли хавфу риҷо.
Фасли бисту ҳафтум дар баёни таваккал ба Худо.
Фасли бисту ҳаштум дар баёни силаи раҳм.
Фасли бисту нуҳум дар баёни ихлос.
Фасли сиюм дар баёни хислати нек.
Фасли сиву якум дар баёни муҳаббати Аллоҳ таоло.
Фасли сиву дуюм дар баёни салом додан.
Фасли сиву сеюм дар баёни дӯст доштани меҳмон.
Фасли сиву чаҳорум дар баёни талаб кардани илм.
Фасли сиву панчум дар баёни тиловат кардани Қуръон.
Фасли сиву шашум дар баёни салавот фиристодан ба Расул (с).
Фасли сиву ҳафтум дар баёни шикастанафсӣ ва бе кибр ,будан.
Фасли сиву хаштум дар баёни садақа додан.
Фасли сиву нуҳум дар баёни некбахт ва бадбахт.

Фасли чилум дар баёни фазилати қурбонӣ кардан.
Фасли чилу якум дар баёни намози ҷамоат ва намози ҷумъа.
Фасли чилу дуюм дар баёни шаш рӯзи аввали шаввол.
Фасли чилу сеюм дар баёни фазилати дуо.
Фасли чилу чаҳорум дар баёни амал кардан ба суннатҳои Расул(с)
Фасли чилу панҷум дар баёни ёрӣ додан бар зулмкардашуда.
Фасли чилу шашум дар баёни фазилати инсон.
Фасли чилу ҳафтум дар баёни Худошиносӣ.
Фасли чилу ҳаштум дар баёни насиҳат кардан ва амри маъруф ва наҳйи мункар.
Фасли чилу нуҳум дар баёни талаб кардани касби ҳалол.
Фасли панҷоҳум дар баёни фазилати дарвешӣ.
Фасли панҷоҳу якум дар баёни ҳаққи устод ва ҳурмати вай.
Фасли панҷоҳу дуюм дар баёни об хӯрдан.
Фасли панҷоҳу чаҳорум дар баёни одоби хоб кардан.

**Фасли аввал дар баёни булуғ ва худошиносӣ.**

Бидон, ки бӯлуғ ду навъ аст, яке ҳукмӣ, дигаре ҳақиқӣ, аммо булуғи ҳукмии писарон аз дувоздаҳ-понздаҳ солагист ва булуғи ҳақиқии онҳо, вакте аст, ки ӯ эҳтилом мешавад, яъне ӯро дар хобаш шайтон фиреб медиҳад ва об мебинад. Дар ин вақт ӯ болиғи ҳақиқӣ мешавад ва ӯро лозим аст, ки ғусл кунад.

Тариқаи ғусл кардан чунин аст: аввал таҳорат мекунад, баъд се бор даҳонашро ва се бор бинияшро об мегардонад. Баъд ҳамаи баданашро се бор мешӯяд, то вақте, ки ягон мӯяш хушк намонад. Агар зери як мӯяш хушк монад аз ҷанобат пок намешавад.

Булуғи духтарон бошад, ҳукмиаш аз нуҳ солагист ва ҳақиқияш, вақте ки эҳтилом мешавад, ё ин ки ҳайз мебинад.

Ҳайз хунест, ки аз бачадони зани болиға мерезад. Камтари вай се рӯз аст ва бисёраш даҳ рӯз аст. Чун духтар аз ҳайз пок шавад, ба вай низ ғусл кардан ба тариқи гуфташуда лозим мегардад.

Нифос ҳам махсуси занон аст ва нифос хунест, ки баъд аз кӯдак меояд. Камтари он муайян нест ва бисёраш чил рӯзаст.

Даҳ рӯз дар ҳайз ва чил рӯз дар нифос дар ҳаққи духтарон ва занонест, ки бори аввал ҳайз мебинанд ё фарзанди нахустинро таваллуд мекунанд. Агар зан се бор ҳайз бинад ё се кӯдак таваллуд кунад, дар ҳаққи ӯ одат эътибор аст. Чунончи духтарест, ки аз се дафъа баъд, дар панҷ рӯз қоқ мешавад, одати ӯ даҳ не, балки панҷ рӯз аст, ё зане, ки баъд аз се фарзанд дар бист рӯз қоқ мешавад, нифоси ӯ чил рӯз не, балки бист рӯз аст. Агар мӯҳлати баъзе занҳо аз ин мисоли овардашуда зиёдтар ё камтар бошад, ҳамааш ро ба ҳамин қиёс кунед.

Зани дар ҳайз ё дар нифос буда корҳои зеринро ҳаққи иҷро кардан надорад: намоз намехонад, рӯза намегирад, Қуръон намехонад, дар масҷид намедароянд, тавофи хонаи Каъба намекунад, бо мард ҳамхоба намешавад.

Зани аз нифос пок шуда низ ғусл мекунад. Баъд рӯзаро қазо медорад ва намозро не. Дар мавзӯи ҳайз ва нифос суханҳо бисёр аст, ҷойҳои нофаҳмӣ бошад, аз шахсони донишманд бипурсед, чунки ман ин ҷо мухтасаран овардам.

Эй бародар ва хоҳари азизу мехрубон, ту ки ба балоғат расидӣ, вақти бепарвоӣ ва шӯхию бозият гузашт. Вақти он расидаст, ки ту бо дилу ҷон Худоро бишносӣ ва гуфтаҳои ӯро ба ҷо биёрӣ, чунки ҳамаи ин шароитҳоро ҳазрати Худованди азизу меҳрубон барои мову ту ато кардааст. Яъне тани сиҳат, чашми бино, гӯши шунаво ва ғайра. Чунон зиндагонӣ кун, ки гуфтаанд: Ту чунин будӣ, ки вақти омаданат ту гирён будиву ҳама хандон, акнуи чунон зиҳ, ки вақти рафтанат ҳама гирён бошанду ту хандон. Яъне вақте ки ту таваллуд шудӣ, ту гирён будӣ ва мардум хандон буданд, ки кӯдак таваллуд шуд ва ту чунон зиндагонии ботоат ва ибодат кун, ки вақти аз дунё рафтанат ҳама ба марги ту гиря кунанд ва ту, ки худопараст ва бо тақво бошӣ, хандон меравӣ.

Бародар ва хоҳари азиз, пеш аз ҳама бояд, ки Худованди қодиру тавоноро бишносӣ ва имони фитриро мустаҳкам карда, камол диҳӣ. Яъне калимаи Тайибаро, ки “Ло илоха иллалоҳу Муҳаммадур-расулуллоҳ” аст, бар забон бигӯӣ ва ба дил тасдиқ ва бовар кунӣ, ки нест Худое магар Аллоҳ таоло ва Муҳаммад алайҳи-с-салом пайғамбари барҳақ аст.

Расули акрам (с) фармудаанд: касе ,ки нафси худро бишносад, парвардигори худро мешиносад, яъне касе дар офариниши худ фикр кунад, мефаҳмад, ки Худои мутаол ӯро аз як қатра оби палид ба ин сурати зебо офарид ва ҳамаи аъзоҳои ӯро шакли мӯътадил ва зебо дод. Барои мисол чашмро гирем, ҳам сабаби зебоии мост, хам сабаби биноии мост. Агар нигоҳ кунем, дар як назар кардан чандин фарсаҳ дуриро бедушворӣ мебинем, бе он ки ба ӯ қувваи барқ ҳамроҳ кунем ё ин ки ягон мурвати ӯро тобем, ё ин ки фикру хаёлро мисол оварем. Агар хоҳем даврони кӯдакӣ ва ҷавониро ба хотир оварем, дарҳол даврони ҷавонӣ дар пешамон аён мешавад, бе он ки лентаро ба қафо гардонем, ё ба ӯ қуввае ҳамроҳ кунем.

Агар даҳонро мисол орем, ҳам сабаби зебогии мост, ҳам мавзеи сухагӯии мост, ҳам мавзеи таомхӯрии мост. Хулосаи калон ин ки ҳар як аъзои мо чандин кореро иҷро мекунад, ки ҳар кадомаш ба санъати илоҳӣ далолат мекунанд.

Шумо фикр кунед, барои сохтани як аробачаи кӯдакӣ созанда ва офаранда лозим аст. Ин дунё бо ин калонӣ замину осмон, офтобу моҳтоб, кӯҳу дарёҳо бе созанда ва офаранда ҳеҷ гоҳ ва ҳаргиз ба вуҷуд намеоянд.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки дар замони ҳукумати подшоҳ Маъмун аз шаҳри Рум ба назди ӯ табибе фиристоданд. Табиб бисёр донишманд буд, ба дараҷае, ки сесад касро ҷамъ оварданд ва ҳар яке аз онҳо ба шишаҳо пешоб карданд ва шишаҳоро бо якдигар иваз карданд. Яке шишаи дигареро гирифта ба пеши табиб мебурд. Ҳатто пешобҳои чанд нафареро дар як шиша андохта, ба назди ӯ бурданд. Донишмандии ӯ чунон буд, ки соҳиби аслии ҳар кадоми он шишаҳоро ёфта, доруи онҳоро муайян менамуд. Ҳама аз донишмандии ӯ ҳайрон шуданд, лекин ӯ ба Худо бовар надошт.

Мегуфт: агар касе бар ҳастии Худо далел орад, ман мусалмон мешавам. Олимҳои Рум аз далели боварибахш овардан оҷиз монданд. Ҳама ҷамъ шуда машварат намуданд ва гуфтанд, ки дар фалон деҳа Хоҷа Аҳмад гуфтанӣ шахси донишмандест, ӯ метавонад, бо табиб баҳс кунад. Подшоҳ барои овардани ӯ шахсеро равон кард ва воқеаро ба вай расониданд.

Хоҷа Аҳмад гуфт: шумо маҷлисро ташкил кунед ва ӯро ба сухан машғул гардонед, ман дертар меоям. Маро суол кунед, ки чаро дер омадӣ? То ман ҷавоб гӯям.

Ҳамчунон маҳфил оростанд. Хоҷа андаке дертар ба маҷлис ҳозир шуд. Подшоҳ аз вай пурсид: Хоҷа, чаро дер омадӣ?

Хоҷа гуфт: ба лаби дарё рафтам, то ин ки таҳорат кунам, аҷоиберо дидам, ба тамошои он дер мондам.

Подшоҳ гуфт: чӣ дидӣ?

Хоҷа гуфт: дидам, ки дарахте аз замин баромад бе он ки ӯро касе бибурад, бияфтод ва дар замон тахтаҳо шуд ва дар якдигар баста шуд. Ва бе дуредгар киштӣ шуд ва бе ронанда ба рӯи об равон шуд. Машғули тамошои ин шудаму дер мондам.

Табиб ин суханро шунида гуфт: ин пири беҳудагӯй омадааст, ки бо ман баҳс кунад, ин девона аст, баҳсро нашояд.

Хоҷа гуфт:‘беҳудагӯй ва девона чароям?

Табиб гуфт: Муҳол мегӯйӣ. Ҳаргиз дарахт худ намебарояд, ки худ афтода тахта шавад ва дар якдигар баста шавад ва бе дуредгар киштӣ шаваду бе ронанда дар об равон шавад.

Хоҷа гуфт: пас, эй ноҷавонмард, вақте ки дар сохтани як киштӣ ин муҳол омад, ки бе созанда дар об равон нашавад, оламе бад-ин оростагӣ чи гуна бесонеъ бибошад ва ин осмон бад-ин баландӣ ва ин замин бад-ин маҳкамӣ ва ин чандин ҳазор сурат бад-ин зебоӣ худ ба худ чӣ гуна мавчуд шаванд? Касе, ки оламро бе сонеъ гӯяд, пас беҳудагӯй ва девона ӯ бошад.

Табиб ҳайрон шуда лаҳзае андешид, баъд аз он сар бароварда гуфт: бар худ такабур натавон кард ва гуфт: ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ ва мусулмон шуд. * * *

Эй бародар, гар ту ҳастӣ ҳақталаб,
Ҷуз ба фармони худо макшой лаб.

Хоҷа ин суханро аз барои ҳуҷҷат гуфт, на барои дурӯғ гуфтан.

Бародар ва хоҳари азиз, худовандро, ки шинохтӣ, бояд ба гуфтаҳои ӯ амал намоӣ, то ки дар дунё ва қиёмат сарбаланд ва обрӯманд бошӣ.

Шахсе, ки даъвои мусалмонӣ мекунад, ӯ бояд бидонад, ки имон чист? Ва ислом чист? Ва дин чист? Ҳазрати Имоми Аъзам раҳматуллоҳу алайҳи мегӯяд, ки имон иқрор кардан аст ба забон ва устувор доштан аст ба дил, ҳамин калимаи шарифро - ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ, яъне нест худое ғайри худои таборак ва таоло ва Муҳаммад фиристодаи худои таолост.

Ислом бошад, худро ба шариат супоридан ва амрҳои шариатро ба гардан гирифтан аст. Имон бе ислом ва ислом бе имон дуруст намешавад, чунончи пушт бе шикам намешавад ва шикам бе пушт. Яъне инсоне, ки шикам дошта бошад ва пушт надошта бошад, ӯ зинда намемонад ва инчунин инсоне, ки пушт дошта бошад ва шикам надошта бошад зинда намемонад. Аз ин фаҳмида мешавад, касе ки ба худо бовар дошта бошад ва амалҳои исломиро ба ҷо наёрад, имони вай комил нест ё амалҳои исломиро ба до орад ва ба худо бовар надошта бошад, имони ӯ низ комил нест. Барои ҳамин кӯшиш кардан лозим аст, ки баъди худоро шинохтан амалҳои исломиро ба ҷо биоварӣ.

Дин номест, ки дар бар мегирад имонро ва исломро ва ҳамаи ҳукмҳои шариатро, яъне имон ҷамъ мешавад, ислом ҷамъ мешавад ва ҳамаи ҳукмҳои шариат ҷамъ мешаванд ва динро ташкил мекунанд ва инсон шахси диндор мешавад. Барои он ки мову шумо шахси диндори комил шавем, бояд гуфтаҳои зеринро иҷро намоем.

**Фасли дуюм дар баёни бинои ислом.**

Бинои ислом бар панҷ навъ аст: аввал калимаи тайиба гуфтан аст, ки ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р* расулуллоҳ. Дуюм панҷ вақт намоз гузоридан аст. Сеюм закоти мол додан аст. Чаҳорум рӯзаи моҳи шарифи рамазон доштан аст. Панҷум тавофи хонаи Каъба кардан аст аз барои касе, ки қодир бошад, яьне шароиташ аз ҷиҳати пулу мол муҳайё бошад.

Акнун диққат кунед ба шарҳи ин панҷгона. Якумаш калимаи тайиба буд, ки гуфта гузаштем. Дуюм панҷ вақт намоз аст, иншааллоҳ баён мекунем.

**Фасли сеюм дар баёни намоз**

Рӯзи маҳшар, ки ҷонгудоз бувад,
Аввали пурсиш аз намоз бувад.

Яъне: рӯзи қиёмат бисёр рӯзи сахт аст. Дар ин дунё офтоб дар осмони чаҳорум аст ва пушташ ба тарафи замин гардонида шудааст. Бубинед, ки дар тобистон чи қадар ҳарорати гармӣ дорад, ки тоқат карда наметавонӣ. Дар рӯзи қиёмат бошад, офтоб ба осмони якум омада миқдори як найза ба болои сари одамон меистад. Замин чунон метасфад, ки оҳанеро дар оташ сурх кунӣ, ҳамон гуна мешавад. Дар ҳамин рӯзи сахт мову шуморо аввал аз намоз мепурсанд. Агар панҷ вақт намозро дар вақташ гузорида бошӣ, дар ҳамон рӯзи гармӣ он соябони ту мешавад, ки гармии он рӯзро ҳис намекунӣ.

Ҳазрати Пайғамбар (с) саҳобагонро гуфтанд, агар дар пеши хонаи ҳар кадоми шумо дарёчаи оби равон бошад ва шумо дар он дарёча ҳар рӯзе панҷ маротиба оббозӣ кунед, магар дар бадани шумо чирк мемонад?

Саҳобаҳо гуфтанд, ки не.

Пайғамбар (с) гуфтанд, ки ана ҳамин гуна аст намоз, ки агар панҷ вақт намозро дар вақташ бигузорӣ, дар бадани ту ҳеҷ гуноҳе намемонад.

Саҳоба гуфта шахсонеро мегӯянд, ки пайғамбар (с)-ро дида, ба ӯ имон овардаанд ва дар маҷлиси ӯ нишастаанд.

Овардаанд, ки як марди бенамоз ба сафар баромад ва ӯ бо шахсе дар роҳ ҳамроҳ шуд, то бегоҳ роҳ рафтанду шаб шуд. Шахси ҳамроҳ шуда дид, ки шахси мусофир намози пешинро нахонд, намози асру шомро низ нахонд. Ба худ гуфт: шояд шаб намозҳоро хонад. Чун шаб шуд дид, ки ӯ тарҳи хоб кашид.

Шахси ҳамроҳшуда гуфт: ман аз ту ҷудо мешавам. Мусофир пурсид: аз ман чи кӯтоҳӣ дидӣ, ки ҷудо мешавӣ?

Шахси ҳамроҳшуда гуфт: ман шайтонам. Дар умри худ як бор тарки амри худо кардам, рондаи абадӣ шудам. Ту бошӣ, дар як рӯз панҷ маротиба тарки амри худо кардӣ, метарсам, ки ба касофатии ту ба ягон доғи малъунии дигар гирифтор на шавам.

Дар ҳақиқат шайтон дар вақте ки Худои таоло ҳазрати Одам алайҳи-с-саломро офарид, амр кард, ки ӯро саҷда кун. Шайтон кибр карда, Одам алайҳи-с-саломро саҷда накард ва малъуни абадӣ шуд.

Эй бародару хоҳари азиз, шайтон, ки аз одами бенамоз гурезад, пас чи қадар гуноҳи бузург будани бенамозиро тасаввур кунед!

Боз ҷои дигар мефармояд, ки рӯзе як шахси мусалмон назди Расули акрам (с) омада гуфт: ё Расулаллоҳ, намедонам аз ман чи гуноҳе содир шудааст, ки тамоман баракат аз хонадони ман рафтааст. Расул (с) гуфтанд: оё ту намози панҷвақтаро намехонӣ?

Он шахс гуфт: ё Расулаллоҳ, панҷ вақт намозро ҳамроҳи шумо мехонам.

Расул (с) гуфтанд: оё рӯзаи моҳи шарифи рамазонро намедоред?
Он шахс гуфт: ё Расулаллоҳ, рӯзаи моҳи шарифи рамазонро медорам ва илова бар он ду моҳи дигар пай дар пай рӯзаи нафл медорам.

Расул (с) дар тафаккур фурӯ рафтанд, ки барои чи баракат аз хонадони ин мард рафта бошад. Ногоҳ Ҳазрати Ҷабраил алайҳи-с-салом омаду гуфт, ё Расулаллоҳ, Худои Таоло барои шумо салом мегӯяд ва мегӯяд, ки ин шахсро гӯед, ки дар ҳамсоягии ӯ дарахте аст ва дар болои он дарахт паррандае лона дорад, дар лонаи он парранда устухони шахси бенамозест. Аз ин ҷиҳат баракат аз хонадони ин мард рафтааст.

Акнун бародарон ва хоҳарони азиз фикр кунед, ки аз шумии устухони мурдае, ки дар лонаи дарахт аст, баракат аз хонадони ин бечора паридааст. Шумоён тасаввур кунед, ки агар шахси бенамоз дар хонадони шумо зиндагонӣ кунад, аз шумии он чӣ қадар баракат аз хонадон мерафта бошад?.

Бидон, эй мӯъмини покизакирдор,
Намози хешро дар вакт бигзор.
Ба рӯзи ҳашр аввал аз салотат,
Ҳамепурсад худо пас аз закотат.
Дигар аз рӯзаву ҳаҷ, эй мукаррам,
Зи ҳаққи муслимин аз баъди он ҳам.
Намози хешро некӯ гузорӣ,
Ба хавфу хашяту доим базорӣ.

Макун андар намоз, эй дӯст, тақсир,
Ки то бошад ба рӯзи ҳашр тавфир.
Бувад бар ту намози бомдодон,
Ки то осон бигардад кандани ҷон.

Қабул афтад туро ҷумла ибодат,
Намози зуҳри ту, эй босаодат.
Зи баҳри пок гаштан аз гуноҳон,
Намози аср бошад, эй мусалмон.
Гузаштан аз сиротат бар ту осон,
Намози шомро аз баҳри он дон,
Ки аз торикии гӯрат амон аст,
Намози хуфтан аз баҳри он аст.
Зи Иброҳим пешин, эй мукаррам,
Намози бомдод омӯз зи Одам.
Намози шом аз Исост, эй ҷон,
Намози дигар аз Юнус ҳамедон.
Намози витр аз пайғамбари мост,
Намози хуфтан, эй мӯъмин, зи Мӯсост.
Намоз, эй дӯст, кори покбоз аст,
Намоз, эй дӯст, розасту ниёзаст.
Намоз, эй дӯст, кори анбиё шуд,
Намоз, эй дӯст, кори авлиё шуд.
Ба ӯ хоҳӣ гузашт аз роҳи борик,
Намозат мӯниси шабҳои торик.
Намозат роҳати тан, низ ҷон аст,
Намози ту садои душманон аст.
Намозат шуд дуоятро иҷобат,
Намозат шуд қабули ҷумла тоат.
Намозат асли имон аст, эй ёр,
Намозат файзи Раҳмон аст, дидор.
Намозат соя бошад рӯзи маҳшар,
Намозат мӯниси гӯр аст, бингар.
Намоз аз оташи дӯзах наҷотат,
Намозат бигзаронад аз сиротат.
Нигаҳдорандаи гӯрат Аҳад шуд,
Намозат рӯшноии лаҳад шуд.
Намозатро гаронӣ шуд ба мизон,
Намозат дурии ғамҳои даврон.
Намозат сояи рӯзи қиёмат,
Намозат дур дорад аз надомат.

Намозат парда аст аз нори сӯзон,
Нигаҳ дорад намозат бар ту имон.
Намозатро сари имон ҳамедон,
Касеро сар набошад, нест имон.
Сутуни дин намоз аст, эй бародар,
Намозат нест, дини туст абтар.
Чаро ғофил аз он рӯзи шуморӣ,
Намози хешро вақташ гузорӣ.
Ҳаётат доду сиҳат доду қудрат,
Ҳамин тавфиқ бошад баҳри тоат.
Макун дигар баҳона, эй ҷавон мард,
Намозатро ҳамебояд адо кард.
Расули ҳақ ҳабиби хоси Раҳмон,
Чунин фармуд рӯзе ӯ ба ёрон.
Касе тарк оварад намози бомдодон,
Аз ӯ безор гардидаст қуръон.
Намози зуҳрро тарк оварад ҳай,
Малоик мешавад безор аз вай.
Чу дигар тарк орад, эй мусалмон,
Шавад безор аз он кас низ имон.
Ҳар он кас тарк месозад ишоро,
Зи худ безор гардонад худоро.

Вақте ки шахси мусалмон таҳорат карда ба болои ҷойнамоз меояд, Худои таоло ба малоикаҳо мегӯяд, ки ин бандан ман берунашро тоза кард, шумоён дарунашро тоза кунед. Яъне гуноҳояшро берун кунед, то ки ин банда бегуноҳ шуда ба ман сухан гӯяд. Малоикаҳо гуноҳҳои ӯро берун мекунанд, вақте ки намозро тамом, кард малоикаҳо мегӯянд, ки худовандо, ин бандаи ту намозро тамом кард, гуноҳҳояшро ба ӯ бозгардонем?

Ҳазрати худованд мегӯяд, ки ман гуноҳҳои вайро ба муносибати намоз хонданаш бахшидам.

Шахси бенамоз лаънат карда шудааст, дар чаҳор китобе,
ки Худой таоло ба пайғамбарон фиристодааст.

* * *

Ба ҷаннат нест ҷои бенамозон,
Диҳад дӯзах сазои бенамозон.

* * *

Суханҳо дар мавзӯи савоби намозгузорӣ ва азоби бенамозӣ бисёр аст, лекин ман гумон мекунам ҳамин ҳам барои шахси бофаҳм кифоя аст. Хулоса ин ки дар дунё аз бенамозӣ гуноҳи вазнинтаре нест.

Худованди бузург ба ҳамаи мову шумо тавфиқи намоз хонданро арзонӣ дорад, омин.

**Фасли чорум дар баёни закот**

Дигар аз фароизи Худованди мутаол бар мусулмонон пардохтани закот аст. Дар аҳамияти закот ҳамин бас аст, ки дар Қуръони маҷид пас аз намоз омада ва нишонаи имону сабаби растагорӣ шумурда шудааст.

Касоне, ки пулу моли бисёр дошта бошанд, ба миқдори муайян садақа доданашон лозим аст, чунончи аз пул он микдор, ки ба ҳисоби тилло ба бист мисқол расад. Аз бист мисқол тилло ним мисқол пардохта мешавад. Аз сабаби он ки қимати пул пасту баланд мешавад, хама вақт қимати он ба арзиши тилло хисоб карда мешавад.

Бист мисқол тилло тақрибан ба 85 грамм баробар аст. Ним мисколи он такрибан 1\2 граммро ташкил медиҳад.

Нисоби ҳайвонот бошад, аз гов - аз си адад якто, аз бузу гӯсфанд, ҷамъ аз чиҳил адад якто, аз шутур бошад, дар панҷ шутур як гӯсфанд медиҳад.

Ҳазрати пайғамбар (с) фармуданд, ки эй мардумон, адо кунед закоти молҳои худро, бидонед ва огоҳ бошед, ки хар касе тарк кунад ва надиҳад закотро ӯро намоз нест, ӯро рӯза нест, ӯро ҳаҷ нест, ӯро ҷиҳод нест ва имони ӯ комил нест, яъне ҳеҷ ибодаташ қабули даргоҳи Илоҳӣ намешавад.

Худои таборак ва таъоло туфта аст: он касоне, ки зару сим ҷамъ мекунанд ва нафақа намекунанд онро дар роҳи Худованд, яъне закоти он ба мустаҳиқон намерасонанд, башорат деҳ эшонро ба азоби дарднок.

Бидонед, касе молаш ба закот расад ва закоти ӯро надиҳад, он молу пул дар рӯзи қиёмат ба монанди море мешаванд, ки дар гардани ӯ печида ӯро захр зада азоб мекунад.

Зар ҷамъ кунӣ, барои се бегона:
Шӯйи зану домоду арӯси писарат.

**Фасли панҷум дар баёни рузаи мохи шарифи рамазон**

Дигар аз фароизи Худованди мутаъол рӯзаи моҳи шарифи рамазон аст. Рӯза боз истодан аст аз хурдан ва нӯшидан ва алоқаи ҷинсӣ кардани зану мард аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб. Расул алайҳи-с-салом фармуданд, чун моҳи рамазон шавад, дарҳои биҳишт кушода шаванд ва дарҳои дӯзах баста шаванд. Ва шайтонҳо ба занҷирхо маҳкам баста шаванд ва дарҳои раҳмати илоҳӣ кушодааст.

Ҳар касе дар ин моҳ рӯзаи рӯзадореро бикшояд, гуноҳони вай омӯрзида шаванд. Ҳақ таъоло ӯро озод гардонад аз оташи дӯзах ва бошад, мар ӯро мисли савоби он рӯзадор. Гарчанде кӣ ба як нӯшидани об бошад. Ин моҳе аст, ки аввали он раҳмат аст ва мобайни он мағфират аст ва охири он озодӣ аст аз оташи дӯзах. Ва ҳар касе обе диҳад рӯзадореро Ҳақ таъоло сероб гардонад он бандаро аз ҳавзи Кавсар, ки ташна нагардад то он замоне, ки ба биҳишт дарояд. Чун шаби аввали рамазон шавад, дарҳои осмонҳо кушода шаванд, то шаби охири рамазон ва ҳар бандаи мӯъмин, ки дар шабҳои рамазон таровиҳ гузорад, бинависад Худои таъоло ба ҳар саҷда мар он бандаро ҳазору пансад некӯӣ ва бино кунад аз барон вай хонае дар биҳишт аз ёқути сурх. Чун бандаи мӯъмин аввали рӯз аз моҳи рамазон рӯза

дорад, гуноҳи ҳамаи умри вай омӯрзида шавад. Чун шаби аввали рамазон шавад, Ҳақ таъоло назари раҳмат кунад ба сӯи бандагони худ ва чун Худованд назари раҳмат кунад ба банда ҳаргиз ӯро азоб накунад ва дар ҳар рӯзе аз рӯзҳои моҳи рамазон. Ҳақ таъоло ҳазор-ҳазор осиро аз оташи дӯзах озод гардонад. Чун шаби бисту нуҳуми рамазон шавад, он миқдор, ки дар ҳама моҳи рамазон омӯрзидааст ва озод кардааст, дар он шаб озод гардонад. Дар рӯзи ид фармон шавад: малоикаҳо гувоҳ бошед, ман, ки худовандам, онҳоро биёмӯрзидам.

Худои таоло дар шабҳои рамазон нидо мекунад, ки ҳеҷ саволкунандае ҳаст, ки ҳоҷати ӯро барорам ва ҳеҷ омурзишхоҳандае ҳаст, то ӯро биёмурзам.

Чанде ки рӯза дар рӯзҳои дарозу гармӣ биёяд, ҳамон қадар савобаш бисёртар мебошад. Бӯи даҳони рӯзадор дар назди Худои таоло ба монанди мушк аст ва малоикаҳо шабу рӯз дар моҳи рамазон аз барои рӯзадорон омурзиш мехоҳанд. Ҳар кӣ бо омадани моҳи муборакi рамазон хурсанд шавад, ҳаром мегардонад Аллоҳ таоло ҷасади ӯро ба оташи дӯзах.

Ҳазрати пайғамбар гуфтанд: агар уммати ман шарафи моҳи рамазонро медонистанд, орзу мекарданд, ки тамоми сол рамазон бошад, то тоат ва дуои онҳо қабул ва гуноҳҳои онҳо омурзида шаванд. Ошиқи рӯзадорон биҳишт аст.

Ҳурон муноҷот кунанд, ки илоҳи моёнро аз занҳои рӯзадорони уммати Муҳаммад алайҳи-с-салом гардон. Гӯянд, ки ҳар кадоми он хуронро ҳафтод либос бошад, ки ранги ҳар кадоме аз онҳо ба дигаре монанд набошад. Ҳар каломи он ҳуронро тахте бошад, пояи он ёкути сурх ва бофтаанд ӯро аз дурр ва ҳар кадом тахтро ҳафгод палос ва ҳафтод дастархони пур аз таомҳои рангоранг бошад, ҳамаи он насиби рӯзадорони уммати Муҳаммад алайхи-с-салом хоҳанд шуд, иншоаллоҳи таъоло.

Ҳуру-л-ъин туфта духтарони сафедпӯсти чашмкалони анор пистонеро гӯянд, ки Худои таъоло барои ҳар марди биҳиштӣ ҳафтоду ду адад ваъда кардааст, ки сифати онҳо ба таъриф рост намеояд.

Овардаанд, ки Аллоҳ таъоло ақлро офарид ва ба ӯ гуфт. пеш ой.

Ақл пеш омад. Боз гуфт: ақибтар нишин.

Ақл ақиб рафт.

Аллоҳ таоло гуфт: ту кистӣ ва ман кистам?

Ақл гуфт: ту парвардигори ман ҳастӣ ва ман бандаи заифи туам.

Аллоҳ таъоло гуфт: ё ақл, туро дар назди махлуқот азиз гардонидам.

Баъд аз он нафсро офарид ва ба ӯ гуфт: пештар ой.

Нафс ба ҷои худ истод, қабул накард.

Аллоҳ таъоло гуфт: ту кистӣ ва ман кистам?

Нафс гуфт: ту туӣ ва ман манам.

Аллоҳ таъоло сад сол нафсро дар оташи дӯзах азоб кард. Баъд аз он аз дӯзах баровварда пурсид, ки ту кистӣ ва ман кистам?

Нафс гуфт: ту туӣ ва ман манам.

Баъд аз он Аллох таъоло нафсро ба азоби гуруснагӣ мубтало карда, аз ӯ пурсид, ки ту кистӣ ва ман кистам?

Нафс гуфт: ман бандаи туам, ту парвардигори ман ҳастӣ. Ба ҳамин сабаб Аллоҳ таъоло си рӯз рӯзаи моҳи шарифи рамазонро фарз гардонид.

Эй бандаи мӯъмин, ҳурмати ин моҳи мубораки рамазонро некӯ нигоҳ дор, забони худро аз дурӯғу ғайбат ва суханчинӣ нигоҳ дор ва аз ҳасаду адовати бародари мусалмон эҳтироз кун. Доимо дар тарсу тавозӯъу хушӯъ бош, то ки рӯзаи ту қабули даргоҳи илоҳӣ шавад.

Ҳазрати пайғамбар алайҳи-с-салом гуфтаанд, ки шахсе аз уммати ман дар шаби аввали рамазон ба ҷамоат таровеҳ гузорад, мисли рӯзи таваллуд аз гуноҳ пок шавад. Дар шаби дуюм мағфират кунад, Аллоҳ таоло падару модари ӯро, агар мӯъмин бошанд. Дар шаби сеюм фариштае аз таҳти арш мунодӣ кунад, ки Аллоҳ таъоло гуноҳони гузаштаи туро мағфират кард. Дар шаби чаҳорум савоби қироати Тавроту Инҷил ва Забуру Фурқонро дар номаи аъмоли ӯ нависанд. Дар шаби панҷум ато мекунад Аллоҳ таъоло савоби намозгузорони масҷиду-л-Ҳаром ва масҷиди Мадинаи Мунавара ва масҷиду-л-Ақсоро. Дар шаби шашум савоби . зиёрати байту-л-маъмурро дарёбад ва омурзиши ӯро ҳамаи сангу дарахт мехоҳанд. Дар шаби ҳафтум атои бо Иброҳим алайҳи-с-салом шудагиро ёбад. Дар шаби нуҳум аз савоби ибодати пайғамбарон салаллоҳу алайҳи ва саллам баҳра ёбад. Дар шаби даҳум дунё ва охират дарёбад. Дар шаби ёздаҳум аз дунё бегуноҳ ба хонаи охират равад. Дар шаби дувоздаҳум рӯзи қиёмат рӯи он мисли моҳтоб тобон бошад. Дар шаби сенздаҳум эмин бошад аз сахтии қиёмат. Дар шаби чаҳордаҳум дар вақти ҳисоби қиёмат фариштае омада ба таровиҳ хондани ӯ шоҳид гардад. Дар шаби понздаҳум фариштагони аршу курсӣ бар вай салавот фиристонанд. Дар шаби шонздаҳум бо амри Аллоҳ таъоло халосӣ ва наҷоти ӯро аз дӯзах китобат кунанд. Дар шаби ҳабдаҳум ато кунад Аллоҳ таъоло савоби пайғамбаронро, дар шаби ҳаждаҳум фариштае нидо кунад, ки эй банда, Аллоҳ таъоло аз ту розӣ гардид. Дар шаби нуздаҳум Аллоҳ таъоло дараҷоти ӯро дар биҳишт баланд гардонад, дар шаби бистум савоби шуҳадо дар номаи аъмоли ӯ сабт кунанд. Дар шаби бисту якум Аллох таъоло аз барои он банда қасре дар ҷаннат бино кунад ва дар шаби бисту дуюм эмин гардонад Аллоҳ таъоло ӯро аз ҳар ғаму ваҳм. Дар шаби бисту сеюм бино гардонад Аллоҳ таъоло шаҳреро ба номи ӯ дар биҳишт. Дар шаби бисту чаҳорум бисту чаҳор ҳоҷати ӯро Аллоҳ таъоло раво гардонад. Дар шаби бисту панҷум Аллоҳ таъоло азоби қабр аз он банда бардорад, дар шаби бисту шашум Аллоҳ таъоло ато кунад бо он банда савоби чиҳилсола ибодатро, дар шаби бисту ҳафтум аз сирот чун барқ гузарад. Дар шаби бисту ҳаштум Аллоҳ таъоло дар биҳишт ҳазор дараҷа ӯро ато кунад, дар шаби бисту нуҳум савоби ҳазор ҳаҷ дар номаи аъмоли ӯ нависанд. Дар шаби сиюм Аллоҳ таъоло гӯяд: эй банда, ту ъабди ман ва ман парвардигори ту ҳастам. Пас, мӯъминонро лозим аст, ки хаққи моҳи рамазонро нигоҳ доранд, зеро ки рӯза дар чашм аст, дар забон аст, дар даст ва пой аст, хулоса ҳамаи аъзоҳои инсон бояд рӯза гиранд. Рӯзаи даҳон он аст, яъне чизҳои харом нахӯрад. Рӯзаи забон он аст, ки ногуфтаниҳоро нагӯяд, хулоса хар як аъзои инсон дар моҳи мутабаррики рамазон дар итоъати Аллоҳ таъоло бошад ва кӯшиш кунад, ки гуноҳе аз он аъзоҳо ба вуҷуд наояд. Дар моҳи рамазон 1 бор хатм кардани Куръони карим суннат аст.

**Фасли шашум дар баёни Лайлатулкадр**

Дар ин моҳи бузург шабе ҳаст, ки ӯро шаби қадр меноманд ва дар кадом шаб будани вай ихтилоф аст. Лекин ба қавли аксари уламо ин шаб ба шаби бисту ҳафтуми рамазон рост меояд. Ҳар кӣ дар ин шаб ду ракаъат намоз хонад ва дар ҳар ракаъат баъд аз Алҳамд ҳафт маротиба сураи Қул ҳуваллоҳу аҳад хонад ва баъд аз салом ҳафтод бор "Астағфируллоҳи таъоло ва атубу илайҳи"-гӯяд ҳанӯз аз ҷои худ барнахоста бошад, ки Аллоҳ таъоло он банда ва падару модари ӯро [1] мағфират кунад.

-Ҳазрати пайғамбар алайҳи-с-салом фармуданд, ки ҳар гоҳе ки бандаи мӯъмин рӯзаи моҳи рамазонро тамом дошта, рӯзи ид ба намозгоҳ равон шавад, Аллоҳ таъоло гӯяд, ки эй фариштагон, ҳар ки ба касе хизмат кунад, музди ӯро талаб мекунад, бандагони ман хизмати рӯзаи маро тамом карда акнун аз барои музди он ба идгоҳ баромаданд, шумоён шоҳид бошед, ки онҳоро мағфират кардам.

Расул алайҳи-с-салом фармуданд: ҳар ки садақаи фитрро пеш аз ид адо накунад, рӯзаи ӯ дар байни осмону замин муаллақ меистад. Ҳар гоҳе ки садақаи фитрро адо кунад, он гоҳ Аллох таъоло ба рӯзаи ӯ ду боли сабз ато кунад, то осмони ҳафтум парвоз карда, бо амри Аллоҳ таъоло ба кандиле аз қандилҳои арш нишаста, аз соҳиби худ изҳори ризомандӣ намояд.

Овардаанд, ки дар моҳи муборакии рамазон рӯзе ҳазрати Усмон(р) пайғамбарро(салаллоҳу алайҳи ва саллам) барои ифтор ба хонаи худ даъват карда буд. Дар хотири Усмон гузашт, ки ҳеҷ медонӣ, киро ба хонаи худ даъват кардаӣ? Касеро ба хона»: худ даъват кардан, ки гарди қадами ӯ ки ба арш расида буд, арши азим ифтихор мекард. Пас эй Усмон, туро ҳам шукронаи ин қадам мебояд кард.

Пас қадамҳои ӯро шуморид, ки аз масҷид то хонаи Усмон (р) сесаду шаст қадам шуд. Дар бадали ҳар қадами пайғамбар алайҳи-с-салом амири мӯъминин Усмон аҳд кард, ки як ғулом озод кунад. Чун Усмон ғуломонро овард, пайғамбар Алайҳи- с-салом пурсид: ё Усмон, инҳоро барои чӣ овардаӣ? Гуфт: назр кардаам ба бадали сесаду шаст қадами муборакии шумо инҳоро аз мулки худ озод кардам. Баъд аз он чанд навъ таъом пеши пайғамбар ва ёрони ӯ гузошт.

Чун аз таъом хурдан фориғ шуданд, Расул (а) дуъо карданд ва бозгаштанд. Дар хотири Амирулмӯъминин Алӣ карамаллоҳу ваҷҳа гузашт, ки як домод туӣ, дуюм домод Усмон(р). Ӯ чандин иззату икром бикард Пайғамбарро. Аммо дар хонаи ту нони ҷавин барои ифтори Ҳасану Хусайн нест. Алӣ нигаронхотир ба хона омад.

Назари хотуни ҷаннат ҳазрати Фотима бар Алӣ (р) афтод, пурсид: чаро рухсораи муборакии шуморо нигарон мебинам?

Алӣ (р) ҳеҷ нагуфт. Боз Фотимаи заҳро гуфт: ҷонам фидои ту бод, чаро ҷавоб намегӯӣ?

Боз Амирулмӯъминин Алӣ хомӯш ва сукут монд. Боз он шафиъи занон оғоз кард: Ё Алӣ, магар аз ҷиҳати тангии маъош, яъне камбудии хона нигаронӣ? Ҳеҷ ғам махӯр, ки фақр фахри бобои ман аст. Алӣ сухан намегуфт. Фотимаро тоқат намонда бархост. Ҳафтод бор бар гирди сари Алӣ гашт ва ҳамегуфт, ки

(пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд, ки агар ба ғайри худованд (зоти пок) саҷда ба касе раво будӣ, мефармудам, то занон мар шавҳарони худро саҷда мекарданд. Акнун, ё Алӣ, аз ғалабаи ғами ту тоқатам намонд, акнун бигу, туро чӣ дар ғам оварда аст?
Гуфт: Ё Фотима, Усмон Пайғамбар (а)-ро ба хонаи худ ба ифтор бурд ва ба ҳар қадами ӯ як ғуломе озод кард ва таъомҳои рангоранг пеши Пайғамбар ва ёронаш кашид.

Дар хотири ман гузашт, ки як домод Усмон ва як домод манам. Ӯ чандин неъмат хайр кунад ва дар хонаи ман нони ҷавин бахри фарзандон набошад.
Фотима гуфт: Ё Алӣ, магар мехоҳӣ, ки фақри маро зоҳир кунонӣ. Ту ҳам бирав, фардо Пайғамбарро бо дучанд ёрон, ки дар хонаи Усмон рафта буданд, биталаб ва биёр. Алӣ гуфт; Ё Фотима, дар хона барои шаб ҳам таъом намебинам. Пайгамбарро бо дучанд ёр чӣ тавр талаб кунам?
Фотима гуфт: ғам махӯр Худо бо мост.
Алӣ ба масҷид назди Пайғамбар рафта гуфт: Ё Расуллаллоҳ, бо он қадар ёрон, ки дар хонаи Усмон рафта буданд, имрӯз бо ду чанд ёрон бахри ифтор дар хонаи мо оед. Пайғамбар фармуд: Ё Алӣ, ман аҳволи хонаи шумо некӯ медонам, чӣ тавр ин қадар халқро мехонӣ?

Гуфт: Худованд меҳрубон ва розиқ аст. Пайғамбар гуфт: Эй Билол, саҳобагонро хабар кун, то вақти ифтор дар хонаи Алӣ ҳозир шаванд.
Чун вақти ифтор наздик шуд, Алӣ дар гӯшаи хонаи худ назар кард, аз ягон тараф асари дуд маълум нест. Алӣ гуфт: Эй Фотима, вақти ифтор расид, чӣ кор кунем. Фотима гуфт: ё Алӣ, Расули Худо ва ёронашро талаб карда биёр. Алӣ ба масҷид омад ва гуфт: Ё Пайғамбар бо ҷамиъи ёрон ба хонаи мо биёед. Пайғамбар(а) бо ҳамроҳии асҳоб ба хонаи Алӣ биёмаданд, Пайғамбар (а) фармуд: Ё Алӣ, аввал ба хона ту даро, баъдан мо медароем.

Алӣ даруни хона даромада дид, ки Фотима даруни ҳуҷра сар ба саҷда ниҳода ба даргоҳи Худованди таъоло илтимос мекунад. Илоҳӣ, агар Усмон Пайғамбарро ба куввати мол ба хонаи худ талабид, ман бар азаммату карами ту эътимод кардам, акнун маро назди падару ёрон ва назди Алӣ шарманда масоз.
Алӣ бар дари ҳуҷра истода шуд, медид дастархоне аз олами ғайб, гӯё як дона лаъл аз ҳаво пайдо шуд ва дар ҳуҷра даромада қарор гирифт. Алӣ сар даруни ҳуҷра карду гуфт:

Ё Фотима, сар аз саҷда бардор, ки мақсуди ту ҳосил шуд. Фотима сар аз саҷда бардошт, дастархони олами ғайб дид ва гуфт:

* Ё Алӣ, акнун дасти меҳмонунро бишӯед.

Пайғамбар бо ёрон даст бишустанд. Алӣ дар ҳуҷра даромад, то дастархон аз ҳуҷра берун орад, аз забони Алӣ беруномад:

* Бубин, ё Фотима, ки ёрон бисёранд, аммо дастархон хурд аст.

Фотима гуфт:

* Ё Алӣ, магар дар ҷанги яҳуд ҳамроҳи пайғамбар набудӣ, ки дар водии хароб пайғамбар ва ёрон ҷудо афтода буданд. Ёрон мегуфтанд: Сайидо, магар дар водию

биёбон ҷон хоҳем дод, ки ҳеҷ об наменамояд ва шутурон забон аз даҳон берун кашидаанд. Пайғамбар алайҳи-с-салом фармуд:

* Қадре об дар коса кунед ва пеши ман биёред.

Ёрон ҷустуҷӯ карданд, кадре об ёфтанд ва онро пешипайғамбар оварданд. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) панҷ ангушти муборак дар коса андохт, аз ҳар ангушт чашмаи об равон шуд хама бихурданд ва бо худ об гирифтанд ва ҳамаи шутурон сероб шуданд. Ё Алӣ, ту ҳам ин дастархонро пеши падари ман бурда бигӯй: Сайидо, Фотимаи ту мегӯяд: то дасти муборак дар хон кунад ва бигӯяд, ки эй хон, васеъ шав. Он кадар васеъ шавад, ки тамоми ёрон бинишинанд ва таом хӯранд.

Амири мӯъминин Алӣ хон бигирифту пеши пайғамбар овард ва илтимоси Фотимаро арз кард. Бо илтимоси Фотима Расул алайҳи-с-салом даст дар таом карду гуфт: эй хон, он кадар шав. ки тамоми ёрони ман ғунҷанд. Дарҳол дастархон чунон васеъ гашт, ки ҳама ёрон бинишастанд ва таъоми он хон бихурданд.

Баъд аз хурдани таом ҳазрати Ҷабраил алайҳи-с-салом даррасид ва дар поён истода шуд, назари пайғамбар алайхи- с-салом бар меҳтари Ҷабраил афтод, гуфт:

* Эй бародари Ҷабраил, барон чи омадӣ ва чи истодаӣ?

Гуфт:

Ё пайгамбари Худо, ман ҳодими аҳли нубуватам ва муждаи башорат ба чиҳати Алӣ ва Фотима ба чиҳати гунаҳгорони уммати ту овардаам ва дили муборакро шод гардонам. Ҳақ таъоло мефармояд: агар Усмон кадамҳои Шумо шуморида бар ҳар қадами Шумо як банда озод карда бошад, Алӣ ва Фотима дар дунё факр, яъне камбағалиро ихтиёр кардаанд аз ҷиҳати онҳо фармон ба фариштаҳо додем, то қадамҳои Шумо дар шумор оранд, эй Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам, аз хонаи Алӣ то масҷиди ту сесаду чанд қадам шудааст. Дар бадали ҳар қадами Шумо ҳафтод ҳазор осӣ, яъне гунаҳгоронро, ки номи онҳо дар дӯзах аст, озод гардонидем.

## Фасли ҳафтум дар баёни салака и фитр

Пас аз поён ёфтани моҳи муборакиi рамазон, яъне дар рӯзи иди фитр, бояд микдоре аз моли худро ба унвони садақаи фитр ба фақир ё мискин бидиҳем. Садақаи фитр ба касе воҷиб мешавад, ки якум мусалмон бошад, дуюм озод бошад, яъне ғулом набошад. Сеюм соҳиби нисоб бошад (ба ғайр аз махориҷи мавриди ниёз).

Садақаи фитрро шахси мусулмон аз тарафи худаш, фарзандони хурдсолаш ва хидматгоронаш мепардозад.

Миқдори садақаи фитр барои ҳар нафар дар гандум ним соъ ва дар ҷав, хурмо ва монанди инҳо як соъ аст. Агар пули яке аз ин чизҳои номбар шударо диҳад, ҷоиз аст. Як соъ баробар аст, тақрибан бо се киллограм.

Худовандо, ба ҳамаи мо мусалмонон тавфиқи некӯ гирифтани рӯзаи моҳи муборакиi рамазон ва адо кардани садақаи фитрро арзонӣ дошта, рӯзаи ҳамаи мо мусалмононро ба даргоҳат кабул фармоӣ, омин.

* * *

Аз таому шароб дур шавӣ,
В-аз ҳама гуноҳон нуфур шавӣ.

**Фасли хаштум дар баёни қаҷ кардан**

Ҳаҷ дар луғат қасди амри бузургу азимеро гӯянд ва дар истилоҳи шаръӣ иборат аз қасд ба сӯи Байтулҳарам бо аъмоли махсус, дар замони махсус аст. Ҳаҷ дар шариати ислом аз муҳимтарин фароиз буда ва мункири он аз дин хориҷ аст.

Зиёрати хонаи Каъба бар касе воҷиб аст, ки зод ва роҳила - (туша ва аспи саворӣ) дошта бошад, инчунин шароити хоҷагиаш буд бошад ва пулу мол дошта бошад барои раҳкиро ва роҳ кушода бошад ва ғайра. Дар шароити ҳаҷ мардон ва занон баробаранд, магар он ки мар занонро шавҳар ё маҳрам шарт аст. Баъд аз зиёрат кардани хонаи Каъба зиёрат кардани равзаи Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам лозим аст.

**Ҳикоят**. Нақл аст, ки Абдуллоҳи Муборак соле ба ҳаҷ рафта буд. Баъд аз адои ҳаҷ дар хоб дид, ки ду фаришта аз осмон фуруд омаданд. Яке аз дигаре пурсид, ки имсол чанд нафар ба ҳаҷ омадаанд?

Гуфт: шашсад ҳазор.

Боз он фаришта пурсид, ки ҳаҷи чанд нафар кабул гардид?

Гуфт: ҳаҷи ҳеҷ кадомаш кабул нагардида аст. Абдуллоҳи Муборак мегӯяд:

Чун ин сухан бишунидам, ларза дар вуҷудам пайдо шуд,-гуфтам кори мушкил, ки шашсад ҳазор бандаи мӯҳтоҷ аз гӯшаву канори олам бо машаққати тамом биёбонҳо бурида ва риёзазҳо кашида омадаанду ин ҳама бекор шавад ва ҳаҷи ҳеҷ кадомаш кабул нагардад.

Он гоҳ фаришта гуфт:

Дар Димишқ мардест, номи вай Алӣ бинни Мавфиқ. Ӯ ба ҳаҷ наёмадааст, аммо ҳаҷи ӯро Худои таъоло қабул кардааст ва хаҷи ин шашсад ҳазор ҳоҷиро ба туфайли ӯ қабул кардааст.

Чун бедор шудам бо рафиқони худ хайрухӯш намуда ба сӯи Димишқ рафтам ва хонаи вайро талаб карда ба шитоб ба дари хонаи вай омадам ва дарашро куфтам. Шахсе берун омад, гуфтам:

- Номи ту чист?

Гуфт:
-Алӣ бинни Мавфик.
Ӯ гуфт:

Номи ту чист?

Гуфтам:

Номи ман Абдуллоҳи Муборак.

Чун номи ман бишунид, наъра бизад ва беҳуш шуд. Чун ба хуш омад, он хобро бо вай ҳикоят кардам ва гуфтам:

Маро аз ҳоли худ хабар деҳ, ту чи кор кардаӣ, ки ҳаҷи туро қабул кардаанд ва шашсад ҳазор ҳоҷиро ба ту бахшиданд?

Гуфт:

- Бидон, ки ман марди кафшдӯзе ҳастам ва си сол маро орзуи хаҷ буд. Аз порадӯзӣ сесад дирам ҷамъ карда будам ва нияти ҳақ доштам. Ҳамсарам дар хона ҳомила буд, аз хонаи ҳамсоя бӯи таом шунид, маро фиристод, ки аз он таоми ҳамсоя камтар барояш биёрам. Ба дари хонаи ҳамсоя рафтам ва фарёд кардам. Ҳамсоя берун омад, он ҳол бо ӯ гуфтам. Гирён шуду гуфт: эй Алӣ ибни Мавфик, ин таом, ки мо сохтем бар шумо ҳалол набошад. Бидон, ки се шабонарӯз аст, ки кӯдакони ман таом наёфтаанд ва дар ҳамаи шаҳри Димишқ ҳеҷ коре наёфтам ва касс маро кор нафармуд. Хари мурдаеро дидам, ба қадри зарурат аз ӯ гирифтам, то барои тифлон таом созам, ки он бар шумо ҳалол набошад.

Чун ин сухан бишнидам, дарде дар дарунам пайдо шуд. Ба худ гуфтам: ба Каьба кучо меравам, хаҷи ман ин ҷо аст. Он сесад дирам бад-ӯ додам ва гуфтам ин пулҳои хонаи Каьба рафтанам буд, бигиру бар аҳлу аёли худ нафақа кун, ки ҳаҷи ман ин аст.

Абдуллохи Муборак гуфт:

Рост гуфтанд малоикахо дар хобам.

Азизи ман, дилҳои шикастагонро дарёб, дардмандонро хотирҷӯӣ кун, дармондагонро ёрӣ кун, ки ба ҳақиқат ҳаҷи мабрур ва амали мақбул он аст. Тавофи Каъбаи дил кун, ки аз тавофи Қаьба зиёдат аст.

Дил ба даст оред, ки ҳаҷҷи Акбар аст.
Аз ҳазорон каъба як дил беҳтар аст.
Каъба эҷоди Халили озар аст,
Дил назаргоҳи ҷалили Акбар аст.

Илоҳӣ моро ба роҳӣ рост ҳидоят намуда, ҳаҷи мабрурро насибамон гардонӣ, омин.

**Фаслн нуҳум дар баёни никоҳ кардан**

Акнун, эй бародар ва хоҳари азиз, бидон, ки зан гирифтан ва шавҳар кардан низ аз муҳимоти ислом аст. Бинобар ин саъй кардан лозим аст, ки баъди ба балоғат расидан ин амри муҳимро ба ҷо оварӣ. Агар инро ба ҷо наёрӣ, хавфи он бошад, ки туро нафсу шайтон аз роҳ бароварда, ба сӯи зино, ки гуноҳи бузург аст, далолат кунанд.

Ҳазрати пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки никоҳ суннати манаст ҳар ки майл накунад, дар суннати ман аз ман нест. Дар никоҳ кардан ва зан хостан бояд, ки нияти ҳавои нафс накунад, балки нияти он кунад, ки

нисфи дини вай дар девори амн дарояд ва дигар бояд, ки дар никоҳ нияти фарзанд кунад ва аз Ҳак таъоло фарзанди солеҳ талаб кунад. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: зани диндорро ихтиёр бояд кард, то тавонгарии дин ва дунё ёбӣ. Дунё матоъе аст ва беҳтарнн матоъи дунё зани солеҳа аст. Пас мард бояд, ки зани солеҳа ва диндор ихтиёр кунад, ки неъмати зоҳир фарзанди солеҳ аст ва неъмати ботин зани солеҳа ва фармонбардор.

* * *

Зани бад дар сарои марди накӯ,
Ҳам дар ин олам аст дӯзахи ӯ.

Зан ҳам бояд, ки марди диндор ва парҳезгору бо амонатро шавҳар кунад ва аз дарвешии шавҳар нанолад ва ба шавҳари фосиқ розӣ нашавад ва бо аҳли шарру фасод никоҳ накунад, агарчи соҳиби мол бошанд, ки он мол ба ҳақиқат мор аст. Ҳар зане, ки розӣ шавад ба никоҳи шавҳари фосиқ, дар қиёмат аз гӯр бархезад миёни ду чашми вай навишта шуда аст, ки ин зан навмед аст аз раҳмати Худованди таоло.

Фосиқ шахси бенамоз ва аз роҳи шариат дурро гӯянд.

Расул салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: бидонед ва огоҳ бошед, ки ҳар кас шафоати ман хоҳад, духтари худро ба шавҳари фосиқ надиҳад, ба ҳеҷ рӯ.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки ҳазрати Алӣ карамаллоҳу ваҷҳа рӯзе ҳамроҳи Фотима разияллоҳу анҳо назди Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам омаданд, ки пайғамбари Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам ба гиря машғуланд. Пурсиданд, ки ё Расулаллоҳ, барои чи гиря мекунед? Ҳазрати Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: шаби меъроҷ гурӯҳе аз занонро дидам, ки ба азобҳои гуногун гирифтор буданд, хотирам ба онҳо машғул гардида, гиря ба ман ғолиб гардид.

Пурсидем, ки ё Расулаллоҳ, ба чи сабаб он-занҳо ба азоб гирифторанд? Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: занеро дидам аз мӯи он муаллақ овехтаанд, ки аз димоғи он чирк равон аст ва занеро дидам, ки аз забони он овехта ва дастҳои ӯро аз пушт баровардааид ва аз ҳалқи он чирки сиёҳ равон аст ва занеро дидам, ки аз пистони ӯ овехтаанд ва пистон аз пушти ӯ баромада ва ба даҳони ӯ аз закум мерехтанд. Ва занеро дидам, ки дасту пои ӯро ба мӯи пешонии ӯ баста ва мору каждумҳоро бо ӯ овехтаанд, ки ҷасади ӯро мехӯранд ва аз таҳти он зан оташ аланга мезад ва занеро дидам, ки ба миқрози оташин бадани ӯро мебуриданд ва занеро дидам, ки рӯяш сиёх гашта. Он зан рудаҳои худро мехӯрд. Ва занеро дидам кӯру кару гунг буд, ки дар сандуқи оташин азобаш медоданд ва аз даҳону бинӣ ва махраҷи поёни он оташ фаввора мезад ва он зан пес буд, ки аз бӯи бади он тоқати дидан набуд. Ва занеро дидам, ки сари ӯ мисли хук ва бадани ӯ мисли маркаб ба ҳазор-ҳазор анвоъи азоб гирифгор буд. Ва занеро дидам, ки ба сурати саг мору каждумони бисёр аз даҳони ӯ даромада аз махраҷи поёни ӯ мебаромаданд ва фариштагон ӯро ба ҳарбаи оташин мезаданд.

Ҳазрати Фотима разияллоҳу анҳо аз ҷои худ бархоста гуфтанд: ё падари бузургвор, ҷонам фидои шумо бод. Аз аъмоли он занон маро хабар диҳед. Расули

акрам салаллоху алайхи ва саллам гуфтанд: эй нури чашми ман Фотима, он зане, ки ба мӯяш муаллақ овехтаанд, мӯи худро аз номаҳрамон пинҳон накарда аст ва он зане, ки аз забони ӯ овехтаанд, шавҳари худро ба забони бад озор додааст ва он зане, ки аз пистони ӯ овехтаанд, бе иҷозати шавҳари худ фарзандони дигарро шир додааст. Ва он зане, ки аз дасту пои ӯ овехтаанд бе ризои шавҳар аз хона баромада ба ҷое рафтааст. Он зане, ки гӯшти бадани худро мехӯрд ва аз даруни ӯ оташ фаввора мезад, худро дар назари номаҳрамон зинат дода аз мардони бегона худро пинҳон накардааст. Он зане, ки часади ӯро ба микрози оташин мебуриданд аз барои шӯхрат ёфтан худашро ба либосҳои фохира ороста, ба кӯчаҳо гузаштааст, то мардумон ӯро тамошо кунанд. Он занеро, ки дасту пои ӯро ба мӯи пешонии ӯ баста буданд ва мору каждумон захр зада азоб мекарданд, зане бошад, ки бо вучуди тандурустӣ намоз нахонад ва рӯза надорад ва аз чанобат худро пок накунад. Он зане, ки сараш мисли хук ва ҷасадаш мисли маркаб бошад, зани суханчину дурӯғгӯест. Он зане, ки рӯяш сиёх гашта рӯдаҳои худро мехӯрад, занест, ки аз пушти шавхари худ ба ҳар кас шикоят кунад. Он зане, ки кӯру кару гунгу пес буд аз  дахону бинни ӯ оташ фаввора мезад, моли шавҳари худро бе ризои ӯ сарф карда, ғайбати шавҳари худро мекард. Он зане, ки ба сурати саг буд, ба шавҳари худ нофармонӣ карда, суханҳои дурушт мегуфт.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ҳар зане, ки шавҳари худро ба забон озор расонад, Аллоҳ таъоло рӯзи киёмат забони ӯро ҳафтод зироъ гардонида. ба гарданаш печонад ва ҳамаи фариштагон ва одамиён бар он зан лаънат кунанд. Ҳар зане, ки ба шавҳари худ гӯяд: ман аз ту ҳеҷ чизе надидаам. Аллоҳ таъоло ҳафтодсола ибодати ӯро ҳабата гардонад, агарчи он зан тамоми умр рӯза дошта бошаду шаб намоз гузорида бошад. Ҳар зане, ки шавҳари худро аз ваҷҳи нафака ғамгин созад ё кулфат расонад, Аллох таъоло намозу рӯзаи ӯро қабул накунад. Ҳар зане, ки бе иҷозати шавҳари худ аз хона барояд, то боз ба хона гашта омадани ӯ, тамоми махлукоти осмону замни бо он зан лаънат фиристонанд. Ҳар зане, ки худро зиннату хушбӯй карда аз дарвозаи худ берун барояд ва шавҳари ӯ ба он розӣ бошад, Аллох таъоло дар ҳар кадами ӯ ба шавҳараш хонае аз оташ бино кунад ва ба азоб гирифтораш кунад.

Фармуданд Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам: ҳар марде, ки занӣ худро дар бистари хоб талаб кунад ва он зан қабул накарда, ба бистари ӯ наояд ва мард дар ғазаб ояд, фариштагон то субҳ бар он зан лаънат фиристонанд.

Мард бояд зани худро илму адаб ва шариат биёмӯзад ва агар кӯтоҳӣ кунад, хатари он бошад, ки дар охират ҳар ду ба **азоб** дармонанд ва аз бисёрии фарзандон наноланд, ки рӯзии онҳоро Худои таъоло медиҳад. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки беҳтарин зан он аст, ки агар **шавҳар** ба сӯи вай назар кунад, он зан сари худро дар пеш андозад ва агар шавҳар ба коре амр кунад, итоат кунад **шавҳарро.** Агар шавҳар ғоиб бошад, моли шавҳарро муҳофизат кунад ва худро аз чашми номаҳрам и нигоҳ дорад.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ҳар зане ки панч вақт намозро хонад ва рӯзаи моҳи шарифи рамазонро дорад ва худро аз номаҳрамон

муҳофизат кунад ва шавҳарро фармонбардорӣ кунад, аз кадом дарвозаи биҳишт, ки хоҳад дарояд.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: як зани солиҳа беҳтар аст аз ҳазор марди ғайри солиҳ ва ҳар зане, ки хизмати шавҳари худро ба ҷо орад ва ӯро фармонбардорӣ кунад, ҳафт дари дӯзах ба рӯи он зан баста гардад ва ҳашт дари биҳишт ба рӯи вай кушода шавад ва беҳисоб дохили биҳишт гардад.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки дар замони пайғамбар салаллоҳу **алайҳи** ва саллам марде буд, ба ҷанг рафт ва ба зани худ гуфт: то омадани ман аз хона ба ҷое наравӣ. Баъд аз рафтани он мард падари он зан бемор шуда, аз барои дидани духтар кас фиристод. Он зани солиҳа гуфт: маро шавҳар иҷозати берун баромадан надодаасг.

Хешони ӯ назди Расул салаллоҳу алайҳи ва саллам рафта даъво карданд. Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо он зан кас фиристод.

Он зан гуфт: ман итоати шавҳарро ба ҷо орам, аз хона берун наравам.

Пас падари он зан даргузашт, кас фиристоданд, наарафт, то вақте ки шавҳараш наомад, аз хона набаромад Ба пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва саллам ваҳӣ омад, ки аз барои фармонбардории шавҳари худ он занро мағфират карда, гуноҳони ӯ ва гуноҳони падари фавтидаи ӯро даргузаштам.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ҳар зане, ки либоси шавҳари худро шуста, покиза кунад, Аллоҳ таъоло бо он зан ҳазор савоб ато карда, ҳазор гуноҳи ӯро бахшад ва ҳазор дараҷаи некӣ ӯро ато фармояд.

Овардаанд, ки рӯзе ҳазрати Фотима разияллоҳу анҳо назди Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гирякунон омад, ки рангаш тағйир ёфта, зард гашта буд. Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд, ки эй духтари ман, чи ҳолат туро воқеъ шудааст?

Хотуни қиёмат гуфтанд: Расулаллоҳ, ҳамроҳи Муртазо Алӣ карамаллоҳу ваҷҳа шӯхӣ мекардам. Аз сухани ман Алӣ разияллоҳу анҳу дар ғазаб гардида хост, ки аз хона барояд, ман аз он сухан пушаймон шуда гуфтам: эй ҳабиби ман, дар вақти мазоху шӯхӣ надониста туро дар ғазаб овардам, аз он пушаймон шудам, аз ман розӣ бош, - гуфта ҳафт мартаба ӯро аз сар гардонидам.

Аз ман розӣ шуда ба рӯи ман хандид, бо вуҷуди ин аз Аллоҳ таъоло тарсида, назди Шумо омадам.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: эй духтари ман, савганд ба зоти поки Аллоҳ таъоло, ки ба ростӣ маро ба халқ фиристодааст, агар ҳаройина пеш аз розӣ шудани шавҳарат вафот мекардӣ, ҷанозаи туро намехондам. Эй духтари ман, бидон аз ҳар зане, ки шавҳар розӣ бошад, Аллоҳ таъоло аз он зан розӣ ва ҳар зане, ки шавҳар аз он зан розӣ набошад, Аллоҳ таъоло аз он зан розӣ нест.

Эй духтари ман, ҳар зане, ки мисли ибодати Марям бинти Умрон ибодат дошта бошад, агар шавҳараш аз ӯ норозӣ бошад, он ҳама ибодати ӯро Аллоҳ таъоло қабул накунад. Эй духтари ман, беҳтарин аъмоли занон фармонбардории шавҳар аст. Эй духтари ман, ҳар зане, ки як соат ҳамроҳи шавҳари худ ба

хушвактӣ ҳазлу мазох карда шавҳари худро хурсанд кунад, аз ибодати яксола беҳтар бошад ва савоби шаҳидонро дарёбад.

Эй духтари ман, ҳар зане, ки ба сухани хушу маҳбубона дилрабоӣ карда, шавҳари худро хурсанд кунад, ё фарзандони худро хушвакт гардонад, Аллоҳ таъоло воҷиб гардонад ба он зан ҷаннатро ва ато мекунад ба ҳар хурсандии онҳо барояш шаҳре дар биҳишт.

Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ҳар марде, ки ду зан дошта бошад, дар байни онҳо адл накунад, дар нафақа ва хоб кардан, дар таому шаробу либос баробар надорад, ман безорам аз он мард. Ӯ аз шафоати ман бенасиб бошад, магар он ҳангоме ки тавба кунад ва адлро пешаи худ созад.

Бидон, ки хизмат кардани занон мар шавҳаронро аз воҷиботи ислом аст ва хаққи шавҳар бар зан бисёр аст. Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд, ки ба ғайри Худо каси дигарро саҷда кардан мумкин нест, агар мумкин мебуд, ман амр мекардам занонро, ки шавҳарони худро саҷда мекарданд, аз бисёрии ҳаққе, ки Худои таъоло додааст шавҳаронро бар занон. Аммо фармонбардории зан мар шавҳарро вакте воҷиб шавад, ки коре фармояд, ки аз ҳуқуқи заношавҳарӣ ва ҳуқуқи шаръӣ бошад.

## Ҳуқуқи зан бар шавҳар

Ҳамчунон ки шавҳаронро бар занон ҳақ аст, занонро низ бар шавҳарон ҳақаст. Мардон гумон накунанд, ки танҳо онҳо соҳибҳақанду халос. Хоҳарони азизи мо низ ҳақ доранл. Аҳкоми шариат бар зану мард одилона ҳукм мекунад. Нависандаи китоб ба бародарону хоҳарони азиз мурочиат менамояд, ки ҳуқуқҳои якдигарро одилона риоя намоянд, зеро аксари гуноҳу нофахмиҳо аз риоя накардани ҳуқуқи заношавҳарӣ пайдо мешавад.

Агар шумо, бародарону хоҳарони азиз, ҳуқуқи ҳамдигарро риоя намуда, ба гуфтаи китоб амал намоед, иншоаллоҳ байни шумо ҷангу ҷанҷол ҳаргиз рух надода, дар дунёву қиёмат сарбаланду комёб хоҳад шуд.

Ҳуқуқи зан бар мард шашто аст, ки мард онҳоро бояд риоя кунад. Аввал он ки бо зан хушхӯй ва тозарӯй бошад. Ҳақ таъоло фармудааст, ки бо занон зисти хуб кунед то тангӣ набинанд.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд. ки мард агар дар рӯи зани худ ба рӯи тоза нигоҳ кунад, савоби озод кардани банда дар номаи аъмоли ӯ нависанд. Агар табассум ба сӯи зан кунад, савоби ҳаҷи умра дар номаи аъмоли ӯ нависанд, агар канору бӯса кунад, савоби дӯстони Худоро ба ӯ нависанд. Агар он кори махсусро кунад, ҳар ду омурзида шаванд, агар чи гуноҳи бисёр дошта бошанд.

Дуюм он ки ӯро кори берун нафармояд, то назари номаҳрамон бар вай наяфтад ва фасоде, ки аз ӯ ҳосил шавад, уболи он мардро бувад.

Фармуданд Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам: ҳар касе, ки аз барои ҳоҷати зани худ саъй кунад, ки ӯ дар хона нишинаду номаҳрамонро назар бар вай наяфтад, ҳамчунон бошад, ки асирони уммати он ҳазрат салаллоҳу алайҳи ва саллам -ро харида озод карда бошад.

Ҳаққи сеюм он ки илму адабу шариат ӯро биёмӯзад, аз фароизу воҷиботу илми ҳайзу нифосу намозу рӯза ва ғайра.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки сахттарин азоб дар рӯзи қиёмат касеро бошад, ки аҳли худро нодон гузорад ва умури дин ӯро наёмузад. Пас рӯзи қиёмат ҳар дуро сиёҳрӯй бар минбари оташин бинишонанд. Зан гӯяд, ки расво гардонад Худои таъоло туро, ҳамчунон ки дар дунё маро амри маъруфу наҳйи мункар накардӣ ва аз дунё ба сӯи уқбо рағбат надодӣ, то ҳам худро ҳалок кардӣ ва ҳам маро. Пас оташ онҳоро ба сӯи дӯзах барад.

Ҳаққи чахорум он аст, ки ӯро таоми ҳалол диҳад ва либоси ҳалол пӯшонад. Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: гӯште, ки аз ҳаром рӯяд, оташ бар он авлотар аст.

Ҳаққи панҷум он аст, ки дар нафақа ӯро наранҷонаду моли ӯро бе ичозати ӯ нахӯрад.

Ҳаққи шашум он аст, ки ранҷе, ки аз он расад, сабру таҳаммул кунад, то савоб ёбад. Дар ҳадис омадааст: ба ривояти Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу аз Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармудаанд: хар ки бе ваҷҳи шаръӣ

зани худро бизанад, осӣ шавад ба Худованди таъоло ва Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам.

**Фасли даҳум дар баёни эҳтиром кардани падару модар**

Акнун бародару хоҳари азиз, бидон, ки ҳурмат кардани падару модар аз воҷибот ва заруриёти ислом аст, чунончи Худои таьоло фармуда аст, ки "васият кардем инсонро ба некӯӣ кардани падару модар".

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ҳар вақто ки падару модар фарзандро ба наздашон бихонанд, дарҳол ҳамаи корҳои худро монда назди падару модари худ рафта, фармонбардории онҳоро ба ҷону дил ба ҷо оварад. Агар сустӣ карда, фармони онҳоро ба ҷо наёрад, ман безорам аз он шахс.

Овардаанд, ки шахсе назди Расули акрам ( салаллоҳу алайҳи ва саллам) омаду гуфт; ё Расулаллоҳ, маро панде диҳ, ки дар дунё ва дар охират маро фоида ҳосил шавад. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд, ки падару модар дорӣ?

Он шахс гуфт: - дорам.

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) фармуданд, ки падару модари худро эҳтиром кун ва фармонбардории онҳоро ба ҷо ор, аввал таомро бо онҳо хӯрон. Худованд ба ҳар луқмаи таом бароят қасре дар биҳишт ато кунад.

Овардаанд, ки шахсе назди Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) омаду гуфт: падару модар дорам, фармонбардории онҳоро мекунаму нафақаи онҳоро медиҳам. Бо вуҷуди он маро дашноми бисёр дода, изо мерасонанд. Омадам, ки дар хаққи онҳо чӣ кор кунам?

Расул (салаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд: агар падару модар гӯшти туро - пора пора кунанд, ҳанӯз чаҳоряки ҳаққи онҳоро соқит накарда бошӣ. Бидон, ки биҳишт дар зери қадами падару модарон бошад.

Он шахс гуфт: Расулаллоҳ, валлоҳ, ки бар падару модари худ чизе намегӯям, агарчи маро пора-пора кунанд. - ин гуфта ба хонаи худ омада, қадамҳои падару модари худро бӯса карда, гуфт: эй қибла ва каъбаи ман, маро Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) инчунин фармуд.

Овардаанд, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи падару модар ҳадиси дароз гуфта дар охири сухан қасам ёд карда гуфтаанд: ба ҳаққи он Худое, ки маро ба ростӣ ба халқ пайғамбар фиристода аст, ҳар ки ба падару модари худ некӯӣ карда, аз худ розӣ гардонад, он кас ҳамроҳи ман дар биҳишт бошад.

Марде аз он маҷлис аз ҷои худ бархоста гуфт: ё Расулаллоҳ, агар шахсеро дар овони хурдӣ падару модар фавтида бошад, чӣ гуна онҳоро фарзанд розӣ гардонад?

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд, ки аз барои падару модари худ садақа кунад ё мӯҳтоҷеро таом диҳад ва қироати Қуръон кунад ва намози фаризаро хонда дар ақиби он аз барои мағфирати падару модар дуо кунад, Аллоҳ таъоло дуои ӯро қабул карда мағфират менамояд, агарчи онҳо

гунаҳгор бошанд. Агар фарзанд дар ҳаққи падару модар дуо накунад, пас он фарзанд оқ аст.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: хар кӣ ба зиёрати қабри падару модари худ равад, дар ҳар қадами он Аллоҳ таъоло сад ҳасана, яъне сад некӣ ато намуда, сад хатогии ӯро аз номаи аъмолаш бардошта мекунад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: ҳар ки назди падару модари худ бо одрб нишаста ҳамроҳи онҳо нарм сухан гӯяд, Аллоҳ таъоло он бандаро мағфират кунад.

Овардаанд, ки дар замони хилофати ҳазрати Умар (р) тоҷире буд, ки ба хотири зани худ ба модараш ҳеҷ майле намекард. Рӯзе модараш барои таом ба хонаи писар омад.

Зани ӯ гуфт: ҳар рӯз модари ту омада аз ин ҷо чизе мебарад.

Аз ин сухан писараш чизе ба модар надода аз хона берун кард. Модар гирякунон рафт. Вақте он тоҷир ҳамроҳи савдогарон ба сафаре баромад, дар роҳ аз ҳамроҳони худ қафо монд. Роҳзане баромада молҳои он савдогарро батамом гирифт ва дасти ӯро бурида ба гарданаш овехта дар роҳ партофта рафт.

Корвоне омада ӯро бо он ҳол дида, ба ӯ раҳм намуда, ӯро ба манзилаш оварданд. Хешовандони ӯ аз барои дидани ӯ омада гуфтанд: ин ҷазои он касе аст, ки модари худро изо дода, чизе намедод. Агар ба модари худ тараҳҳум мекардӣ, молҳои ту нобуд намешуданд ва дасти ту бурида намегардид.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки шайхе буд, ба фазлу бузургӣ машҳур. Рӯзе он шайх қасди зиёрати Маккаи Муаззама намуд. Модаре дошт, иҷозат талабид, модараш розӣ нашуд. Шайх майл накарда равонаи сафар гардид. Модараш гирякунон аз ақиби писар афтода ҳарчанд зора кард, писар аз рафтан бознаистод. Сухани модарро гӯш накард. Модараш ба дарди дил дуо карду гуфт: Илоҳӣ, писарамро бо оташи ҷудоӣ гирифтор кун ва азоби сахтеро гирифтори ӯ гардон. Пас он шайх дар роҳи Макка равон шуд. Шаб ба шаҳре расиду шабро дар масҷиде ба намоз хондан гузаронид.

Дар он шаб дузде ба хонаи шахсе даромад. Соҳиби хона хабардор гардид. Дузд баромада гурехт. Соҳиби хона аз думболи дузд шитобид. Дузд ба тарафи масҷид омада ғоиб гардид. Мардумон ҷамъ омада чароғ равшан карданд ва ба даруни масҷид даромада диданд, ки шахсе истода намоз мехонад, пас шайхро баста назди подшоҳи он шахр бурданд. Подшоҳ фармуд: дасту пои он шайхро буранду чашмони ӯро кованд ва ӯро бардошта дар бозорҳо фарёд кунанд, ки ин ҷазои шахсе аст, ки дуздӣ кунад.

Шайх гуфт: ин тариҳа фарёд накунед, балки гӯед, ки ин ҷазои он касе аст, ки бе иҷозати модар қасди зиёрати Макка намояд.

Баъд аз он мардумоне, ки ӯро медонистанду мешинохтанд, воқеаро ба подшоҳ хабар доданд. Подшоҳ пушаймон шуда узр хост.

Шайх гуфт: шуморо ҳеҷ гунохе нест. Дуои бади модарам буд, ки бе ризои баромада будам, маро ба ии бало гирифтор намуд. Агар хоҳед, ки аз шумоён хурсанд бошам, маро ба шаҳри худ, ба ибодатгоҳам расонед.

Пас ӯро дар халта андохта ба хонааш оварданд. Шайх

шунид, ки модараш дар дуо мегӯяд: Илоҳо, писарамро бар балое гирифтор кунӣ, ки ман ба чашми худ ӯро бубинам.

Шайх аз модари худ ин суханро шунида фарёд кард, ки эй зани порсо, ман мусофири гурусна ҳастам. Маро чизе диҳед.

Модараш гуфт: пештар ой, туро ноне диҳам.

Шайх гуфт: пой надорам, ки ба сӯи ту равам.

Модараш гуфт: дасти худро дароз кун.

Шайх гуфт: дасте надорам, ки ба сӯи ту дароз кунам. Модараш гуфт: ман номаҳрамеро надидаам, ки баромада ба ту таом диҳам.

Шайх ҷавоб дод, ки ман чашм надорам, ки ба сӯи ту назар кунам.

Пас модар нонеро бо ҳамроҳи косаи об гирифта аз хона баромада, назди писари худ омад. Шайх рӯи худро ба қадамҳои модари худ молида пойҳои ӯро бӯса карда гуфт: ман писари осии туам, ки аз дуои бади ту бо ин ҳол расидам.

Модараш донист, ки писараш аз норозигии ӯ бо ин аҳвол мубтало шудааст. Бисёр гиря карду гуфт: Илоҳо, ман аз писари худ розӣ шудам, аз даргоҳи ту металабам, ки ҷони маро ва ҷони писарамро дарҳол бигирӣ, ки маро тоқати дидани ӯ ва писарамро тоқати дидани мардум нест.

Дарҳол ба фармони Аллоҳтаъоло модару писар қабзи рӯҳ гашта ба олами хурсандӣ расиданд.

Овардаанд, ки ҷавоне буд дар замони Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам. Номи вай Алқама, ҳамеша тоат мекард ва ҳамарӯза рӯзадор ва шабҳо шабзиндадор буд. Баногоҳ ӯ бемор шуд. Чун баромадани ҷонаш наздик омад, забонаш дар гуфтани калимаи шаҳодат нагашт. Расули акрам салаллоху алайҳи ва салламро хабар доданд. Алӣ ва Умарро ба назди ӯ фиристод. Онҳо ҳарчанд калимаи шаҳодат талқин карданд, забони ӯ кор накард.

Амири мӯъминин Алӣ разияллоҳу анҳу Билолро назди Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фиристоду аз он ҳол хабар дод, Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки Алқама падару модар дорад? Гуфтанд модари пире дорад. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, то модари ӯро оварданд.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: - эй пиразан, маро аз ҳоли Алкама хабар кун, ки зиндагонии вай бо ту чӣ гуна буд?

Гуфт: ё Расулаллоҳ, бисёр некӯ ва парҳезгор буд, аммо ман аз вай розӣ нестам, ки ӯ ризои зани худро аз ризои ман боло медонад.

Расули акрам ( салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: аз ҳамин ҷиҳат аст, ки забони ӯ дар банд шудааст, эй пиразан, ӯро биҳил кун, то забони ӯ кушодашавад.

Пиразан гуфт: ё Расулаллоҳ, ӯ дар ҳакки ман чафои бисёр кардааст, ӯро биҳил накунам.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) фармуд: ё Билол, рафта мардумро даъват кун, то ҳезум чамъ кунанд, Алқамаро бисӯзем, ки модараш аз вай розӣ нест.

Модараш гуфт: ё Расулаллоҳ, фарзандамро дар пеши назарам бисӯзӣ, дилам тоқат намекунад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) гуфтанд: эй пиразан, оташи дӯзах аз оташи дунё сӯзонтараст, чун ту аз вай розӣ нестӣ, ҳеҷ тоати вай мақбули даргоҳи Илоҳӣ нест.

Пиразан чун ин шунид, фарёд баровард, ки ё Расулаллох, ман аз вай розӣ шудаму ӯро биҳил кардам.

Модар чун ба дари хона омад, овози Алқама шунид, ки калимаи шаҳодат мегуфт ва ӯ ҳамон рӯз вафот ёфт.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) бар вай намоз кард ва ӯро дафн карду гуфт: эй гурӯҳи мусулмонон, ҳар касе қадру қимати зани худро аз кадру қиммати модараш зиёда кунад, дар лаънати Худои таъоло ва фариштагон бошад ва Худованд фарзу нафли вайро кабул накунад. Аз ранҷонидану нохушнудии эшон парҳез бояд кард, ки кори душвор аст ва азоби ӯ бисёр.

Расули акрам ( салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: шахсеро падару модар розӣ набошад, Аллоҳ таъоло ҷони ӯро ба ғайри калимаи шаҳодат бароварда, рӯзи киёмат дар пешонааш навишта мешавад, ки ин банда оқи падару модар аст.

Фармуданд Расули акрам ( салаллоҳу алайҳи ва саллам), ки Худои таъоло аз он банда розӣ бошад, ки падару модар аз ӯ розӣ бошад ва ҳар бандае, ки падару модари ӯ розӣ набошад, Аллоҳ таъоло он бандаро ба ғазаби худ гирифтор карда, бо оташи дӯзах андозад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки ду гуноҳ аст, ки инсон, албатта, азоби онро дар дунё мебинад ва ҳам дар охират: яке зулм кардан бар бандагони Худованд, дуюм озор додани падару модар. Боқии гуноҳонро мумкин аст, ки Худои таъоло даргузарад ё азоби онҳоро дар қиёмат бинад.

**Ҳикоят.** Шахсе назди Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) омаду гуфт: ё Расулаллоҳ, модарам пири барҷомонда шудааст, луқмаи таоми ӯро дар даҳонаш мегузорам ва ӯро оби таҳорат медиҳам. Ӯро бар гардани худ мениҳам ва ба таҳоратҷой мебарам. Магар ҳаққи вайро ба ҷо оварда бошам, ё не?

Расули акрам (с салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки аз сад ҳаққи вай яктоашро адо накарда бошӣ.

Дар ҳадис омадааст, ки бӯи биҳишт ҳаргиз ба димоғи озордиҳандаи падару модар намерасад ва бӯи дӯзах ҳаргиз ба димоғи некӯдорандаи падару модар нарасад.

Овардаанд, ки рӯзе шахсе вафот кард. Ӯро чун дар гӯр ниҳоданд, аз гӯраш овози хар меомад. Сабаби онро пурсиданд гуфтанд, ки рӯзе чун модараш сухан мегуфт, модарро: эй хар, хомӯш бош,-гуфта буд.

Модараш аз ин сухан ранҷида гуфта буд: Ҳақ таъоло туро дар гӯр хар гардонад, акнун аз гӯраш овози хар меояд.

Агар ризои ҳақ мехоҳӣ, дар ризои падару модар бикӯш.

Ҷаннат, ки мақоми сарварон аст,

Дар зери қудуми модарон аст.

Хоҳӣ, ки ризои Ҳақ биёбӣ.

Он кун, ки ризои модарон аст.

♦ * *
Волидайн аз ҳар касе хушнуд нест,
Он касаш шоистаи маъбуд нест.
* *

Илоҳо, ба ҳурмати ризои ту ва ризои падару модарон ҳамаи мусулмононро тавфиқи хушнуд кардан ва фармонбардорӣ намудани фарзандон ато намоӣ, ки дар зиндагӣ ризои падару модаронро ёбанд ва баъди маргашон арвоҳи онҳоро бо фотиҳа ва тиловати куръону садақа хушнуд гардонанд. Омин, ба ҳурмати ҳазрати сайиду-л-мурсалин салаллоҳу алайҳи ва саллам.

**Фасли ёздаҳум дар баёни хаққи ҳамсоя**

Акнун бародару хоҳари азиз, бидон ки риоя кардани ҳаққи ҳамсоя аз-заруриёти ислом аст ва ҳаққи ҳамсоя бо ҳаққи падару модар баробар аст. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки ҳурмати ҳамсоя бар ҳамсоя ҳамчунон ҳурмати модари вай аст бар вай. Ва гуфтанд ҳамеша Ҷабраил васият мекард маро ба нигоҳ доштани ҳаққи ҳамсоя, то гумон бурдам, ки ҳамсоя аз ҳамсоя мерос мебарад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки имон надорад, имои надорад, имон надорад, касе, ки ҳамсояаш аз бадии вай эмин набошад. Дар ҳадиси дигар омадааст: ҳамсояе аст, ки се ҳақ дорад. Якум ҳамсоя аст, дуюм хеш аст, сеюм мусулмон аст. Ҳамсояе аст, ки ду ҳақ дорад, якум ҳамсоя аст, дуюм мусулмон аст. Ҳамсояе аст, ки як ҳақ дорад, он ҳамсояи кофир аст, ки ӯро шариати ислом як ҳақ додааст.

Расули акрам ( салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки ҳамсояро бар ҳамсоя даҳ ҳақ аст: аввал, он ки чун қарз хоҳад, ӯро қарз диҳад. Дуюм он ки чун туро ба хонаи худ даъват кунад, ба меҳмонӣ биравӣ. Сеюм он ки агар бемор шавад, хабар гирӣ. Чаҳорум он ки агар ба коре аз ту ёрӣ хоҳад, ёрӣ диҳӣ. Панҷум он ки агар мусибате расад, ӯро бипурсӣ. Шашум он ки агар ба вай хурсандӣ расад, ӯро муборакбод кунӣ. Ҳафтум он ки агар бимирад, ба ҷанозаи вай ҳозир шавӣ ва ба дафни вай машғул шавӣ. Ҳаштум он ки агар ғоиб бошад, посбони хонаи вай бошӣ. Нуҳум он ки агар ранҷе аз вай ба ту расад, сабр кунӣ ва бо ӯ хусумат накунӣ.

**Ҳикоят.** Молики Динор раҳматуллоҳу алайҳи шахси бузург буд ва ҳамсояи ҷуҳуд дошт. Молик ибодатхонае дошт ва дар он ибодатхона даричае ба сӯи хонаи он ҷуҳуд буд. Ҷуҳуд донист, ки Молик дар ҳамин ҷо ибодат мекунад, қасдан ба сабаби кинае, ки ҷуҳудонро бо мусулмонон аст, дар хонаи худ баробари даричаи ибодатхонаи ӯ барои худ ҳоҷатхонае сохт, ки аз он бӯи бад ба сӯи ибодатхонаи Молик меомад. Молик чизе ба он ҷо мениҳод, то ҳар чӣ афтад дар ҳамон чиз афтад ва онро гирифта дур меандохту бӯи хуш мезад, то дар он ҷо намоз хонда тавонад, аммо чизе намегуфт.

Ҷуҳуд дид, ки Молик дар ранҷ аст, вале чизе намегӯяду сабр мекунад.

Чанд вақт гузашт, чуҳудро аз сабр кардани вай тааҷҷуб омад. Рӯзе чуҳуд гуфт: - эй Молик, туро чӣ водор ба ин менамояд, ки ин қадар машаққат мекашиву сабр мекунӣ?

Гуфт: Дар дини мо он аст, ки ранҷи ҳамсоя бибояд кашид ва бо ӯ хусумат набояд кард. Расули мо алайҳи-с-салом чунин фармудааст.

Ҷуҳуд ба худ фикр кард ва гуфт: то ин вақт ҳеҷ дине бар ман аз дини ислом душмантар набуд, акнун ҳеҷ дине бар ман аз дини ислом дӯсттар нест. Дине, ки дар вай сухан бо ин хубӣ ва ширинӣ бошад, ин дин, албатта Ҳақ аст.

Пас гуфт: Эй Молик, калима арза кун, то мусулмон шавам.

Молик калима бар вай арза кард, чуҳуд мусулмон шуд. Чун ҳаққи ҳамсоя нигоҳ дошт, ба баракати он бегона ошно шуд, яъне кофир мусулмон шуд.

Азизи ман, зиндагонӣ чунон кун, ки ҳамсоягон аз ту хушнуд ва розӣ бошанд. То ин маънӣ сабаби омурзиши гуноҳони ту гардад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ҳар касе аз дунё гузарад ва ӯро се ҳамсоя бошад, ки аз ӯ розӣ бошанд, Худованд гуноҳони ӯро омурзад.

**Ҳикоят**. Нақл аст, ки марде назди Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам ) омад ва аз ҳамсояи худ шикоят кард Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки ранҷи худ аз вай бардор ва ба ранҷи ӯ сабр кун, марг басанда аст миёни шумо. Пас чун марг дар пеш аст, ки аз ҳайбати дилҳо маҷрӯҳ ва ҷигарҳо реш аст, кирои он накунад, ки ба ғарази дунё бо ҳамсоягон ва мусулмонон хусуммат намоӣ.

Илоҳӣ, моро тавфиқи нигоҳ доштани ҳаққи ҳамсоя ва ҳаққи мусулмонон каромат фармоӣ, омин.

**Фасли дувоздахум дар баёни уқубати ғайбат кардан**

Акнун бародар ва хоҳари азиз бидон, ки ғайбат кардан яке аз гуноҳони бузург аст. Ин дар замони мо дар байни инсонҳо бисёр ҷорӣ шудааст ва аксарияти мардум бо ин кори номашруъ гирифторанду парвое надоранд. Аммо шумо эҳтиёт кунед, ки ба ин иллат гирифтор нашавед. Зеро ки дар охир пушаймон мешавед ва пушаймонӣ фоидае надорад.

Ҳақ таъоло дар каломи маҷиди худ аз ғайбат кардан манъ карда, гуфта аст, ки "ғайбат накунед баъзеатон баьзе дигаратонро, ки ғайбат кардан баробар аст, ба хурдани гӯшти бародари мурда".

Ба бадӣ ёд кардани шахсеро, ки дар назди ту ҳозир набошад, ғайбат аст.

**Ҳикоят**. Холид бинни Рабиъ мегӯяд: вақте бо ёрони худ дар масҷиди ҷомеъ будем, мусулмонеро ғайбат карданд ва ман манъ накардам. Он шаб дар хоб дидам, ки марди сиёҳи бо ҳайбат даромад ва пораи гӯшти гандаи хукро бар табақе ниҳода биёварду дар пеши ман ниҳода бонг бар ман зад, ки бихӯр.

Гуфтам: - Ман мусулмонам ва мусулмон гӯшти хук нахӯрад.

Гуфт: - Гӯшти мусулмонро метавонӣ хурдан, ки он ҳазор бор аз ин ҳаромтар аст, - ва аз он гӯшт бибуриду дар даҳони ман ниҳод.

Бедор шудам он гӯшт дар даҳони ман буд ва бӯи гандаи он то чиҳил рӯз аз даҳони ман меомад.

Ғайбаткунанда дӯсти шайтон аст.

* * *

Макун ғайбат агар ақлат тамом аст,
Ки гуфтори ту дар ғайбат ҳаром аст.
Агар айби ту гардад бар ту зоҳир,
Ба айби кас ҷуҷо пардозӣ охир.

* * *

Илоҳӣ забони моро аз ғайбат нигоҳ дор ва хасмони моро аз мо розӣ гардон, омин.

**Фасли сездаҳум дар баёни уқубати арақ хурдан**

Акнун бародар ва хоҳари азиз, аз дигар гуноҳҳои бузург низ худдорӣ ва парҳез кардан лозим аст, ки онҳоро низ,
иншоаллоҳ ба тариқи мухтасар баён мекунем. Мисли арақ хурдан, ки яке аз гуноҳони бузург ба шумор меравад.

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки арақ модарӣ гуноҳон аст. Боз фармуданд: арак хурдан бадтар аст аз зино кардан, зеро ки зинокор дар ҳоли зино худоро мешиносад ва арақхӯр худоро намешиносад.

Рӯзе Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба гӯристоне мегузашт, овози нолае шунавид: ал-амон ал-амон, Расулаллоҳ, имрӯз бист сол аст, ки дар азобам, дар кори ман назаре кун.
Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) боз истод ва фикр кард. Ҷабраил алайҳи- с-салом омада гуфт: ё Расулаллоҳ, ин гӯри занест, ки дар хонаи ҳамсояи вай арақ мехурданд. Вай барои зани ҳамсоя бисту як нон пухта, ҳамсоязан нонҳоро пеши арақхӯрон ниҳодааст, аз ин сабаб бист сол боз дар ин оташ месӯзад. Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) сар ба саҷда ниҳод ва дуъо кард Ҳақ таъоло ба шафоати Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) азоб аз он зан бардошт.

Касе, ки барои аракхӯрон нон мепазад, азобаш ин аст, акнун азоби арақхӯронро фикр кунед, ки чӣ гуна аст!

**Фасли чаҳордахум дар баёни уқубати зино кардан**

Дигар аз гуноҳони бузург зино кардан аст, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: дар касе назари ба шаҳват кунад дар занони номаҳрам, Ҳақ таъоло бифармояд, то ду чашми ӯро пури оташ кунанд. Он гоҳ ӯро ба дӯзах андозанд ва агар бӯса кунад зани бегонаро ё суханҳои фаҳш гӯяд, ба ҳар калимае, ки гуфта бошад, ҳазор сол ӯро дар дӯзах азоб кунанд. Ҳар ки миёнаравӣ кунад миёни марду зани бегона, Ҳак таъоло бихиштро бар вай ҳаром гардонад ва ҷояш дӯзах бошад.

Дар хадис омада аст, ки уболи як зино бо аврати ҳамсоя зиёда аз даҳ зино аст, ки ҷои дигар кунад. Гуноҳи як зино бо зани шавҳардор бисёртар аз ҳазор зиност, ки бо зани бе шавҳар кунад. Касе, ки ба чаҳорпо наздикӣ кунад, дар лаънати Худои таъоло гирифтор шавад.

Эй бародар, ҳамин афъоли бадро касе дар хонадони ту анҷом дидад, ту раво намедорӣ, пас хешовандони ӯ низ раво намедоранд.

Илоҳо, мо мусулмононро аз ҳар чӣ набояд ва нашояд нигоҳ дорӣ, омин.

**Фасли понздаҳум дар баёни укубати ливота**

Ва гуноҳи аз ҳама бузургтар ливота аст, яъне бачабозӣ. Алҳамдулиллоҳ, ки дар замони мо ин офат он қадар бисёр нест. Аз Худованди бузург мехоҳем, ки ин кори бадро аз байни мо мусулмонон тамоман бардошта кунад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки малъун аст касе, ки ливота кунад. Ливотакунандаро бояд дар дунё аз баландтарин мавзеъ ба поён партоянд ё ӯро бикушанду баъд аз он бисӯзанд.

Илохо, ҳамаро аз ин кори палид дар амон ва аз расвоии дунё ва охират нигоҳ дорӣ, омин.

**Фасли шонздахум дар баёни укубати рибо хурдан**

Ва аз дигар гуноҳони бузург рибо хурдан аст. Рибо иваз кардани чизе бо чизе, кам дода бисёр мегирад, мисол як коса гандум ба як коса гандум, ки ин косаҳо баробар набошанд, бояд, ки ҳар чизеро бихарад ё бифурӯшад бо тарозӯ баробар бифурӯшад ё бихарад.

**Фасли ҳабдаҳум дар баёни укубати қасами бардурӯғ хурдан**

Бидон, ки дар қасами бардурӯғ хурдан даҳ азоб аст: якум онҳоро дар қисмат ҳеҷ баҳраи хайр набошад. Дувум Худованд онҳоро назари лутф накунад. Сеюм Худованд назари раҳмат ба сӯи онҳо накунад. Чаҳорум онҳоро пок нагардонад. Панҷум барои онҳо дар қиёмат азоби дарднок аст. Шашум баракат аз моли онҳо бардошта шавад. Ҳафтум баракат аз умри онҳо бардошта шавад. Ҳаштум хонумони онҳо вайрон шавад. Нуҳум зиндагии хуши онҳоро бибарад. Даҳум ба азоби дӯзах гирифтор гарданд.

Илохо, ҳамаро бар он дорӣ, ки ризои ту дар он аст, омин.

**Фасли ҳаждаҳум Дар баёни суханчинӣ**

Бидон, ки суханчинӣ он аст, ки касе сухане аз ҷое шунавад ва ба ҷои дигар ҳикоят кунад, ки он мусулмононро зиён дорад. Яъне сухани касеро ба каси дигар бурдан, ки сабаби хусумати онҳо мегардад.

Дар ҳадис омадааст, ки суханчинро дар қисмат Худованд ба сурати маймун гардонад.

**Ҳикоят.** Имом Ҳасани басрӣ раҳматуллоҳро шахсе гуфт; -Фалонӣ туро бад гуфт.

Ҳасан гуфт: - Ту ӯро дар куҷо дидӣ?

Гуфт: - Дар хонаи вай.

Гуфт: - Он ҷо барои чӣ рафтӣ?

Гуфт: - Он ҷо меҳмон будам.

Гуфт:, - Дар меҳмонӣ чӣ хӯрдӣ?

Гуфт: - Фалон чиз ва фалон чиз.

Гуфт: Эй ноҷавонмард, чандин таъом дар шиками ту ғунҷид ва ин як сухан нағунҷид?

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ба назди ду гур бигзашт, пас гуфг:

- Соҳибони ин гурҳо ба азоб гирифторанд. Якеаш либосҳояшро аз пешоб пок намедошт, дигараш суханчин буд.

* *

**Сухан дар миёни ду кас ҳамчу оташ аст,**
**Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.**

Илоҳо, мо мусулмононро аз ҳама гуноҳон дар паноҳи исмати худ нигоҳ дорӣ, омин.

**Фасли нуздаҳум дар баёни уҷбу кибру риё**

Уҷб худро бузург дидан аст ва кибр аз уҷб таваллуд мешавад. Агар хоҳӣ, ки аз инҳо дур бошӣ, чаҳор чизро нигоҳ дор: аввал, он ки ҳар тоате, ки аз ту дар вуҷуд ояд, ба тавфиқи Худованд донӣ ва ба шукр машғул шавӣ. Дувум, он ки дар неъматҳои Худованд назар кунӣ, ки дар ҳаққи ту бисёранд, то амали ту дар муқобили он андак намоед. Сеюм аз қабул накардан битарсӣ, ки агар қабул накунад, чӣ кор кунӣ?; Чаҳорум дар гузаштаҳо назар кунӣ, ки гуноҳ бисёр кардан ё савоб? Агар ин андешаҳо кунӣ, лашкари уҷб шикаст хурад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: ба биҳишт дохил намешавад касе, ки дар дили вай миқдори як зарра кибр бошад.

**Ҳикоят.** Обиде ҳаштод сол Худойро ибодат кард. Дар ин муддат як гуноҳ накард ва дар ҳар ҳафта як бор рӯзаашро мекушод. Як рӯз аз Худованди таъоло ҳоҷате хост, ҳоҷати вай иҷро нашуд. Обид рӯй ба нафси худ карда гуфт: эй нафси хасис, туро дар ин даргоҳ ҳеҷ қадр ва обрӯе набудааст. Ман чунон гумон мекардам, ки туро қадре ҳаст.

Дарҳол малоика биёмад ва гуфт: - эй бандаи Худо, ин як соат, ки худро сарзаниш кардӣ, ба назди Ҳак таъоло беҳтар аст аз он ҳаштод сола ибодат, ки кардӣ.

Пас маълум шуд, ки бар ин даргоҳ шикастагӣ ва бечорагиро қадри бисёр аст. Илоҳо, моро аз кибр нигоҳ дор, омин.

**Фасли бистум дар баёни бухлу ҳасад**

Бидон, ки бухлу ҳасад низ аз ҷумлаи гуноҳони бузурганд. Аз ин афъол дурӣ ҷустан зарур аст. Маънои бухл надодани закот, садақа ва ёрӣ накардани бародарону хешу табор ва гадоро чизе надодан ва ғайра.

Бахил нонеро дар роҳи Худо надиҳад, чӣ гуна ҷони худро дар роҳи Худо диҳад?

Дар ҳадис омада аст, ки бахил дар биҳишт дар наёяд, агарчӣ обид бошад ва сахӣ ба дӯзах дохил нашавад, агарчӣ фосиқ бошад.

**Ҳикоят**. Бахиле буд дар шаҳри Бағдод. Мегуфт: - ҳеҷ касро аз Аҳмади Ҳаддод душмантар намедонам, ки ӯ нони бисёр ба мардум медиҳад.

Шабе ӯро бахоб намуданд, ки моли ту ҳамааш насиби Аҳмади Ҳаддод мешавад.

Саҳар бархеста гуфт: - Инро ҳилае кардан лозим аст, ки моли ман рӯзии вай нашавад.

Асои[1] калоне ёфта даруни вайро кофта холӣ кард ва нисфи тиллоҳоро дар он асо ҷойгир намуд ва ду сари асоро маҳкам карду дар дарёи Даҷлаи Бағдод андохт. Рӯзе Аҳмади Ҳаддод дар киштӣ нишаста буд ва аз дарё мегузашт. Асои ӯ дар дарё ғалтид, тангае ба ронандаи киштӣ дод, то асои ӯро аз дарё гирифта ба ӯ диҳад. Ронандаи киштӣ ба об ғӯта зад, асои бахил ба дасти вай афтод. Онро бароварда ба Аҳмад дод. Аҳмад дид, ки асо вазнин аст. Ба хона омада асоро кушола тиллоҳоро бигирифт. Бахил хабар ёфта гуфт: - оҳ, чӣ кор кунам, ки тиллоҳои боқимонда насиби Аҳмад нашаванд?

Боқимондаи тиллоҳоро дар миёни хамир карда нон пхт ва ба хонаҳои дарвешон оварда, нафақа кард. Нон ба камбағалон расид, ҳамаро ба хурдани он дарди дандон гирифт. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки мегӯянд “аз нони бахил дарди дандон хезад”. Дарвешон фатирҳоро ба Аҳмад медоданд, то дандонҳои онҳоро меканд ба ин тариқа бокимондаи тиллоҳои бахил насиби Аҳмади Ҳаддод гардиданд. Хабар ба бахил расид, бемор шуда ҳалок гардид. Ин аст сазои бахил.

Ҳасад некиҳоро мехӯрад ҳамчунон ки оташ ҳезумро мехӯрад.

Аввалин гуноҳе, ки дар замин воқеъ шуд, ҳасад буд, ки Қобил бо Ҳобил ҳасад кард ва ӯро бикушт, то бадтарин гуноҳро муртакиб гардид[1] ва аввалин гуноҳе, ки дар осмон пайдо шуд, ҳасад буд, ки Иблис ба одам ҳасад кард ва бад-он сабаб ронда шуд. Ҳасад он аст, ки агар касе **чизе** дошта бошад: моли бисёр, ё обрӯи бисёр ва монанди инҳо, шахси дигар намехохад, ки вай ҳамин чизҳоро дошта бошад.

Илоҳо, моро аз ҳасад нигоҳ дошта, тавфиқи некхоҳии мусулмононро арзонӣ дорӣ, омин.

**Фасли бисту якум дар баёни укубати каҳру ғазаб ва бисёр хӯрдан**

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: - Паҳлавонӣ ба гӯштин гирифтан нест ва марди боқувват он нест, ки касеро бияндозад, балки марди мардона касе аст, ки дар ҳоли ғазаб худро нигоҳ дорад.

Мард дар вакти ғазаб дар дасти шайтон чунон асир аст, ки хатари он бошад, ки ӯро на танҳо дар маъсияту гуноҳ, балки дар куфр андозаду вай хабар нашавад. Марде назди Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) омада гуфт: - Ё Расуллаллоҳ, маро васияте кун кореро, ки чун он кор кунам, аз оташи дӯзах халос ёбам.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд, ки дар ғазаб машав.

Он мард борҳо мегуфт: - ё Расулаллоҳ, маро васият кун, Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳамин мегуфт, ки ғазаб макун.

Дар хадис омада аст, ки ҳар касе фурӯ хӯрад хашмро ва ҳол он ки қодир бошад бар рондани он хашм Худованди таъоло дили ӯро пурамн ва имон гардонад. Ҳар кадоме аз шуморо қаҳру ғазаб ояд, худро ба паҳлу андозед, ғазаби шумо паст мешавад.

Дар бисёр хурдан даҳ офат аст: Аввал сахтдил шудан. Дувум бераҳм шудан. Сеюм кундфаҳмӣ. Чаҳорум беҳифзӣ. Панҷум коҳилӣ. Шашум беҳудагӣ. Ҳафтум гурусна шудан ба гуноҳ, яъне ба гуноҳ рағбат кардан. Ҳаштум қиёматро фаромӯш кардан. Нуҳум мӯҳтоҷ шудан. Даҳум хуриши кирмон шудан дар гӯр. Дар китоби тиб гуфта шуда аст, ки ҳама донишмандон ва табибон бар он ақидаанд, ки асли ҳамаи касалиҳову бемориҳо дар хурдани бисёр аст.

Дар ҷимоъ харис будан низ хатари бузург дорад, ки шояд ба ҳаром дар афтад ва мустаҳиқи расвоӣ ва азоб гардад дар дунё ва дар охират. Ҷимоъ кардани бисёр мағзро заиф кунад ва чашмро торик гардонад ва заъфи дил орад ва рӯйро зард ва кунад ва дигар зиёнҳои бисёр дорад.

Илоҳо, шаҳвот ва лаззати нафсоние, ки мухолифи ризои ту бошад, бар дилҳои мо сард гардон, омин.

**Фасли бисту дуюм дар баёни тавба ва надомат бар гуноҳ**

Акнун, бародар ва хоҳари азиз, бидон, ки ахлоқи наку ва корҳои савоб низ бисёр аст, ки дар иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд кардан зарур аст. Мо аз ҷумлаи онҳо даҳ номгӯяшро иншоаллоҳ, ба тариқи мухтасар баён мекунем:

Якум тавба ва надомат аст бар гуноҳ. Дувум сабр бар бало. Сеюм ризо ба қазо. Чаҳорум шукр бар неъматҳо. Панҷум эътидоли хавф ва риҷо. Шашум таваккал ба дил дар сахтӣ ва осонӣ. Ҳафтум силаи раҳм ва дӯстӣ бо ақрабо. Ҳаштум ихлос дар аъмол. Нуҳум ҳусаи хулқ бо халқ, яъне хислати нек. Даҳум хушӯъ бо Аллоҳ таъоло ва муҳаббати Худованди таъоло.

Бидон, ки тарки ҳама гуноҳон бар бандаи болиғ фариза аст. Агар бандаи мӯъмин ба ғалабаи нафсу ҳаво ба гуноҳ дарафтад, фарз бошад бар вай, ки дарҳол тавба кунад ва ба Худованд боз гардад. Ҳак таъоло дар каломи маҷиди худ ҳамаро ба тавба фармуд. Ва тавба аз ҳамаи гуноҳон мақбул аст ва тавбае бояд кард, ки ба дилу забону тан бошад. Зеро ки ибодати банда аз ин се хазина мебошад.

Тавбаи дил пушаймонӣ аст бар гуноҳи гузашта. Тавбаи забон узр хостану исхиғфору омурзиш талабидан аст. Тавбаи тан аз гуноҳ бозистодан аст.

Агар бандаи мӯъмин чунин тавба кунад, ҳамчунон аз гуноҳ пок шавад, ки гӯё гуноҳ накардааст.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки пушаймонӣ аз гуноҳ тавба аст ва тавбакунанда аз гуноҳ ҳамчун касе аст, ки ӯро гуноҳе набошад. Тавбаи насуҳ он аст, ки тавбакунанда ба сӯи гуноҳ нагардад. Ҳамчунон ки боз нагардад шир ба пистон.

Куфри садсола ва ҳазорсоларо Худованди бузург ба як калимаи тавҳид ва безор шудан аз дини ботил меомурзад.

Гуноҳи мӯъмин аз куфри кофир бадтар нест, агар ба як пушаймонӣ гуноҳи ҳамаи умри ӯро биёмурзад, аз карами Худои таъоло аҷибу ғариб набошад. Кӯшиш кун, то тавбаи ту насуҳ бошад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки дӯстдоштатарини ҳамаи бандагон дар ҳар қарн, яъне дар ҳамаи вакт ба наздики Худованди таъоло ҷавонони тавбакунандаанд.

**Ҳикоят.** Нақл аст, ки марде назди амири мӯъминин Умар разияллоху анху омаду гуфт: - Ё амир, гуноҳи бузург дорам, маро тавба бошад?

Умар (р) дурра бардошт ва дурраро меҷунбонид.

Он мард гуфт: ё амир, ман тавба мехоҳам, на дурра.

Умар гуфт: агар пеши ман иқрор шавӣ, дурра бояд бизанам, ё қамчин бизанам ва агар гуноҳат даступо буридан бошад, дасту поят бибурам, қасос карданӣ бошад, қасос кунам.

Он мард гуфт: ман ҳаргиз иқрор накунам, ки ту бо ман ин азобҳоро накунӣ. Бо Худои худ гӯям, ин чанд муддат аст, ки ман ин гуноҳонро кардаам ва ӯ маро шарманда накардаву сарзаниш накардааст.

Умар (р) ин сухан бишунид, дурраро партофт ва остин бар рӯй карду бисёр бигрист ва ин оят бихонд. Маънии оят ин аст: "Худои таъоло мағфираткунандаи гуноҳон аст аз барои шахсе, ки гӯяд, нест худое ғайри Аллоҳ таъоло ва қабулкунандаи тавбааст аз барои шахсе, ки пушаймон шавад аз гуноҳаш". .

**Ҳикоят.** Шайх Абӯтуроби Наҳшабӣ Раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: рӯзе дар кӯчае мегузаштам. Ногоҳ овози ғулғула ба гӯшам расиду дидам, ки гурӯҳе мардон ҷамъ омадаанду бо пиразане ҷанҷол доранд. Ба худ гуфтам: он ҷо биравам, шояд мазлуме бошад ӯро ёрӣ расонам.

Чун рафтам, заифае наздам омаду гуфт: - эй шайх, писаре дорам фосиқ ва умри худ дар бераҳагӣ гузаронидааст. Дирӯз мехост маҷлис орояду арақхӯранд. Дар аввали шаб Ҳак таьоло ӯро беморӣ фиристоду акнун бар бистари беморӣ афтодааст.

Хонаи мо дар ҳамсоягии масҷид аст. Ҷамоатиён овоз шунида омадаанд, ки ӯро аз маҳалла берун кунанд. Ман ба онҳо фаҳмонда истодаам, ки ин замон ӯ бемор аст, амонаш гузоранд. Шояд аз беморӣ бимираду ҳама аз вай халос шавем ва ё тавба кунаду ба салоҳ ояд. Агар намирад ё тавба накунад, он гоҳ ӯро аз шаҳр берун кунанд.

Шайх мегӯяд: дар мобайн даромадаму аз онҳо хохиш кардам, то аз он ҷанҷол бозистоданд. Он гоҳ ба хотирам расид, ки ҷавонро бояд бинаму ба тавба фармоям, шояд тавба кунад. Чун қадам дар хона ниҳодам, ҷавон маро бидид фарёду зорӣ аз ӯ баромад.

Гуфт: шукри Худованди Карим, ки дуои мани гунаҳгорро чунин зуд қабул кард.

Гуфтам: - эй ҷавон, чи дуо кардаӣ?

Гуфт: - эй шайх, ин саҳар ду дуо кардам. Яке он ки гуфтам: - Илоҳо, бомдод маро ба дидори Абӯтуроб рӯзӣ гардон.

Дуюм, он ки гуфтам: - Илоҳо, маро тавбаи насуҳ каромат фармоӣ.
Як дуоям қабул шуд. Умед дорам, ки они дигар низ қабул гардад. Эй шайх, гуноҳи бисёр дорам, маро тавба бошад?

Гуфтам: - эй ҷавон, навмед мабош, ки дарёҳои раҳмати Ҳақ таъоло мавҷ мезананд. Ҳақ таъоло қабулкунандаи тавба ва омӯрзандаи гуноҳи бандагон аст. Тавба аз ҳама гуноҳон мақбул аст.

Ҷавон дар назди ман тавба ва гиряи бисёр кард. Чун шайх бозгашт, ҷавон модари худро гуфт: - эй модар, ба ту як васият дорам ба ҷой ор.

Гуфт: - ҷони модар, чи васият дорӣ?

Гуфт: - он ки маро аз рӯи бистари нарм бар хок ба хори андозӣ, то дар назди Абӯтуроб тавба кардам, ин замон бо Худои таъоло тавба кунам, ки бемориям сахт шудааст. Ҳис мекунам, ки бемориям бемории марг аст.

Модар васияти ӯро ба ҷой оварду ӯро аз рӯи бистари хоб ба рӯи хок андохт. Ҷавон рӯй дар хок мемолиду аз ҷони пурдард менолиду мегуфт: - бор, Худоё, аз кардаҳои худ пушаймон шудаму тавба кардам. Ба ҷуз даргоҳи ту дари дигар надорам, дастгири дардмандон ва паноҳи ниёзмандон туй.. Бар мани хоксори гунаҳгор раҳмат фармой.

Ҳамчунон тазаррӯъ ва зорӣ мекард, ки ӯро аз рӯи хок ба рӯи бистар бурданд. Чун шаб даромад, ҷавон вафот кард.

Абӯтуроб мегӯяд: он шаб Расули Худо (с)-ро ба хоб дидам, ки меомад ду пир ҳамроҳи ӯ буданд ва халоиқи бисёр баробари онҳо меомаданд. Яке маро гуфт: - он ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва он пире, ки бар дасти роста ӯст, Иброҳими Халилуллоҳ аст. Ва оне, ки бар дасти чапи ӯст, Мусо алайҳи-с-салом аст ва он халоиқи бисёр ҳама пайғамбарон салавотуллоҳи алайҳим аҷмаинанд.

Ман пеш давидаму салом кардам. Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам ҷавоби саломи ман дод. Ман гуфтам: - ё Расулаллоҳ, Шумо ба шаҳри Нахшаб омадед?

Гуфтанд: - эй Абӯтуроб, он ҷавоне, ки вай рӯз бар дасти ту тавба карда буд, имшаб вафот ёфт. Ҳақ таъоло ӯро ба дараҷаи дӯстони худ расониду ӯро мақоми авлиё каромат кард. Ман ва ҷамъи пайғамбаронро ба зиёрати вай фиристод. Эй Абӯтуроб, ҷавонро ба чашми иззат нигаред ва бар ҷанозаи вай ҳозир шавед.

Шайх мегӯяд: - бедор шудам, аз он ҳол маро тааҷҷуб омад, ки аҷаб парвардигори меҳрубоне? Фосиқе, ки аз бадии фисқаш ӯро аз маҳалла берун мекарданд, ба як нолаву зорӣ ва як тавбаву пушаймонӣ ӯро бо ин қурбат расонид. Аз лутфи ӯ ҳеҷ банда навмед нашавад.

Абӯтуроб мегӯяд: - дар ин завқу ҳолат будам, ки аз хонаи дигар овози духтараки хурдсоли худро шунидам, ки мегирисг.

Гуфтам: - эй фарзанд, барон чи гиря мекунӣ?

Гуфт: - эй падар, маро дар хоб намуданд, ки дар фалон маҳалла ҷавони тавбакоре вафот кардааст, ҳар киро назар бар ҷанозаи вай афтад, ҳар ҳоҷате, ки аз Ҳақ таъоло бихоҳад, раво гардонад. Эй падар, ҳаргиз иҷозати берун рафтан нахоста будам, акнун мехоҳам иҷозат диҳӣ, то биравам ва ҷанозаи ҷавонро бубинаму аз Худованд омурзиши гуноҳи худ ва бандагони ӯро бихоҳам.

Ӯро иҷозат додам ва яқини ман зиёдат шуд. Аз хона берун омадам, то мардумонро аз ҷавон хабар диҳам. Заифаи солиҳае буд, ки муддати ҳафтод сол ба ибодати Ҳақ машғул буд. Дидам, ки меомад. Чун назари вай бар ман афтод, гуфт: - Эй Абӯтуроб, дидӣ, ки раҳмати Ҳақ таъоло чӣ корҳо кард? Ҷавони фосиқе, ки ӯро аз маҳалла берун мекарданд, имшаб вафот ёфт. Ва ӯро дар қатори авлиёҳо

даровардаанду маро дар хоб намуданд, ки ҳар кас ба ҷанозаи вай ҳозир шавад, гуноҳони ӯ омурзида мегарданд.

Яке аз муттақиёни дигарро низ мисли ин дар хоб намуданду ӯ маро хабардор кард. Мардумонро аз он ҳол огоҳ кардам. Аҳли шаҳр ба якборагӣ берун омаданд ва бар ҷанозаи ҷавон намоз хондем. Ӯро бо эъзозу икроми тамом дафн кардем, то бидонӣ, ки ба як нолаи саҳару ба як оҳи пушаймонӣ Худованд гуноҳи ҳамаи умрро омурзад.

Бар ин даргоҳ касеро ҷои навмедӣ нест. Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар дардеро давоест. Давои дарди гуноҳ тавба кардан аст. Ҳар ки рӯзе ду мартаба тавба накунад, пас ба таҳқиқ бар нафси худ зулм кардааст.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки дар Бани Исроил зане буд фоҳиша. Дар ҳусну ҷамол ҳамто надошт. Бисёр мардумон ба он зан ошиқ буданд. Зан дарвозаи худро кушода бар болои сарир нишаста мардумро ба сӯи маъшуқӣ ва дилрабоӣ даъват мекард. Ҳар касе ҳаваси дидани ӯро менамуд, даҳ динор меовард, то иҷозати даромадан меёфт. Рӯзе обиде аз дарвозаи ӯ гузашту чашмаш ба он зан афтод. Беихтиёр ошиқи ӯ гардид. Ҳарчанд ҷахд кард, ки худро аз он ҳолат берун кашад, ишқ тоқати ӯро аз дасти ӯ бурд. Ноилоҷ ҳар чизе дар бисоти худ дошт, фурӯхта, даҳ динор ҷамъ овард ва ба вакили зан супорид. Вакил вақтеро таъйин кард. Обид вақти ваъда омада ҳамроҳи он зан дар болои бистар нишаст. Ин вақт аз баракати ибодат Аллоҳ таъоло ба он шайх тавба ато карду хавфе дар дили ӯ пайдо шуд.

Ба худ гуфт: - Аллоҳ таъоло ин ҳолатро мебинаду ибодати чандин солаат ҳабата мешавад ва ранги рӯяш мутағайир гардид.

Зан гуфт: - аз чи сабаб ба ҳоли ту тағйирот пайдо шуд?

Обид гуфт: - аз Аллоҳ таъоло тарсидам. Иҷозат деҳ, ки аз хонаи ту берун шавам.

Зан гуфт: - орзӯи маро карда даҳ динор додӣ, акнун, ки ба мақсад расид, муфт аз даст медиҳӣ?

Обид гуфт: - ҳар чизе, ки ба ту додам, бахшидам. Зуд иҷозат кун биравам.

Зан гуфт: - ҳоҷате, ки аз ман тамаъ доштӣ, ба ҷо ор, баъд аз он бирав.

Обид гуфт: тарси ман аз ҳамин кор аст.

Зан ному макони ӯро пурсида, ҷавобаш дод.

Обид аз он ҷо гирякунон берун шуда ба макони худ рафт ва ҳамеша дар пушаймонӣ буд.

Гӯянд, ки баъд аз рафтани обид, тавфиқи илоҳӣ ёвари он зан гардиду ба худ гуфт: - Ин марди обид бо вуҷуди кори хилофи шаръӣ нокарданаш аз Аллоҳ таъоло тарсида, пушаймонӣ намуда, басӯзу гудоз гиря карда, берун рафт. Май чандин сол аст, ки бо ин кори номашрӯъ машғуламу ҳеҷ тарсе аз Худои таъоло надорам. Аз офаридгор шарм бояд кард.

Пас аз сидқи дил тавба карда, дарвозаи худро аз мардумон баста, либосҳои фохирaро бароварду либоси фақирӣ пушид ва ба ибодати Аллоҳ таъоло машғул гардид. Зан ният кард, ки обидро ёфта, ба никоҳи мусалмонии ӯ дарояд ва амри дину мусалмониро аз ӯ таълим гирад. То ин ки ӯро Аллоҳ таъоло биомурзад.

Бо ин ният молу амволи худро ҷамъ карда, ҳамроҳи хизматторону канизони худ ба роҳ баромад ва макони он обидро пурсида, обидро ёфт.

Обид чун аз ибодатгоҳи худ баромада занро дид, наъра зада ҷон ба ҳақ таслим намуд.

Зан аз дидани ин ҳол бисёр андӯҳгин гардида гуфт: - Аз барои дидори обид омадам, ки маро дар кори дин ёрӣ кунад. Акнун аз хешовандони ӯ касе бошад, ки ба никоҳи ӯ даромада ибодати Аллоҳ таъолоро кунам?

Мардумони он ҷо гуфтанд: - Обид бародаре дорад, ки солиҳу зоҳид аст, аммо аз моли дунё чизе надорад.

Зан гуфт: - Ман аз бойҳои ин замонам, маро мол лозим нест.

Пас зан ба никоҳи бародари обид даромада, ба ибодат машғул шуда, аз бародари обид ҳафт писар таваллуд кард, ки ҳамаи онҳо ба баракати тавбаи модар аз солиҳон гардиданд.

Гар тавбаи ту нусуҳ бошад,
З-ин тавба туро футӯҳ бошад.

* * *

Илоҳо, ҳамаи бандагони мӯъминро тавбаи насух каромат фармой ва аз шарри шайтони бадкирдору аз васвасаи нафси ғаддор дар паноҳи исмати худ нигаҳ дорӣ. Ба ҳурмати ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам, омин.

**Фасли бисту сеюм дар баёни сабр кардан бар бало [1]**

Ва дигар аз ахлоқи неку сабр кардан бар бало ва мусибат аст. Сабр аз хислатҳои пайғамбарон аст. Ҳақ таъоло ҳабиби худ Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва салламро ба , сабр фармуд.

Сабри ҳақиҳӣ се аст: сабр бар тоату сабр аз маъсияту сабр бар бало ва меҳнат. Ҳар ки сабр кунад бар мусибат, Ҳақ таъоло ӯро сесад дараҷа каромат кунад, зеро сабр калиди ҳама кушоишҳо аст.

Эй бародару хоҳари азиз, бидон ки ҳар бало ва меҳнате, ки ба банда мерасад, аз тақдири худованд аст. Чунончи Худованди бузург дар каломи маҷиди худ аз он ҳол хабар медиҳад, ки нарасад ҳеҷ мусибате аз мусибатҳо дар замин, яъне аз наборидани борон ва кам рӯидани зироатҳо ва кам гирифтани меваҳо ва на дар нафсҳо, яъне касалиҳо ва мурдани фарзандон, магар он навишта ва сабт гардонида, яъне қазо ва ҳукм кардааст онро Худованд ва сабт кардааст дар лавҳи маҳфуз, пеш аз халқи халоиқ ва пеш аз халқи он мусибат.

Ҳар ки дар мусибат доду фарёд мёкунад ё рӯйканӣ ва'мӯйканӣ мекунад, чунон аст, ки бо Ҳақ таъоло ҷанг мекунад. Доду фарёд кардан бало ва мусибатро дур намекунад, лекин музду савоби сабрро дур мекунад.

Абдуллоҳ ибни Муборак мегӯяд, ки мусибат яке аст, чун соҳиби мусибат нола ва фарёд кунад, он мусибат ду мусибат мешавад. Яке мусибат ва яке рафтани музду савоб ва ин мусибати калонтар аст аз мусибати аввал. Савоби собирон беҳисобаст, яъне ғайр аз Худованд касе музду савоби собиронро надонад.

Илоҳи ҳамаро тавфиқи сабр бар бало каромат фармоӣ ва балоҳои охири замонро аз уммати ҳабиби худ дур гардонӣ, омин.

**Фасли бисту чаҳорум дар баёни шукр кардан бар неъматхо**

Бидон ҳамчунон, ки ибодат кардани Ҳақ таъоло бар банда воҷиб аст, шукри неъматҳои ӯ низ бар бандагонаш воҷиб аст.

Шукри неъмат он аст, ки ба Худованд осӣ нашавӣ дар неъматҳои вай. Яъне неъмати Ҳақ таъолоро ба ғайри ризои вай сарф накунӣ.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: - Ҷабраил алайҳи-с-салом маро хабар дод, ки дар Бани Исроил обиде буд, панҷсад сол Худоро ибодат карда. Ӯ бар сари кӯҳе ҷой дошт, ки чаҳор тарафи он кӯҳ дарёи талх буд. Ба дуои он обид Худованди таъоло ӯро бад-он мақом расонид ва дар он баландӣ чашмаи оби ширин аз барои он биёфариду бар канори чашма дарахти анор ва он дарахт ба кудрати Илоҳӣ ҳар рӯз як дона анор мегирифт. Обид хар шабонгох об аз он чашма мегирифт ва он анорро аз шохи дарахт гирифта, рӯзаашро мекушод ва ҳар вақте ки намоз мегузорид, дуо мекард: - Бор Худоё, дар вақти мурдан ҷони маро дар саҷда бардор ва касеро фармон мадеҳ, ки маро ба хок дафн кунад, то дар қиёмат аз саҷда бархезам.

Худои азза ва ҷалла дуои вайро қабул карду ҷони вайро дар саҷда бардошт ва ӯ ҳамчунон дар саҷда аст, то қиёмат. Пас Ҷабраил алайҳи-с-салом гуфт: - Ҳақ таъоло маро доно гардонид, бо он ки ӯро дар қиёмат зинда гардонад ва фармон кунад Худои таъоло, ки бандаи ман ба биҳишт дароӣ ба фазли ман.

Обид гӯяд, ки ман ба меҳнату ибодати худам ба биҳишт медароям, на ба фазли ту.

Худованд ба малоика супориш диҳад, ки бандаи манро ҳисобот гиред. Неъматҳое, ки ман ӯро додам ва ба тоати панҷсадсолае, ки ӯро ба назди ман аст. Малоика хисоб кунад. Неъмати биноии чашм аз панҷсадсола тоати вай зиёда ояд. Фармон ояд, ки эй банда, ба оташ дароӣ.

Чун фариштагон ӯро ба сӯи дӯзах кашанд, обид фарёд барорад, ки Худоё, ба фазли худ маро ба биҳишт дохил кун.

Фармон расад, то обидро ба ҳисобгоҳ оранд.

Он гоҳ Худованди таъоло гӯяд: - Бандаи ман, туро ки офарид, баъд аз он ки мавҷуд набудӣ?

Банда гӯяд: - Бор Худоё, ту офаридӣ.

Гӯяд: - Ин офаридан аз ҷониби ту буд ё аз раҳмати ман?

Банда гӯяд: - Худоё, аз раҳмати ту.

Боз Худованд гӯяд: - Туро бурдам бар сари кӯҳи баланд, ки пайдо кард аз миёни оби талх оби хушу ширин ва ҳар шаб, ки рӯёнид аз он дарахт анори тоза, ҳол он ки дарахти анор дар як сол як бор мева медиҳад. Боз хостӣ, ки ҷони туро дар саҷда бардорам, ҳамчунон кардам, ки ту хостӣ. Ин ҳамаро ки ато кард барои ту?

Банда гӯяд: Худоё, ту ато кардӣ.

Пас Худованд гӯяд: - ба фазлу раҳмати ман ба биҳишт дароӣ.

Он гоҳ обидро ба фазли Худованд ба биҳишт дароранд.

Ҷабраил алайхи-с-салом фармуд: - Ҳамаи чизҳо ба раҳмати Худованд аст. Аз ин ҷиҳат аст, ки ҳазрати шайх Саъдӣ гуфтааст, ки дар ҳар нафасе, ки инсон мекашад, ду неъмати Худованд мавҷуд аст ва ба ҳар неъмате шукр воҷиб аст. Яъне агар инсон нафас накашад, ӯ зинда намемонад ва ё нафас кашаду нафасро берун набарорад, дар он сурат ҳам зинда намемонад.

Пас маълум шуд, ки дар омадану рафтани нафас ду неъмати бузург будааст. Боз Саъдии бузург мегӯяд, ки ба ҳар нафасе ду неъмат мавҷуд бошад ва ба ҳар неъмате шукре воҷиб бошад аз дасту забони кӣ мебарояд, ки шукри ин неъматҳои илоҳиро ба ҷо орад, ҳеҷ кас наметавонад, ки аз ӯҳдаи ин барояд.

Боз шайх Саъдӣ мегӯяд, ки барои банда ҳамон беҳ, ки аз [1] кӯтоҳӣ ва оҷизии худ узр ба даргоҳи Худо оварад. Набошад, он чунон ки ҳазрати Худованд лоиқ ва сазовори парастиш аст, ҳеҷ инсон наметавонад, ки онро ба ҷо оварад.

Илоҳӣ, мо мискинонро тавфиқи гузоридани шукр бар неъматҳои худ арзони дорӣ ва ба фазли худ моро ба биҳишти анбарсиришт дохил гардонӣ, омин.

**Фасли бисту панчум дар баёни ризо ба қазо додан**

Бидон, ки розӣ будан ба қазои Аллоҳ таъоло аз мақомоти авлиё аст ва ҳар гоҳ, ки банда аз Худованд розӣ бошад, ин аломати он бошад, ки Худованд низ аз вай розӣ бошад.

Ҳоли аҳли ризо аз ҳоли ҳамаи кас хуштар аст.

Дар китобҳои осмонӣ омадааст, ки Ҳақ таъоло фармуд: ҳар касе сабр накунад бар балои ман ва шукр накунад бар неъматҳои ман ва розӣ нашавад ба қазои ман, пас берун шавад аз рӯи замин ва таҳти осмонӣ ман ва Худои дигар талаб кунад, ғайри ман.

**Ҳикоят**. Урва бини Забирро касали гандае дар пояш пайдо шуд. Ӯро гуфтанд, ки агар иҷозат диҳӣ, поятро бибурем.

Ӯ иҷозат дод.

Гуфтанд: - Туро доруе бояд хӯрд, то беҳуш шавӣ ва аз буридани пой огоҳӣ наёбӣ.

Гуфт: - Шумо мехоҳед, ки маро аз музду савоб маҳрум гардонед? Не, ман ҳушёр меистаму сабр мекунам.

Табиб оварданду пои ӯро буриданд. Ӯ тасбеҳу тахлил мегуфт ва ҳеч оҳе аз вай барнаёмад. Фарзанде дошт, дар он ҳоле, ки пои падараш мебуриданд, бар балои бом рафта буд, то азоби падар набинад. Пояш хато хӯрду аз бом бияфтоду ҳалок шуд.

Урваро дӯсте буд, даромаду гуфт: - Аҷр диҳад, туро Худои таъоло беҳтарин аҷр.

Гуфт: Агар маро пурсиш аз барои пой мекунӣ, ба таҳқиқ ин навишта шудааст, барои ман дар азал.

Мард гуфт: Туро пурсиш аз баҳри фарзанд мекунам, ки аз бом биафтоду ҳалок шуд.

Гуфт: “мо ин ҷо барои Худоем ва мо ба сӯи Худо боз мегардем” ва мо худро супоридаем ба ҳукми Худо ва ризои  Худо ва ба қазои Худо. Имон овардан ба тақдири некӣ ва  бадӣ ҳама аз ҷониби худои таъоло аст.

Илоҳо, ба ҳурмати аҳли ризо моро бар он дор, ки ризои ту  дар он аст ва чунон дор, ки ба қазои ту розӣ бошем, омин.

**Фасли бисту шашум дар баёни эътидоли хавфу раҷо**

Бидон, ки хавфу раҷо дар роҳи ҳақ чун ду қадам аст, ки дар роҳ меравӣ. Ҳар вақт, ки як қадам биниҳӣ, агар бар он қадам боз истӣ, ҳаргиз роҳ бурида нашаваду бар ҷой бимонӣ « ва агар як қадам биниҳӣ ва қадами дигарро бардошта ба пеш гузорӣ, роҳ бурида мешаваду пеш меравӣ.

Маънии хавф аз Худованд тарсидан, маънии раҷо аз  раҳмати Худои таъоло умедвор шудан аст. Пас инсон дар роҳи ҳақ ҳамчунин бояд равад: қадаме аз хавф ва қадаме аз раҷо, то саломат ба манзил расад. Ҳар гоҳ, кӣ шайтон туро ноумед кунад қадами раҷо пеш бояд ниҳод, то ноумед нагардӣ, зеро ки ноумедӣ аз раҳмати Ҳақ таъоло куфр аст.

Дар умед низ чандон набояд рафт, ки бепарво ва эмин шавӣ, ки эмин шудан низ куфр аст. Балки нахуст, яъне аввал қадами хавф дар пеш бояд ниҳод. Чун кадами хавф дар ҷой қарор гирифт, кадами раҷо бояд гирифту дар пеши қадами хавф бояд ниҳод. Ҳамчунин мебояд рафт, то ба манзил тавонӣ расид. Аммо бандаро дар тандурустӣ ва ҷавонӣ дар мақоми хавф бояд буд, то шикастадил шаваду ҷуръату далерӣ бар маъсият нанамояд, зеро ки даргоҳи бениёзист, агар ба як нофармонӣ ва ё ба як бебокӣ биронад, наъузубиллоҳ куҷо равӣ, ки қабулат кунанд.

Модари мӯъминон Оишаи Сидиқа разияллоху анҳо мегӯяд:

-рӯзе Расули акрам (с) ба хонаи ман даромаду гуфт. - Эй Оиша, хеҷ Таъом дорӣ?

Он чи дар хона ҳозир буд, пеши вай овардам ва ман ба кори худ машғул шудам. Чун боз омадам, Расули Худоро дидам, ки  сар ба саҷда ниҳода мегуфт: Тавба кардам ба сӯи ту ва зорӣ мекард.

Гуфтам: - Ё Расулаллоҳ, ҷонам фидои ту бод, ин чи гиря ва зорӣ аст? Ту сайиди анбиё ва шафеи гунаҳгорони умматӣ.

Гуфт: - Ё Оиша, таомро дар пешам ниҳодаму гирдзону нишастам.

Ҷабраил (а) ба наздам омада гуфт: - Ё Муҳаммад, бандагон чунин нанишинанд, чунин ки ту нишастаӣ, бепарвоён нишинанд. Пас агар ман нагирям, ки гиряд ва агар ман нанолам, ки нолад? Намедонам, ки Худованд бо ман чи хоҳад кард? -

Эй бародару хоҳари азиз, бубин Довуди пайғамбар алайҳи-с-салом, ки пайғамбари мурсал буд, ба як назар, ки бе қасди ӯ бар зани бегона афтод, ӯро Худой таъоло сарзаниш кард, Ӯ чиҳил сол гиря ва зорӣ кард, то аз оби чашми ӯ гиёҳҳо баромад, пас аз он оҳҳои гарм кашид, ки аз гармии нафаси ӯ он гиёҳҳо сӯхтанд, то тавбаи вай ба назди Худованд кабул гардид.

Бубинед, ки Довуд (а) аз барои як гуноҳ чиҳил сол ин навъ гиря ва зорӣ мекард.

Эй он касе, ки чиҳил сол ба хилофи фармон Худоро меозорӣ, оё вақти он наёмадааст, ки пушаймон шавиву тавба кунӣ? То ту корҳои худро тамом кунӣ ва баъд пушаймон шавӣ ва тавба кунӣ дер шавад. Дер шуданро дар тавба кардан рох мадеҳ.

То ту зи ҳама сер шавӣ, дер шавад,

Чун дер шавад дилат зи мо сер шавад.

Он чи шунидӣ мақоми хавф буд ва банда то дар ҷавонӣ ва тандурустӣ аст, дар мақоми хавф буданаш авлотараст, ки бар нофармонии Ҳақ таъоло далерӣ нанамояд. Аммо чун пир гашт ё бемор шуд, дар мақоми раҷо будан авлотараст, то шикастадил нашаваду шайтон ӯро ноумед нагардонад, ки Худованди таъоло бисёр Карим аст.

Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) дар шаби меъроҷ аз Ҳақ таъоло талаб кард, ки бор Худоё, ҳисоби уммати ман ба дасти ман бидеҳ, то касе бар гуноҳи онҳо огоҳӣ наёбад.

Фармон омад: Эй Мухаммад, ту мехоҳӣ, дигарон бар гуноҳи умматони ту огоҳӣ наёбанд ва ман, ки Худовандам чунон мехоҳам, ки ту низ бар гуноҳи умматони худ огоҳ нашавӣ, агар ту гуноҳи онҳоро бидонӣ, аз онҳо безор шавӣ. Ҳарчанд ки ту раҳмати оламиёнӣ, аммо парвардигори оламиён манам. Агар онҳо умматони туанд, лекин бандагони мананд.

Баъд аз он ки Расул (с) аз меъроҷ боз омаданд, яке аз умматонаш вафот кард. Ҷанозаи ӯро ҳозир карданд. Расули акрам (с) савол карданд, ки қарз надорад?

Гуфтанд: - не.

Пас намози ҷанозаи ӯро хонданд.

Баъд аз он яке дигар аз умматонаш вафот кард.

Савол карданд, ки қарз надорад?

Гуфтанд: - ду дирам қарз дорад, аммо чизе дорад, ки қарзи вайро бидиҳанд.

Намози ҷанозаи вайро низ хонданд.

Баъд аз он яке аз умматони дигараш вафот ёфт.

Савол карданд, ки қарз надорад?

Гуфтанд: - Ду дирам қарз дорад ва чизе надорад, ки карзашро адо намоянд.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд, ки
намози ҷанозаи ӯро намехонам, чунки дар додани қарз сустӣ кардааст.

Шоҳи мардон Алии Муртазо Карамаллоҳу ваҷҳа гуфтанд ё Расулаллоҳ, ман қарзи ӯро ба зиммаи худ гирифтам, ки адо мекунам. Шумо намози ҷанозаи вайро хонед.

Расули акрам (с) намози ҷанозаи вайро хонданд. Он гоҳ Ҷабраил алайҳи-с-салом аз назди ҳазрати Рабул оламин даррасиду гуфт: - Эй Муҳаммад (с), Худованд ба шумо

мегӯяд: баъд аз салом, ки дар шаби меъроҷ ҳисоби уммат мехостӣ, ки ба дасти ту диҳам ва яке аз умматони туро ду дирам қарз буд бар вай намоз намегузорӣ, ҳисоби уммат чи гуна ба дасти ту диҳам? Ҳалимии мост, ки бардошти бори гуноҳи бандагон мекунад ба иззати ман, ки агар бар он бандаи мӯъмин намоз намегузоридӣ ман, ки Худовандам шашсад ҳазор фариштаи муқарабро мефиристодам, то бар вай намоз мекарданд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки фардои қиёмат чун ҳайронии халқ аз ҳад гузараду рӯи халосӣ наёбанд, фарёдкунандае аз зери арш фарёд кунад, ки эй умматони Муҳаммад (с), Ҳақ таъоло мефармояд, ки он гуноҳоне, ки миёни ману шумо буд, ҳамаро бахшидаму қалами авф баркашидам. Мемонад гунoҳ ва хусумате, ки дар байни ҳамдигари шумост, ки дар дунё якдигарро ҷабру зулм кардед ё ҳаққи ҳамдигарро хӯрдед, ё ҳамдигарро ранҷонидед. Шумо якдигарро биҳил кунед ва ҳама дар биҳишт дохил гардед. Ҳама ба якборагӣ хурӯш бароранд, ки Худовандо, якдигарро биҳил кардем ва бахшидему хушнуд гаштем. Пас фармон шавад, то дастҳои якдигар бигиранду дар биҳишт дароянд.

Умар (р) гуфт: - Агар фарёдкунандае фардои қиёмат фарёд кунад, ки ҳеҷ кас дар биҳишт намедарояд, магар як кас, гумон барам, ки он ман бошам ва агар гӯянд ҳеҷ кас дар дӯзах наравад, магар як кас гумон барам, ки он ман бошам.

Илоҳо, тамомшавии умри моро бар калимаи тавхид ба
поён расон ва ҳамаи моро аз дӯзахи сӯзон бираҳону ба биҳишти ҷовидон бирасон, омин.

**Фасли бисту хафтум дар баёни таваккал бо худо кардан**

Бидон, ки таваккал аз ҷумлаи мақомоти муқаррабон аст ва дараҷаи вай бузург аст. Худованди таъоло ҳамаро ба таваккал фармуда, онро шарти имон гардонид.

Худованди таъоло мутаваккилонро дӯст медорад ва ҳар касе, ки таваккал бар Худо кунад, Худованд ӯро басанда аст.

Вақте ки Иброҳим алайҳи-с-саломро ба оташ андохтанд, гуфт: "Ҳасбияллоҳу ва ниъмал вакил", яъне басандааст маро Аллоҳ таъоло ва нигаҳбони ҳақиқӣ ӯст.

,Дар ҳаво Ҷабраил алайҳи-с-салом ба вай расиду гуфт: -Туро ҳеҷ ҳоҷате нест?

Гуфт: - Ба ту ҳоҷате надорам.

Гуфт: - Ба касе, ки ҳоҷат дорӣ, бигӯ, то бирасонам.

Гуфт: - Худои таъоло мебинаду медонад, ба гуфтани ту ҳоҷат нест.

Чун таваккали ҳазрати Иброҳим ба Худои таъоло мустаҳкам буд, фармон расид ба оташ, ки эй оташ, хунук шав ва Иброҳимро саломат нигоҳ дор.

Оташ хунук шуду Иброҳимро саломат нигоҳ дошт, балки ба қудрати Илоҳӣ дар байни оташ гулистон пайдо шуд. Шарҳи ин ҳикоятро хоҳед, ба китоби "Қасасуланбиё" нигаред.

**Ҳикоят**. Овардаанд, ки Робиа (р) дар таваккал ба дараҷае буданд, ки гуфтанд: - Агар осмон мисин шавад, замин оҳанин гардад ва аз осмон як қатра борон наёяд ва аз замин як гиёҳ нарӯяду аз Машриқ то ба Мағриб ҳама аҳлу фарзандони ман бошанд, ба иззату ҷалоли Худои таъоло, ки ба хотирам дарнаёяд, ки ман бо инҳо чи хӯронам ва чи пӯшонам? Зеро ки Худованди Карим кафолати ризқи ҳамаро бар ӯҳдаи худ

гирифта, дар Каломи маҷиди худ фармудааст, ки "ризқи ҳамаи мавҷудот бар Худои таъоло аст".

Илоҳо, ба ҳурмати мутаваккилони худ моро таваккалу яқини содиқ дар дин каромат фармоӣ, омин.

**Фасли бисту хаштум дар баёни силаи раҳм бо ақрабо**

Расули акрам (с) фармуданд: - Ҳар касе имон дорад ба Худованд ва ба рӯзи қиёмат, пас бояд, ки силаи раҳмро нигоҳ дораду бипайвандад бо хешони худ.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дохили биҳишт намешавад касе, ки аз хешони худ бибурад.

Дар хадиси Расули акрам (с) омадааст, ки ҳар ки хоҳад умри ӯ дароз гардаду зиндагонии ӯ хуш гузарад, бигӯ, ки силаи раҳмро нигоҳ дорад, яъне хешовандонро хабар гирад.

**Ҳикоят.** Яҳё ибни Сулаймон гуфт: - Дар Макка будам. Марди Хуросонии парҳезгоре он ҷо буд. Мардумон назди вай амонатҳояшонро, яъне чизҳояшонро мегузоштанд ва ӯ чизҳои онҳоро то омадани онҳо нигоҳ медошт.

Марде ба назди вай омада даҳ ҳазор динор амонат ниҳоду бирафт. Чун он мард ба Макка бозомад, Хуросонӣ мурда буд. Аз аҳди ӯ пурсид, гуфтанд, ки намедонем, ки аз кӣ пул гирифтааст ва ба куҷо мондааст?

Аз донишмандони Макка савол карданд. Онҳо гуфтанд: -Умед дорем, ки Хуросонӣ аҳли биҳишт бошад.

Чун сеяки аз шаб ё нимаи шаб бигузарад, ба сари чоҳи замзам раву сари худро ба он чоҳ поён кун ва Хуросониро фарёд кунӯ бигӯй: амонати моро дар куҷо мондӣ? Ҳамчунин то се шаб фарёд кун.

Он мард чун се шаб Хуросониро бихонду ҷавоб наёфт, боз ба назди донишмандон омад.

Гуфтанд; - Метарсем, ки ӯ аз аҳли дӯзах набошад. Дар Яман водие аст, ки онро Барҳавон гӯянд ва дар он водӣ чоҳе аст. Саратро дар он чоҳ фӯру куну ӯро фарёд кун.

Баъд аз нимаи шаб он мард бар сари он чоҳ рафт ва ӯро фарёд кард. Хуросонӣ аз он чоҳ ҷавоб доду гуфт: - Моли ту дар фалон ҷо аст. Рафта бигир.

Он мард пурсид, ки чи чиз туро дар ин чоҳ гирифтор кард?

Овоз омад, ки маро дар Хуросон хешон буданд ва аз онҳо бибурида будам. Худованд аз ҳамин сабаб маро бад-ин чоҳ андохт.

Он мард омаду аҳли ӯро хабар дод. Он ҷо, ки гуфта буд, биканданд ва мард моли худро ёфта гирифт.

Бидонӣ, ки силаи раҳм нигоҳ надоштан сабаби гирифтории « дӯзах аст ва силаи раҳм нигоҳ доштан сабаби халосии дӯзах аст.

Илоҳо, аз ҳар коре, ки сабаби гирифтории мо бошад, моро нигоҳ дор ва он чи сабаби наҷоти мо бошад, моро кароматфармоӣ, омин.

**Фасли бисту нуҳум дар баёни ихлос**

Бо эътиқоди тамом барои ризои Худо ибодат карданро « ихлос мегӯянд. Бидон, ки бе ихлос ҳама ранҷу машаққатхое, ки дар тоат кардан мекашанд, бефоида аст, зеро халоиқро Худои таъоло ба ибодат кардани бо ихлос фармудааст.

Расули акрам (с) фармудаанд, ки ихлосро дар аъмол лозим гиред, чун ки халосии банда дар ихлос аст ва агар корҳо бо ихлос набошад, он корҳо риёианд. Риё он бошад, ки ба мардумон намояду ба он кор обрӯе аз мардумон хоҳад ва ин касро риёкор гӯянд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки фардои қиёмат бандаеро биёранду ҳамаи некиҳои вайро ҳозир кунанд бар мисли кӯҳҳои дунё, дар номаи аъмоли вай савоб бошад. Малоикаҳо гӯянд: - Илоҳо, ин банда тоати бисёр дорад, сазовори биҳишт аст.

Нидо ояд, ки эй малоикаҳо, шуморо бар ҳақиқати аъмоли вай огаҳӣ нест. Он гоҳ фармон ояд, ки эй банда, намоз хондӣ? То туро гӯянд, ки марди ибодаткор аст ва ман аз намози ту бениёзам, яъне мӯҳтоҷ ба намози ту нестам.

Закот додӣ? То гӯянд: фалон мард ҷавонмард аст ва ман мӯҳтоҷ ба моли ту нестам.

Садақа додӣ? То ки туро марди сахӣ гӯянд.

Ҳамчунин аъмоли бандаро як-як пеш меоваранд ва рад мекунанд, то дар сахифаи вай ҳеҷ тоат намонад.

Он гоҳ нидо ояд, ки, эй фариштагони ман, бандаи маро тоат буд, аммо бо тоат ихлос набуд ва тоати бе ихлос назди мо қадр надорад.

Аз ҳамин ҷиҳат Ҳазрати Имоми Аъзам раҳматуллоҳи алайҳ мегӯяд, ки риё ҳар вакте ки воқеъ шавад, дар амале аз аъмолҳои банда ба дурустие, ки риё ботил ва бекор мегардонад аҷри амалро. Чунончи дарахт мавҷуд аст, лекин хушк аст.

Яъне дар номаи аъмол менависанд, ки фалонӣ ибни фалонӣ ҳамин амалро ба ҷо овардааст, лекин савоб надорад.

Амали бесавоб дар ҳеҷ мавзеъ ба кор намеояд. Аксарияти амалҳои мардуми замони мо ҳамин тариқ риёӣ мебошанд.

Шумо бародарон ва хоҳарони азиз, саъю кӯшиш намоед, ки амалҳои худро бо ихлос ба ҷо оред ва аз риё амалҳои худро  дур доред, ки меҳнати бефоида мекунед.

**Ҳикоят**. Зунуни Мисрӣ мегӯяд, ки аломати ихлос се чиз аст. Яке он ки ба таъриф кардани мардум хурсанд нашавӣ. Дуюм он ки аз сарзаниши мардум ғам нахӯрӣ. Сеюм он ки музди тоат ба дунё нахоҳӣ, (яъне тоъату ибодатро дар дунё ба пул ё ба чизе иваз накунӣ). Илоҳо, ҳамаро дар амал ихлос  рӯзӣ гардон ва аз дӯзах наҷот деҳ.

**Фасли сиюм дар баёни хислатн нек**

Расули акрам (с) фармуданд: Битарс аз Худованди бузург ҳар ҷо ки бошӣ ва чанг ба тақво куну парҳезкориро шиъори худ соз. Зеро ки тақво ҷомеъи кулли мақомот аст. Аз паси ҳар бадӣ некӯӣ кун, то дур кунад он бадии туро, яъне аз паси гуноҳ тавба кун, то он ҳангоме ки гунохи ту омурзида шавад ва хулқи некӯ кун, бо мардумон, ки некӯӣ аз хислатҳои пайғамбарон аст.

Аз Расули акрам (с) савол карданд: - Аз хулқи некӯ, кӣ чӣ гуна аст?
Ҷавоб доданд, ки ҳусни хулқ (хислати нек) он аст, ки чизе диҳӣ касеро, ки туро чизе надода аст ва бипайвандӣ, бо он ки аз ту бибурад ва авф кунӣ аз касе, ки бар ту зулм кунад.

**Ҳикоят**. Султон Абӯязиди Бастомӣ ҳамеша дар гуристон мегашт. Як шаб Боязид ба роҳе мерафт, давоне аз маъруфони вилоят аз тарафи дигар меомад ва танбуре бар даст доштy мезад.

Боязид гуфт: "Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ".

Ҷавон танбӯр бар сари Боязид заду танбӯр бишкаст. Боязид ба хона омада яке аз муридонашро ба наздаш хонда гуфт:  Танбӯрро ба чанд маблағ мехаранд?
Қимати танбӯрро муайян кард ва маблағҳоро ба дасти шогирдаш дод ва чанд миқдор ҳалво бо он ҳамроҳ карда ба он ҷавон фиристод ва гуфт: - Ҷавонро бигӯ, ки Боязид мегӯяд: дирӯз танбур бар сари мо заду танбӯр бишкаст. Бигзор, ин маблағҳоро гирифта танбур бихарад ва ин ҳалворо бихӯрад, то ғами шикастани он аз дилаш биравад.

Ҷавон чун ин сухан бишунид, бисёр мутаъассир шуд ва ба назди Боязид омада, узрхоҳӣ намуду тавба кард. Аз воқеа огоҳ гардида, чанд ҷавони дигар низ ҳамроҳи ӯ тавба карда аз ҷумлаи солиҳон гардиданд.

Ин ҳама аз баракоги хулқи некӯ буд.

Чанд ахлоқе аз ахлоқи Расули акрам (с):

Расули акрам (с) хайвонотро алаф медоданд, хона меруфтанд, гӯсфанд меҷӯшиданд. Агар зердастони вай монда мешуданд, ба онхо ёрӣ мерасониданд, бо дарвеш ва тавонгар, хурду калон ибтидо ба салом мекарданд. Байни ғулом ва озод. сиёҳу сафед фарқ намегузоштанд, бо ҳама як буданд.

Ҳама одамони калонсолу хурдсол, бойю камбағал чун ӯро I даъват мекарданд, бетафовут ба хонаи онҳо мерафтанд. Некӯхислату каримтабъ, кушодачеҳраву нармсухан буданд. Хулоса тамоми хислатҳои некӣ дар вай мавҷуд буд.

Касе, ки некбахтӣ хоҳад, пайравии ӯро кунад. Дар кори дунё касе, ки бо вай мӯҳтоҷ мешуд, албатта, кори ӯро иҷро мекард. Ҳеҷ гоҳ касеро не нагуфта аст. Дар хар ҳам савор мешуданд ва ҳеҷ гоҳ кибру ҳавобаландӣ намекарданд.

**Ҳикоят**. Овардаанд, ки пиразане буд дар хамсоягии Расули акрам (с) ва ӯ духтаре дошт. Ӯро ба назди Расули акрам (с) фиристода гуфт: - Ба ӯ бигӯ: модарам мегӯяд, ки ҷома надорам, бароям ҷомае фиристонад, ки бо вай намоз хонам.

Расули акрам (с) чун ғайр аз ҷомаи баданаш ҷомаи дигар надошт, пас ҳамон ҷомаи худашро бароварда ба пиразан фиристод. Чун вақти намоз шуд, ба масҷид рафта натавонист ва аз ҷамоат боз монд, ёрони Пайғамбар гуфтанд: - Расули акрам (с) чандон саховат мекунад, ки худаш бараҳна мемонад ва ба намози ҷамоат омада наметавонад.

Он гоҳ Худои таъоло гуфт: Эй Муҳаммад алайхи-с-салом, бахил мабош, ки чизе ба касе надиҳӣ ва саховатро низ ба андозае макун, ки маломаткарда ва ҳасратзада нашавӣ, ба қазо шудани намози баҷамоат, яъне дар саховат миёнарав бош.

Чун ёрон намоз бигузориданд, амиралмуъминин Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу назди Расули акрам (с) омада гуфт - Ё Расулаллоҳ, ҳашт дирам қарз гирифтаам, ки дар нафақа сарф кунам, чаҳор дирамашро Шумо гиред ва ҷома барои худ, бихаред.

Расули акрам (с) ба бозор рафта ба ду дирам ҷома харид ва , ду дирами дигар дар даст дошт, ки дар нафақа сарф кунад. Дар роҳ нобиноеро дид, ки нишаста буду мегуфт: - Кист аз барои ризои Ҳақ таъоло ва бо умеди либосҳои биҳиштӣ маро ҷомае диҳад?

Расули акрам (с) он ҷомаро ба вай дод, чун аз ҷома бӯи атр ба димоғи нобино расид, донист, ки ҷомаи Расули акрам (с) аст, зеро аз ҷомаи як соат пӯшидаи Расули акрам (с) то як порае аз он боқӣ мондан бӯи атр меомад.

Нобино дуъо карда гуфт: - Илоҳӣ ба ҳурмати ин ҷома чашми маро бино гардон.

Дар ҳол ба қудрати Илоҳӣ ду чашми вай бино шуд.

Расули акрам (с) бо худ гуфт: - Ба як дирам ҷома харам, ва як дирамро бидоду ҷома харида пӯшид. Боз як дирами дигар дар даст дошт, мехост дар нафақа сарф кунад. Ногоҳ дар роҳ[1] канизакеро дид, ки мегирист. Пурсид, ки эй канизак, барои чӣ мегирйи?

Гуфт: - Ҳӯҷаини ҷуҳуд дорам, як дирам ба ман дода буд, ки ба ним дирам шиша харам ва ба ним дирами дигар равған, шиша, аз дасти ман афтода равғану шиша ҳарду бекор шуданд.

Расули акрам (с) он дирам ба вай дод, то равған ва шиша харид.

Канизак гуфт: - Чанд соат шуд, ки ман аз хона баромадаам, дер кардаам, метарсам, ки хоҷаи ҷуҳуд маро мезанад.

Расули акрам (с) гуфт: - Ман ҳамроҳи ту меравам, то ба ту зараре нарасонад. Пас ӯ ба дари хонаи чуҳуд рафта дарро бизад. Чуҳуд берун омада, Ҳазрати Мустафо (с)-ро дида, ҳайрон шуд.

Расули акрам (с) қиссаро бо вай нақл карду гуфт, ки ман барои он ба назди ту омадам, ки канизакро чизе нагӯӣ.

Ҷуҳуд дар қадами мубораки вай афтода гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ин канизакро озод кардам. Ислом арза кун, то мусулмон шавам.

Расули акрам (с) ислом арза карданд, ҷуҳуд мусулмон шуд. Пас ба хона даромада аҳлу байти худро аз он ҳол хабар дод, ҳама ба якҷоягӣ мусулмон шуданд ва ин маънӣ аз баракати хулқи некӯи Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) буд.

Пас, эй бародар ва хоҳари азиз, дар хислата некӯ пайравӣ ба Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) кунӣ.

Илоҳо, мо мискинонро пайравӣ кардан ба ахлоқи Расули акрам (с) насибу рӯзӣ гардон, омин.

**Фасли сиву якум дар баёни муҳаббати Аллох таъоло**

Бидон, ки аввал ӯ туро дӯст доштааст, ки агар ӯ туро дӯст надорад, ту кай метавонӣ, ки ӯро дӯст дорӣ.

Худои таъоло гуфтааст, ки бандан ман маро дӯст дор, ба ҳаққи ман бар ту, ки ман туро дӯст медорам, ҳар касеро, ки Худои таъоло дӯст дорад, ҳаргиз ӯро душман нагирад.

Бидон, ки муҳаббати Ҳақ таъоло бар бандан мӯъмин фариза аст ва ҳар касе Худовандро аз зану фарзанд ва молу чизи худ дӯсттар надорад, ӯ мӯъмини хақиқӣ нест. Агар дар дили худ дӯстии Ҳақ мебинӣ, бидон, ки ба микдори он, ки ту ӯро дӯст медорӣ, ӯ низ туро дӯст медорад.

Агар касе Худои таъолоро дӯст намедорад, ин аломати он аст, ки Ҳақ таъоло низ ӯро дӯст намедорад.

Бародарон ва хоҳарони азиз, суханҳо дар бораи муҳаббати Аллоҳ таъоло ва сифати ошиқони хақиқӣ бисёр аст, аммо фаҳми аксарияти мову шумо ба он намерасад, барои ҳамин мо онро ба қадри фаҳмиши омма баён кардем.

Илоҳо, ба ҳурмати оби дидаи ошиқони хақиқӣ ва ба сӯзи синаи муштоқон ва ба ранги зард ва ба оҳи сарду дили пурдарди муҳибон аз савоби онҳо ба мо низ рӯзӣ гардонӣ.

**Фасли сиву дуюм дар баёни салом додан**

Расули акрам (с) фармудаанд, ки Ассалом номе аст, аз номҳои Худои таъоло, пас парешон кунед салом доданро дар байни худҳо.

Ҳар мусулмоне ба якдигар салом диҳад ва ҷавоби салом , гуяд, фариштагон бар он бандаи мӯъмин ҳафтод мартаба салавот фиристонанд. Агар мусулмон ҳамдигарро дида салом надиҳад ва ҷавоби салом нагӯяд, фариштагон бар онҳо ҳафтод мартаба лаънат фиристонанд.

Ҳар вақте, ки ба хонаи худ дароед, бар зану фарзандони худ салом диҳед. Агар дар хона касе набошад, гӯед, ки “Ассалому алайно ва ало ибодиллоҳи-с-солиҳин”. Он гоҳ фариштагон ҷавоби саломи шуморо мегӯянд.

Гӯянд, ки мусулмононро ба салом шинохта мешавад. Агар мусулмон ба мусулмоне салом надиҳад, гӯё аз мусулмонь бащрае набурдааст.

Бояд, ки ыавоби саломро дар щол диҳанд ва агар ҷавоби саломро дар ҳол надиҳанд, гунаҳгор гарданд. Ва агар шахсе аз ҷои дигар салом фиристонад ё дар хат салом фиристонад ҷавоби ӯ низ воҷиб аст.

Пайғамбар (с) фармудаанд: ҳар касе, ки пеш аз салом додан сухан гӯяд ба сухани ӯ гӯш наандозед.

Расули акрам (с) фармудаанд, ки дар вақти салом кардани ду бародари мусулмон шайтон алайҳи лаъна гиря мекунад ва мегӯяд: вовайло, ки ин ду мӯъмин бо ҳамдигар салом доданд ва ҳанӯз онҳо аз ҳамдигар ҷудо нашуда Аллоҳ таъоло онҳоро мағфират кунад.

Маънии салом он аст, ки ман мусулмонам ва аз ман ба ту зараре намерасад. Ҷавоби салом низ ҳамин маъниро дорад.

Салом додан бар ҳама мусулмонон воҷиб аст, хоҳ ӯро бишносӣ ё на, магар бар занони бегона, ки бар онҳо салом кардан нашояд ва агар онҳо салом диҳанд, ҷавоб фарз нашавад.

**Савол**: - Ҳикмат чист, ки салом гуфтан суннат аст ва ҷавоби салом фарз.

Ҷавоб: Аллоҳ таъоло дар шаби меъроҷ бекому забон бар Расули худ салом гуфт, пас салом суннати Илоҳӣ бошад ва ҷавоби салом фарз омад, бино бар он, ки чавоби Худованд бар банда фарз бошад.

Қоидаи салом он аст, ки мебояд калонсол бар хурдсол салом диҳад ва шаҳрӣ бар деҳӣ ва уштурсавор бар аспсавор ва аспсавор бар харсавор ва харсавор бар пиёда ва истода бар нишаста ва падар бар фарзанд (писар) ва модар бар духтар. Ҳамчунин ҳар кас ба қудрат ва қимат зиёда бошад, ӯ ибтидо ба салом кунад, зеро ки Расули акрам (с) фармудаанд, ки ман ин адабро аз Парвардигор омӯхтам.

**Савол**: Чун салом суннат аст ва ҷавоби ӯ фарз барои чӣ савоби саломкунанда бисёртар аст ва ҳол он ки савоби фарз зиёдат мебошад.

**Ҷавоб**: Саломкунанда ибтидокунанда аст ба хайр, барои ҳамин савоби вай бисёртар аст. Аммо савоби салом ва ҷавоби салом он аст, ки чун ду мусулмон бар якдигар салом кунанд, сад раҳмат миёни онҳо нозил шавад. Навад раҳмат онро бошад, ки аввал салом карда буд ва даҳ раҳмат он касеро бошад, ки ҷавоби саломро гардонида бошад.

Дар ҳадис омада аст, ки чун ду мусулмон бо якдигар салом ва аҳволпурсӣ кунанд ва як бор бар ман салавот фиристанд, аз гуноҳ пок шаванд, ҳамчунон ки нав аз модар таваллуд шуда бошанд.

Илоҳо, ба ҳурмати ҳотами Набӣ (с) тавфиқи салом доданро ба ҳамаи мӯъмин ва мӯъминот, бар хурду бузург насиб ва рӯзӣ гардонӣ ва хеҷ бандаи мӯъминро аз савоби салом маҳрум магардонӣ, омин.

**Фасли сиву сеюм дар баёни дуст доштани меҳмон**

Расули акрам (с) фармудаанд, ки ҳар касе имон дорад ба Худо ва ба рӯзи қиёмат меҳмонро иззат кунад. Ва гуфтанд, ҳар ки як дирам барои меҳмон сарф кунад, савоби ҳазор дирҳами дар роҳи Аллоҳ таъоло сарф карданро дарёбад. Ва низ фармуданд: ҳар ки меҳмонро дӯст дорад ва иззат кунад, Аллоҳ таъоло ба рӯи вай дарҳои ҷаннатро кушода гардонад.

Овардаанд, ки ҳар вақте ба хонаи Ҳазрати Умар (р) меҳмон меомад, худаш бархеста хизмати меҳмонро менамуд ва мегуфт, ки ман аз Расул (с) шунидам, ки дар хонае меҳмон бошад, фариштагон дар он хона рост истода бошанд, ман шарм медорам, ки фариштагон рост истода бошанду ман нишаста бошам.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки рӯзе як маҷусӣ ба дари хонаи Иброҳим Халилуллоҳ алайҳи салоту ва салом омад, ки шаб дар он ҷо меҳмон шавад.

Иброҳим алайҳи-с-салом гуфт: ту ғабри маҷусӣ аз дин бегонаӣ, агар аз дини маҷусӣ бозгардӣ ва мусулмон шавӣ, ман туро меҳмон кунам.

Маҷусӣ ин суханро шунида аспи худро гардонида ба роҳи дигар рафт. Дарҳол ваҳйи Илоҳӣ омад, ки ё Иброҳим, агар , он маҷусиро меҳмондорӣ мекардӣ, дини маҷусии ӯ ба ту чӣ зарар дошт? Муддати ҳафтод сол аст, ки ман ӯро таъом ва шароб медиҳам ва ягон рӯз нагуфтаам, ки аз дини маҷусӣ баргард. Ҳазрати Иброҳим алайҳи-с-салом аз воҷиб Таъоло ин хитоби итобомезро шунида, аз паси он маҷусӣ давида дар роҳ ӯро ёфта, гуфт:

- Эй меҳмон, баргард, ки туро меҳмондорӣ кунам.

Маҷусӣ гуфт:

- Во аҷабо, ҳозир маро аз хона рондӣ, акнун ба назди ман аз роҳи дур пиёда омада мегӯӣ, ки баргард, ки туро меҳмондорӣ кунам. Иброҳим алайҳи-с-салом гуфтанд, ки аз барои рондани ту Аллоҳ таъоло манро сарзаниш кард, бино бар он ба талаби ту омадам.

Маҷусӣ худро аз болои асп партофта гуфт:

— Аҷаб Худои меҳрубону беҳамто, ки аз барои душмане ба дӯсти худ итоб кунад ва дарҳол калимаи “ Ашҳаду ан ло илоҳа илаллоҳ ва иннака Расул Аллоҳ”- гуфта, мусулмон шуд.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки Аллоҳ таъоло ба Мусо алайҳи-с- салом ваҳй кард, ки ё Мусо, меҳмони худро дӯст дор ва меҳмони маро иззат кун. Агар меҳмони худро иззат кунӣ, биҳишт ато кунам ва агар меҳмони маро иззат кунӣ, дидори худ ато мекунам.

Ҳазрати Мусо алайҳи-с-салом муноҷот карданд, ки Илоҳо, меҳмони ман кадом аст ва меҳмони ту кадом аст?'

Ваҳй омад, ки ё Мусо, меҳмони ту он аст, ки даъват карда биёрӣ ва аз барои он таъом муҳайё кунӣ ва меҳмони ман он аст, ки бехабар ба хонаи ту биёяду меҳмони ту шавад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки меҳмон баракат аст аз Аллоҳ таъоло ва неъмат аст аз Аллоҳ таъоло. Ҳар мусулмоне, ки меҳмонро иззат ксунад, дар

биҳишт ҳамроҳи ман бошад ва, хар ки меҳмонро дӯст надорад, аз уммати ман набошад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар ки хоҳад Худованд ва Расули акрам аз ӯ розӣ бошанд, ҳамроҳи меҳмон таъом хӯрад.

Илоҳо, дар дили ҳамаи мӯъминон муҳаббати меҳмондорӣ ато фармоӣ ва аз савоби он маҳрум магардонӣ, омин.

**Фасли сиву чорум дар баёни талаб кардани илм**

Расули акрам (с) фармуданд, ки агар бобе аз илм ёд гирӣ, беҳтар аст туро аз ҳазор ракъат намози нофила.

Боз фармуданд: ҳар касе дар назди олим ду соат нишинад ё ду масъала шунавад ё ду луқмаи таъом ҳамроҳи ӯ хӯрад ё ду қадам роҳ ҳамроҳи олим равад, Аллоҳ таъоло барои он банда ду бӯстон дар ҷаннат ато кунад.

Расули акрам (с) фармуданд: аз Ҷабраил алайҳи-с-салом пурсидам, ки олим чист?

Гуфтанд, ки олим чароғи уммати шумо аст дар дунё ва дар охират. Барои он ки ба рӯшноии илми олим ҳамчун чароғ авомуннос роҳи ҳақиқатро мeёбанд. Хушо ба ҳоли касе, ки олимро иззат кунад, вой бар он касе, ки мункири олимон бошад ва душмани онҳо гардад.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки Пайғамбар (с) ба назди масҷиде расиданд ва диданд, ки шайтон бар дари он масҷид истода аст.

Гуфтанд: - Эй иблис, бар дари ин масҷид ба чӣ кор истодаӣ?

Шайтон гуфт: - Шахсе аз авом дар ин масҷид намоз мегузорад, мехоҳам намози ӯро вайрон кунам, аммо олиме дар ин масчид дар хоб асту аз ӯ метарсам. Пайғамбар (с) гуфтанд: - Чаро аз намозгузор наметарсӣ, ки ӯ дар ибодат ва муноҷот аст ва олим дар хоби ғафлат.

Шайтон гуфт: - намози ин марди авомро фасод кунам олим аз хоб бедор шуда чизе ба ӯ омӯзад, ки аз намози фасоди худ савоби зиёдатар ёбад ва меҳнати ман барбод равад.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки рӯзи қиёмат чаҳор гурӯҳ ҳисобу азобро нодида бар дари биҳишт ҷамъ шаванд ва ҳар кадомашон барои аввал даромадан дар биҳишт мунозиат кунанд. Аллоҳ таъоло аз барои ҳукм кардан ба Ҷабраил алайҳи-с-салом амр кунад, аввал аз шаҳид пурсад, ки дар дунё чӣ кор кардӣ, ки ба даромадани биҳишт пешдастӣ мекунӣ?

Шаҳид гӯяд, ки аз барои ризои Аллоҳ таъоло дар маъракаи куфор ба шаҳодат расидам.

Ҷабраил алайхи-с-салом гӯяд: - Савоби шаҳидиро аз кӣ шунидӣ? Гӯяд: - аз олим.

Ҷабраил алайҳи-с-салом гӯяд: - эй шаҳид, адаб нигаҳ дор. Баъд аз он аз ҳоҷӣ пурсад.

Ҳоҷӣ гӯяд: - Аз барои ризои Худованд ба ғайри риё ва,
фасод ҳаҷ кардам.

Ҷабраил алайҳи-с-салом гӯяд: - Савоби ҳаҷро аз кӣ шунидӣ?

Гӯяд: аз олим.

Ҷабраил алайҳи-с-салом гӯяд: - Эй ҳоҷӣ, адаб нигаҳ дор ва пеш аз олим дохил нашав.

Баъд аз он аз сахӣ пурсад, сахӣ низ ҷавоби бо савоб гӯяд. Ҷабраил алайҳи-с-салом ӯро низ гӯяд, ки савоби саховатро аз кӣ омӯхтӣ?

Гӯяд: - Аз олим.

Ҷабраил алайҳи-с-салом гӯяд: - Ё сахӣ, адаб нигоҳ дор.

Баъд аз он аз олим пурсад.

Олим гӯяд: - Аз барои ризои Худои таъоло ба машаққатҳои зиёде илм омӯхтам ва дар ӯ амал кардам.

Ҷабраил алайҳи-с-салом гӯяд: - Эй Ризвон, дари биҳиштро кушода аввал олимро дохил кун.

Олим гӯяд: - Худовандо, он чи аз илм ба даст овардам, ба сабаби саховати сахӣ ва эҳсони сахӣ ба даст овардам.

Худованд гӯяд: - Эй олим, рост гуфтӣ. Ба Ҷабраил алайҳи-с- салом амр кунад, ки аввал сахиро дохил кун, баъд аз он дигаронро.

Расули акрам (с) фармуданд, ки шахсе як дирам ба толибилми камбағал диҳад, гӯё мисли кӯҳи Уҳуд аз тиллои сурх дар роҳи Аллоҳ таъоло хайр карда бошад, савоби онро ёбад.

Илм шарифтар василате аст барои қариб шудан ба Худованд ва илм сифати ҳақ аст. Ба василати илм ба дараҷоти олӣ тавон расид ба шарте, ки бо уламо хавфу ҳашият карин бошад, зеро ки сари ҳама илмҳо худотарсӣ асг. Ҳарчанд илм зиёд шавад, бояд, ки тарс аз Худованд бисёртар гардад. Нишонаи тарсидан он аст, ки бад-он илм амал кунад ва онро василати дараҷоти охират созад.

Бидон, ки аз арш то зери замини ҳафтум ҳеч чиз аз илм шарифтар нест. Ба далели он, ки ҳамаи пайғамбаронро, ки Ҳак таъоло ба ҳалоиқ фиристод, онҳоро илм дод, пас маълум шуд, ки агар аз илм бузургтар ва азизтар чизи дигаре мешуд, пайғамбаронро ҳамон чиз медод.

Яке аз бузургони динро савол карданд, ки агар туро андаке аз умр боқӣ монда бошад, дар чӣ чиз сарф кунӣ, ки некӯтар бошад?

Гуфт: - Дар талаби илм, аз барои он ки беҳтарини мавҷудот Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) бо вуҷуде, ки ҳамаи илмҳоро доштанд, боз дуъо мекарданд, ки, эй боро Худоё, илми маро зиёд кун.

Расули акрам (с) фармуданд, ки агар як олим ё як толибилм дар маҳаллае ё деҳае дарояд, ки аз таъоми онҳо нахӯрад ва аз оби онҳо нанӯшад, балки аз як ҷониб дарояд ва аз ҷониби дигар барояд. Худои таъоло азобро аз аҳли гӯристони онҳо бардорад, то чиҳил рӯз ва агар ӯро иззат ва меҳмондорӣ кунанд, азоб аз аҳли гӯристони онҳо то чиҳил сол бардорад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки як соате аз шаб инсон ба мутолиаи илм машғул бошад, беҳтар аст аз он ки тамоми шаб бедор бошад ва ибодат кунад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар кас мехоҳад ва дӯст медорад, ки назар ва тамошо кунад ба сӯи озодкардагони Худованд аз оташи дӯзах, пас назар кунад ба сӯи талабгори илм.

Омадааст, ки як олим сахттар аст бар шайтону лашкарҳои вай аз ҳазор обид, яъне аз роҳ задани ҳазор обиди бе илм осонтар аст бар шайтону лашкарҳои вай, то аз роҳ задани як олим.

Расули акрам (с) фармудаанд, ки талаб кардани илми тавҳид ва худопарастӣ фариза аст бар ҳамаи мардон ва занони имондор.

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун олими ҳаққонӣ ба илми худ амал кунад, миёни вай ва миёни пайғамбарон алайҳи-с-салом фарқ набошад, магар як дараҷа ва он дараҷаи пайғамбарӣ аст, пас ба таҳсили илм машғул бояд буд, то бо ин саъодат бирасӣ.

# # #

Эй толиби илм, тарки таҳсил макун
Як рӯз зи умри хеш таътил макун.
Як нуқта агар ба оламе бифрӯшанд,
Он нукта бихар ба оламу қил макун.

Эй бародар ва хохари азиз, илм омӯз, то азизи ду ҷаҳон гардӣ.
Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ, зарифи олам бошӣ.
Такрор куну, ҷаҳд куну, или омӯз,
То тоҷи сари банини одам бошӣ.

#

Коре, ки зи дӯзах бираҳонад, илм аст.
Моле, ки зи ту кас наситонад, илм аст.
Ҷуз илм талаб макун, ки дар дунёву дин,
Роҳе, ки ба мақсуд расонад илм аст.

Илоҳо, ҳамаи моро илми нофиъ кароимат фармоӣ ва аз илми лоянфаъ нигоҳ дорӣ, омин.

## Фасли сиву панҷум дар баёни тиловат кардани Қуръон

Расули акрам (с) фармуданд: - Ҳар ки дар намоз аз сурахои Қуръон бо талаффузи тамом хонад, Аллоҳ таъоло ба ҳар ҳарфи он ба ӯ сад савоб ато кунад. Ва ҳар ки берун аз намоз бо таҳорат тиловати Қуръон кунад, ба ҳар ҳарфи он понздаҳ , савоб ёбад.

Беҳтарин ибодат тиловат кардани Қуръон аст.

Ривоят мекунад Абдуллоҳ бинни Умар (р): калимаи "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ" бисту чаҳор ҳарф аст, як шабу рӯз низ бисту чаҳор соат аст. Ҳар гоҳе ки бандаи мӯъмин бо ихлоси тамом калимаи тайибаро ба забон ронад, Аллоҳ таъоло гӯяд, ки эй банда, ба ҳурмати "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ" дар ин бисту чаҳор соати шабу рӯз аз гуноҳони хурду калон, хоҳ ошкору хоҳ пинҳон, хоҳ қасдан ва хоҳ саҳван карда бошӣ, авфат кардам ва мағфиратат намудам.

Расули акрам (с) фармуданд: - Ҳар ки баъд аз намози бомдод даҳ мартаба сураи ихлос бихонад, дар он рӯз ҳеҷ гуноҳи вайро нанависанд. Агар ҳар рӯзе як бор сураи ихлосро тарк нокарда бихонад, савоби сад шаҳидро дар девони аъмоли ' ӯ сабт гардонад. Ба дурустие, ки сураи ихлос хонандаашро аз сахтиҳои дунё ва охират ва аз талхии ҷонкандан ва аз торикии қабр ва аз ҳавли қиёмат халос мегардонад.

Расули акрам (с) дар вақти хоб рафтан сураи ихлос ва сураи "Қул аъузу бираббиннос" ва "Қул аъузу бираббилфалақ"-ро хонда ба кафи дасти худ дам андохта, ба бадани мубораки худ молида хоб мекарданд. Он ҳазрат, агар касалманде ва ё дардманде ба наздаш меомад, ба он низ инчунин мефармуданд.
Ҳар ки ҳама вакт сураи ихлосро бихонад, аз бадиҳои дунё ва охират халос ёбад.
Ҳар ки сураи ихлосро ба касалӣ бихонад ба фармони Аллоҳ таъоло шифо ёбад (сураи ихлос «Қул ҳувал-лоҳу аҳад»-ро гӯянд). Эҳтиром намудан Қуръони Карим аз заруриёти ислом аст. Дар вақти тиловати Қуръон ӯро аз зонувон боло гузошта хонда мешавад ва Қуръони Карим шифо аст барои дардҳо.

**Фасли сиву шашум дар баёни салавот гуфтан ба Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам**

-Расули акрам (с) фармуданд, ки шаби меъроҷ Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил ва Азроил алайҳиму-с-салом дар назди ман омаданд. Чабраил алайҳи-с-салом гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ҳар касе аз уммати ту даҳ мартаба салавот бар ту фиристад, ман аз дасташ гирифта, ӯро аз сирот гузаронам.

Микоил гуфт: - Ё Расулаллоҳ, гӯяндаи он салавотро ман аз ҳавзи Кавсар сероб гардонам.

Исрофил алайҳи-с-салом гуфт: - Ё Расулаллоҳ ман аз барои гӯяндаи он салавот сар ба саҷда ниҳам, омурзиш хоҳам, то Аллоҳ таъоло мағфират накунад, сар аз саҷда набардорам.

Азроил алайҳи-с-салом гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ман рӯҳи гӯяндаи салавотро мисли арвоҳи Анбиё алайҳи-с-салом мегирам.

Фармуданд Расули акрам (с): - Беҳтарини мардумон дар назди ман он кас аст, ки салавоти бисёр гӯяд бар ман.

Ривоят мекунад Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу ба дурустӣ, ки салавот фиристодан бар Пайғамбар (с) гуноҳро чунон нобуд гардонад, ки об оташро нобуд гардонад ва салавот фиристодан бар Пайғамбар (с) беҳтар аст аз озод кардани банда.

Расули акрам (с) фармуданд, ки се гурӯҳ рӯи маро набинанд: аввал оқи падар, дуюм ҳар ки сунати маро тарк кунад, сеюм ҳар ки номи маро шунида бар ман салавот нафиристонад. Мавлуди Пайғамбар (с)-ро ҷашн гирифтан хуб аст.
Илоҳо, тавфиқи салавот гуфтанро барои ҳамаи мо насибу рӯзӣ гардонӣ, омин.

**Фасли сиву ҳафтум дар баёни шикастанафси ва бе кибр будан**

Пайғамбар (с) фармуданд: - Дар дили ҳар касе заррае аз кибр бошад, дар биҳишт дохил намешавад.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки нишонаи бандаи мутавозеъ ин аст: - Пасмондаи биродари мӯъминро хурдан, дар болои хок саҷда кардан ва ба мӯзаву ҷома поргӣ андохтан ва либосро шуста пӯшидан, бо камбағалон нишастан ва бо аҳлу аёли худ' таъом хӯрдан ва бо биродари мӯъмин ибтидо ба салом кардан, дар ҷамъомадҳо дар ҳар маконе, ки ҷо ёбад, нишастан ва монанди инҳо шикастанафсӣ аст, дур аз кибр. Аллоҳ таъоло ба ин гуна банда ҳафтод савоб ато карда, ҳафтод гуноҳ аз номаи аъмоли ӯ нобуд гардонад ва дараҷаи ӯро баланд гардонад.

Овардаанд, ки амирулмӯъминин Умар бинни Хатоб разияллоҳу анху дар вақти подшоҳ буданаш ба сӯи вилояти Шом сафар кард. Дар байни ғулом ва он бузургвор як уштур буд, ки ҳар кадом ба навбат савор мешуданд ва они дигар лаҷоми уштурро мекашид.

Гӯянд, ки дар вақти даромадани вилояти Шом навбати савории ғулом буд, ки Амирулмӯъминин лаҷоми уштурро гирифта назди дарвозаи шаҳр расид. Абу Абидаи Ҷароҳ (р) дар он замон ҳокими Вилояти Шом буд, ба пешвози ӯ баромада дид, ки Умар разияллоҳу анҳу пиёда, лаҷоми уштурро ба даст гирифта меояд.
Пештар омада гуфт: - Ё Амирулмӯъминин, ҳамаи калонони Вилояти Шом ба пешвози шумо омада истодаанд. Бо ин ҳол шуморо бинанд хуб нест, бояд, ки шумо ба уштур савор шаведу ғулом лаҷоми уштурро кашад.

Амирулмӯъминин Умар гуфт: - Ё Або Убайда, Аллоҳ таъоло маро иззат додааст дар ислом ва аз иззат доштан ва надоштани мардум боке надорам.
Пас бо ҳамон ҳол дохили Вилояти Шом шуданд.

Илоҳо, ба фазлу карами худ ҳамаи бандагони мӯъмин ва мӯъминотро мутавозеъ гардонида, аз кибру ҳаво, ки хислати шайтон аст, нигоҳ дорӣ, омин.

**Фасли сиву хаштум дар баёни садақа додан**

Расули акрам (с) фармудаанд, ки Аллоҳ таъоло заминро бар болои об халқ кард. Замин ба ҳаракат даромад, карор нагирифт. Аллоҳ таъоло кӯҳҳоро бар болои замин офарид, замин аз харакат бозистод. Фариштагон дар тааҷҷуб шуда муноҷот карданд, ки Илоҳо, аз кӯх бақуваттар чизе халқ карда бошӣ?

Аллоҳ таъоло гуфт: аз кӯҳ боқуваттар оҳан бошад.

Фариштагон гуфтанд: Илохо, аз оҳан бақуваттар чист?

Нидо омад, ки аз оҳан бақуваттар оташ бошад.

Фариштагон гуфтанд: Илоҳо, аз оташ бақуваттар чист? Нидо омад, ки аз оташ бақуваттар об аст, фариштагон гуфтанд: Илохо, аз об бақуваттар чист?

Нидо омад, ки аз об бақуваттар бод бошад.

Фариштагон гуфтанд: Илоҳо, аз бод бақуваттар чист?
Нидо омад, ки аз бод бақуваттар садақаи фарзандони одам аст, ки садақаро ба дасти рост диҳанд, дасти чапи онҳо хабардор нашавад.

Аз ҳамаи чизе, ки зикр кардем, садақа боқуват аст. Аз ин ҷиҳат бузургон дар садақа додан панҷ чизро ихтиёр кардаанд:

Аввал, садақаро пинҳонӣ медоданд ва баъзе ба дарвешони кур медоданд, то ки соҳиби садақаро нашиносанд. Баъзан дар вақти хоб будани дарвешон ба ҷогаҳи онҳо меандохтанд. Баъзеҳо дар роҳи фақирон меандохтанд.

Дувум, садақаро ба миннат надиҳад ва аз изо додан эҳтиёт кунад.

Сеюм, садақаро аз моли ҳалол диҳад, кӣ Худой таъоло ва Расул (с) гуфтанд. ки садақаро аз моли ҳалол диҳед.

Сафиёни Саврӣ раҳматуллоҳу алайҳи гуфта аст, ки ҳар ки аз моли ҳаром садақа кунад, мисли касе мебошад. ки либоси нопоки худро ҳамроҳи пешоб пок мекунад.

Мегӯянд, ки чизи нопокро ғайр аз об дигар чиз пок намекунад, аммо гуноҳро ғайр аз садақаи ҳалол, дигар чиз пок намегардонад.

Чаҳорум, ҳар чизе, ки садақа диҳад, ба кушодарӯй ва хурсандӣ диҳад.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки як дирҳами ҳалол бакушодарӯӣ садақа додан, беҳтар аст аз ҳазор дирҳам, ки ба туршрӯӣ диҳад.

Панҷум, агар аз моли ҳалоли худ ба олими муттақӣ садақа  диҳад, гуё ба тоати Аллоҳ таъоло ба ӯ ёрӣ карда бошад.

Гӯянд, ки садақа агарчи як луқма нон бошад, Аллоҳ таъоло амр кунад ба дохил шудани садақадиҳанда ба биҳишт.

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар кӣ садақа диҳад. Аллоҳ таъоло ҳафтод балоро аз он банда дур гардонад ва дар охират садақаи он ҳиҷоб, яъне парда гардад аз оташи дӯзах.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дар садақа додан панҷ фазилат бошад:

Аввал, Аллоҳ таъоло ба моли он баракат ато кунад.

Дувум, касалӣ дошта бошад, Аллоҳ таъоло шифояш бахшад.

Сеюм, барои радди балое садақа карда бошад, Аллоҳ таъоло ба сабаби садақа додан он балоро аз вай дур гардонад.

Чаҳорум, аз Пули Сирот мисли барқ бигзаронад.

Панчум, беҳисоб ва бе азоб садақадиҳандаро дохили ҷаннат гардонад.

Акнун бародар ва хоҳари азиз, савобу самараи садақа аз ин ҳам бисёртар аст, мо ин ҷо кӯтоҳ овардем. Муҳимаш шумо як чизро фаромӯш накунед, ки садақа пинҳонӣ бошад, ҳамчунон ки дар аввал қайд карда гузаштем. Агар садақа аз моли ҳалол бошад ва бе риё бошад, ӯро ошкоро бидиҳад ҳам ҷоиз аст, то ки дигарҳо дида онҳо низ садақа диҳанд.

Садақаҳое, ки дар ин замони мо мекунанд, аксарияташ мувофиқи гуфтаҳои китоб ва шариат нест. Чунончи, чанд гову гусфанд мекушанд ва чанд рӯз нон тайёр мекунанд.

Дар вақти нон пухтан шумо андеша кунед, ки ҳамаи он занҳое, ки нон мепазанд, намозро намехонанд, ки намоз хондан фарз аст ва ё мардҳое, ки дар ин садақа хизмат мекунанд, онҳо низ намоз намехонанд. Ба хотири амри мустаҳаб фарзро тарк мекунанд ва парвое надоранд ва гузашта аз ин фарқ намекунанд, ки ин гов ё ин гӯсфанд ҳаққи кӣ бошад, ҳаққи ятим аст ё аз куҷо омадааст? Ё ин ки дар садақаашон одамҳои ба қавли худашон одамшавандаро даъват мекунанд.

Шахсони дарвешу мӯҳтоҷро даъват намекунанд. Ҳол он ки садақа ҳаққи онҳост, ҳатто фарзандони худашонро намедиҳанд.

Пайғамбар (с) гуфтааст. ки беҳтарин садақа он аст, ки ба фарзандони худ садақа кунад. Бигузор садақа андак бошад, лекин аз моли ҳалол бошад ва дар ҷои худаш сарф шавад.

Илоҳо, ҳамаи бандан мӯъминро тавфиқи садақа додан ато фармоӣ, омин.

**Фасли сиву нуҳум дар баёни некбахт ва бадбахт**

Овардаанд, ки ёздаҳ хислат бар ҳар кӣ бошад, нишонаи некбахтии ӯст:

Аввал, кори дунёро саҳл гирифта ба кори охират кӯшиш дошта бошад.

Дувум, ҳиммати худро ба ибодат ва тиловати Куръон сарф кунад.

Сеюм, суханро ба қадри зарурат гӯяд.

Чаҳорум, панҷ вақт намозро дар вақти худ адо кунад.

Панҷум, худро аз ҳаром ва шубҳа нигоҳ дорад.

Шашум, ҳамеша бо мардони олим ва солеҳ сӯҳбат намояд.

Ҳафтум, мутавозиъ бошад ва кибр накунад.

Ҳаштум, сахӣ ва карим бошад.

Нуҳум, раҳмдил бошад, ба халқи худо.

Даҳум, манфиатрасон бошад ба халқ.

Ёздаҳум, зикри маргро бисёр кунад.

Овардаанд, ки аломати шақоват (бадбахтӣ) низ ёздаҳ аст:

Аввал, ба ҷамъ кардани мол ҳарис бошад.

Дувум, дар зиннат ва лаззати дунё машғул гардад.

Сеюм, сухани беҳуда бисёр гӯяд ва ғайбати бародари мусулмонро кунад.

Чаҳорум, дар намозҳои панҷвакта сустӣ ва коҳилӣ намояд.

Панҷум, ба сӯҳбати бадон бисёртар рағбат кунад.

Шашум, бандагони Худоро зарар расонад.

Ҳафтум, мутакаббир ва саркаш, яъне нофармон бошад.

Ҳашгум, шахсе ба бандаи мӯъмин ёрӣ расонад, ӯ манъ кунад.

Нуҳум, бар мусулмонон раҳм накунад.

Даҳум, бахил бошад.

Ёздаҳум, маргро фаромӯш карда бошад.

Расули акрам (с) фармудаанд, ки рӯзи қиёмат ҳамаи кӯдакони ба балоғат норасидаи мусулмонон, ки аз дунё гузаштаанд, дар маҳшар ҷамъ гарданд. Аллоҳ таъоло амр кунад, ки, эй Ҷабраил, атфоли муслиминро дохили ҷаннат гардон.
Ҷабраил алайҳиссалом бо амри Аллоҳ таъоло ҳамаи тифлаконро бар дари биҳишт оварда гӯяд, ки дароед дар биҳишт.

Тифлон гӯянд, ки падару модари моён куҷост?
Фариштагон гӯянд, ки падару модари шумоён ба роҳи нафсу шайтон рафта ибодати Парвардигори худро накарда, амри ӯро ба ҷо наоварда, гирифтори дӯзах шудаанд.

Тифлон ин суханро шунида фарёд ва гиря карда, гӯянд, ки аз моён муносиб нест, ки бе падару модари худ дохили биҳишт гардем. Аз Аллоҳ таъоло умед мекунем, ки гуноҳи падару модари моёнро бахшида, ҳамроҳи моён дохили ҷаннат

гардонад. Ва агар падару модари моро набахшад, мо бо ҳамроҳии падару модари худ ба дӯзах меравем.

Аз Аллоҳ таъоло нидо ояд, ки, эй Ҷабраил, ба дӯзах рафта падару модари тифлонро оварда, ба тифлон супор, ки ба шафоати тифлон гуноҳи онҳоро афв ва мағфират кардам.

Кӯдакон ин суханро шунида хурсандона аз дасти падару модар дошта, дохили биҳишт гарданд ва падару модари худро аз Ҳавзи Кавсар сероб гардонанд.

Илоҳо, ҳамаи бандаи мӯъмин ва мӯъминотро аз саъодати дунё ва охират насибу рӯзӣ гардонида, аз шақовати ҳар ду ҷаҳон дар ҳифзу амони худ нигоҳ дорӣ, омин.

**Фасли чиҳилум дар баёни фазилати курбонӣ кардан**

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар ки қурбонӣ кунад, шаҳодат медиҳам, ки аз хуни курбонӣ қатраи аввал дар замин чакад, Аллоҳ таъоло гуноҳони гузаштаи ӯро мағфират кунад.

Ҳазрати Довуд алайҳиссалом гуфт: - Илоҳо, ба курбонӣ кардани умматони Муҳаммад алайҳиссалом чӣ ато мекунӣ?

Аллоҳ таъоло хитоб кунад, ё Довуд, ҳар ки аз умматони Муҳаммад алайҳиссалом курбонӣ кунад, ба ҳар мӯе, ки дар бадани он курбонӣ бошад, ба ӯ даҳ некӣ ато карда, даҳ гуноҳи ӯро нест гардонам ва барои ӯ дар биҳишт қасрҳо ато кунам ва Ҳурулийнро насиби ӯ гардонам.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар киро қудрати курбонӣ кардан бошаду курбонӣ накунад, баъд аз мурдан дар қатори яҳудон ё дар қатори насронӣ бошад.
Курбониро бояд, ки баъд аз намози ид бикушанд. Беҳтар он аст, ки қурбониро шахси қурбоникунанда худаш бикӯшад.
Агар натавонад, ба дигаре амр кунад, аммо мустаҳаб он аст, ки дар болои куштан ҳозир бошад. Рӯи қурбониро бояд сӯи, кибла гардонад.

Илоҳо, ҳамаи мӯъминонро тавфики қурбонӣ кардан арзонӣ дошта, қурбонии бандагони заифу оҷизро ба даргоҳи худ қабул фармоӣ, омин.

**Фасли чиҳилу якум дар баёни намози ҷамоат ва намози ҷумъа**

Расули акрам (с) фармуданд, ҳар касе панҷ вақт намозро дар масҷид дар ақиби имом бо ҳамроҳии ҷамоат адо кунад, Аллоҳ таъоло ба он банда панҷ чиз ато кунад:

Аввал, камбағалиро аз ӯ дур гардонад.

Дувум, ӯро аз азоби қабр халос гардонад.

Сеюм, номаи аъмоли ӯро ба дасти рости ӯ бидиҳад.

Чаҳорум, аз Сирот мисли барқ бигузаронад.

Панчум, ба биҳишти анбарсиришт бе ҳисоб дохил гардонад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки як намози боҷамоат хондан беҳтар аст аз чиҳилсола намози танҳо гузоридан дар хона. Ба дурустие, ки намози ҷамоат хондан бисту ҳафт дараҷа аз намози танҳогузор бартарӣ дорад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки намозро боҷамоат гузоред, ки намози боҷамоат ризои Аллоҳ таъоло ва суннати' пайғамбарон ва дӯст доштани

фариштагон ва асли имон ва нури маърифат ва иҷобати дуъо ва қабули аъмол ва баракати молу салох бар душман ва чароғи кабру кароҳати шайтон ва шафеъи Расул (с) аст.

Овардаанд, ки Расули акрам (с) дар масҷиди Мадина бо ҳамроҳи асҳоб нишаста буданд, як ҷавоне гиря карда ба масҷид даромад. Пайғамбар (с) пурсид, эй ҷавон, барои чӣ гиря мекунӣ? Он чавон гуфт: - Ё Расулаллоҳ, падарам вафот кард аз барои кафану шустани ӯ зарур монда ба назди Шумо омадам.

Ҳазрати Расул (с), ҳазрати Абубакр ва ҳазрати Умар (р) - ро фармуданд, ки ҳамроҳи ҷавон рафта, падари ӯро кафан карда дафн кунанд.

Он ду ёри кknown ҳамрохи он ҷавон рафта диданд, ки майит ба шакли хук хоб карда аст. Дар ҳол баргашта омада сурати ҳодисаро ба Расул (с) хабар карданд.

Он раҳматхоҳи оламиён ҳамроҳи асҳоб рафта диданд, ки мурда мисли хук гаштааст. Аз ҷавон пурсиданд, ки падарат дар дунё чӣ амал дошт?

Ҷавон гуфт: - Падарам бенамоз буд.

Пайғамбар (с) гуфтанд: Эй мардум, назар кунед, ки бенамозро Аллоҳ таъоло рӯзи қиёмат мисли хук маҳшур гардонад, наъузу биллоҳ.

Овардаанд, ки Майсара (р) аз гӯристоне гузашта гуфт: - Ассалому алайкум ё ахли қубур.

Аз қабре овоз омад, ки ҳуш бод ба ту, эй ахли дунё, ки ҳар моҳ чаҳор бор ҳаҷ мегузорӣ.

Майсара пурсид: - Он кадом ҳаҷ аст?

Овоз омад, ки он намози ҷумъа аст.

Бидон, ки намози ҷумъа ҳаҷҷи мақбул аст.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки маҷусие буд, ки солҳои дароз оташпарастӣ менамуд. Рӯзе дасти худро дар оташ дароз карду дасташ сӯхт. Тавфиқи Илоҳӣ ёварӣ карду ба худ андешиду гуфт. -Умрест, ки ман оташ мепарастам, боз дасти маро мисли дигар мардумон месӯзад. Ба Худои оламиён имон орам, шояд, ки аз оташи дӯзах халосӣ бахшад. - Ин гуфта, бо ҳамроҳи аҳлу аёли худ дар хонакоҳи Молики Динор рахматуллоҳу алайҳи омада имон овард.

Молики Динор бо ҳамроҳи муридони худ хурсанд шуда, номи ӯро Абдуллоҳ ниҳоданд. Молики Динор хост, ки аз муридонаш чизе ҷамъ карда ба он навмусулмон диҳад.

Абдуллоҳ гуфт: - Ё Шайх, агар чӣ чизе надорам, аммо дини мусулмониро ба дунё иваз накунам, ба карами Аллоҳ таъоло умед дорам, ки маро зоеъ нагардонад, ин бигуфт ва ба хона рафта ба ибодат машғул шуд.

Зани ӯ гуфт: - Эй мард, фарзандонат гуруснаанд, ба бозор рафта касбе намуда чизе биёр.

Абдуллоҳ ба бозор рафт. Ҳеҷ кас ӯро ба кори муздурӣ даъват накард. Ба худ гуфт: - Ҳеҷ чизе наёфтам, ба масҷид рафта кори Худоро кунам.

Пас ба масҷид рафта, то шом ибодат карда шаб дасти холӣ ба хона омад.

Занаш гуфт: - Ҳеҷ чиз овардӣ?

Абдуллоҳ гуфт: - Имрӯз ба касе хизмат кардам, ки музди ӯро пагоҳ доданӣ шуд, - ин гуфта шаб гурусна хоб карданд.

Боз пагоҳ ба бозор рафт, боз касе ӯро кор нафармуд, то шаб ба масҷид даромада ибодат карда, дасти холӣ ба хона омад ва ба зан гуфт: - Соҳиби кор мегӯяд, ки пагоҳ низ омада хизмати хуб кунӣ, музди кори туро медиҳам.

Он шаб ҳам гурусна хоб карданд. Рӯзи дигар чумъа буд, ба бозор рафт, боз коре наёфта ба масҷид баргашт ва намози ҷумъаро хонда даст ба дуъо бардошта гуфт: - Худоё, ба ҳурмати дини мусулмонӣ ва ба ҳурмати рӯзи ҷумъа нафақаи аёли маро аз ғайб бирасон ва маро дар назди зан шарманда магардон.

Гӯянд, ки дар он вақт баъд аз намози ҷумъа шахсе дарвозаи ӯро зад, зани Абдуллоҳ берун баромада дид, ки шахси нуронӣ бар дар истода, табақе пур аз тиллои сурх ба дасти он заифа дода гуфт: - Ба шавҳари худ бигу, ки имрӯз хизмати хуб кардӣ, аҷри онро бигир.

Зан он табақро боз карда дид, ки ҳазор тилло дар табақ буд. Шукрона карда, бо хурсандӣ як тиллоро гирифта ба назди саррофи маҷусӣ рафта гуфт: - Ин тиллоро бо дирҳам иваз кун.

Сарроф пурсид: Ин тиллоро аз куҷо ёфтӣ, ки вазни он баробар ба ду тиллои ин вақтааст?

Зан қиссаро баён кард. Маҷусӣ дарҳол имон оварда мусулмон шуд.

Зан аз бозор таъом оварда мунтазири шавҳар буд, ки шавҳараш дасти холӣ ба хона омад ва бӯи таъомро эхсос карда аз зан аз куҷо будани таъомро пурсид.

Зан он қиссаро ба тамом гуфт: - Абдуллоҳ саҷдаи шукр карда, ба ибодати Аллоҳ таъоло машғул гардид.

Расули акрам (с) фармуданд, ки Ҷабраил (а) як оинаи сафедро ба ман оварда гуфт: Ё Расулаллох, ин оина рӯзи ҷумъа аст, ки Аллоҳ таъоло ба ту ато кард, баъд аз ту он рӯз иди умматони ту бошад. Дар мобайни он оина нуқтае буд. Аз Ҷабраил (а) пурсидам, ки ин чист?

Гуфт: ин нуқта соате аст аз бисту чаҳор соати шабу рӯзи явми чумъа, ки он соат вакти иҷобати дуъо аст. Рӯзи чумъа сайиди рӯзҳост.

**Фасли чилу дуюм дар баёни фазилати шаш рӯзи аввали моҳи шаввол**

Расули акрам (с) фармуданд, ки касе баъд аз рӯзаи моҳи Рамазон шаш рӯзи аввали шаввол бевосита рӯза дорад, гӯё як соли мутассил рӯза дошта бошад. Як сол сесаду шаст рӯз бошад.

Касе си рӯзи моҳи Рамазон рӯза дошта бошад, гӯё сесад рӯз савоби рӯза доштанро ёфта бошад. Шаш рӯз аз мохи шаввол рӯза дошта бошад, шаст рӯз савоби рӯза доштанро ёбад. Аз рӯи ояи карима савоби яксола рӯзаро дар девони аъмоли ӯ нависанд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар ки баъд аз тамом доштани рӯзаи моҳи Рамазон шаш рӯз пай дар пай аз мохи Шаввол рӯза дорад, аз гуноҳ чунон пок гардад, ки гӯё аз модар нав таваллуд ёфта бошад.

Овардаанд, ки ҳар ки дар ашараи зулҳиҷҷа рӯза дорад, Аллоҳ таъоло даҳ чизро ба он банда ато кунад:

Аввал, дар умри ӯ баракат ато кунад.

Дувум, моли ӯро зиёда кунад.

Сеюм, аҳлу аёли ӯро аз офот ва балиёт нигоҳ дорад.

Чаҳорум, он рӯзаро кафорати гуноҳони ӯ гардонад.

Панҷум, ҳасаноти ӯро музоаф гардонад.

Шашум, сакароти мавти ӯро осон кунад.

Ҳафтум, қабри ӯро равшан гардонад.

Ҳаштум, дар мизон ҳасаноти ӯро зиёда гардонад.

Нухум, аз оташи дӯзах халосӣ бахшад.

Дахум, дараҷаи ӯро дар биҳишт баланд гардонад.

Ашараи зулҳиҷҷа даҳ рӯзи пеш аз иди қурбонро гӯянд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки Аллоҳ таъоло тавбаи Одам (а)-ро дар рӯзи аввали зулҳиҷҷа қабул кард.

Ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло ҷамиъи гуноҳони ӯро мағфират кунад. Рӯзи дувуми зулҳиҷҷа Аллоҳ таъоло дуъои Юнус (а)-ро қабул карда, аз шиками моҳӣ ӯро халосӣ бахшид. Ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло [1] яксола ибодат дар номаи аъмоли он банда мактуб гардонад, ки дар он ибодат ҳеҷ гунохе набошад. Сеюми зулҳиҷҷа Аллоҳ[1] таъоло дуъои Закариё (а)-ро мустаҷоб карда, Яҳё (а)-ро ато кард. Ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад Аллоҳ таъоло дуъои он[1] бандаро қабул гардонад. Чаҳоруми зулҳиҷҷа Исо (а) таваллуд ёфта буд, ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло камбағалиро аз он банда дур гардонад. Панҷуми зулҳиҷҷа Мӯсо (а) таваллуд ёфта буд; ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад Аллоҳ таъоло ӯро аз бадбахтӣ нигоҳ дошта, аз азоби қабр нигоҳ дорад. Шашуми зулҳиҷҷа Аллоҳ таъоло Хайбарро бар дасти ман фатҳ гардонид, Хайбар номи як мавзеъест, ки Расули акрам (с) дар ҷанг ӯро шикаста гирифта буд. Ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад Аллоҳ таъоло ба назари раҳмат бар он банда назар кунад, баъд аз он ӯро азоб накунад. Ҳафтуми зулҳиҷҷа дарҳои дӯзахро банданд, то гузаштани ашараи зулҳиҷҷа кушода нашаванд. Ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло сӣ дар аз дарҳои сахтиро бар вай бандад ва сӣ дар аз дарҳои осониро бар вай кушода гардонад. Ҳаштуми зулҳиҷҷа явми тарвия аст; ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло аҷре ба он банда ато кунад, ки ғайр аз Аллоҳ таъоло касе ҳисоби ӯро надонад. Нуҳуми зулҳиҷҷа рӯзи арафа бошад; ҳар ки дар он рӯз рӯза дорад, Аллоҳ таъоло гуноҳи яксола гузашта ва яксола ояндаи ӯро авф гардонад. Даҳуми зулҳичча явми узҳияаст; ҳар ки дар он рӯз курбонӣ кунад, ба ҳар катраи хуни қурбонии он Аллоҳ таъоло гуноҳи ӯ ва гуноҳи аҳлу аёли ӯро мағфират кунад ва ҳар ки аз курбонии худ ба мусулмонон таом карда диҳад ё аз гӯшти курбонӣ садақа кунад, тарозӯи савоби ӯро аз кӯҳи уҳуд вазнин гардонад.

**Ҳикоят.** Овардаанд, ки Сафёни Саврӣ раҳматуллоҳу алайҳи ба вилояти Басра рафта буд. Шабе аз шабҳои ашараи зулҳиҷҷа ба гуристоне сайр мекард. Дид, ки аз як қабр нуре ба осмон мебароят, дар андеша шуд, ки соҳиби ин қабр чӣ амал карда бошад. Аз он қабр овоз баромад, ки ё Сафён, ман аз рӯзадорони

ашараи зулҳиҷҷа будам, Аллох, таъоло ба сабаби он ин ҳама нур ба ман ато кардааст.

Расули акрам (с) фармуданд, ки шахсе бедор бошад ва ибодат кунад дар шаби аввали моҳи раҷаб, Аллоҳ таъоло пок гардонад ӯро аз гуноҳ мисли рӯзи таваллуд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар касе аз уммати ман аз шабҳои моҳи раҷаб бист ракаат намозро ба даҳ салом хонад - дуракаатӣ дар ҳар ракаат баъд аз фотиҳа, яъне баъд аз алҳамд сураи ихлосро як бор хонад, Аллоҳ таъоло аҳлу байти ӯро аз балоҳои дунё ва азоби охират дар ҳифзу амони худ нигоҳ дорад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки рӯзи аввали моҳи раҷаб кафорати сесола гуноҳон аст. Рӯзи дувуми моҳи раҷаб кафорати дусола аст, рӯзи сеюми моҳи раҷаб кафорати яксола аст. Рӯза доштан дар дигар рӯзҳои моҳи раҷаб ҳар рӯз кафорати якмоҳа аст.

**Ҳикоят.** Савбон разияллоҳи анҳу ривоят мекунад, ки ҳамроҳи Ҳазрати Расули акрам (с) ба ҷое мерафтем. Ба назди гӯристоне гузар кардем. Пайғамбар (с) ба мақбарае расида истод ва гиряи сахт карда, баъд аз он дуо карданд.

Пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, барои чӣ гиря кардед?

Пайғамбар (с) гуфтанд: - Ё Савбон, соҳиби ин қабр ба азоб гирифтор будааст, ки гиря ба ман ғолиб шуд, дуо кардам Аллоҳ таъоло азоби ӯро сабук гардонид. Ё Савбон, агар ин мард як рӯз аз моҳи раҷаб рӯза медошт ва як шаб аз он моҳ бедорӣ мекард, ин ҳама азоби қабрро намедид.

Гуфтам: - Ё Расулаллоҳ, ба як рӯз рӯза доштан ва ба як шаб бедорӣ кардани моҳи раҷаб аз азоби қабр наҷот медиҳад?

Расули акрам (с) гуфтанд: - Ё Савбон, қасам ба он Худойе, ки маро Пайғамбар ба халқ фиристода аст, агар мард ё зани мусулмон як рӯз аз моҳи раҷаб рӯза дорад ва як шаб бедорӣ кунад, Аллоҳ таъоло дар номаи аъмоли он банда савоби яксола бедории шабро нависад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар ки аз уммати ман рӯза [1] дорад, се рӯзи аввали шаъбон ва се рӯз аз мобайни шаъбон ва се рӯз аз охири шаъбон, Аллоҳ таъоло ба он банда савоби хафтод обидро ато кунад ва ҳар кадоми он обидон ҳафтод сол ба Аллоҳ таъоло ибодат карда бошанд. Савоби ин ҳама ибодатро дар номаи аъмоли он бандаи рӯзадори моҳи шаъбон нависанд ва агар он банда дар он сол бимирад, шаҳид бошад.

Расули акрам (с) фармуданд: - Ҳар бандаи мӯъмин таъзими моҳи шаъбонро карда, амали солеҳ ба ҷо оварда худро аз гуноҳ нигоҳ дошта бошад, Аллоҳ таъоло ҳама гуноҳони ӯро мағфират карда, дар он сол аз ҷамиъи балоҳо ва касалҳо дар амони худ нигоҳ дорад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки шаби понздаҳуми моҳи шаъбон шаби Барот аст. Ҳар гоҳе ки шаби Барот биёяд, он шаброро муборак дониста, шабро ба намозу истиғфор гузаронида, он рӯз рӯза доред. Вақти шом фариштае ба фармони Аллоҳ таъоло мунодӣ кунад, ки кист аз намозгузорони шаби Барот ва рӯзадорони рӯз? Ҳар хоҷатее, ки хоҳад, Аллоҳ таъоло ҳоҷати ӯро раво гардонад.

Кучост истиғфорхоҳандагон, ки Аллоҳ таъоло мағфират кунад онҳоро ва кист ризқу рӯзӣ талабкунанда, ки Аллоҳ таъоло ризқи ӯро зиёда гардонад.

Расули акрам (с) фармуданд, ҳар ки дар шаби Барот сад ракаат намоз гузорад, дар ҳар ракаат баъд аз "Фотиха" панч бор сураи "Ихлос" бихонад, Аллоҳ таъоло амр кунад панчсад ҳазор фариштаро, ки ба дасти ҳар кадоме аз онҳо дафтаре аз нур бошад, то бинависанд савоби намози баротхонандагонро.

Гуфтанд Набӣ (с): қасам ба он Худойе, ки маро ба халқ Пайғамбар фиристодаст, ҳар ки дар шаби барот салавот фиристад бар ман, ато мекунад Аллох таъоло бар он банда савоби пайғамбарони мурсал ва фариштагони мукаррабро.

Илоҳо, ба ҳурмати моҳи шаввол ва ашараи зулҳиччa ва моҳи рачаб ва моҳи шаъбон ва шаби барот хамаи бандагони мӯъмин ва мӯъминотро тавфиқи рӯза доштани ин моҳҳоро арзонӣ дорӣ ва аз азоби қабр начот дода, дар бихишти анбарсиришт дохил гардонӣ, омин.

**Фасли чилу сеюм дар баёни фазилати дуъо**

Овардаанд, ки Мансури Амор рахматуллоҳу алайхи рӯзе дар болои минбар ваъз мегуфт.

Соиле омада гуфт: Ё Шайх, чаҳор дирам маро диҳед, ки муҳточам.
Мансур гуфт: Ҳар ки бо ин талбанда чаҳор дирам ато кунад, дар ҳаққи ӯ чаҳор дуо кунам.

Дар он мачлис ғуломи сиёҳе буд, аз чойи худ бархоста гуфт:

- Ё Шайх, ман ғуломе ҳастам, хочаи ман яҳудӣ аст. Дар бисоти худ чаҳор дирам дорам, бо ин талбанда медиҳам, ба шарте, ки ба ваъдаи худ вафо карда, чаҳор дуъо дар ҳаққи ман кунӣ.

Шайх гуфт: - Дирҳами худро ба ин ато кун, ман ба ваъда вафо карда, ҳар чӣ талаб кунӣ, дуъо намоям.

Ғулом он чаҳор дирамро ба талбанда дода гуфт:

- Ё Шайх, ман ғуломам, аввал дуъо кун озод шавам.

Дуюм, хочаи ман яҳуд аст дуъо кун мусулмон шавад.

Сеюм, дуъо кун Аллоҳ таъоло маро бой гардонад.

Чаҳорум, дуъо кун Аллоҳ таъоло гуноҳони маро мағфират кунад.

Шайх дар ҳаққи ӯ он чахор дуъоро кард. Он ғулом ба хона рафта қиссаро ба хочаи худ гуфт. Дарҳол он яҳуд он ғуломро озод карда, калимаи шаҳодатро ба забон ронда мусулмон шуда гуфт: -Ба чамиъи моли худ туро шарик гардонидам, се дуъои Шайх дар хаққи ту қабул шуд, аммо дуъои чаҳорум, ки мағфирати Аллоҳ таъоло аст, дар дасти ман нест.

Дарҳол аз гӯшаи хона ҳотифе овоз дод, ки Аллоҳ таъоло шумоёнро бо ҳамроҳи Шайх Мансур аз оташи дӯзах начот дод ва гуноҳони ҳар яки шумоёнро мағфират кард.

Монеъи қабул шудани дуъо панч чиз аст:

Аввал, хурдани ҳаром.

Дуюм, зулм кардан бар мардум.

Сеюм, бисёр ғафлат.

Чаҳорум, кибр кардан.

Панҷум, шикастани тавба.

Овардаанд, ки Иброҳим бинни Адҳам раҳматуллоҳи алайҳ ба шаҳри Басра рафта буд. Аҳли он вилоят назди ӯ ҷамъ шуданд ва гуфтанд: - Ё Шайх, Аллоҳ таъоло дар Каломи Маҷиди худ ёд карда аст, ки дуъо кунед маро, қабул мекунам дуъои шумоёнро. Муддати чандин сол аст, ки дуъо мекунем, асари қабул маълум нест.

Иброҳим бинни Адҳам раҳматуллоҳи алайҳ гуфт. - Дили шумоён ба сабаби даҳ чиз мурда аст. Ба чӣ навъ дуъои шумоён мустаҷоб гардад? Аввал, он ки Аллоҳ таъолоро мешиносед, аммо фармудаи ӯро ба ҷо намеоред. Дуюм, Куръон мехонед, ба он амал намекунед: Сеюм, даъвои муҳаббати Расулуллоҳро мекунед, аммо суннатҳои ӯро тарк кардаед. Чаҳорум, шайтонро душман медореду шабу рӯз тоати ӯро ба ҷо меоред. Панҷум, даромадани биҳиштро мехоҳеду тӯшаву тайёрӣ барои даромадани биҳишт намекунед. Шашум, аз дӯзах наҷотёфтанро мехоҳед, вале худро дар дӯзах меандозед. Ҳафтум, маргро ҳақ мегӯеду тайёрии ӯро намебинед. Ҳаштум, айби худро надида шабу рӯз айбҷӯии бародари мусулмонро мекунед. Нуҳум, неъмати Аллоҳ таъолоро мехуред, лекин шукронаи онро ба ҷо намёоред. Даҳум, зар рӯз марги ҳамсоя ва хешони худро мебинед, аз марги худ ҳеҷ огоҳӣ надоред.

Илоҳо, ба ҳурмати Расули акрам (с) дуъои ҳамаи бандаи мӯъмин ва мӯъминотро ба даргоҳи худ қабул гардонида, аз шафоати Расули акрам (с) бонасиб гардонӣ, омин.

**Фасли чилу чорум дар баёни амал кардан ба суннаҳои Расул (с)**

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар ки дӯст дорад аз умматони ман сунатҳои маро, бас ба таҳқиқ дӯст доштааст маро ва ҳар ки дӯст дорад маро, дар биҳишт ҳамроҳи ман бошад.

Овардаанд, ки ҳар касе хоҳиши ба хоб дидани ҷамоли мубораки Расул (с) дошта бошад, ба муҳаббати замон ба суннатҳои Расули акрам (с) машғул шавад ва салавоти шарифро бисёр гӯяд.

Расули акрам (с) фармуданд: касе чизеро дӯст дорад, зикри ӯро бисёр кунад. Суннати Пайғамбар, яъне пайравии Пайғамбар кардан чӣ кореро, ки ӯ карда аст, ӯро иҷро кардан аст..

Овардаанд, ки шахсе назди Расул (с) омада гуфт: - Ё Расулаллоҳ (с), шаҳодат медиҳам ба ягонагии Худои таъоло ва шаҳодат медиҳам бар ҳақ будани Пайғамбарии шумо ва панҷ вақт намозро ба вақти худ мегузорам. Ва рӯзаи моҳи шарифи рамазонро медорам ва закоти молро медихам, чӣ савоб бошад маро?

Расул (с) гуфтанд, ҳар ки ба ин корҳое зикр кардӣ амал кунад, рӯзи қиёмат ҳамроҳи пайғамбарон ва сиддиқон ва шаҳидон маҳшур гардад. Агар бар падару модар оқ набошад. Агар оқи волидайн бошад, аз ҳама савоб маҳрум гардида аз даргоҳи Илоҳӣ дур бошад.

Ривоят кунанд, ки рӯзе Расули акрам (с) ҳамроҳи саҳобагон нишаста, ҳадисе аз дӯст доштани дунё намуданд. Ғайр аз Самома бинни Зайд, ҳамаи саҳобагон гиря карданд.

Самома (р) гуфт: - Ё Расулаллоҳ, дили ман сахт шудааст. Расули акрам (с) дасти мубораки худро ба дили Самома ниҳода гуфт: берун шав, эй душмани Худо. Яъне, эй шайтон, аз дили ӯ дур шав! Он гоҳ Самома (р) ба гиря даромад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки сахтии чашм аз сахтии дил аст ва сахтии дил аз бисёрии гуноҳ аст. Ва бисёрии гуноҳ аз фаромӯш кардани марг аст ва фаромӯш кардани марг аз кор кардани бисёр аст ва кор кардани бисёр аз дӯст доштани дунё аст. Ва дӯст доштани дунё сари ҳамаи гуноҳон аст.

Илоҳо, ба ҳурмати Расули акрам (с) ба ҳамаи бандагони мӯъмин ва мӯъминот тавфиқи бар по доштани суннати ҳазрати Сайидулмурсалин (с)-ро арзонӣ дошта, аз дӯст доштани дунё паноҳ диҳӣ, омин.

**Фасли чилу панҷум дар баёни ёрӣ додан бар зулмкардашуда**

Ривоят мекунад ҳазрати Умар (р): Аз Расул (с) пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, дӯсттарини мардумон назди Аллоҳ таъоло кист?

Пайғамбар (с) фармуданд, ки дӯсттарини мардумон назди Аллоҳ таъоло шахсе аст, ки ба мусулмонон манфиат расонад.

Боз пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, беҳтарин кори бандагон кадом аст? Фармуданд, ки бар дили бандагон хушвақтӣ расонидан, гурусна бошад, сер гардонидан, бараҳна бошад, пӯшок пӯшонидан. Ба ғаме гирифтор бошад, аз ғам халос гардонидан, қарзе дошта бошад, ба қарзи он ёрӣ расонидан. Ба ҷое ҳоҷате дошта бошад, ҳамроҳи он равад. Агар бо ин тариқа дар ҳаққи бародари муъмин некӣ кунад, савоби якмоҳа дар масҷид нишаста ибодат карданро дар номаи аъмоли ӯ нависанд.

Ҳар кӣ бар мазлуме ёрӣ расонад, Аллоҳ таъоло қалами ӯро бар пули сирот мустаҳкам гардонад.

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар ки бар мазлуми ғамнок ёрӣ расонад Аллоҳ таъоло ба девони аъмоли он банда ҳафтоду се савоб бинависад. Як савоби он аз барои ислоҳи дунё ва ҳафтоду ду савоб аз барои уқбо, яъне аз барои қиёмат захира бошад.

Пайғамбар (с) фармуданд: ҳар ки мазлумеро аз золим халос кунад ва ҳоҷати мазлумеро барорад, Аллоҳ таъоло он бандаро мағфират кунад ва ҳаҷи қабулкардашуда дар номаи аъмоли ӯ нависад.

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар мусулмоне, ки бародари муъминро аз ғам халос карда дили ӯро хурсанд гардонад, Аллоҳ таъоло ғамҳои қиёматро рӯзи маҳшар аз дили он банда дур ва ӯро дохили биҳишт гардонад.

Ҳар мазлуме, ки аз бародари мусулмон ёрӣ талабаду он шахс ба фарёди ӯ нарасад ва ба у ёрӣ накунад, дар қабр сад тозиёнаи оташинро чашмдор бошад.

**Ҳикоят**. Ривоят мекунад Билол разияллоҳу анҳу, ки рӯзе як насронӣ назди Расули акрам (с) даромада гуфт: - Ё Муҳаммад, агар ту Расули барҳақ бошӣ, шахсе ба ман зулм кардааст, ёрӣ расонида ҳаққи маро аз он золим гирифта диҳед.

Расули акрам (с) гуфтанд: Бар ту кадом шахс зулм кардааст?

Гуфт: - Абуҷаҳд бинни Ҳашом, (ӯ подшохи бадбахттарини кофирон буд). Ӯ моли маро гирифтааст.

Расули акрам (с) хостанд, ки назди Абуҷаҳд раванд, чанд нафар аз саҳоба, ки ҳозир буданд, ба ӯ гуфтанд: - Ё Расулаллоҳ, ҳозир Абучаҳд дар хоб аст, мабодо бедор шуда дар ғазаб шаваду ба Шумо зараре расонад?

Расул (с) ба суханони онҳо гӯш накарда, ба хонаи Абуҷаҳд рафта дари ӯро кӯфтанд.

Абуҷаҳд дар ғазаб шуда, аз хона баромада дид, ки Ҳазрати Расули акрам (с) бар дар истода аст.

Гуфт: Ё Муҳаммад, хуш омадӣ ба хона даро!

Расул (с) гуфтанд, ки, эй Абуҷаҳд, моли ин насрониро гирифтӣ, зуд моли ӯро ба дасташ супор.

Абуҷаҳд гуфт: - Моли ӯро ба дасташ медиҳам.

Ҳазрати Расули акрам (с) гуфтанд: - Суханро дароз макун, моли ӯро бидеҳ.

Абуҷаҳд ба ғуломи худ гуфт, ки ҳамаи моли насрониро бароварда бидеҳ.

Ғулом молҳои насрониро оварда дод.

Расули акрам (с) ба насронӣ гуфтанд, ки ҳамаи моли худро гирифтӣ?

Насронӣ гуфт: - Ҳамаи моли худро гирифтам, магар як занҷири ман боқӣ мондааст.

Расули акрам (с) гуфтанд: - Эй Абуҷаҳд, занҷири ӯро ёфта бидеҳ.

Абуҷаҳл ҳарчанд, ки тараддуд кард, занҷир мавҷуд нашуд. Ба ҷояш беҳтар аз он дод.

Зани Абучаҳл гуфт: - Эй Абуҷаҳл, ба ятими Абутолиб ин миқдор тавозеъ мекунӣ.

Абуҷаҳл гуфт: - Он чӣ ман мебинам, агар ту медидӣ, ин суханро ба ман намегуфтӣ.

Занаш гуфт: - чӣ дидӣ?

Абуҷаҳл гуфт - Боз маро дар байни мардум шарманда накунӣ.[1] Дидам, ки Муҳаммад (с) ба ду дасти худ гардани ду шери ғурронро гирифта истода буд ва он шерҳо ба ман ханда мекарданд, аз ин чиҳат тарсида моли насрониро дода тавозуъ мекардам.

Он насронӣ аз Расули акрам (с) ин мӯъҷизаҳоро дида, дарҳол мусулмон шуда, дар роҳи ислом дохил гардид. Ин ҳама аз ёрӣ додани мазлум буд.

Илоҳо, ба ҳурмати Ҳазрати Расули акрам (с) ҷамиъи мазлумонро аз дасти золимон раҳоӣ бахшида, золимонро тавфиқ арзонӣ фармоӣ, омин.

**Фасли чилу шашум дар баёин фазилати инсон**

Ривоят мекунад Умар бинни Алъос аз Абуҳурайра (р )- рӯзе назди Расули акрам (с) даромада пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, олимтарини мардумон кист?

Расули акрам (с) фармуданд, мардумони оқил.

Боз пурсидам, ки беҳтарин мардумон кист?

Фармуданд, ки мардумони оқил.

Баъд аз он фармуданд, ки ҳар чизеро асбобе ҳаст ва асбоби мӯъминон ақл аст ва ҳар кавмеро чӯпоне аст, яъне посбонест ва посбони мӯъминон ақл аст.

Ривоят мекунад Оишаи Сиддиқа (р), ки ақл даҳ ҷузъ аст: панч ҷузъи он зоҳир ва панҷ ҷузъи дигар ботин аст, аммо ҷузъе, ки зоҳир аст, аввали ӯ хомӯшист. Пайғамбар алайхи-с-салом фармуданд: ҳар ки хомӯширо ихтиёр кард, наҷот ёфт. Пайғамбар (с) фармуданд: ҳар ки сухани бисёр гӯяд, сухани беҳуда бисёр гӯяд. Дутом хилм, сеюм тавозӯъ.

Пайғамбар Алайҳи-с-салом фармуданд: ҳар ки тавозӯъ кунад, Аллоҳ таъоло мартабаи ӯро баланд гардонад ва ҳар ки такабур кунад, Аллоҳ таъоло қадри ӯро паст ва беэътибор кунад. Чаҳорум амри маъруф кардан ва аз бадиҳо манъ кардан. Панҷум амалҳои солиҳ кардан; аммо он панҷ ҷузъе, ки ботин аст, аввал ҳар корро фикр кардан.

Дуюм, аз гузаштагон ибрат гирифтан.

Сеюм, гуноҳро бузург донистан.

Чаҳорум, аз Аллоҳ таъоло тарсидан.

Панҷум, нафсро тахқир карда хор доштан.

Илоҳо, ҳамаи бандагони мӯъминро ақли комил ато карда, аз ҳавои нафсонӣ дар паноҳи худ нигоҳ дорӣ. Омин ё раббал оламин.

### Фасли чилу ҳафтум дар баёни худошиносӣ

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун рӯзи қиёмат шавад, Ҳак таъоло гурӯҳёро аз умматони ман пару бол ато кунад, то ба биҳишт парвоз кунанд. Фариштагон гӯянд: - Шумо ҳисоб ва тарозу ва пули сирот ҳамаро дидед?

Онҳо гӯянд: - Аз инҳо ҳеҷ як надидем.

Гӯянд: - Шумо аз уммати кадом Пайғамбаред?

Гӯянд: - Мо аз уммати Муҳаммадем (с).

Фариштагон гӯянд: - Амали шумо чӣ буд дар дунё, ки ин ҳама каромат ёфтед?

Онҳо гӯянд: - Моро ду хислат буд: яке он ки дар хилват аз Худованди худ шарм медоштем, ки гуноҳ кунем. Дигар он ки розӣ будем ба ризқи андак, ки Ҳақ таъоло моро медод.

Худои таъоло мегӯяд, ки, эй бандаи ман, рӯй аз бандагии ман магардон, ки маро чун ту бисёр аст, аммо туро чун ман ғайр аз ман каси дигар нест.

**Ҳикоят**. Зани порсои солиҳае дар роҳ мерафт. Ҷавоне пеши ӯ расид. Зан бисёр бо ҷамол буд, ҷавонро дил дар банда ӯ шуд.

Гуфт: - Эй зан, дилам ба ту машғул шуд, тавонӣ, ки як соат бо ман бошӣ?

Зан гуфт: - Майлаш, валекин ҷое бошад хилват, ки касе моро набинад.

Ҷавон гуфт: - Маро ҷои хилват ҳаст.

Пас зан бо он ҷавон бирафт. Чун ба хона расиданд, дари хонаро маҳкам карданд.

Зан гуфт: - Эй ҷавон, нагуфтӣ, ки ҷое равем, ки касе моро набинад?

Ҷавон гуфт: - Дарҳоро бастам ва ҳеҷ кас моро намебинад.

Зан гуфт: - Эй ҷавон, оё нашунидаӣ ин оятро: “Алам яьлам би анналлоҳа яро”? Яъне оё намедонӣ, ки Худоӣ таъоло мебинад?

Ҷавон чун ин оят бишунид, биларзиду наъра зада беҳуш шуд ва зан аз хона берун рафт.

Чанд вақте бигузашту зан аз назди хонаи он ҷавон гузар кард, мардумонро дид ба он хона мерафтанд. Пурсид, ки ин хона аз они кист ва ин мардумон чаро бар он ҷо мераванд?

Гуфтанд: ин хонаи зоҳид ва шайхи парҳезкоре аст, ки сабаби тавбаи вай ин оят буд: “алам яълам бианналлоҳа яро” ва ин мардум ба зиёрати ӯ мераванд.

**Ҳикоят.** Раиси шаҳри Басраро боғе буд. Рӯзе ӯ ба боғи худ даромад. Зани боғбонро дид, ки ҷамолаш беандоза буд. Боғбонро ба баҳонае аз боғ берун фиристод ва занро гуфт: - Дарҳои боғро бибанд. Он заифа донист, ки бо ӯ қасди бадӣ дорад. Лаҳзае дар паси дарахте пинҳон шуд ва бозомада гуфт:

- Дарҳоро бастам, аммо як дар боз монда аст, ҳарчанд мекунам, баста наметавонам.

Раис пурсид: - Он кадом дар аст?

Гуфт: - Он дар, ки Худованд мебинад.

Мард чун ин сухан бишунид, пушаймон шуду тавба кард ва ба хонақоҳи дарвешон рафт ва яке аз дӯстони Ҳақ гашт.

Расули акрам (с) фармуданд: - Ҳар касе мехоҳад, ки бо Худованд сухан гӯяд, гӯ намоз хонад ва ҳар ки хоҳад Худованд бо вай сухан гӯяд, гӯ Қуръон хонад.
Хушо вақте ки банда мегӯяд ва Худованд мешунавад ва вақте ки Худованд мегӯяду банда мешунавад.

Дар кӯдакон шаш хислат аст. Аз хисоли анбиё ва авлиё. Яке он ки чун бемор шаванд, аз Худованд шикоят накунанд ба сӯи халқ. Дуюм, чун бо якдигар бинишинанд, кина аз якдигар дар дил нагиранд. Сеюм, он ки майли саховат доранд. Чаҳорум, он ки дар онҳо равиши таваккал аст. Панҷум, он ки чун аз онҳо чизе пурсанд, рост бигӯянд. Шашум, он ки бо андак ваҳме битарсанд ва об дар дида оранд.

**Фасли чилу ҳаштум дар баёни насихат кардан ва амри маъруф ва наҳйи мункар**

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар касе бипӯшад ва пинҳон дорад илмеро, ки ӯ дошта бошад ва ба мардумон панду насиҳат накунад, рӯзи қиёмат лаҷоме аз оташи дӯзах бар сари вай кунанд.

Агар як инсон ба илми ту ё ба насиҳати ту роҳи рост ёбад, беҳтар бувад мар туро аз он ки ҳама шутурони сурхмӯи дунё туро бошанд. Аммо носиҳ бояд, ки аввал нафси худро насиҳат кунад ва панд диҳад, агар аз вай( қабул кунад, он гоҳ ба насиҳати дигарон машғул гардад.

Олимон ва носиҳон се гурӯҳанд. Як гурӯҳ офтобсифатанд ва гурӯҳе шамъсифат ва як гурӯҳ монанди чӯби тути таранд бар оташ, ки на худ месӯзанду на касе аз сӯхтани онҳо истифода мебарад.

Онон, ки офтобсифатанд онҳоеанд, ки мақсади онҳо шӯҳрат пайдо кардан ва овозаи мардум набошад. Мақсади онҳо он бувад, ки бандагони Худои таъоло аз суханони онҳо роҳи рост ёбанд ва ба роҳи рост бошанд, инчунин олимон офтобсифатанд, ки оламе аз онхо нуронӣ мегардад ва онҳо камёбанд. Аммо онҳо, ки шамъсифатанд, онҳоеанд, ки мақсади онҳо аз ваъз гуфтан эътикоди оммаро ба сӯи худ ҷамъ кардан ва мансаб талабиданананд ва ба он шодмон ва хуррам мебошанд. Агар ин зумра аз ту ҳурмат наёбанд, дилгир ва малӯл мегарданд. Онҳо чун шамъ дар сӯхтананд, ки дигарон аз равшании он истифода мебаранд. Ва онҳо аз илми худ бебаҳра мемонанду ғайр аз машаққату заҳмат кашидан фоидае намебинанд.

Онҳое, ки бар мисли чӯби тути таранд, онҳоеанд, ки на илм доранд ва на нияти некӯ.

Он ҷоҳилнамоёне, ки роҳзани халқ ҳастанду душмани Худой, зоҳири худро мушобеҳи уламо сохта, аз камҳимматӣ ба таҳсили илм напардохта, аз маркаби илм ва амал пиёда мондаанд. Онон далел бар китоби форсӣ ронда, калимоти ҳархеларо дастрас сохта, хатову савоб аз якдигар нашинохта. асоси кор барои тамаъу талаби дунё мекунанд. Инчунин олимонро ташбеҳ ба чӯби тути тар кардаанд, ки чун бар оташ ниҳӣ, дуд кунад ва бад сӯзад. Онҳо низ худ дар сӯхтананд ва мардум аз дасти тамаъи онҳр дар заҳматанд. Онҳоро истиҳқоқи он нест, ки сухани Худованд ва Расули ӯ гӯянд, зеро ки касби улум накардаанд ва ба ҳилла донишманд шудаанд. Дуруст гуфтаанд, ки олими беамал чун дарахти бебар аст ва зоҳиди беилм чун хонаи бе дар.

Расули акрам (с) фармуданд, ки рӯзи қиёмат мардеро биёранд, фармон шавад, то ӯро ба дӯзах андозанд. Рӯдаҳо аз шиками вай берун ояд. Аҳли дӯзах ӯро гӯянд: - эй фалонӣ, чӣ шудааст туро? Он набудӣ, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекардӣ? Чӣ чиз туро бад-ин ҳол гирифтор кард?

Ӯ гӯяд: - Бале, он будам, ки мардумонро ба некӯӣ мефармудам, аммо худ намекардам ва аз бадӣ манъ мекардам ва худ мекардам.

Пас эҳтиёт бояд кард аз ҳақ гуфтан ва аз ҳақ расонидан хомӯш набояд буд, магар ба узри шаръӣ, ки донад аз вай қабул нахоҳанд кард. Агар донанд, ки амри маъруфро аз вай қабул мекунанд, воҷиб аст, ки амри маъруф ва наҳйи мункар кунад ва агар донад, ки амри маъруф ва наҳйи мункарро қабул намекунанд, воҷиб аст, ки нагӯяд.

**Ҳикоят.** Нақл аст, ки Ҳақ Таъоло амр кард фариштаеро ба ҳалоки аҳли шаҳре, ки фасод дар миёни онҳо зоҳир шуда буд. Он фаришта дар миёни онҳо як дӯсти Ҳақ дид Муноҷот кард, ки Худовандо, ту донотарӣ, ки як бандан шоиста аст туро дар миёни онҳо. Чӣ фармоӣ, бо вай чӣ кунам?

Фармон расад, ки аввал ӯро ҳалок кун, он гоҳ дигаронро, ки ҳаргиз як бор бар онҳо ғазаб нагирифт аз барон ман, онҳоро амри маъруф ва наҳйи мункар накард ва ба онҳо шишту хез мекард.

Расули акрам (с) фармуданд, ки мисли касоне, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд ва касоне, ки тарки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд, ҳамчун масали қавме аст, ки мехоҳанд дар киштӣ савор шаванд ва аз дарё

гузаранд. Дар киштӣ даромада, баъзеашон дар ошёнаи поён ҷой мегиранд ва баъзеашон дар ошёнаи боло. Онҳое, ки дар ошёнаи поёнанд, мегӯянд, ки ҳар боре, ки моро об даркор шавад, бояд, ки ба ошёнаи боло равем ва аз дарё об гирем. Мебояд киштиро сӯрох кунем ва аз ҳамин ҷо об гирем.

Онҳое, ки дар ошёнаи болоанд, агар дасти онҳоро нагиранд ва онхоро манъ накунанд, ҳам инҳо ва ҳам онҳо ҳама ҳалок шаванд. Ва агар онҳоро манъ кунанд ва нагузоранд, ки киштиро сӯрох кунанд, ҳама аз ҳалокат бираҳанд. Пас набояд танҳо дар халосии худ, балки дар халос ва наҷоти бандагони Ҳақ бояд кӯшид. Ҳақ Таъоло уммати ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с)-ро беҳтарин умматон гардонид ба сабаби амри маъруф ва наҳйи мункар.

Расули акрам (с) фармудаид, ки аҳли биҳишт саду бист саф бошанд. Ҳафтод сафи он аз умматони ман бошад ва чиҳил саф аз умматони Пайғамбарони дигар. Дар тафсир меорад, ки Худованди таъоло қаламро биофарид, пас фармон кард, ки, эй қалам, бинавис ҳамаи маълумотро дар лавҳи маҳфуз. Қалам дар кор даромад ва менавишт муқаддарот ва маълумотро. Фармон омад, ки, эй қалам, бинавис, ки умматоне Пайғамбари худро дурӯғгӯ шуморанд, онҳоро ба боди сард ва сахт халок гардонам. Ва умматоне Пайғамбари худро итоат накунанд, ба онҳо санг боронам. Ва ҳамчунин як-як умматонро фармон меомад, то менавишт. Баъд аз он фармон расид, ки, эй қалам, бинавис, ки умматоне бошанд бо умрҳои кӯтоҳ, бо вуҷуди кӯтоҳии умр гуноҳони бисёр кунанд ва моро ба хилофи фармон биёзоранд ва уммати Пайғамбари охируззамон бошанд. Қалам тарсон гашт, ки то чӣ азоби сахт дар ҳаққи онҳо фармон расад. Хитоб омад, ки, эй қалам, бинавис, ки онҳо бандаи гунаҳгор ва ман Парвардигори омурзгорам. Қалам чун ин хитоб бишунид, аз ҳайрат шак шуд, яъне кафид ва шаки қалам аз он ҷост.

Илоҳо, ба ҳурмати дӯстони худ моро аз хории дунё ва охират нигоҳ дор.

### Фасли чилу нуҳум дар баёни талаб кардани касби ҳалол

Бидон, ки бинои ибодат бар луқмаи ҳалол аст. Пас бандаи мӯъмин бояд, ки дар талаби ҳалол бошад ва касби ҳалол кунад ва аз ҳаром ва шубҳа бипарҳезад, ки сабаби қабули бандагӣ бар тақво аст. Худои таъоло фармуд: бихӯред аз ҳалолҳо, ки шуморо рӯзӣ кардем ва шукр гӯед мар Худовандро дуъои касе, ки ҳаром хӯрад, қабул нашавад.

### Фасли панҷоҳум дар баёни фазилати дарвешӣ

Бидон, ки фақр фахри анбиёст, чунончӣ Расул (с) фармуданд, ки дарвеши фахрӣ ман аст ва фақири собир некӯтар аз тавонгари шокир аст.

**Ҳикоят.** Саид бинни Омир аз саҳобаҳои парҳезгор буд ва бисёр камбағал буд. Амирулмӯъминин Умар (р) аз байтулмол, яъне аз хазинаи умумӣ ҳазор динор назди вай фиристод. Чун зар ба Саид (р) расид, гирён шуд ва ҳамчунон гирён ба хонаи худ даромад. Оилаи мубораки вай савол кард, ки чӣ чиз гирёнид туро.

Саид гуфт: - Воқеае афтодааст, ки наздик аст аз саъодати дарвешӣ маҳрум монем.

Гуфт: - Чӣ афтод?

Саид гуфт: - Амиралмӯъминин аз байтулмол ҳазор динор фиристода аст. Пас аёли вай низ ба гиря даромад. Он шаб то рӯз ҳар ду мегиристанд ва мегуфтанд: - Худовандо, чӣ гуноҳ кардаем, ки дунё ба мо рӯй овардааст?

Чун бомдод шуд, Саид (р) ҷомаи кӯҳнаи худро пора-пора [1] кард ва зарҳоро гиреҳ-гиреҳ мебаст, баъд аз он он гиреҳҳоро дар остини ҷомаи худ ниҳода аз хона берун омад ва ҳар киро медид, як гиреҳе аз онҳо мекашид ва ба ӯ медод, то ҳамаашро бидод. Як дирам дар ҳаққи худ сарф накард. Баъд аз он гуфт:

- Аз Расули акрам (с) шунидам, ки фармуд: - Дарвешони уммати ман панҷсад сол пеш аз тавонгарони уммати ман дар биҳишт дароянд.

Нақл аст, ки дар он рӯзи қиёмат марде аз ҷумлаи тавонгарон худро дар миёни онҳо андозад ва хоҳад, ки ба биҳишг дарояд. Фаришта дасташ бигирад ва аз миёни онҳо берунаш ораду гӯяд: - сабр кун, ки ҳанӯз вақти даромадаии ту нест ва панҷсад сол ӯро дар офтоби гарми қиёмат дар ҳисобгоҳ бидоранд, то ҳисоби моли худ бидиҳаду он гоҳ ба биҳишт равад.

Он гоҳ Саид қасам ёд кард, ки савганд бад-он Худое, ки Муҳаммад (с)-ро ба ростӣ ба халқ фиристодааст, агар ҳамаи оламро аз моли ҳалол пур кунанд ва ба ман диханд, бо ин дарвешии худ иваз накунам.

Назар кун, ки дарвешони он замон чӣ гуна будаанд ва кори дарвешони ин замон ба куҷо расидааст?

Илоҳо, ба ҳурмати дарвешони содиқ моро ба шафоати онҳо бирасон.

**Фасли панҷоху якум дар баёни хаққи устод ва хурмати вай**

Овардаанд, ки фоида наёбад таълимгиранда аз илм магар ба таъзими илм ва таъзими устод.

Шоҳи мардон Алӣ бинни Абу Толиб карамаллоҳу ваҷҳа мегӯяд: Ман ғуломи касеам, кӣ маро як харф аз илм омӯхтааст.

Адаби шогирд бо устод он аст, ки ибтидо ба салом кунад ва дар пеши вай сухан камтар гӯяд ва сухан нагӯяд ва масъала напурсад, то аз вай иҷозат нагирад. Ва чун ҷавоб диҳад, нагӯяд, ки фалон кас ба хилофи ин гуфта ва нагӯяд, ки накардани ин кори савоб аст ва ғайра. Дар пеши устод бо ҳеҷ кас роз нагӯяд ва чашм дар пеш дорад, агар устод бо вай сухан гӯяд, чашм бар вай дорад ва ҳар ҷониб нанигарад ва ба ҳурмат нишинад, чунон ки дар намоз менишинад ва чун устод хаста шавад, пурсидан ва хонданро бас кунад ва чун аз ҷояш хезад, суханро бас карда бо ӯ бархезад. Дар роҳ савол накунад, то ба хона нарасад. Ва агар аз вай чизе бинад, ки ӯро некӯ наёад, эътиқоди бад накунад ва бидонад, ки вай беҳтар донад ва низ бояд, ки устодро ба тану мол ҳурмат кунад ва дар маҷлисе, ки вай бошад, яъне дар ҳузури вай ҷавоби масъалае нагӯяд, агар чӣ савоб гӯяд. Пас бояд, ки ҳурмати устод ба воҷибӣ бидорад ва ҳаққи вай нигоҳ дорад.

**Ҳикоят**. Бузурге мегӯяд, ки дар хизмати устоди худ Мавлоно Ҳисомиддин алайҳи-р-раҳма будам. Рӯзи ҷумъа оби таҳорат хост, оби таҳорат ба ӯ овардам. Он бузург таҳорат мекард ва ман об бар дасти вай мерехтам. Дар вақте ки пои худ мешӯст, як қабза об аз пасшустаи пои вай бигирифтам ва дар рӯй ва риши худ молидам ва дидам, ки ранги вай барафрохт, яъне хурсанд шуд. Ва лаб ба дуъо

ҷунбонид ва хайри дунё ва охират барои ман аз Худованд мехост. Ҳар чӣ ёфтам, аз он ҷо ёфтам, то ин ҳама давлат ва саъодат маро насиб шуд, то бидонӣ, ки хизмати устод ва хушнуд доштани вай сабаби саъодат, яъне некбахтии ду ҷаҳон мегардад.

Илоҳо, моро тавфиқи нигоҳ доштани ҳаққи устодон арзонӣ дор ва бар устодони мо раҳмат фармоӣ, омин.

**Фасли панҷоху дуюм дар баёни ҳуқуқи ҳайвонот**

Бидон, ки хайвонотро бар одам хуқук аст. Онҳоро нигоҳ бояд дошт ва бар онҳо раҳм бояд кард, то Ҳак таъоло дар рӯзи қиёмат бар ту бибахшояд ва раҳм кунад, ки Расул (с) фармуд: раҳм кун, то бар ту раҳм карда шавад.

Аммо ҳаққи чаҳорпоён бар ту он аст, ки онҳоро бори вазнин бор накунӣ, ки ба ҳақиқат ба худ бор ниҳодаӣ ва онҳоро кори сахт мафармой ва зарбу лати нолоиқ макун ва гуруснаву ташна магузор, ки онҳоро забони гуфтор нест. Пас онҳоро азиз бояд дошт.

**Савол**: ҳикмат чист, ки Ҳақ таъоло инсонро гӯёӣ доду онҳоро мӯҳри хомӯшӣ бар даҳон ниҳод?

Ҷавоб он аст, ки одами ба ҷинси худ муҳточ аст дар бисёр чиз. Мӯҳтоҷ ба нутқ буд, ӯро гӯёӣ дод. Аммо ҳайвонот ба ҷинси худ муҳтоҷ набуданд, зеро ки пӯстин ва мӯза ва ҳама асбоб бо худ доранд. Пас муҳтоҷ ба нутқ набуданд, онҳоро аз ин ҷиҳат гӯёӣ надод.

**Ҳикоят**. Нақл аст, ки фардои қиёмат бандаеро ҳукм ба дӯзах шавад, фариштагон ӯро ба сӯи дӯзах кашанд; ногоҳ мӯри заъиф ба пеш ояд ва ӯро бишносаду гӯяд: Худовандо, дар ҳаққи ин банда гувоҳӣ дорам, ту донотарӣ, ки рӯзе ин банда маро дар роҳе пеш омад ва қадами худ аз ман нигоҳ дошт. Ва бар ман раҳм кард ва маро ҳалок ва хаста накард. Худовандо, имрӯз дармондааст, ӯро ба ман бахш.

Фармон шавад, ки эй малоика, даст аз ин бандаи ман бидоред, ки ӯро бад-ин мӯри заъиф бахшидам.

Пас фармон диҳад, ки ӯро ба биҳишт баранд, то бидонӣ, ки ранҷи касе бар ин даргоҳ зоеъ нашавад. Он гоҳ он мӯр гӯяд, эй бандаи Худой, шармат бод, ки муддати ҳафтод сол дар миёни мусулмонон будӣ ва амале накардӣ, агар имрӯз шафоъати ман набудӣ, туро ба дӯзах мебурданд.

Оҳ, аз ин амалҳои бонуксону ботақсиру бе ихлоси мо, магар ба фазли Худованд буду халос.

Илоҳо, бар ҳамаи мо раҳмат фармоӣ.

**Фасли панҷоху сеюм дар баёни об хӯрдан**

Дар об хӯрдан чаҳор одоб нигоҳ бояд дошт. Аввал, он ки дар вақти хӯрдани об бояд бинишинӣ, ки Расули акрам (с) наҳӣ кардааст. Нисбат ба рост истода об хӯрдан ёрон гуфтанд: - Ё Расулаллоҳ (с), нон хӯрдани рост истодаро чӣ фармоӣ?

Фармуданд: аз ин бадтар ва хабистар аст. Одоби дуюм дар об хӯрдан он аст, ки обро ба се карат хӯрдан, яъне аз як коса об се бор дам гирифта, дам гирифта

бояд нӯшад. Одоби сеюм, он ки обро пуф накунад. Одоби чаҳорум, он ки атрофи зарфро пок кунаду баъд бинӯшад ва баъд аз нӯшидани об "алҳамдулиллох"гӯяд.

Илоҳо, мо бандагони заифро дар дунё аз оби пок ва дар қиёмат аз оби кавсар сероб гардонӣ.

**Фасли панҷоҳу чаҳорум дар баёни одоби хоб кардан**

Бояд, ки инсон умри худро ба хоб кардани бисёр зоеъ нагардонад. Дар шабонарӯз, ки бисту чаҳор соат аст, бояд, ки зиёда аз ҳашт соат хоб накунад. Зеро агар инсон ҳафтоду панҷ сол умр бинад, аз ин понздаҳ солаш дар кӯдакӣ зоеъ шуда, бист соли дигараш дар хоб гузарад, ки аз ин зиёдатар умрро зоеъ карда намешавад. Дар чиҳил соли боқӣ бингар, то чӣ миқдор дар талаби дунё будан ва чанди дигар дар гуноҳ ва маъсият умр ба сар бурдай? Вакти он омадааст, ки аз хоби ғафлат бедор шавӣ ва бар умри беҳуда сарф кардаат пушаймонӣ намоӣ. Ва пеш аз марг огоҳ шавӣ ва бедор шавӣ, ки бедории баъд аз марг фоида надорад.

Илоҳо, ҳамаи моро аз хоби ғафлат бедор кун. Ба ҳурмати Муҳаммади Мустафо (с).

## МАРҲИЛАИ ЧАҲОРУМ

## ЗАЪФ ВА ПИРӢ

**Муштамил аст ба чор фасл:**

**Фасли аввал дар баёни сафари қиёмат.**

**Фасли дуюм дар баёни омадани малакул мавт.**

**Фасли сеюм дар баёни сакароти мавт ва омадани шайтон бо косаи об.**

**Фасли чаҳорум дар баёни тақсим шудани ҳоли ӯ ба панҷ тариқа.**

**Фасли аввал дар баёии сафари киёмат**

Бузургон гуфтаанд:

Мӯи сафед аз кафан орад паём,
Пушти хам аз марг расонад салом.

Яъне, чун мӯи инсон сафед шуд, инсонро аз он хабар мекунад, ки акнун ба кафан печонидани ту наздик шуд ва вакте, ки пушти ту хам шуд, туро аз он огоҳ месозад, ки акнун омадани марг ба сӯи ту наздик шуд, тайёр ва омода бош.
Ҳамчуноне ки мегӯянд, марг аз пирӣ ва ҷавонӣ нест, лекин ба ҳар ҳол шахси пир ба марг наздикгар аст.

Акнун падару модари азизу мехрубон, инсон бояд ҳамеша барои сафари қиёмат ҳушёру тайёр бошад, лекин инсони пир бояд, ки тайёрии бисёртар дошта бошад. Чунончӣ сафари дунёро мисол биёрем, агар касе ба ҷое сафар карданӣ бошаду лекин сафараш дертар бошад, дар тайёрии рафтан чандон шитоб намекунад. Агар сафар кардани ӯ маълум шавад, ки имрӯз ё фардо сафар мекунад, албатта, тайёрии рафтанро зудтар мебинад. Либос мешӯяду пул барои роҳкиро омода месозад ва ба аҳли оила мефармояд, ки то омадани ман чунину чунон кунед, хулоса, тайёрии сахтгар мебинад.

Барои шахси пир, сафари қиёмат наздик шудааст, бояд ягон чизро фаромӯш накунад, зеро аз ин сафар баргаштанӣ нест.

Акнун вақти он омадааст, ки аз кору бори дунёи фонӣ даст кашида ба кори дунёи боқӣ бисёртар ҷидду ҷаҳд намоем, ки намедонем оқибати мо ба куҷо анҷом меёбад. Бузургон гуфтаанд: дар ҷавонӣ мастӣ, дар пирӣ - сустӣ, пас Худоро кай мепарастӣ?

Бояд, ки ҳарчанд пир ва лоғару заъиф ҳам бошӣ, худопарастиро тарк накарда, баръакс бисёртар худопарастӣ кунӣ ва аз корҳои гузаштаи худ ва аз гуноҳони худ аз ҳазрати Ҳудованд омурзиш хоҳӣ ва ҳама вақт тавба карданро вазифаи худ созӣ. Аз ғайбат ва суханони бефоида худро нигоҳ дорӣ. Балки ҳама вақт ба зикру ёди Худои таъоло машғул бошӣ ва соате аз умри боқимондаро дар ҳавову ҳаваси дунё сарф накунӣ, ки дигар пушаймонӣ фоидае надорад.

**Фасли дуюм дар баёни омадани малакулмавт**

Овардаанд, ки чун банда ба қарибии марг расад, Малакулмавт, яъне малоикаи ҷонгирандаро бинад, бидонад. ки вақти рафтан аст. Ҳасрате дар дили вай фуруд ояд, ки онро ниҳоят набошад, гӯяд: - Ё Малакулмавт, як рӯз маро мӯхлат деҳ, то тавба кунам ва узри гуноҳони худ бихоҳам.

Гӯяд: Рӯзҳои бисёр пеш буд, чаро тавба накардӣ? Акнун умри ту тамом шуд ва ҳеҷ рӯз боқӣ намонд.

Гӯяд: - Як соат мӯҳлат деҳ.

Гӯяд: Соатҳо бирасид ва ҳеҷ намонд.

Чун он ноумедиро аз тавба кардан бинад, асли имони ӯ дар ларза афтад.
Пас бояд, ки банда аз хоби ғафлат бедор шавад ва корсозии марг кунад. Баъзе аз мӯйсафедон ва пиразанони замони мо, ба ҷои он ки пир шуданд худопарастиро бисёртар кунанд, ки ба марг қарибтаранд, баръакс намозхониро низ бас мекунанд ва зикру тасбеҳ гуфтанро аз онҳо намешунавӣ. Ва мегӯянд, ки мо заъиф шудаем ва об моро зарар мекунад, лекин гирди деҳаро гашта метавонанд ва барои намоз хондан заьифанд. Ва аз Худо тарсе надоранд.

Худованд паноҳ диҳад аз ин гуна пирон. Дар шариати мо агар касал дар бистари беморӣ бошаду ҳаракат карда натавонад ҳам, чун ҳушаш ба сараш бошад, намоз аз гарданаш соқит нест. Бояд ӯро таяммум кунонанд ва намозашро бо ишора бигузорад.

Хабар гирифтан ва пурсидани бемор аз ҳуқуқи мусулмонон аст. Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар кас беморсро бипурсад, доим дар бӯстони биҳишт бошад.

Дар ҳадис омадааст, ки ҳар кас беморро бипурсад, мартабаи шаҳид ёбад.
Хабар гирифтани бемор суннат аст, аммо дар назди бемор бисёр нишастан бидъат аст.

Вақте ки инсон ба ҳолати охирини беморӣ мерасад, яьне ӯ ба марг наздик мешавад, малоикае меояд, ки ӯ вобаста карда шуда аст ба роҳравии банда. Ба бемор баъди салом мегӯяд: - Эй бандаи Худо, ман бар қадамзании ту вобаста будам. Талаб намудам аз машриқ то мағриб, наёфтам қадаме аз қадамҳои ту.

Баъд аз он рафта ба малакулмавт мегӯяд, ки коми фалон банда тамом шуд. Баъд аз он малоикаи ризқ даррасида пас аз салом мегӯяд, ки, эй бандаи Худо, ман муваккали ризқи ту будам, тардид намудам аз Машриқ то Мағриб, наёфтам луқмае аз ризқи ту.

Баъд аз он малоикаи ризқ малакулмавтро мегӯяд, ки ризқи фалон банда тамом шуд. Пас аз он меояд малоикае, ки вобаста ба нӯшиданиҳост ва баъди салом мегӯяд, ки, эй бандаи Худой, ман муваккал будам бар машруботи ту, ҷустуҷӯ кардам аз Шарқ то Ғарб, наёфтам як қатраи об аз барои ту ва ба малакулмавт мегӯяд, ки машруботи фалон банда тамом шуд.

Баъд аз он малоикае, ки ба нафас вобаста аст аз дар медарояду баъди салом мегӯяд, ки, эй бандаи Худой, ман муваккал будам бар дамҳои ту, бисёр гардидам, наёфтам як дам аз ҳаёти ту. Баъд малоикаи вобаста ба нафас рафта, ба малакулмавт мегӯяд, ки дамҳои фалон банда ба охир расид.

Баъд аз он чаҳор фаришта ояд, ду аз рӯз ва ду аз шаб инҳоро кироман котибин бигӯянд. Номаи бандаро баровара ба ӯ пешкаш мекунанд, ки назар кун. Ҳангоме ки банда назар мекунад, аз тарс арақ аз баданаш ҷорӣ мешавад. Агар банда аз некбахтон бошад, зоҳир мешавад, хате аз нур дар саҳифаи китобе, ки дар пеши малакулмавт аст. Дар он китоб номҳои ҳамаи бандагон бошанд. Ва агар аз бадбахтон бошад, зоҳир мешавад хате аз сиёҳӣ.

Банда ба чапу рост нигоҳ мекунад. Фариштагон чашми ӯро поён меандозанд ва ӯро аз такя меафкананд. Баъд аз он малакулмавт медарояд. Дар дасти роста ӯ фариштаҳои раҳмат ва дар дасти чапи ӯ фариштаҳои азоб бошанд. Баъзе аз онҳо рӯҳро ба осонӣ мекашанд ва баьзе ба сахтӣ.

Чун малакулмавт қабзи рӯҳ мехоҳад, рӯҳ бо ӯ ба сухан меояд, ки ман итоати ту намекунам, то Худой таъоло ба ман амр накунад.

Малакулмавт мегӯяд, ки Парвардигори ман амр кардааст. Рӯҳ мегӯяд, ки шоҳид биёр, вақте ки Парвардигори ман маро пайдо кард ва маро дар тан даровард, ту он замон ҳозир набудӣ. Акнун мехоҳӣ, ки маро фаро гирӣ.

Малакулмавт ба сӯи Худой таъоло бозгардад ва гӯяд, ки бандаи ту чунин ва чунон мегӯяд.

Аллоҳ таъоло мегӯяд, ки рост гуфт рӯҳи бандаи ман.

Пас фармон шавад, ки бирав дар биҳишт ва бигир себеро, ки бар он кудрати ман аст ва бинамои онро ба рӯҳи бандаи ман.

Малакулмавт рафта, аз бӯстони ҷаннат себеро мегирад, ки бар он себ “Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим” навишта шуда бошад. Он себро ба он банда менамояд. Чун рӯҳи банда онро мебинад, бо хурсандӣ берун меояд. Малакулмавт чун хоҳад, ки рӯҳи бандаро гирад, аввал аз ҷониби даҳони банда меояд, то қабзи рӯҳ бикунад. Зикр аз даҳони ӯ баромада бо ӯ мегӯяд, ки туро дар ин ҷиҳат роҳ нест. Барои он ки дар даҳон зикри Парвардигори ман аст.

Малакулмавт ба сӯи Худои таъоло бозмегардад ва мегӯяд, ки бор Худоё, бандаи ту чунин мегӯяд. Аллоҳ таъоло мефармояд, ки рӯҳи ӯро аз ҷиҳати дигар қабз намоӣ.

Пас аз тарафи дасти рост меояд, то рӯҳи он бандаро қабз кунад, дасти ӯ мегӯяд, ки туро ҳаргиз ба ман роҳ нест, барои он ки ман дар роҳи Худой таъоло садақаи бисёр додаам ва сари ятимонро масҳ кардаам. Ва сухани Худо ва Расулуллоҳ навиштаам ва теғ бо куфор задаам. Пас аз ҷониби пой равад. Пой низ монанди даст роҳ надиҳад, гӯяд, ки ман ба намози ҷумъа рафтаам ва ба ҷамоат ҳозир шудаам ва касалиро хабар гирифтаам. Ва дар маҷлиси уламо даромадаам. Пас ба ҷониби гӯшҳо равад. Гӯшҳо гӯянд, ки бирав, аз ҷониби мо роҳ нест, барои он ки доим зикри Қуръон шунидем. Пас ба сӯи дидаҳо равад ва дидаҳо гӯянд, ки бирав, аз ҷониби мо роҳ нест, бо ин дидаҳо рӯи Қуръону олимонро дидаам.

Малакулмавт ноилоҷ шуда ба Ҳақ Субҳона ва таъоло боз гардад ва гӯяд: - Худовандо, ғолиб омад бар ман аъзои бандан ту. Чӣ фармоӣ, то ҷони ӯро чӣ гуна ситонам. Он гоҳ Аллоҳ таъоло фармояд: - Бинавис номаи ман бар дасти худ. Бинамо бар вай ҳамчунон кунад, пас рӯҳи банда барояд.

**Фасли сеюм дар баёни сакароти мавт ва омадани шайтон бо косаи об**

Чун ҷони банда наздики синабирасад, бандаро сакароти мавт ғолиб шавад. Дар вақти баромадани рӯҳ шайтони лаъин васваса кунаду ба гӯши банда расонад ва бигӯяд, ки ту худ медонӣ, ки гуноҳони беандоза кардаӣ? Туро нахоҳанд бахшид ва аъзои туро хоҳанд сӯхт.

Бандаи бечора чӣ донад, ки ин шайтон асту ноумедии бандаро мехоҳад.

Аз Ҳазрати Худованди бузург фармон мерасад мар фариштаро, ки бирав дар гӯши бандаи ман ҳафт бор салом бигӯй, ки он мудаъӣ аст, дурӯғ мегӯяд, бедил машав.

Боз овардаанд, ки чун вақти баромадани ҷон шавад, инсон бисёр ташна шавад, дар ин ҳол шайтони лаъин бо косае аз оби яхин назди сари вай ояд. Пас меҷунбонад косаи обро барои ӯ. Мӯъмин гӯяд: -Бидеҳ маро аз ин об.

Ӯ намедонад, ки вай шайтон аст. Пас шайтон ба ӯ гӯяд: - Бигу, ки нест Сонеъ мар оламро, яъне бигу, ки нест Худо, то туро аз ин об бидиҳам.

Агар мӯъмин ҷавоб надиҳад, шайтон ба тарафи ду пои вай биёяд ва биҷунбонад косаро.

Мӯъмин боз гӯяд: - Бидеҳ маро аз ин об.

Пас шайтон ӯро гӯяд: - Бигӯ, дурӯғ гуфтанд Пайғамбарон, то бидиҳам туро аз ин об.

Касе, ки бадбахт бошад, бар ташнагӣ тоқат наоварда, ба шайтон мувофиқи гуфтаи ӯ ҷавоб диҳад ва аз дунё кофир берун шавад. Худо паноҳ диҳад.

Касе, ки некбахт бошад, суханони шайтонро рад кунад ва фикр кунад он чӣ дар пеши ӯ аст.

**Ҳикоят** шудааст, ки Абу Закариёи Зоҳид чун ба ҳолати марг расид, пас омад назди ӯ ошнои вай ва ӯ дар сакароти мавт буд. Ӯ барояш калимаи таиба "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р- расулуллоҳ"-ро гуфт.

Абу Закариёи Зоҳид аз вай рӯй гардонид.. Пас дӯсти вай бори дуюм гуфтани калимаи таибаро талкинаш кард. Ӯ боз аз вай рӯй гардонид. Бори сеюм ба гуфтани калимаи таиба даъваташ кард. Абу Закариё гуфт, ки намегӯям.
Пас дӯсти вай аз охири кори вай тарсид.

Баъди як соат, чун Абу Закариё сабукӣ аз ҳоли аввал ёфту чашм кушод, аз дӯсташ пурсид: - Оё Шумо ба ман чизе гуфтед?

Гуфтанд: - Оре, бар ту калимаи таибаро се бор арз кардем. Ту рӯй гардонидӣ ду бор аз гуфтан ва бори сеюм гуфтӣ, ки намегӯям.

Абу Закариё гуфт, ки назди ман шайтон омада буд. Косаи об дар даст дошт. Ӯ аз тарафи рости ман истода косаро ҷунбонида маро гуфт: - Оё ҳоҷат дорӣ ба об?
Гуфтам: - Оре.
Гуфт: - Бигӯ, Исо писари Худост. Пас рӯй гардонидам аз вай. Пас аз он омад аз тарафи пои ман ва маро ҳамчунин гуфг. Боз рӯй гардонидам аз вай. Дар карати сеюм маро гуфт: - Бигӯ, нест Худо.

Гуфтам; - Намегӯям.

Пас зад косаро бар замин ва пушаймон шуда баргашт. Пас ман рад карда будам бар шайтон, на бар Шумо. Инак гувоҳӣ медиҳам бо ин ки нест маъбуде магар Худои таъоло ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) бандаи ӯст ва фиристодаи ӯст.

**Фасли чаҳорум дар баёни таксим шудани ҳоли ӯ бар панҷ тариқа**

Эй падару модари азиз, чун марг чунин душвор бошад, пас мову шуморо тавба кардан ба даргоҳи Худо ва шабзиндадории бо ибодат лозим меояд ва намоз хондану рӯза доштан, иҷрои фармудаҳои Худои таъоло, то халос шавем аз азоб.

Гуфта шудааст, ки чун мавти бандаи мӯъмин наздик шавад, ҳоли ӯ бар панҷ тариқа тақсим шавад. Мол барои ворис ва рӯҳ барои Малакулмавт. Гӯшт барои кирмон ва устухон барои хок. Некӣ барои хусуматкунандагон, яъне даъвогарон, ки онҳоро ранҷонида бошад ё ҳаққи онҳоро хӯрда бошад.

Пас бибарад ворис молро ва барад Малакулмавт рӯҳро ва барад кирмон гӯштро ва барад хок устухонро ва барад хусуматкунандагон некиҳоро.

Кошкӣ шайтон набарад имонро ҳангоми мурдан, ки рафтани имон ҷудоӣ аз Парвардигор аст ва нест ивази он.

Илоҳо, охири кори ҳама бандагони мӯъмину мӯъминотро ба хайр биёрӣ ва гуфтани калимаи тайибаро бар забони ҳама мусулмонон дар вакти марг осон гардонӣ. Ба ҳурмати Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с).

МАРҲИЛАИ ПАНҶУМ

# АЗ ВАҚТИ МАРГ ТО РӮЗИ ҚИЁМАТ

Муштамил аст бар панҷ фасл:

Фасли аввал дар баёни ҷудо шудани рӯҳ аз бадан.
Фасли дуюм дар баёни овоз кардани замин ва қабр.
Фасли сеюм дар баёни дафн кардани мурда.
Фасли чаҳорум дар баёни хатарҳои азиме, ки дар пеши майит оянд.
Фасли панҷум дар баёни васваса кардани шайтони лаин.

## **Фасли аввал дар баёни ҷудо шудани рух аз бадан**

Ҳангоми ыудо шудани рӯҳ аз бадан аз осмон се овоз меояд, ки:

Эй ибни Одам, ту дунёро тарк кардӣ ё дунё туро тарк кард?

Оё, ту дунёро ҷамъ кардӣ ё дунё туро ҷамъ кард?

Оё, ту дунёро қабул кардӣ ё дунё туро қабул кард?

Ва чун ҷасад ниҳода шавад бар ҷои ғусл, аз осмон боз, чунин овоз меояд:

Эй писари Одам, куҷост бадани боқуввати ту? Пас чӣ чиз заъиф кард туро?

Куҷост забони бурруи ту? Пас чӣ чиз сукут кард туро?

Куҷост гӯшҳои шунавои ту? Пас чӣ чиз ношунаво кард туро?

Куҷо шуданд дӯстони ту? Пас чӣ чиз танҳо кард туро?

Чун ҷасад ниҳода шавад дар кафан, боз овоз дода шавад, ки эй фарзанди Одам, хушвақтӣ аст туро, агар бошад ҷои ту ҷаннат. Вой бар ту ва азоб аст туро, агар бошад рафики ту хашм ва нохушнудии Худои таъоло.

Эй писари Одам, меравӣ ту ба сафари дароз ба ғайри туша ва берун мешавӣ аз хонаи худ. Пас боз нахоҳӣ омад ба вай ҳеҷ гоҳ ва меравӣ ба сӯи хонаи хавфҳо.

Чун ниҳода шавад бар тобут, овоз дода шавад ба се овоз, ки эй фарзанди Одам, хушвақтӣ аст туро, агар бошад амали ту нек ва азоб аст туро, агар бошад амали ту бад. Хушвақтӣ аст туро, агар бошӣ ту тавбакунанда ва бошад рафиқи ту ризои Худои таъоло. Азоб аст туро, агар бошад рафиқи ту нохушнудии Худои таъоло.

Чун ниҳода шавад тобут барои намоз, овоз дода шавад ба се овоз, ки эй фарзанди Одам, ҳар амале, ки кардан, онро хоҳӣ дид, дар ин соат. Агар амали ту нек бошад, ҷазои нек [1] бинӣ ва агар амали ту бад бошад, ҷазои бадро бинӣ.
Хушвақтӣ аст туро агар будӣ, ки умри худро дар салоҳат гузарондаӣ ва азобаст туро агар умри худро ба беҳуда гузарондаӣ.

Гоҳе ки ниҳода шавад тобут бар канораи қабр, овоз дода шавад ба се овоз, ки эй фарзанди Одам, ту бар пушти ман хандон будӣ, дар шиками ман гирён

гаштӣ. Ту бар пушти ман шодмон будӣ, дар шиками ман ғамнок гаштӣ ва ту бар пушти ман гӯё будӣ, дар шиками ман хомӯш гаштӣ.

Чун мардум аз вай баргарданд, Худои азза ва ҷалла гӯяд: - Эй бандаи ман, ягонаву танҳо боқӣ мондӣ ва туро дар торикии қабр гузоштанд. Нофармонӣ кардӣ маро барои онҳо. Пас ман раҳм кунам бар ту имрӯз, раҳме, ки тааҷҷуб кунанд аз он махлуқ ва ман меҳрубонтарам бар ту аз модар бар фарзанди худ.

Илоҳо, оқибати кори ҳамаи мо мусулмононро ба хайр гардонӣ, омин.

**Фасли дуюм дар баёни овоз кардани замин ва қабр**

Замин овоз мекунад, ҳар рӯз ба даҳ калима гӯяд: - Эй фарзанди Одам, зиндагӣ мекунӣ бар пушти ман ва бозгашти ту дар шиками ман аст. Ва нофармонӣ мекунӣ бар пушти ман ва азоб карда мешавӣ дар шиками ман ва ханда мекунӣ бар пушти ман ва гиря мекунӣ дар шиками ман ва мехӯрӣ ҳаром ба пушти ман ва мехӯранд кирмон гӯшти туро дар шиками ман ва шодӣ мекунӣ бар пушти ман ва ғамин шавӣ дар шиками ман ва фарбеҳ мешавӣ ба ҳаром хӯрдан бар пушти ман. Обу гудохта шавӣ дар шиками ман. Ба такаббур меравӣ бар пушти ман, хору залил шавӣ дар шиками ман. Меравӣ шодон бар пушти ман ва воқеъ шавӣ ғамнок дар шиками ман ва меравӣ дар рӯшноӣ бар пушти ман ва воқеъ шавӣ дар торикӣ дар шиками ман ва меравӣ бо ҷамоат бар пушти ман ва мегардӣ танҳо дар шиками ман.

Дар хабар аст, ки қабр овоз мекунад ҳар рӯз ба се калимот:

- Ман хонаи ҷудоиям ва ман хонаи торикиам ва ман хонаи кирмонам. Пас чӣ чиз омода кардӣ барои ман?

Гуфта мешавад, ки қабр овоз мекунад панҷ бор.

Гӯяд: - Ман хонаи танҳоиям, пас бардор ҳамроҳи худ рафиқро ва ӯ хондани Қуръон аст ва ман хонаи торикиам. Пас бардор ҳамроҳи худ чароғро ва ӯ намоз аст дар шаб ва ман хонаи хокам.

Пас бардор ҳамроҳи худ қолинро ва он қолин амали солеҳ аст ва ман хонаи морон ва каждумонам. Пас бардор ба сӯи ман тарёк ва он тарёк садақа ва "Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р- раҳим" аст. Ва рехтани ашкҳо аст, яъне аз тарси Худо гиря кардан ва ман хрнаи саволи мункар ва накирам. Пас бисёр бихон бар пушти ман калимаи "Ло илоҳа илалдоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳро".

Ривоят шудааст аз Оиша (р)-зани Пайғамбар (с), ки гуфт, ман нишаста будам чаҳорзону дар хона, ки даромад Расулуллоҳ (с). Пас хостам, ки хезам пешӣ ӯ чуноне ки одати ман буд, ки аз ҷои худ мехестам, вақти омадани вай ба тарафи ман. Пас гуфт он Ҳазрат (с): - Биншин ба ҷои худ, эй модари мӯъминон.

Пас нишастам ман, ӯ сари худро дар канори ман ниҳода хобид. Ман мӯи сафед аз риши он Ҳазрат (с) меҷустам. Дар он нуздаҳ адад мӯи сафедро дидам.

Пас фикр кардам дар дили худ ва гуфтам, ки он Ҳазрат (с) аз дунё меравад ва уммати ӯ бепайғамбар боқӣ мемонад.

Гиря кардам, то он ки ашк ба рухсораи ман рехт. Қатрае аз он бар рӯи Пайғамбар (с) афтод. Бедор шуд он Ҳазрат (с) аз хоб ва гуфт: - Чӣ чиз туро, эй модари мӯъминон, ба гиря овард?

Қиссаро бар он Ҳазрат баён кардам.

Фармуд: - Эй модари мӯъминон, кадом ҳол сахттар аст бар майит?

Гуфтам: - Худои таъоло ва Расули ӯ доност.

Гуфт: - Рост мегӯй, аммо ту бигӯ.

Гуфтам: - Ҳоли сахттар аз вақти баромадани аз хонаи вай набошад. Медаванд авлоди ӯ дар паси тобути ӯ ва мегӯянд:

- Эй падари мо ва эй модари мо. Ва мегӯяд падар дар марги писари худ: эй писари ман ва эй фарзанди ман.

Фармуд он Ҳазрат, ки ин сахт аст бар майит ва сахттар аз ин ҳам ҳаст.

Пас аз он фармуд: - Кадом ҳол сахттар аст бар майит?

Гуфтам: - Набошад ҳоли сахттар бар майит, аз ин ки ниҳода шавад дар лаҳад ва рехта шавад бар вай хок ва бозгарданд аз вай ақрабои вай ва авлоди вай ва дӯстони вай ва супоранд ӯро ба Худои таъоло бо амали вай.

Пас аз он фармуд Пайғамбар (с), ки эй модари мӯъминон, ин сахттар аст бар вай ва аз ин ҳам сахттар ҳаёт. Пас аз он фармуд: - Кадом ҳол сахттар аст бар майит?

Гуфтам: - Худо ва Расули ӯ донотар аст.

Пас фармуд: - Бидон, эй Оиша (р), сахттари ҳол бар майит вақтест, ки мурдашӯй бахонаи майит дарояд, то бишӯяд ӯро ва берун кунад ангуштарини ҷавонро аз ангушти вай ва бикашад куртаи арӯсро аз бадани вай ва бардорад дастор (салаи) шайху олим ва козиро аз сари вай.

Дар ин ҳол овоз кунад рӯхи ӯ вакте ки бинад бадани худро бараҳна (луч) ба овози ғамнок, ки мешунавад онро ҳар махлуқ, магар инсон ва ҷин.

Пас овоз кунад: - Эй шӯянда, қасам аст ба Худои таъоло бар ту, ки баркашӣ либосҳои ман ба нармӣ ва оҳистагӣ. Пас ман ҳозиракак халос шудаам аз ҷанголҳои малакулмавт.

Чун резанд бар вай обро овоз ва фарёд кунад рӯҳ ва чунин гӯяд: Эй шӯянда, макун обро бисёр гарм ва на бисёр хунук. Пас бадани ман маҷрӯҳ аст ба кашидани рӯҳ.

Чун шӯяд ӯро гӯяд: қасам бод ба Худои таъоло бар ту, эй шӯянда, накаш маро ба қуввати худ, пас бадани ман маҷрӯҳ, аст ба баромадани рӯҳ.

Чун тамом кунад шӯстани ӯро ва вайро дар кафан ниҳад ва баста шавад ҷои ду қадами ӯ. Овоз кунад ӯро: қасам ба Худои таъоло бод бар ту, эй шӯянда, баста макун кафанро бар сари ман, то бубинанд рӯи маро аҳл ва авлоди ман ва ва ақрабои ман. Пас ин охирин дидани ман аст онҳоро. Ман имрӯз ҷудо шавам аз онҳо ва набинам онҳоро то рӯзи қиёмат.

Чун берун кунанд майитро аз хонаи вай, овоз кунад: қасам ба Худои таъоло, эй ҷамоати ман, шитоб накунед ба ман, то ки видоъ кунам хонаи худ ва аҳли худ ва моли худро.

Ҳамчунин овоз кунад: қасам ба Худо, ки гузоштам зани худро бева. Бар шумо лозим бод, ки иззо надиҳед ӯро ва гузоштам авлоди худро ятим. Бар шумо лозим бод, ин ки иззо надиҳед онҳоро, пас ман имрӯз берун карда шавам аз хонаи худ ва боз нагардам ҳаргиз.

Чун бардоранд ӯро бар тобут, мурда гӯяд: қасам бод бар шумо, эй ҷамоати ман, ки шитобӣ накунед ба ман, то ки бишнавам овози ахл ва авлоди худ ва ақрабои худро, чун ман имрӯз берун карда шавам ва ҷудо карда шавам аз эшон то рӯзи қиёмат.

Чун ниҳанд тобутро бар тахти ҷаноза ва се қадам роҳ раванд, овоз диҳад, овозе, ки мешунавад онро ҳар чизе, магар инсон. Ва чин гӯяд: эй дӯстони ман ва эй бародарони ман ва эй авлодони ман, мағрур накунад шуморо зиндагӣ, дунё, чунон ки мағрур кард маро ва бозӣ накунад ба шумо дунё, чунон ки бозӣ кард маро. Ибрат гиред, эй соҳибони чашм, шояд, ки шумо наҷот ёбед.

Пас ман гузоштам он чӣ ҷамъ карда будам барои ворисони худ ва шумо айш мекунед аз паси ман ва набардоред шумо аз гуноҳони ман чизеро ва ҳисобкунанда ҳисоб хоҳад кард ба ман ва шумо фаромӯш мекунед ва мегузоред маро дар хок. Пас аз он талаб нахоҳед кард маро.

Чун бар вай намози ҷаноза хонанду бозгарданд, баъзе аз аҳли вай ва ошноёни вай аз намозгузорандагони вай он мурда гӯяд: қасам аст, эй бародарони ман, ба Худо ман медонам, ки мурда фаромӯш карда шавад, лекин фаромӯш накунед маро бо ин шитобӣ.

Чун биниҳанд ӯро дар лаҳад, гӯяд: қасам аст ба Худо, эй ворисони ман, ки ҷамъ карда будам моли бисёр дар дунё ва гузоштам онро барои шумо. Фаромӯш накунед маро ба пораи  нони худ ва омӯзонидам шуморо Қуръон ва одоб, пас фаромӯш накунед маро ба дуъои худ.

Чун баъд аз дафн кардани ӯ боз оянд гӯяд: эй бародарони ман, медонам, ки мурда хунуктар аст аз ях дар дилҳои зиндагон, лекин фаромӯш накунед маро бо ин шитобӣ.

**Ҳикоят**. Абу Қалоба дар хоб мақбараеро дид, пеши рӯи ҳар яке аз онҳо табақе аз нур буд. Дар миёни онҳо шахсе дид, ки пеши рӯйи вай табақе аз нур набуд. Пас савол кард ӯро, ки барои чӣ дар пеши ту табақи нур намебинам?
Он мурда гуфт: онҳоро фарзандон ва ошноёнанд, ки дуъо мекунанд барои онҳо ва садақа мекунанд барои онҳо. Нур аз он чиз аст, ки фиристодаанд ба онҳо аз дуъо ва садақа. Маро писари носолеҳе ҳаст, ки барои ман на дуъо мекунад ва на садақа медиҳад. Аз ин ҷиҳат барои ман нуре нест у ман шармандаам назди ҳамсоягони худ.

Абу Қалоба чун аз хоб бедор шуд, писари он мурдаро талаб карда ёфт ва ӯро ба он чӣ дар хоб дида буд, хабар кард.

Писари он мурда гуфт: ман тавба кардам бар дасти ту ва дигар бознагардам ба сӯи он ни карда будам. Ва ман бепарво намебошам аз падари худ ҳаргиз, модоме, ки зинда бошам.

Баъди ин писар ба ибодат машғул шуду барои падари худ дуъо карда садақа дод.

Пас аз чанд муддат Абу Калоба дар хоб боз он мақбараро дид бар ҳамон ҳол ва дид назди он мурда нуре равшантар аз  офтоб на зиёдатар аз нури ёрони ӯ.

Он мард ба ӯ гуфт: - Эй Абу Қалоба, Худои таьоло туро ачри бузург диҳад, ки ба сабаби гуфтани ту ба фарзандам ва дуои ӯ аз оташ ва шармандагии ҳамсоягон халос шудам.

**Фасли сеюм дар баёни дафн кардани мурда**

Бидон, ки корсозӣ ва дафн, яъне қабр кардани мурда ва намози чаноза хондан аз ҳуқуқҳоест, ки мусулмононро бар якдигар мебошад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар кас намози чанозаи шахси мусулмонро хонад, барои ӯ қироте бувад аз ачру савоб. Агар интизорӣ кашад, то мурдаро қабр кунанд, ду қирот савоб ёбад.

Гуфтанд: - Ё Расулаллоҳ, қирот чӣ миқдор вазн дорад?

Фармуданд, ки хурдтари он монанди кӯхи Уҳуд бошад, ки дар рӯзи қиёмат дар паллаи тарозӯи некиҳо гузошта мешавад,

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар мусулмоне бимирад ва дар намози чанозаи вай чиҳил марди мусулмон, ки ба Худо ширк наёварда бошанд, ҳозир шаванд, Худои таъоло биёмурзад ӯро.

Расул (с) фармуданд, ки чун мурдаро дар тобут ниҳанд ва мардумон бар гарданҳои худ бардоранд, пас он мурда агар солеҳ бувад, гӯяд: кӯшиш кунед ва зудтар бирасонед маро ба ҳиммат ва кароматиПарвардигори ман.

Агар кофир бошад, гӯяд: вой бар ман, кучо мебаред маро?

Бишнавад овози вайро ҳамаи чиз, магар одамӣ агар бишнавад, беҳуш шавад.

**Хикоят**. Яке аз бузургони дин гуфт: - Дар шаҳри Ибодон чавони порсое вафот кард. Тобистон буду ҳаво дар ғояти гармӣ. Гуфтем, то намози пешин сабр кунем, ки ҳаво хунук шаваду чавонро дафн кунем. Дар ин ҳол хоб бар ман ғалаба кард. Дар хоб чунин дидам, ки қуббае зада буданд, дар гӯристон аз як донаи марворид, ки нур аз он қубба ба осмои мерафт.

Ногоҳ ҳуре рӯй бар ман намуду гуфг: - Эй Шайх, магар раво медорӣ, ки он чавони мурдаро то намози пешин аз мо чудо дорӣ? Чаҳд кун ва зудтар ӯро ба мо расон, ки интизори дидори ӯем.

Хушо бандае, ки бимирад ва ҳоли вай чунии бошад.

**Фасли чаҳорум дар баёни хатарҳои азиме, ки дар пеши майит оянд**

Бечора одами чаҳор хатари бузург дар пеш дорад, хар яке аз дигаре сахттару мушкилтар аст. Агар назари таҳқиқ ба вай кунем ва тафаккур намоем дар вай, на парвои хурдану нӯшидан монад ва на хоҳиши гуфтану шунидан, аммо чӣ кунем, ки ғафлат бар дилҳо фаро гирифта, магар Ҳақ таьоло огоҳӣ ва хушёрӣ диҳад. Аввал хатари марг. Дуюм хатари гӯр. Сеюм хатари қисмат. Чаҳорум хатари оташи дӯзах.

Расули акрам (с) фармуданд, хар рӯз ду фаришта аз осмон нидо мекунад, ки зӣ аҳли дунё, шумо таваллуд шудаед аз барои мурдан ва иморатҳо мекунед аз барои хароб шудан, яъне иморат мекунед чизеро, ки рӯй дар вайронӣ дорад ва он

чӣ ҷамъ мекунед, насиби душманом хоҳад шуд. Ҳол он ки шумо ҳисоб ва азоб карда мешавед назди Парвардигори худ.

Эй бародар ва хоҳари азиз, назар кун, ки чӣ мекунӣ? Биандешу ҳушёр шав.

Расули акрам (с) ҳаргиз дар кори дунё сангеро бор болои санге наниҳод, то он замон, ки аз олам сафар кард.

Хонаи гилро чанд иморат мекунӣ, як бор хонаи дилро иморат кун.

Хона ҳар чанд кунӣ маҳкаму пурнақшу нигор,

Малакулавт дар он хона дарояд рӯзе.

* * *

Эй бародар ва хоҳари азиз, агар дар деворҳои оҳанин бошӣ, маргро аз худ дур карда натавонӣ.

Расули акрам (с) ба гурӯҳе аз одамон гузашт, ки ба пурии даҳон механдиданд. Фармуд, ки агар шумо маргро ёд кунед, шуморо ханда наёяд.

Маргро бисёр ёд кунед, ки гӯр шуморо хонае аст. Ва он равзаеаз равзаҳои биҳишт ё кандае аз кандаҳои дӯзах мебошад.

Эй мардумон, гӯрро бисёр ёд кунед, ки охирин хонаи шумо аст. Ва кафани худро ёд кунед, ки охирин ҷомаву либоси шумо аст.

Гӯр хонае аст, ки калидаш дар дасти Исрофил аст, то ӯ сурро надамад, аз он хона берун омадан нест.

Эй бечора, аз хоби ғафлат бедор шав, ки то чашм бикушоӣ, худро дар гӯр бинӣ.

♦ *

Ногоҳ бувад, к-аз ин ҷаҳонат бибаранд,

Аз ҳалқаи ҷамъи дӯстонат бибаранд.

Ғофил манишин замон, замонат бибаранд,

Гар ту наравӣ, кашон-кашонат бибаранд.

Ҳаш вақт он набошад, ки ту ба ҷанозаи дигарои ҳозир шавӣ, рӯзе хоҳад расид, ки ҷамъе ба ҷанозаи ту низ ҳозир шаванд.

Ёд кун аз он соат, ки салоти ҷанозаи ту барояд.

Ёд кун он замоне, ки боғу бӯстонро бигузорӣ ва рӯй ба гӯристон орӣ.

Ёд ор он лаҳзаро, ки туро ба хоки тира бисупоранд ва дӯстон аз сари хоки ту боз гарданд ва туро дар он мақоми пурваҳшат бигузоранд.

Ёд кун из он соат, ки хурӯши мусибат аз хонаводам ту барояд, аҳл ва фарзандони ту оху воҳеро барораид. Агар ҳазор сол умр ёбӣ на ҳама лаззоти ҷаҳон туро бошад, ҳосили он чӣ хоҳад буд, ҷуз он ки шарбати марг мебояд чашид ва сахтии ҷон кандан мебояд дид?

Умри азидро дар талаби чизи дунё беҳуда сарф кунӣ ва ба машаккати тамом дирам ва динор ҷамъ кунӣ ва ба хавф нигоҳ дорӣ ва ба ҳасрат бигзорӣ, балки аз ӯ фоида ногирифга ба ворис бигзорӣ ва худ бигзарӣ.

Амирулмӯъминин Усмон (р) анҳу чун бар сари гӯре биистод, чандон бигирист, ки ришааш тар шуд. Аз вай пурсиданд, ки барои чӣ қиёмату дӯзахро ёд мекунӣ, чандон намегирйӣ ва чун гӯрро мебинӣ, чандин мегирйӣ?

Гуфт: - Агар қиёмат бошад, халоиқ ҳама ҷамъ хоханд буд ва агар дӯзах аст, он ҷо низ гурӯҳе хоҳанд буд, ҳеҷ ҷои мушкилтар ва пурваҳшаттар аз гӯр нест, ки дар ин ҷо танҳо мемонӣ то рӯзи қиёмат.

Азизи ман, марги ҳама кас мушкил аст, аммо марги ҷавонон ва ғарибон мушкилтар аст. Он ғариби бечора дур аз ватану ёру дӯстон дар масҷиде ё гӯшае бемор афтода, бар сари болинаш на падару на модар, на касе аз фарзандону хешони вай. Сар ба санге ё кулухе ниҳода бо ранги зард бар гӯшае афтода. Ногоҳ Малакулмавт бар вай зоҳир шавад, он бечора чун вайро бинад, аз хешони худ ёд кунад ва охи сард аз сина барорад. Дар он ҳол Ҳақ таъоло фариштае бифиристад, то саломи Ҳақ ба вай расонад ва гӯяд: - Эй бандаи ғариб, Худои таъоло салом мерасонад ва мефармояд, ки бандаи ман агар чӣ туро аз ватану дӯстони ту ҷудо кардам, валекин раҳмати худро қарини ҳоли ту гардонидам.

Эй банда, матарс ва андӯҳгин мабош, ки биҳиштро барои ту омода кардаам ва ҳурҳо дар интизори дидори туанд ва бо ин ҳама туро дараҷаи шаҳиди каромат кардам. Ин банда чун ин ташриф биёбад, шоду хурсанд гардад ва ҷони вай ба раҳмат ва ризвони Ҳақ бояд.

**Фасли панҷум дар баёни васваса кардани шайтони лаъин**

Чун банда дар сакароти мавт афтад, шайтони лаъин назди вай ояд ва гӯяд: - Эй мискин, ҳеҷ медонӣ, ки чандин заҳмат ва машаққат, ки бар ту ниҳодаанд, аз барои чист? Ин ҳама аз барои он аст, ки ту мусулмонӣ, тарк аз ин дин кун, то аз ин ҳама машаққатҳо бираҳӣ.

Агар банда дар дин қаввӣ бошад, гӯяд: - Эй малъуни хомтамаъ, дигар ҳаваси ту аз ман пухта нагардад, ман ҳама машаққатҳоро аз барои ин дин ихтиёр кардаам ва умеди растагорӣ ба баракати ин дин дорам. Баргард, ки мақсуди ту аз ин барнаёяд.

Пас шайтон аз вай ноумед шавад ва баргардад. Ва агар он бечора дар дин суст бошад ва бар ҳавои нафс рафта бошад, шайтонро фармонбардорӣ кунад ва имон аз вай зоил шавад ва ба куфр равад. Наъузу биллоҳ.

Расулуллоҳ (с) фармуданд, ки ҳар мусулмоне бигзарад ба гӯристоне аз гӯристонҳои мусулмонон, аҳли гӯристон гӯянд: - Эй ғофил, агар бидонӣ он чӣ мо медонем, хар оина об шавад гӯшти ту бар тани ту.

Эй дарвеш, аз корсози марг ғофил мабош ва тӯшаи охират бисёр кун, ки марг сафари дароз аст, то ба кай дар бозичаи дунё саргардон бошӣ? Аз ҳоли гузаштагон ибрат гир:

Ба дунё дил набандад ҳар кӣ мард аст,
Ки дунё сар ба сар андӯҳу дард аст.
Ба гӯристон назар кун, то бубинӣ,
Ки даврон бо рафиқонат чӣ кардаст.

Расули акрам (с) фармуданд: - Медарояд дар қабр бар мурда фаришта пеш аз он ки дохил шаванд мункару накир. Медурахшад рӯи ӯ монанди офтоб. Номи он фаришта Румон аст ва он фаришта мурдаро менишонад. Пас мегӯяд мурдаро: бинавис он чӣ амал кардан аз некию бадӣ?

Он банда ба фаришта гӯяд: - Ба калом чиз бинависам? Куҷост қалами ман ва давоту сиёҳии ман?

Он фаришта гӯядаш: - Барои ту қалами ту ангушти туст ва давоти ту даҳони туст ва сиёҳии ту оби даҳони туст.

Он фаришта пурсад: - Бар кадом чиз бинависам чун нест барои ман коғазе.

Пас ҷудо кунад он фаришта аз кафани вай як рақъа ва бидиҳад ӯро ва гӯяд: - Ин аст коғази ту, пас бинавис бар вай он чӣ амал кардӣ дар дунё аз некӣ ва бадӣ. Пас менависад он чӣ амал кардааст дар дунё аз хайру некӣ. Вале дар навиштани бадӣ он мурда аз фаришта ҳаё кунад. Фаришта ӯро гӯяд: - Эй хатокунанда, вақте ки он бадиро дар дунё мекардӣ, оё ҳаё намекардӣ аз Офарандаи худ ва ҳаё мекунӣ алҳол аз ман?

Пас бардорад фаришта гурз, то ӯро бизанад.

Он банда гӯяд: - Аз ман гурзро бардор, то он бадиҳоро бинависам,

Пас бинависад ҳамаи некиҳову бадиҳои худро. Фаришта вайро амр кунад, ки печонад он сафҳаро ва мӯҳр кунад. Онро печонад ва гӯяд: - Ба кадом чиз мӯҳр кунам онро чун мӯҳр бо ман нест?

Фаришта гӯяд, ки мӯҳр кун ӯро ба нохуни худ.

Пас мӯҳр кунад он саҳифаро ба нохуни худ ва онро фаришта дар гардани он шахс то рӯзи қиёмат биёвезад.

Чунончи Худои таъоло фармуд, ки ҳар инсонро лозим кардаем мо амалномаи ӯро дар гардани вай.

Баъд аз он мункару накир дохил шавад.

Ҳамчунин гунаҳгор амалномаи худро рӯзи қиёмат бинад ва Худои таъоло ӯро ба хондани он амр кунад. Бихонад ӯ некиҳои худро ва чун расад ба хондани бадиҳои худ, хомӯш шавад..

Пас гӯяд Худои таъоло: - Чаро намехонӣ?

Банда гӯяд, ки ҳаё мекунам аз ту, эй Парвардигори ман.

Худои таъоло гӯяд: - Чаро ҳаё намекардӣ дар дунё ва алҳол ҳаё мекунӣ?

Пас, он вақт банда пушаймон шавад, вале ӯро пушаймонӣ фоида накунад. Пас, фармояд Худои таъоло ба фариштагон: - Бигиред ӯрову тавқ ба гардан кунед. Пас ба дӯзах баред вайро.

Бидонед, қабр охирин манзили дунё ва аввалин манзили охират аст. Ва он равзае хоҳад буд аз равзаҳои биҳишт ё кандае аз кандаҳои дӯзах ва агар дар гӯр ҳеҷ азоби дигар набошад, ҷуз он ки бандаро зинда гардонанд дар қабр, бечора чашм бикушояд ва худро дар гӯр бинад.

Бингар, ки ҳамин чӣ азобе бувад, ки то қиёмат он ҷо мебояд буд.

Азоби гӯр ҳақ аст, мар ҳама кофирону мушрикон ва мунофиқону баъзе мӯъминони осиро.

Азоби гӯр рӯҳро бошад, мисоли он шахсе дар боғ бошаду он ҷо пур аз гулу риёҳин асту обҳои равон. Ва ӯ бар тахте хобу ҷамъи моҳрӯён ба гирди вай ҳалқа зада ва ногоҳ ба хоб мебинад, ки ӯро дар танӯри оташин меандозанд ё мекушанд, ё мисли он чизҳо мебинаду бисёр метарсад. Ҳол он ки ӯ дар хоб мушоҳида мекунад дар он боғи худ аз ин азобҳо мавчуд нест.

Пас, он рӯҳи вай аст, ки ин корҳоро тамошо мекунад. Ва он макрӯҳӣ ва нохушӣ бо вай мерасад. Боз мисоли роҳати гӯр чунон аст, ки масалан, шахсе дар хонаи тангу торик хуфта бошад, баруи хок танҳо, ногоҳ мебинад, ки дар боғ ва бӯстон аст, дар миёни гулу риёҳин ва неъматҳо ва обҳои равон ва
моҳрӯён ба гирди вай нишаста ва ӯ аз онҳо дар айни лаззат ва роҳат, ногоҳ бедор шавад, маълум шавад, ки онҳоро ба хоб дида аст. Ва дар он хонаи тангу торик аз онҳо ҳеҷ набудааст, балки он рӯҳи вай буда, ки инҳо мушоҳидаи вай шудааст. Ин намудориест, мар азоби гӯр ва роҳати гӯрро.

Азоби охират рӯҳ ва тан ҳар дуро бошад ва мисоли вай чунон аст, ки дар қаряе нобиное ва ланге бошад. Ва онҳоро бо якдигар мулоқот бошад, яке мар дигареро гӯяд, ки эй бародар, иштиҳои ангур дорам, бубин, то аз куҷо ҳосил мекунем? Ланг гӯяд: дар боғи фалон Хоҷа ангур аст, аммо маро пой нест, ки биравам ва ангур орам. Нобино гӯяд, ман пой дорам, аммо чашм надорам, надонам, ки аз кадом сӯй мебояд рафт. Шал гӯяд, ман чашми ту мешавам ва ту пои ман шав, то биравем ва ангур орем. Ҳар ду бар ин иттифоқ карданд, шал бар гардани нобино нишаст ва ӯро роҳ нишон медод, то расиданд ба пои деворӣ боғ. Ланг бар сари девор рафт ва дасти нобино гирифт ва ба боғ фурӯ гузошт ва ҳар ду бо ҳам рафтанд, то пои дарахти ангур. Ва он миқдор, ки хостанд, ангур чиданд. Қасд карданд, ки боз гарданд, ногоҳ соҳиби боғ дар бикушод ва даромад.

Дид, ки девор рахна кардаанд ва ангур чида ва роҳи гурез металабанд. Бонг бар онҳо зад, ки чаро беиҷозат ба боғ даромадед.

Шал гӯяд: - Эй Хоҷа, ту медонӣ, ки ман пои рафтан надорам ва ҳаргиз боғи туро надидаам ва роҳ намедонистам. Ин кӯр маро овард.

Кӯр гӯяд, ки, эй Хоҷа, ту медонӣ, ки ман чашм надорам ва роҳро намебинам, ин ланг маро овардааст.

Дар шаръ ва дар урфу одат узри ҳеҷ як аз инҳо шунида намешавад, чунки ҳар ду ин кор кардаанд. Агар аз онҳо авф кунад, караму мурувват ба ҷой оварда бошад ва агар зарбу лат кунад, низ ҳар ду мустаҳиқанд.

Ҳамчунин фардои қиёмат Ҳақ таъоло хитоб кунад рӯҳро, ки эй рӯҳ, чаро дар ман осӣ шудӣ?

Гӯяд: - Худовандо, ту донотарӣ, ки то ман мусоҳиби тан нагашта будам ва дар олами арвоҳ будам. Аз ман нофармонӣ намеомад, ҳар чи кард, тан кард. Танро хитоб расад, ки эй тан, чаро маъсият ва гуноҳ кардӣ? Тан гӯяд: Худоё, вақте ки рӯҳ ба ман набуд, чизи беҷон будам ва аз ман некӣ ва бадӣ намеомад, ҳарчи кард, рӯҳ кард. Ин ҷо низ узри ҳеҷ кадомаш қабул карда намешавад, чун ки гуноҳ ба ёрии якдигар кардаанд. Пас, Ҳақ таъоло агар гуноҳ аз онҳо авф кунад ва онҳоро ба биҳишт фиристад, фазл карда бошад ва агар ба дӯзах фиристад ва азоб кунад, адл карда бошад. Пас, собит шуд, ки азоби гӯр рӯҳрост ва азоби қиёмат рӯҳ ва тан ҳардуро бошад.

**Ҳикоят**. Муддати ҳафтод сол кори пире гӯр кандан буд. Рӯзе бузурге аз вай савол кард, ки дар ин муддат, ки ин кор мекунӣ чӣ чизи аҷибе дидӣ?

Гуфт: - Рӯзе гӯр мекандам, ки гӯри дигар пайдо шуд. Мурдае дар он гӯр буд, ки ҳама аъзои вай хок шуда буд, магар як пойи вай барҷой монда буд. Назар

карда дидам, ки аз як тарафи лаҳад каждуме бағоят калон биёмад ва неш бар он пой зад. Он пой тапидан гирифт ва каждум ба ҷои худ бозгашт. Чун аз тапидан бозистод, боз он каждум биёмаду неш бар вай зад. Ҳамчунин ҳар гоҳ, ки пой ором гирифтӣ, он каждум меомаду неш бар он мезад. Ин гувоҳи он аст, ки азоби гӯр ҳақаст.

**Ҳикоят**. Хоҷа Раҳматуллоҳ гуфт, ки рӯзе ба шаҳре расидам, ки дар он ҷо мардуме мурда буданд. Чунон ки одати авомҳои онвақта буд, сари гури онҳоро мекананд, ки шояд кафан дардаҳан кашида бошанд.

Ҷустуҷӯ карданд. Аввал ҳамомчие мурда буд, сари гӯри вай бикушоданд. Он бечора сар то пой сӯхта, хокистар шуда буд. Мардум аз қаряҳо меомадаанду медиданду ибрат мегирифтанд, то бидонӣ, ки азоби гӯр хақ аст. Пас, эй бародар, ин ҳама хатар, ки дар пеш дорӣ, ба кори қиёмати худ машғул шав ва аз ҳоли гузаштагон ибрат гир.

Ҷони бандаи мӯъмину саъодатмандро чунон гиранд, ки обе аз машк ба осонӣ мебарояд. Ҷони кофирро чунон гиранд, ки сихкабобро аз пашми тар кардашуда мегиранд.

Медароянд дар қабр ду фаришта. Сахтдилу сиёҳранг ва сабзчашм, ки овози онҳо монанди раъд сахтовоз бошад. Ва чашмҳои онҳо монанди барқи хиракунандаи биноӣ, бишкофанд заминро ба чанголҳои худ ва онҳо Мункару Накиранд.

Пас, онҳо мурдаро ҷунбонида бархезонанд ва шинонанд ӯрову гӯянд: - Кист рабби ту? Яъне кист Худоӣ ту ва кист Пайғамбари ту ва чист дини ту?

Агар он мурда аз аҳди некбахтон бошад, бигӯяд, ки рабби ман Аллоҳи воҳид аст ва Пайғамбари ман Мухаммади Мустафо (с) аст ва дини ман ислом аст.

Пас, Мункару Накир вайро гӯянд:! Хоб кун, монанди хоб кардани арӯс, он ки бедор накунад ӯро магар дӯсттарин аҳли ӯ. Ва Мункару Накир назди сари ӯ дар қабраш як сӯрох бикушоянд. Пас, назар кунад аз он сӯрох ба сӯи манзили худ ва ҷои нишастани худ дар ҷаннат то рӯзи киёмат. Ва ӯ аз сахтиҳо ва тангиҳои гӯр ҳеҷ ҳис накунад.

Агар мурда, Худо паноҳ диҳад, кофир бошад, ӯро гӯянд: - Рабби ту кист? Гӯяд: - Оҳ-оҳ намедонам.

Пас Мункару Накир ӯро гӯянд: - Надонистӣ ва нахондӣ ту.

Пас, овоз кунад ӯро овозкунандае аз ҷониби Худои азза ва ҷалла, ки бизанед ӯро гурзе аз оҳан ва бизананд ӯро. Агар ҳама махлуқ ҷамъ шаванд, он гурзро аз паҳлӯе ба паҳлӯи дигар гардонида натавонанд. Пас қабри ӯ шӯълавару танг шавад, то

# Саҳифаи 166

**Фасли аввал дар баёни тақсим кардани моли майит**

Вақте ки инсон аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат намуд, яъне аз дунёи нестшаванда ба олами боқиву ҷовидон сафар мекунад, ворисон -касоне, ки аз молу чизи вай ҳақбар мешаванд; падару писар ва бародару духтар ва ғайра, бояд мувофқи, гуфтаҳои зерин амал кунанд, то ин ки ҳам барои худашон ва ҳам барои мурда фоида шавад. Ва ҳам мувофиқи гуфтаҳои шариат шавад.

Аз моли майит аввал ӯро кафан кунанд ва чизҳои барои қабр кардан лозимро муҳаё созанд.

Дуюм, қарзҳои ӯро пеш аз тақсими мол адо кунанд.

Сеюм, агар васият карда бошад, ки фалониро фалон чиз ва бисмадониро бисмадон чиз диҳед, моли ӯро се тақсим; карда, аз як қисмаш ҳаққи васияткардашудагонро диҳанд.

Чаҳорум, моли боқимондаро шаш тақсим карда аз он як қисмашро барои зани майит диҳанд ва панҷ қисми дигарашро ба писарону духтаронаш тақсим кунанд. Ба ин тариқ, ки писарон як ҳақ гиранд ва духтарон ним ҳак.

Баъди он ки ҳама ҳаққи худро мегиранд, ҳар ки моли худро ба падари худ сарф мекунад ё гирифта ба хонааш мебарад ва ё ба бародару хоҳари хурдсолаш мебахшад, сохибихтиёр аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ӯро гӯяд, ки молатро чунин ё чунон кун, зеро ин мол моли ҳалоли ӯст.

Падари ӯ дигар дар он мол ҳеҷ ҳаққе надорад. Ва агар бе иҷозати соҳиби мол моли ӯро сарф кунанд, тамоман дуруст нест.

Ин кори муҳимро, мутаассифона, имрӯз аксарияти мардум иҷро ва риоя намекунанд. Ҳаққи ятим будану ризоияти соҳиби молро ба эътибор нагирифта, онро бе тарака сарф мекунанд. Ҳол он ки ҳаққи ятимро хӯрдан ба ҳеҷ қавл ва ба ҳеҷ далел раво нест.

Одати инсонҳои замони мо ҳамин аст, ки агар падар аз дунё гузарад, хона ва гову моли ӯро як кас гирифта, маишат мекунаду дигар бародарону хоҳаронашро маҳрум месозад. Дар сурате, ки он гову мол ва чизҳои аз падар боқӣ монда, аз они ҳамаашон аст, фикр намекунад, ки бародарону хоҳарон розӣ ҳастанд ё не? Фикри қиёматро намекунад.

Касоне, ки ба Худои таъоло бовар дошта бошанду аз ҳисоботи рӯзи қиёмат андеша кунанд ва аз азоби дӯзах битарсанд, фирефтаи чандрӯза маишати дунё нагашта, бояд мероси падарро мувофиқи гуфтаи шариат тақсим кунанд. Чунки ӯ танҳо падари шахси хонаву чизҳоро соҳибшуда не, балки падари ҳамаашон буд.

Илоҳо, ҳамаи мо мискинонро тавфиқи риоя кардани андозаи мерос рӯзӣ гардонӣ. Омин ё раббу-л-оламин.

**Фасли дуюм дар баёни чиҳил ҳаққе, ки баъд аз мурдани падару модар дар зиммаи фарзандон мебошад**

Падару модарро бар фарзанд ҳаштод ҳақ аст, чиҳил дар ҳолати ҳаёт ва чиҳил дар ҳоли мамот, яъне баъди мурдани падару модар. Он чиҳил ҳаққи дар ҳолати ҳаёт будани падару модарро қаблан гуфта гузаштем. Акнун дар хусуси он чиҳил ҳаққе, ки баъд аз мурдани падару модар аст, сухан мекунем.

Аввал кӯшиш намоед, ки ба зудӣ ӯро баъди мурдан дафн кунед, яъне қабр кунед, ки азизии мурда дар он аст, ки зудтар вайро дафн кунанд. Фармони шарь дар он аст ва ӯро ба тарики шарь бишӯянд ва кафани суннатӣ кунанд. Яъне се кафан. Аз се кафан зиёда накунанд, ки исроф мешавад. Кафанро бояд аз моли ҳалол кунанд. Агар қарз карда кафан кунад, лозим аст, ки қарзро зуд адо кунанд.

Агар соҳибилм бошад, имом дар намози ҷаноза худаш шавад, ки соҳиби майит ӯст, гӯр ё лаҳад кунад, ки суннат ин аст. Майитро мебояд дар мавзеъе дафн кунанд, ки хасме набошад, яъне замини дигар кас набошад. Ва агар хасме бошад, бо ризои вай кунанд ва дар ҳаққи вай дуъо кунанд ба ин тарика, ки Худои таъоло фармудааст: "Рабби-р-рҳамҳумо камо раббаёни сағиран", яъне, эй Парвардигори ман, раҳмат кун ба падару модари ман, ҳамчунон ки онҳо маро мепарвариданд ва раҳм мекарданд бар ман дар ҳоли хурдӣ ва заифии ман.

Маънии дигар он бошад, ки раҳми онҳо дар дили ман бинеҳ, ҳамчунон ки раҳми ман дар дили онҳо ниҳодӣ. Дар ҳоли тифлӣ ва хурдсолии ман ва ба хок худаш ниҳад, ки соҳиби ӯ вай аст,

Бояд гӯрканон ва коркунонро хушнуд кунад ва агар музд гиранд, музди онҳоро кам надиҳад ва дар миёни аҳли салоҳ дафн кунанд. Яъне дар миёни одамони нек дафн кунанд, на дар миёни одамони бад, ки аз ҳамсояи бад ӯро ранҷ расад.

Қабрро ба хок ва хишти хом кунанд, ба чӯб ва хишти пухта накунанд. Гӯрро ба саҳро кунанд, на ба хона, ки суннат ин аст ва барои ӯ садақа ва дуъо кунанд.

Қарзҳои ӯро низ мебояд адо кунанд, васиятҳои ӯро ба ҷой оваранд, намозҳои зиёдатӣ ба нияти ӯ бихонанд, яъне дуъо кунанд, то савоб ба онҳо расад. Ва рӯзаҳои зиёдатӣ бигиранд ва савобашро ба ӯ бахшанд ва ба зиёрати қабри онҳо раванд. Ба рӯҳи падару модар тиловати Қуръон кунанд.

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар ки ба зиёрати қабри падару модари худ равад, фариштагон ба зиёрати қабри вай оянд.

Расули акрам (с) фармуданд: ҳар ки рӯзи ҷумъа як бор ба зиёрати қабри падару модари худ равад, гуноҳони ӯ омурзида шаванд ва номи ӯ аз некон шавад ва дар вақти зиёрат ба такбир ва салавот ва дуъо хондан ва Қуръон хондан машғул шавад. На ба навҳа кардан, яъне нола кардан ва суханони носавоб ва беҳуда гуфтан. Чунки онҳоро аз он ранҷ мерасад. Ҳар ки зиёрати қабри падару модари худ кунад ва дар ҳаққи онҳо дуъо кунад, Ҳақ таъоло ҳама гуноҳони ӯро мағфират кунад. Илоҳо рӯҳи падарон ва модаронро аз мо шод гардонӣ.

## МАРҲИЛАИ ҲАФТУМ
## АҲВОЛИ РӮЗИ ҚИЁМАТ

Муштамил аст бар бисту се фасл:
Фасли аввал дар баёни ҳақ будани рӯзи қиёмат.
Фасли дуюм дар баёни дамидани сур.
Фасли сеюм дар баёни қоим шудани рӯзи қиёмат.
Фасли чаҳорум дар баёни тарозӯи аъмол.
Фасли панҷум дар баёни овардани дӯзах ба арасот.
Фасли шашум дар баёни пули сирот.
Фасли ҳафтум дар баёни авф намудани Худованд гуноҳони шахсонеро, ки дар дунё олимонро дӯст медоштанд.
Фасли ҳаштум дар баёни оташи дӯзах.
Фасли нуҳум дар баёни табақаи аввали дӯзах, ки онро ҷаҳаннам гӯянд.
Фасли даҳум дар баёни шафоат кардани тифлон.
Фасли ёздаҳум дар баёни азоб кардани кофирон.
Фасли дувоздаҳум дар баёни биҳишт ва биҳиштиён ва роҳати онҳо.
Фасли сездаҳум дар баёни биҳишти якум, ки онро дорулхулд гӯянд.
Фасли чордаҳум дар баёни биҳишти дуюм, ки онро дорулмақом гӯянд.
Фасли понздаҳум дар баёни биҳишти сеюм, ки онро дорулсалом гӯянд.
Фасли шонздаҳум дар баёни биҳишти чаҳорум, ки онро ҷаннотуладн гӯянд.
Фасли ҳабдаҳум дар баёни биҳишти панҷум, ки онро дорулқарор гӯянд.
Фасли ҳаждаҳум дар баёни биҳишти шашум, ки онро ҷаннотулнаъим гӯянд.
Фасли нуздаҳум дар баёни биҳишти ҳафтум, ки онро ҷаннотулмаъво гӯянд.
Фасли бистум дар баёни биҳишти ҳаштум, ки онро ҷаннотулфирдавс гӯянд.
Фасли бисту якум дар баёни ҳаловат ва лаззату осоишу роҳати аҳли биҳишт.
Фасли бисту дуюм дар баёни меҳмонӣ кардани пайғамбарон биҳиштиёнро.
Фасли бисту сеюм дар баёни кушта шудани марг дар биҳишт.

### Фасли аввал дар баёни ҳақ будани рӯзи қиёмат

Бидон, эй бародар ва хоҳари азиз, ки рӯзи қиёмат омаданӣ ва вокеъ шуданӣ аст ва дар омадани қиёмат ҳеҷ шакке нест. Зинда гардонидани халоик ҳақ аст. Ҳар касе омадани қиёматро мункир шавад, кофир гардад. Ин ҳукми Қуръони карим аст.

Имон овардан ба рӯзи қиёмат тасдиқ кардан аст ба дил ва иқрор кардан аст ба забон, мар он чизҳоеро, ки Қуръон ва ҳадис хабар додааст аз он ҳол. Аз аҳволи қиёмату охират, саволи гӯру азоби қабр, зинда шудани одамиён, хондани номаи аъмол, гузаштан аз Сирот, ҳавзи Кавсар, шафоат кардами пайғамбарон, дӯзаху биҳишт, ҷазову сазо, азобу роҳат, ҷовидон мондани мӯъминон дар биҳишт, ҷовидон будани кофирону мушрикон ва мунофиқон дар дӯзах, халоси ос иён ва

берун овардани онҳо аз оташ, даровардани онҳо ба биҳишт, авф кардан аз гуноҳони хурд ва азоб кардан бар гуноҳони бузург ва дидори Ҳақ таъоло, мар мӯъминонро.

Пас аз даромадани ба биҳишт ҳама ҳақ ва рост аст .

**Фасли дуюм дар баёни дамидани сур**

Расул (с) фармуданд: - То вақте ки некон дар миёни мардумон бошанд. Ҳақ таъоло қиёматро қоим накунад, аммо чун замона ба охир расаду фасод дар замин зоҳир гардад, фармонн Ҳақ таъоло ба Исрофил дар расад, ки эй Исрофил (а), сурро бидам!

Исрофил (а) сурро дамад, чазаъ ва фазаъ ва ҳайбату тарс дар замину осмону малакут афтад. Замин ларзидан гирад, чунон ки Ҳақ таъоло аз он ҳол хабар дода аст.

Ларза дар замин афтад, ҳар ширдиҳанда аз шир додан бозмонад, ҳамаи бордорон ба якборагӣ, аз он ҷумла занҳо ва ҳайвонотн ҳомила, борҳояшонро бипартоянд. Одамиён аз ҳайбати қиёмат ва сахтии азоби Худованд ҳамчун мастон бияфтанд.

Ҳак таъоло дар Каломи маҷиди худ аз он ҳол хабар медиҳад:

“Битарсед аз Худои таъоло ба дурустие, ки зилзилаи рӯзи қиёмат чизи бузург аст” ва ин дамидани сури аввал аст, ки ; Исрофил се карат сурро медамад.

Дамидани аввалро нафҳаи фазаъ гӯянд. Дамидани дуюмро нафҳаи саъқ гӯянд. Дамидани сеюмро нафҳаи баъс хонанд. Чун нафҳаи дуюмро дамад, ҳамаи ҷондорон бимиранд ва чун нафҳаи сеюмро дамад, ҳама ба якборагӣ зинда шаванд ва чун Ҳақ таъоло хоҳад, ки халоикро зинда гардонад, фармон диҳад то абре барояд ва чиҳил щабонарӯз борон борад. Дар он чиҳил шабонарӯз обе меборад аз осмон монанди мании мардон. Чунон ки аз Машриқ то ба Мағриб ҳама ҷо аз он об пур шавад. Он об бо хок якҷоя шавад ва боз Ҳақ таъоло сӯрати халоикро падид орад ва ҷисму ҷасади ҳамаро тамом гардонад, чунон ки дар аввал буданд.

Он гоҳ ҷумлаи арвоҳро дар шохаҳои сур дароваранд ва сурро ҳафт шох бошад. Чун Исрофил сур дардамад, арвоҳи ҷумла ба якборагӣ дар ҳаво паррон шаванду ҳар рӯҳ ба қолаби худ дарояд. Аз фариштагон аввал чаҳор малаки муқаррабро зинда гардонад. Яъне Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил ва Азроил алайҳиму-с-саломро. Аз одамиён аввал ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва салламро зинда гардонад.

Он чунон бошад, ки Ҷабраилро бо ҳафтод ҳазор фаришта ба дунё фиристад ва чаҳор чиз бо онҳо бошад: асп, либоси ҷаннатӣ, қамарбанди ҷаннатӣ ва тоҷ.

Ҷабраил бо он фариштагон ба дунё фуруд оянд. Бубинанд ҳама ҷо ҳамвор шуда, ҳеҷ ҷой дар дунё аз баландӣ ва пастӣ намонда. Ҷабраил (а) Мадина ва равзаи Расул салаллоҳу алайҳи ва салламро наёбад.

Гӯяд: - Бор Худоё, ту донотарӣ, ки равзаи ҳабиби туро намеёбам.

Фармон расад, ки, эй Ҷабраил, ӯро фарёд кун то туро ҷавоб диҳад.

Ҷабраил (а) ӯро ба номҳо фарёд мекунад: - Ё Ҳабибуллох, ё Халилуллоҳ, ё Саиди қоба кавсайн.

Ба ҳар ном, ки фарёд кунад, ҷавоб нашунавад ва чун гӯяд: - Ё Шафеи музнибин, яъне эй шафоаткунандаи гунаҳгорон, хазрати Муҳаммада Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам ҷавоб диҳад.

Ҷабраил (а) ба сари равзаи тайибаи Ҳазрати Набӣ алайҳи- с-салом ряду гӯяд: - Бархез, эй Расулаллох.

Расул алайщи-с-салом чун овози Ҷабраил (а) бишунавад, хок аз мӯй ва рӯи худ бияфшонад ва гӯяд: - Ё Ҷабраил, имрӯз чи рӯз аст?

Ҷабраил (а) гӯяд, ки рӯзи ҳасрату надомат аст ва рӯзи қиёмат аст.

**Фасли сеюм дар баёни коим шудани рӯзи қиёмат**

Расул алайҳи-с-салом чун номи қиёматро бишунавад. гӯяд:

- Ё Ҷабраил, Ҳақ таъоло бо уммати ман чӣ кард, ҳоли гунаҳгорони уммати ман ба кучо расид?

-Ҷабраил (а) гӯяд: - Ё Расулаллощ, ханӯз Ҳак субхонащу ват аъоло хеҷ касро аз одамиён зинда нагардонидааст. Фармуд, ки аввал ту ба ҳисобгощ ойь, то бо уммати ту чунон муомида кунам, ки ту розӣ бошӣ.

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам ҳазрати Ҳақ таъолоро шукр кунад, либоси биҳиштиро пӯшад, тоҷ дар сар ниҳад, камари шафоат дарбандад ва бар бурок - аспи иззат савор шуда, ба арасоти қиёмат ҳозир шавад. Баъд аз он халоиқро зинда гардонад. Чун сар аз гӯр бароранд, аввал кӯшиши онҳо он бошад, ки ба сари бинии худ назар кунанд, то бубинанд, ки сафедрӯй барангехта шудаанд ё сиёҳрӯй, наъузу биллоҳ. Он гоҳ осмонҳоро бинанд пора-пора шуда ва ситораҳоро бинанд фурӯ рехта ва дарёҳо бар ҷӯш омада ва дар якдигар ҷамъ шуда ва ба манзалаи як дарё гашта, кӯҳҳо аз бех баркандашуда ва мисли пашми шапида шуда дар ҳаво паррон гашта. Ҳисоботи адл зоҳир шуда, хавлу сиёсати қиёмат ба ҳама ҷо расида, ҳасрату надомат боло гирифта.

Халоиқро дар қиёмат дар ҳисоботи арасот панҷоҳ мавқиф биистонанд ва дар ҳар мавқиф ҳазор сол онҳоро боздоранд. Алам, яъне парчам - байрақи иззати ҳар пайғамбареро бигузоранд.

Уммати ҳар пайғамбаре дар пойи байрақи ӯ ҷамъ мешаванд. Он гоҳ фармон шавад, то ҳама пайғамбарон бо уммати худ ба пойи байрақи ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ҳозир шаванд.

Байрақи Расули моро салаллоҳу алайҳи ва саллам ливои ҳамд гӯянд. Он гоҳ номаҳо паррон шаванд. Баъзеро номаи аъмол ба дасти рост диҳанд ва баъзеро ба дасти чап. Ҳар кас кирдори худро бинад дар нома навишташуда, он чи карда бошад дар дунё, ҳама ба ёди ӯ расонанд.

Ба ҳар шахс хитоб мерасад, ки эй пири умрзоеъкарда, нома бихон ва эй ҷавони бебок, нома бихон, эй олими беамал, нома бихон. Эй зоҳиди нопорсо, нома бихон. Эй зане, ки рӯи худ ба номаҳрам намудаӣ, нома бихон. Эй намозҳоро аз вахт гузаронида, нома бихон. Эй падару модарро озордода, нома бихон. Эй банда, номаи худ бихон, яъне ҳисоби худ худ кун, гувоҳи худ худ деҳ, қозии худ худ бош, хукми худ худ баровар.

**Фасли чахорум дар баёни тарозӯи аъмол**

Тарозӯи адл биёвезанд ва он тарозӯ мисли тарозӯи халоик нест. Аъмол, яъне корҳои бандагонро бисанҷанд ва миқдори тоъату гуноҳи бандаро маълум кунанд ва ҳамаро бар пули сирот гузаштан фармоянд. Ҳар кас дар ин олам бар сиротимустақим, яънс роҳи рост истода бошад ва амалҳои исломиро ба ҷо оварда бошад, ба осонӣ аз пули сирот гузарад.

Ҳар ки дар дунё ба роҳи рост нарафта бошад ва амалҳои исломиро ба ҷо наёварда бошад, бар пули сирот роҳ, наёбаду ба дӯзах афтад, наъузу биллоҳ.

Ҳамаро дар пеши пули сирот маън кунанду бипурсанд аз ҳар чи карда бошанд - аз бадӣ ё некӣ. Пули сирот барои кофирон аз шамшер бурротар ва аз шаб ториктару аз мӯй бориктару аз оташ сӯзонтар бувад. Аммо бар мӯъминон на чунин бувад, балки Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд, ки пули сирот барои мӯъминон баробари водӣ аст. Биҳиштро наздик гардонад аз барои муттақиён, яъне худотарсон ва дӯзахро зоҳиру ҳозир гардонанд аз барои гумроҳону нофармонон.

Дар он рӯз мӯъмин ва кофир аз якдигар ҷудо шаванд, дар ҳоле ки ин хитоб бишунадванд: - Ҷудо шавед, эй гунаҳгорон аз тоаткунандагон.

Гурӯҳеро бо лутфу марҳамат ба биҳишт мебаранд ва гурӯҳеро бо занҷиру қуфлҳо ба дӯзах андозанд.

Фармони Ҳазрати парвардигор даррасад, ки эй малоикаҳо, дӯзахро ба саҳрои қиёмат ҳозир гардонед.

**Фасли панҷум дар баёни овардани дӯзах ба арасот**

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки дӯзахро ҳафтод ҳазор маҳор аст, яъне ҷои кашидан. Ҳар маҳореро ҳафтод ҳазор фаришта мекашаду меоварад. Ҳанӯз миёни дӯзах ва аҳли арасот чандсола роҳ монда бошад, дӯзах чунон меғуррад, ки тамоми пайғамбарон аз аввал то охир ба ду зону дарафтода мегӯянд: нафсӣ, нафсӣ, яъне, эй бор Худоё, худи моро наҷот деҳ.

Аз тарсу ҳайбати қиёмат умматону хешу тобори худро фаромӯш карда, фақат барои халос ёфтани худашон дуо мекунанд. Дар он ҳол аз аҳли арасот ҳеҷ кас бар по истода намонад, магар ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам, ки истода бошаду асо ба даст гирифта ва чодари шафоат бар дӯш.

Дӯзахро бинад меояд пурҷӯшу хурӯш ва аз хашм худ ба худ меҷӯшад. Чун ҳазрати Набӣ салалоҳу алайҳи ва саллам дӯзахро бинад, ки ба он ҷӯшу хурӯш меояд, пеши дӯзах равад.

Хитоби Ҳазрати Худованд даррасад, ки, эй дӯзах, ҳабиби моро мутеъ ва фармонбардор бош.

Чун Саиди олам салаллоҳу алайҳи ва саллам наздики дӯзах расад, бонг бар дӯзах занад, ки, эй дӯзах, сокин бош.

Дӯзах сокин шаваду гӯяд: - Ё Расулаллоҳ, маро бо ту чи кораст, чун Ҳак таъоло ҳаром гардонида аст бар ман гӯшти туро?

Дар он ҳол, ки ҳамаи пайғамбарону расулони мукаррам нафсӣ, нафсӣ, - гӯянд ва ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам умматӣ, умматӣ, гӯяд.

Эй осии бечора, вақте ки пайғамбарони бокамоли нубувватро ҳол чунин бошад, ҳеҷ медонӣ, ҳолӣ мо осиёни харобрӯзгор чӣ гуна хохад шуд?!

Рӯзест рӯзи фардо пурваҳму шӯру ғавғо,
Оқил чаро насозад имрӯз кори фардо?
Халкон чунон бигирянд аз ҳайбати қиёмат,
К-аз оби чашми эшон гардад замин чу дарё.

* * *

Рӯзи қиёмат рӯзест, ки мард аз бародари худ, фарзанд аз модару падари худ, шавҳар аз зани худ ва падар аз писар бигурезад.

Эй бародару; хоҳари азиз, ёд кун аз он соат, ки туро дар мавқифи ҳисоб бидоранд ва як-як гуноҳи туро ба рӯи ту оранд ва агар мункир шавӣ, дасту пои ту бар ту гувоҳӣ диҳанд.

Имрӯз коре макун, ки фардо дасту пои ту бар ту гувохӣ диҳанд.

Он рӯзи адлу ростӣ хоҳад буд, ки доди мазлумонро аз золимон бигиранд, то ҳадде ки агар гӯсфанди шохдор бар гӯсфанди бешох зулм карда бошад, онро ҷазо хоҳанд дод. Он гоҳ дигар ҳайвонот, ки ғайри фариштагону одамиёну париён ва девон бошанд ва он чи Худои таъоло хоста бошад, ки монад фармон шавад. ки хок шавед ва ҳама хок шаванд. "Ва якулул кофиру ё лайтани кунту туробо".

Одами кофир чун он ҳолро бинад, орзӯ кунад, ки эй кошке, хук ё хар мешудаму ин вақт хок шуда, аз азоб халос мешудам. Шайтон низ дар он рӯз иззату акроми одамизодро дида, орзӯ мекунад, ки эй кош, ман ҳам аз хок мебудам ва намегуфгам, ки ман аз одам беҳтарам, то имрӯз иззату икром меёфтам.

Ҳар киро номаи аъмоли ӯ ба дасти роста ӯ диҳанд, ҳисоби вай осон бошад.

Фардои қиёмат чун номаи аъмоли бандаро ба дасташ диҳанду дар номаи худ як некӣ набинад, гӯяд: - Худовандо,- агарчи ин гуноҳон кардаам, аммо ба сафҳои ҷамоат низ ҳозир шудаам ва некиҳо низ кардаам, ҳикмат чист, ки дар номаи худ имрӯз ҳама бадӣ мебинам?

Фармон расад, ки, эй банда, ин бадиҳои ту аст, ки бар як рӯи нома навиштаанд. Некиҳои туро дар тарафи дигар навиштаанд, ту бадиҳои худро бихон, то бидонӣ, ки чи кори бадкардаӣ.

Банда баланд-баланд хонданро сар кунад.

Фармон расад, ки, эй банда, оҳиста бихон, то ҳамсоягони ту нашунаванд ва дигарон аз гуноҳи ту огоҳӣ наёбанд.

Бандаи бечора номаи худро хондан гирад, ба ҳар гуноҳе, ки расад, гумон кунад, ки ин соат аз вай ба вуҷуд омадааст.

Чун баъда хонданро тамом кунад, сари хиҷолат дар пеш афканаду тарсон дил бар азоб биниҳад.

Фармон расад, ки бандаи ман, ҳарчи кардаӣ, биёмурзидам гуноҳҳони туро. Аз ту афв кардам, эй банда, бихон некиҳои худро.

Банда хонданро, оҳиста сар кунад. Фармон шавад, ки, эй банда, баланд бихон то ҳамсоягони ту бишунаванд, ки чи некиҳо аз ту ба вуҷуд омадааст.

Банда номаи некиҳои худ баланд бихонад. Хитоби Ҳазрати парвардигор даррасад, ки, эй бандаи ман, ҳама некиҳои туро қабул кардам, ба фазли ман ба биҳишт рав.

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун кофирро даъват карда шавад ба сӯи ҳисоб ва меояд фариштаи азоб ва пора кунад синаи ӯро ва баровարад дасти чапи ӯро аз паси пушти вай, дар миёни ду китфи вай. Пас диҳад ӯро амалномаи вай ба дасти чапи ӯ.

Гузошта мешавад дар рӯзи қиёмат тарозуи баркаши аъмол. Як паллааш дар ҷониби рости арш ва ин паллаи некиҳо бошад. Ва ниҳода шавад паллаи дигар аз ҷониби чапи арш ва ин паллаи гуноҳон бошад. Дар миёни тарозу монанди кӯҳҳо аз амалҳои ҷину инс пур бошад аз некиҳо ва бадиҳо дар рӯзе, ки баркашида шаванд.

Гуфта шудааст, ки оварда шавад шахсеро, ки наваду нӯҳ нома дошта бошад. Дарозии ҳар нома ба миқдори дарозии дидани чашм бошад. Дар он хатоҳо ва гуноҳони вай навишта шуда бошад. Пас дар паллаи тарозу он номаҳо ниҳода шаванд ва бароварда шавад барои ӯ коғазе мисли ангушти дасте. Дар он навишта шудааст. ки "Ло илоҳа илаллоҳ Муҳаммаду-р- расулуллоҳ".

Чун нихода шавад ин коғази калимаи тайиба дар паллаи дигар, пас вазнин шавад ин палла ба сабаби ин коғази калимаи тайиба бар ҳама гуноҳони вай. Касеро, ки паллаи некиҳояш зиёд бошад, пас он кас дар айшу роҳат аст ва айш мекунад дар ҷаннат чӣ гунае ки хоҳад. Касеро ки паллаи гуноҳонаш зиёд бошад ва паллаи некиҳояш сабук бошад, пас ҷои бошиши ӯ дӯзах бошад, наъузу биллоҳ.

**Фасли шашум дар баёни пули сирот**

Расули акрам салаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанл, ки Худои Таъоло ба рӯи дӯзах пулро офарид ва он пули сирот аст. Бар болои дӯзах ҷои лағжидан ва афтодан. Ҳазорсола роҳ боло рафтану ҳазорсола роҳ поён ва ҳазорсола роҳ баробар рафтан аст. Он бориктар аз мӯву тезтар аз шамшеру сиёҳтар аз шаб бошад.

Дар он пул савол карда мешавад аз он чӣ Худои таъоло амр кардааст бандаро. Аввал аз имон савол карда мешавад, пас чун имони банда саломат бошад, ӯро Худои таъоло наҷот диҳад. Агар имонаш саломат набошаду кофир бошад, дар дӯзах нагунсон афтад.

Дуюм, ҳисоб карда шавад аз намозу сеюм аз закону чаҳорум аз рӯза ва панҷум аз ҳаҷ ва шашум аз таҳорату ғусли ҷанобат ва ҳафтум аз некӣ кардан бар падару модар ва силаи раҳм. Пас агар наҷот ёбад аз ин чизҳо, ки зикр карда шуд. бигузарад аз пул ва растагор шавад ва агар ҷавоб дода натанонад, сарнагун афтад дар дӯзах.

Расул салаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳар пуле фарёд мекунад, ки, эй Парвардигори ман, умматӣ, умматт, яъне умматҳои маро аз лағжидан нигоҳ дор,

Пас савор шаванд махлуқот дар пул, то он ки савор шаванд баъзе аз онҳо дар пушти баъзеашон ва пул меҷунбад ҳамчунон ки киштӣ дар дарё аз шамоли сахт меҷунбад. Пас равон шаваду гузарад касе, ки наҷот ёфт.

Гурӯҳи аввал монанди барк-чароғаки дурахшандан чашм хиракунанда бигузаранд. Яъне монанде, ки чароғак мезанад, ҳамон қадар тез пулро гузаранд.

Гурӯҳи дуюм монанди бод тез раванд ва гурӯҳи сеюм монанди мурғони тезпар ва гурӯҳи чаҳорум монанди аспи тездав бигузаранд. Гурӯҳи панҷум монанди пиёдаи тезгард бигузаранд ва гурӯҳи шашум монанди пиёдаи сустрав бигузаранд ва гурӯҳи хафтум монанди шутури тезрав бигузаранд. Гурӯҳи ҳаштум монанди занони ҳомила бигузаранд ва гурӯҳи нуҳӯм монанди шер оҳиста бигузаранд ва гурӯҳи даҳум биистанд бар пули сирот ва натавонанд, ин ки бигузаранд.

Баъзе аз онҳо миқдори як шабонарӯз ва баъзе ба миқдори як моҳ ва баъзеи дигар ба миқдори як сол ё ду сол, ё се сол бигузаранд. Ҳамчунин гузаштан мегиранд ва охирин касе, ки бар сирот бигузарад, ба миқдори бисту панҷ ҳазор сол бигзарад.

Ривоят шудааст, ки мардум меравданду мегузаранд бар сирот ва бошад оташи дӯзах аз зери қадамҳои онҳо ва болои сари онҳо ва аз ҷониби чапи онҳо ва аз пушти онҳо ва аз пеши онҳо.

Худои таъоло гуфтааст, ки пас бираҳонем муттақиёнро ва бигузорем золимонро дар он ҷо ба зону дарафтода ва оташ бихӯрад рӯдаҳои онҳоро ва пӯстҳои онҳоро ва амал кунад дар баданҳои онҳо ва гӯштҳои онҳо, то он ки онҳо монанди ангишт сиёҳ гарданд.

Баъзе аз онҳо касоне бошанд, ки натарсанд аз сирот аз чизе. Бидаванду беҳарос бигузаранд ва нарасад ба онҳо чизе аз оташ. Гӯянд, ки пули сирот дар куҷост?

Гуфта шавад ба онҳо, ки шумо пули сиротро ба раҳмати Худои таъоло бемашаққат гузаштаед. Ин гурӯҳ шахсонеанд, ки дар дунё ба гуфтаҳои Худо ва пайғамбар амал карда бошавд ва аз гуноҳони худ тавбаву зорӣ карда бошанд.

Дар хабар омадааст, ки ояд қавме ва биистанд бар сирот ва гӯянд: - Мо аз оташ метарсем.

Ва он қавм ба гузаштан бар сирот далерӣ накунанду бигирянд. Пас Ҷабраил (а) ояду гӯяд: - Чи чиз манъ кард шуморо аз гузаштани сирот?

Онҳо гӯянд: Мо аз оташ метарсем.

Пас Ҷабраил (а) гӯяд: Чун дар дунё дарё пеши рӯи шумо меомад, чӣ гуна аз он мегузаштед?

Гӯянд, ки мо аз дарё бо киштӣ мегузаштем.

Пас фариштагон масҷидҳоеро, ки дар дунё намоз мегузоштанд ба сурати киштӣ оранд. Онҳо бар он бинишинанду аз сирот бигузаранд. Пас гӯянд фариштагон он қавмро, ки ин киштиҳо он масҷидхои шумоянд, ки намоз мехондед дар он ба ҷамоат.

**Фасли ҳафтум дар баёни авф намудани Худованд гуноҳони шахсонеро, ки олимонро дар дунё дӯст медоштанд**

Дар хабар аст, ҳар вақте ки Худои таъоло ҳисоб кунад бо банда, чун ғолиб шавад бадиҳои вай бар некиҳои вай, пас амр кунад вайро Худои таъоло ба сӯи оташ. Чун баранд ӯро ба сӯи оташ, Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро фармояд, ки бандаи маро савол кун. Оё ягон бор дар дунё бо олимон нишастааст, то ки ӯро ба шафоати он олимон биёмурзам?

Чун савол кунад ӯро Ҷабраил (а), гӯяд: - Не.

Пас Ҷабраил гӯяд: - Эй Парвардигори ман, ту доноӣ ба ҳоли бандаи худ.

Пас Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро гӯяд: - Савол кун ӯро, оё олимонро дӯст доштӣ?

Пас савол кунад Ҷабраил аз банда, гӯяд: - Не.

Фармояд Худои таъоло: - Савол кун ӯро, оё ягон бор нишастӣ бар таъом хӯрдан бо ҳамроҳии олимон дар дунё?

Пас савол кунад Ҷабраил (а), гӯяд - Не.

Фармояд Худои таъоло: - Савол кун ӯро, ки оё зиндагонӣ кардӣ дар ҷое, ки дар он зиндагонӣ карда бошад олиме?

Пас савол кунад ӯро, гӯяд: - Не.

Пас фармояд Худои таъоло: - Савол кун, оё ягон писари худро номи ягон олиме гузоштаӣ?

Гӯяд: - Не.

Фармояд Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро, ки савол кун ӯро.
ё дуст доштӣ шахсеро, ки ӯ дуст медошт олимонро?

Савол кунад ӯро ва ӯ гӯяд: - Оре.

Фармояд Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро: - Бигир дасти ӯро, дохил кун ӯро дар ҷаннат, зеро ки ин шахс дар дунё дӯст медошт шахсеро, ки ӯ дӯст медошт олимонро.

Дар хабар омадааст, ки ҳаройина барангезад Худои таъоло рӯзи қиёмат масҷидҳои дунёро, мушобеҳ ба сурати шутурони сафед, ки пойҳои онҳо аз анбар бошад. Ва гарданҳои онҳо аз заъфарон бошад ва сарҳояшон аз мушк бошанд. Ва пуштҳояшон аз забарҷади сабз бошанд. Савор шаванд бар онҳо намозхонони бо ҷамоат ва муаззинон мекашанд онҳоро ба лаҷомҳо ва имомони масҷид меронанд онҳоро.

Пас бигузаранд дар арасоти қиёмат. Гуфта шавад, ки ин ҷамоат аз фариштагони мукаррабанд. Ё аз пайғамбарони мурсаланд. Пас овоз кунад овозкунандае, ки, эй аҳли қиёмат, онҳо на аз фариштагони муқаррабанд, на аз пайғамбарони мурсал, балки инҳо аз уммати Муҳаммади Мустафо (с) хастанд. Ононе, ки муҳофизат кардаанд панҷ вақт намозро бо ҷамоат.

Худовандо, оқибати кори ҳамаи мӯъминонро ба хайр гардонӣ, омин.

**Фасли ҳаштум дар баёни оташи дӯзах**

Расули акрам (с) Ҷабраил (а)-ро фармуданд, ки сифат кун барои мо оташи дӯзахро.

Гуфт: Худои таъоло офарид оташи дӯзахро. Афрӯхт онро ҳазор сол, то он ки сурх шуд. Пас аз он оташ афрӯхт ҳазор сол, то он ки сафед шуд. Пас аз он оташ

афрӯхт ҳазор сол, то он ки сиёҳ шуд. Пас он оташ сиёҳ аст, монанди шаб торик, равшанӣ мар ӯро нест.

Шӯълаи он паст ва гармии он хунук намешавад. Ва бар ҷаҳаннам монанди гарданҳои шутурон морон ва каждумони сиёҳ аст, ки мегурезанд аҳли дӯзах ба сӯи дӯзах аз он морон ва каждумон. Пас бигиранд морону каждумон лабҳояшонро ва пӯст мекунанд аз мобайни мӯи сар то нохун. Раҳоӣ нашаванд дӯзахиён ба гурехтан ба сӯи оташ. Агар он морон ва каждумон кадом дӯзахиро газанд, сӯзи заҳри онро то чиҳил сол мекашад.

Оташи ин дунё як ҳисса аз ҳафтод ҳиссаи оташи дӯзах аст. Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро ба сӯи молики дӯзах фиристод, барои он ки бигирад як ҷузъе аз оташ ва биёрад он оташро ба сӯи Одам (а), то бипазад ба он оташ таъом.

Пас Молик гуфт: - Эй Ҷабраил (а), чӣ миқдор аз оташ мехоҳӣ?

Ҷабраил (а) гуфт: - Ба миқдори як ангушт.

Молик гуфт:  Агар диҳам туро миқдори як ангушт, ҳар ойина гудохта шавад ҳафт осмон ва ҳафт замин аз сабаби гармии вай.

Ҷабраил (а) гуфт: - Миқдори ним ангушт.

Молик гуфт:  Агар диҳам туро миқдори ним ангушт, фурӯ наёяд аз осмон як қатра борон ва нарӯяд дар замин ҳеҷ сабза.

Пас аз он Ҷабраил (а) нидо кард, ки, эй бор Худоё, чӣ миқдор оташ гирам?

Худои таъоло фармуд, ки бигир миқдори як зарра аз он.

Пас гирифт Ҷабраил (а) миқдори як зарраро ва шуст онро дар хафтод дарё ҳафтод бор. Баъд аз он омад ба сӯи Одам (а) ва ниҳод он зарраи оташро бар кӯҳи баланд. Пас гудохт он кӯх ва боздшт он зарраи оташ ба макони худ. Ва боқӣ монд дуди вай дар сангҳо ва оҳан то имрӯз. Пас ин оташи дунё аз дуди он зарра аст. Ибрат гиред, эй мӯъминон!

Пайғамбар (с) фармуданд, ки сабуктарини аҳли дӯзах аз рӯи азоб шахсест, ки вайро ду пойпӯш буд аз оташ. Ҷӯш хурад аз он мағзи сари вай монанди деге, ки ниҳода шавад бар оташ. Ҳар ойина вай сабуктарини аҳли нор аст ва онҳо фарёд мекунанд фариштаи дӯзахро, ки халос кун моро.

Фаришта ҷавоб надиҳад онҳоро то чиҳил сол. Баъд аз он  ҷавоб диҳад онҳоро ва гӯяд: - Шумо дар ин ҷо ҳамеша меистед.  Пас аз он фарёд кунанд парвардигори худро ва гӯянд: - Эй парвардигори мо, барор моро аз ин оташ, ки дубора гуноҳ намекунем ва агар гуноҳ кардем, мо аз золимон бошем.

Онҳоро ба миқдори ду баробари умри дунё ҷавоб надиҳад. Баъд аз он ҷавоб диҳад ва гӯяд, ки хомӯш шавед ва сухан магӯед.

Овоз надоранд дар он ҷо магар як овоз, ки монанди овози хар аст. Агар овехта шавад ҷомае аз ҷомаҳои аҳли норро дар миёни осмону замин, ҳар ойина, бимиранд ҳама аз гармии он ва аз бадбӯии он ҷома. Агар гузошта шавад миқдори як газ аз занҷирҳои дӯзахро бар кӯҳе, ҳар ойина гудохта шавад кӯҳ ва бигузарад аз кӯҳ, то бирасад он қитъаи занҷир ба замини ҳафтум. Ҳезуми дӯзах мардуми бадкор аст ва сангҳои хоро.

**Фасли нухум дар баёни табақаи аввали дузах, ки онро ҷаҳаннам гӯянд**

Дар шаби меъроҷ ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) ҳамаи осмонҳову заминҳо ва аҷоибу ғароиберо, ки Худои таъоло халқ кардааст, ба чашми худ диданд ва аз ҷумла дӯзаххову биҳиштҳоро низ диданд, ки мо аз гуфтаҳои ӯ ба тариқи мухтасар, иншоаллоҳ, баён мекунем.

Ҳазрати Пайғамбар (с) фармуданд: - Молики дӯзахро гуфтам, ки дӯзахи аввалро ба ман бинамо.

Молики дӯзах гуфт: - Ё Расулаллоҳ, пеш марав, ки гармои дӯзах бузург аст.

Нидо даррасид аз ҷониби Худои таъоло, ки, эй Молик, он чӣ ҳабиби мо бифармояд, бикун ва аз гармои дӯзах матарс, ки нигоҳдорандаи Муҳаммад (с) манам.

Он гоҳ Молик (а) дасти маро бигирифт ва аз он ҷо пештар шудам. Нидо даррасид, ки ё Микоил, бархезу боду боронро бигир ва ҳамрохи худ бибар ба гирди Муҳаммад *(с)* халқа кун. Он гох, Микоил (а) бо ҳафтод ҳазор фаришта равон шуда, ба мақоми Молики дӯзах расиду боду борон ба гирди ман ҳалқа кард, то бирасидам ба табакаи аввали дӯзах, ки онро ҷаҳаннам хонанд. Баландии дарвозаи вай бениҳоят баланд буд. Дарун даромадам, дидам малоикаҳои бисёреро, ки монанди шаб сиёҳ ва торик буданд.

Ҳазрати Расули акрам (с) гуфтанд: - Моликро гуфтам, ки сифати ин дӯзахро ба ман як ба як баён кун.

Гуфт: - Ё Расулаллоҳ, тоқат наёрӣ ва ғамнок шавӣ.

Аз ҳазрати Парвардигор нидо даррасид, ки бинамои Муҳаммад (с)-ро, ҳар чизе ки аз барои душманони ӯ омода кардаам.

Молик гуфт: - Ё Расулаллоҳ, Ҳақ таъоло дӯзахро офарид ва ӯро нигоҳбонҳо офарид, ки онҳоро забония гӯянд. Агар Аллоҳ таъоло фармон диҳад яке аз онҳоро, ки овоз кунад ҳамаи махлуқот аз ҳайбати ӯ бимиранд. Ҳар яке аз онҳо чизе доранд, ки дӯзахиёнро бад-он азоб кунанд. Гурӯҳе харбаҳо доранд, ки бар сари дӯзахиён бизананд, гурӯҳе занҷирҳо доранд, ки дӯзахиёнро ба он азоб кунанд ва он занҷирҳоро бар даҳони кофирон андозанд ва аз дубури онҳо берун оранд ва ҳарду сари онро бо ҳам барбанданд, ки ҳаргиз ҷудо нашавад. Худои таъоло морону каждумон офаридааст, ки ҳар море чун шутуре ва ҳар киро он морону каждумон бигазанд ҳафтод сол аз дард бинолад, наъузу биллоҳи минҳо.

Дар дӯзах ҳамим ва зукум гуфтанӣ нӯшокиҳо офаридааст, ки агар як қадаҳ аз он бар ҳамаи дунё афкананд, заҳр шавад. Чун он қадаҳро бар даст гиранду дар пеши рӯй оранд, пусту гӯшт бирезад. Чун бихӯранд, андомҳои онҳоро реза-реза кунад. Гӯянд, ки зукум аз хор аст, чун зукум бихӯранд, даруни онҳо гарм шавад ва рӯдаҳои онҳоро хӯрдан гирад, то аз шиками онҳо берун оянд.

Агар аз он ҳамим бар сарҳои онон резанд, пӯсту гӯшт ва рагу пайи онҳо фурӯ резад ва устухони сӯхта бимонад. Аллоҳ таъоло дар дӯзах водиҳое равон кардааст, ки дӯзахиён фарёд кунанд аз азоби дӯзах ва дар он дарё ба ҷои моҳиён морон ва каждумон ҳастанд, ки ҳар рӯзе ҳафтод бор дӯзахиро бигазанд.

Оташи дӯзах чунон оташе аст, ки оташи дунё ҳар рӯзе ҳафтод бор аз Худои таъоло паноҳ бихоҳад аз он оташ. Рӯи дӯзахиён сиёҳ бошаду сӯхта ва як лаб ба сар расида ва лаби поён ба сина расида ва агар яке аз дӯзахиён сар аз дӯзах берун

кунад, аз Машриқ то ба Мағриб ҳамчун шаб торик шавад ва дасту пои онҳо ба занҷир баста бошанд.

Ҷомаи онҳо қатрон буд ва кофиронро чиҳил пӯст буд ва дар миёни ҳар пӯсте оташ буд, ки бисӯзаду каждуме мегазаду море захр мезанад, то устухонҳои онҳо реза-реза гардад.

Нидо ояд, ки, эй Молик, аз сар азоб кун, ки мо пӯсти ӯро аз сар гирифтем. Ҳамон тавр ки Худованд дар Қуръони азимушаън фармуда аст, дузахиён фарёд хоҳанд кард ва ҳар бор, ки фарёд кунанд, чуз ноумедӣ ҷавоб наёбанд. Аввал ба забония биноланд ва он чунон бошад, ки чун дӯзахиёнро ба дӯзах дароранд, онҳоро ҳазор сол азоб намоянд. Баъд аз он ба забония биноланд, ки ӯ аз Аллоҳ таъоло дархост намояд, ки азоби онҳоро сабуктар кунад. Забония ҷавоб надиҳад, то мудати ҳазор сол. Баъд аз ҳазор сол ҷавоб диҳад гӯяд, ки оё барои шумо пайғамбар нафиристода буданд, ки шуморо огоҳ намояд?

Чун аз забония ноумед шаванд, ҳазор соли дигар дар азоб сабр кунанд. Он гоҳ ба Молики дӯзах биноланду гӯянд: - Эй Молик, аз Худои таъоло талаб кун, то моро бимиронад. Шояд, ки аз ин азоб наҷот ёбем.

Молик ҷавоб надиҳаду аз ӯ ноумед шаванд. Баъд аз ҳазор сол Молик ҷавоб диҳад, ки дар ин азоб хоҳед буд.

Чун аз ӯ ноумед шаванд, он гоҳ ба Худои таъоло биноланд,
ки, эй бор Худоё, дидему донистем, ки он чӣ пайғамбарон (а) гуфта буданд ва он чӣ олимон гуфта буданд, рост будааст. Акнун моро ба дунё бозгардон, то ибодати ту кунем, дар ин бора Худованд дар Куръон хабар додааст.

Онон ки кофир шудаанд, азоби эшон оташи дӯзах аст, ки ба поён нарасад, то бимиранд ва тахфиф наёбад, то осуда шаванд. Ин гуна ҳар кофири лаҷуҷеро кайфар мекунем ва он куффор дар оташи дӯзах фарёду нола кунанд, ки, эй Парвардигор, моро аз ин азоб берун ор, то бар хилофи гузашта ба аьмоли нек пардозем.

Хитоб шавад: оё шуморо умре мӯҳлат надодем ва Расул бар шумо нафиристодем, то ҳар ки қобили тазаккури панд шунидан аст, мутазаккир шавад? Пас имрӯз бичашед, ки ситамгоронро ҳеҷ наҷотдиҳанда нахоҳад буд.

Баъд аз ҳазор сол ҷавоб ояд, ки дур бошед ва бо ман сухан магӯед ва маро нахонед.

Баъд аз он ҳама гунгу кӯр шаванд ва ҳеҷ набинанд, ки бад- он биёсоянд ва ҳеҷ нашунаванд, ки бадон шод шаванд. Навмед шаванд, ки дигар ҳеҷ умеди онҳо намонад, наъузубиллоҳи минҳо.

Молик гуфт:- Ё Расулаллоҳ, уммати гунахгори туро дар ин табақа ду чиз нест: рӯи онҳо сиёҳ набошад ва газидани мору каждум набошад, таоми зукум ва шароби ҳамим набувад ва либоси қатрон набувад ва ҷовидон набошанд дар дӯзах. Номаи онҳо ба дасти чап набувад.

Фармуданд ҳазрати Пайғамбар (с): - Чун аз ин чо пештар шудам, ғулғула ва бонге шунидам, ки ҳаргиз инчунин шӯру ғавғо нашунида будам. Пурсидам, ки ин чӣ шӯру ғавғост?

Гуфт: - Ё Расулалоҳ, ғулғулаи оташи дӯзах аст, ки ҳафтод гурӯҳро азоб мекунанд.

Гуфтам: - Ё Молик, онҳо кадом гурӯҳанд, ки дар азоб гирифтор мебошанд?

Гуфт: - Золимону бахилону рибохорон ва ҳамсояозорон, қиморбозон, кабӯтарбозон,шатранҷбозон,дуруғгӯён,қасам ба дурӯғхӯрдргон, бенамозон, бенамозон, рӯзахӯрон, ғайбаткунандагон, зинокорон, ҳаромхӯрдагон, суханчинон, такабуркунандагон, беҳаёҳо, подшоҳони беинсоф, моли ҳаром ҷамъкунандагон, ҷоҳилон, каҳ-қаҳа хандакунон, шаробхӯрон, ливотакунандагон, буғзкунандагон, ҳасадкунандагон, шаробфурӯшон, офтобпарастон, ҷодугарон, бадмазҳабон, кофирон, говпарастон. Ин тоифаҳо азоб мекунанд.

Чун ин сухан бишунидам, дар гиря шудам, Ҷабраил (А) гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ба ҷониби дасти рости худ назар кун чун назар кардам, се қавмро дидам. Якеро рӯй чун рӯи саг буд, дуюмро рӯй чун рӯи хар буд, сеюмро рӯй ба монанди хук буд. Онҳоро ба занҷирҳои оташин баста азоб мекурданд.

Гуфтанд: - Эй молик, инҳо кадом қавманд, инчунин азоб мекунанд?

Молик гуфт: - Ё Расулаллоҳ, онҳое, ки рӯи саг дорандҳамр хӯранд ва онҳое, ки рӯи хук доранд, рибохӯронанд. Инҳо, ки рӯи хук доранд, озор диҳандагони падару модаранд, ки бо ин азоб гирифторанд.

Молик як парда бардошт, гуфт: - Эй ҳабиби Худо, нигоҳ кун.

Назар кардам аз ҳайбати он беҳуш шудам. Чун ба ҳӯш омадам, назарам ба дасти чап афтод, дида, ки дар табақаи аввал водӣ кӯҳи оташ меҷӯшиду мехурӯшид. Овози он водӣ бар гӯшам меомад. Морону каждумон андар он монанди шутурон калон буданд.

Гуфтам: - Ё Ҷабраил (а), умматони маро аз ин водӣ насиб ҳаст?

Гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ин водӣ насиби касе аст, киба Худои таъоло шарик оварда бошад ва ба ту имон наёварда бошад.

Расулаллоҳ (с) фармуданд, ки чун аз ин ҷо пештар шудам, фариштагонро дидам, ки ба қавме вобаста буданд ва онҳоро бо занҷирҳо ва қулфҳо мекашиданд. Бонги онҳо монанди барқ ва ба дасти ҳар яке гурзи оташин буд, ки агар онро ба кӯҳ зананд, сурма шавад. Онҳоро ба он гурзҳо мезаданд ва мегуфтанд, ки Худои шумо кист ва пайғамбари шумо кист?

Онҳо мегуфтанд, ки намедонем.

Он фариштагонро гуфтам, ки инҳо чӣ касонанд?

Гуфтанд, ки инҳо касонеанд, ки дар дунё рӯзи қиёматутазоби дӯзах ва неъматҳои биҳишту пули сироту тарозӯи аъмол ва зинда шудани баъд аз маргро қабул надоштанд.

Фармуданд ҳазрати Пайғамбар (с), ки дар дӯзах қавме дидам, ки лабҳои онҳоро мебуранд.

Гуфтам, - Инҳо кианд?

Ҷабраил (а) гуфт: - Инҳо донишмандони уммати ту мебошанд, ки дурӯғ гӯянд.

Фармуданд, ки гурӯҳе дигарро дидам, ки рӯи онҳо сиёҳ ва чашмонашон кӯр буд.

Гуфтам: - Инҳо киёанд?

Гуфт: - Онҳоянд, ки чашм аз ҳаром бознадоштаанд.

Гуфтанд Пайғамбар (с), ки гурӯҳе дидам, ки чашмҳояшон кабуду рӯйҳояшон сиёҳ ва лабҳои поёнашон ба сина афтода ва лабҳои болояшон бар пешонӣ часпида дар азоб афтида буданд ва овози хару гов мекарданд.

Гуфтам: - Инҳо киёанд?

Молик гуфт: - Сурудхонону шоиронанд, ки аз барои дунё мардумонро таъриф мекарданд.

Фармуданд Расулаллоҳ (с): - Гурӯҳе дидам, **КИ** **оташин ба синаи** онҳо ниҳода ва ҷомаҳои қатрон пӯшонидава онҳоро азоби сахт мекарданд.

Гуфтам: - Инҳо киёанд?

Молик гуфт: - Ё Расулаллоҳ, инҳо касонеанд, ки бо овози чангу рубобу танбӯр кафкӯбӣ карда, хурмандона рақс мекарданд.

Фармуданд Расулуллоҳ (с): - Гурӯҳеро дидам, ки онҳоро дар оташ нагунсор меандохтанд.

Гуфтам: - Инҳо киёнанд?

Гуфт: Касоне, ки тоату ибодати бо риё кардаанд, яъне барои нишондодан ба мардум.

Фармуданд, ки дар он ҷо мардеро дидам, ки аз даҳону биннии ӯ оташ бармеомад. Пурсидам, ки ин кист?

Молик гуфт: - Ин марде аст, ки чун аз хона бармеомад, дурӯғ мегуфт.

Дигареро дидам, ки дар ҷӯи хун шиноварӣ мекард. Гуфтам: - Ин кист?

Молик гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ин олимест, ки илми худро аз бародарон дареғ доштааст ва ба илми худ амал накардааст. Марди дигареро дидам, ки забони оташ дар даҳону наълайни оташин дар пой ва тоҷи оташин бар сар ва ҷомаи оташин дар бар.

Гуфтам: - Ин чӣ гуна касеаст?

Гуфт: - Ин марди дузабона аст, яъне мунофиқ.

Дигареро дидам, ки ӯро аз забонаш овехтаанд ва ҳад мезаданд.

Гуфтам, ки ин кист?

Молик гуфт: Ин мардест, ки зану фарзанди худро бевачҳе дашном додааст. Занеро дидам, ки кӯру гунгу кар буд зане буд, ки фарзанд аз зино оварда ва бо шавҳари худ гуфта, ки аз они туст. Ва зани дигареро дидам, ки забони ӯро аз паси сари ӯ кашида буданд, зане буд, ки ӯ фарзанд аз зино оварда буд ва қасам ба дурӯғ хӯрда буд, ки ин фарзанди ман аз зино нест.

Фармуданд ҳазрати Пайғамбар (с): - Бояд, ки инчунин занон тавбаи насӯҳ кунанд, то тавбаи онхо қабул афтад ва аз оташи дӯзах худро нигох доранд.

Тавбаи насӯҳ он аст, ки дигар дубора ба он кори зишт барнагардад ва чун он гуноҳ ба хотираш ояд, сахт пушаймон шавад.

Биҳиштиён аз гунаҳгорон савол кунанд, ки чӣ чиз даровард шуморо дар дӯзах?

Савол аз барои сарзаниш бошад. Ҷавоб гӯянд дӯзахиён, ки мо дар дунё намоз намехондем ва мискинонро таъом намедодем ва дар дунё ба корҳои ботил машғул будем, омадани рӯзи қиёматро дурӯғ медоштем, то ин ки маргамон омад, пас яқин шуд, ки рӯзи қиёмат ҳақ будааст.

Чун осиёнро ба дӯзах андозанд, Молики дӯзах гӯяд. ки эй оташ, бигир онҳоро.

Гунаҳгорон дар он ваҳшат Аллоҳ, Аллоҳ гӯянд, оташ аз онҳо бигурезад. Молик бонг бар оташ занад, ки бигир ин осиёнро. Боз оташ қасди онҳо кунад.

Боз онҳо: Аллоҳ Аллоҳ, - гӯянд, боз оташ пас шавад. Боз Молик бонг бар оташ занаду гӯяд, ки бигир ин осиёнро. чаро нофармонӣ мекунӣ?

Оташ гӯяд: - Эй Молик, аз он рӯзе, ки Аллоҳ таъоло маро офаридааст, бо ман шарт кардааст, ки агар ба гӯяндаи Аллоҳ осебе расонӣ, бифармоям то ҳафтод ҳазор сол туро бо оташи муҳаббати дӯстон бисӯзанду хоки туро ба интиқоми бод диҳанд. Пас маро чи қудрату заҳраи он бошад, ки гирди зикр гӯяндагони Аллоҳ оям?

Боз Молик дар ғазаб шаваду бонг бар оташ занад. Нигоҳбонони дӯзах ҳама дар шӯр ояндy морону каждумон сарҳояшонро бардоранд ва ба якборагӣ бонг намояндy ҳамла оранд ва аз шиддати ҳавлу тарси он, калимаи Аллоҳ гуфтан аз онҳо фаромӯш шавад ва оташ гирди онҳоро гирад. Пас ҳар якеро дар канор гирад. доду фарёд аз аҳли арасот ва аҳли пули сирот бархезад.

**Фасли даҳум дар баёни шафоат кардани тифлон падару модари дӯзахиашонро**

Фарзандони тифл, ки дар хурдӣ аз дунё гузаштаанд, чун падару модари худро дар дӯзах бинанд, фарёд барораид. Онҳо, ки дар дунё дар оғӯши модар буданд, он замон чун падару модарро дар дӯзах бинанд, бо фарёду фиғон худро дар оташ андозанду ба дасту пои падару модар овезанд.

Оташи дӯзах аз дидани тифлон бигурезад. Тифлон фарёд кунанду гӯянд:
- Худовандо, агар модарону падарони моро дар дӯзах андохтӣ, моро низ дар дӯзах ба паҳлӯи онҳо андоз.

Худовандо, моро дар дунё дар хурдсолӣ аз падару модар ҷудо кардӣ, дар уқбо, яъне дар охират моро аз онҳо ҷудо макун ва ҳар яке модару падари худро гирифта фарёд кунад.

Аз нолаву зории тифлон малоикаҳои Арщу Курсӣ ҳама дар гиря дароянд ва ҷумлаи халоиқ зорӣ кунанду гӯянд: - Худовандо, агарчи бар ин гунаҳгорон қаҳр мекунӣ, яке раҳм ва карам дар бораи ин тифлон кун.

Дар аснои он гиряву зорӣ баногоҳ Ҷабраил (а) аз Ҳазрати Раббулиззат даррасад. Ҳама халоиқ чашм ба ӯ доранд, ки магар фатҳёбӣ шавад, яъне шояд, ки ягон хурсандие пайдо шавад. Чун Ҷабраил (а), ояд чанд шишаи об аз зери арш берун ораду ба он тифлон бидиҳад ва гӯяд, ки ин обро ба тарафи дӯзах андозед. Тифлон он обро ба сӯи дӯзах андозанд. Оташ аз хавфу тарсӣ он обҳо бигурезад. Ҷумла халоиқ аз он мутаҳайир бимонанду пурсанд, ки ин чӣ гуна об буд?

Ҷабраил (а) гӯяд, ки ин оби гиряи мусибатзадагон аст. Чун он кӯдакон дар хурдӣ фавтида, ҳар яке монанди донаи марворид дар назари модарону падарон падид мешуданд, онҳо дар мусибати марги фарзандон ашк аз дидагон мерехтанд.

Пайки аҷал чун бар сари ин тифлон парвоз карду ҳар яке ба марг гирифтор шуда, шӯълаи оташи фироқу ҷудоӣ дар синаи падару модар афрӯхтанд. Ҷӯйҳои об, ки аз чашми онҳо равона мешуд, он обро бар шишаҳо карда дар зери Арши маҷид бо амри ҳазрати Ҳақ субҳона ва таъоло медоштанд, ки имрӯз дастгири вакти он дармондагону бечорагон гардидааст.

**Фасли ёздахум дар баёни азоб кардани кофирон**

Кофирон дар қаъри дӯзах фурӯ раванду боз ба боло оянд ва боз ба қаър фурӯ раванд, яъне дар таги дӯзах раванду боз боло оянд. Ҳамчун моҳӣ, ки ба равған пухта шавад. Боз пӯсту гӯшташон тоза шаваду абадулобод дар азоб бошанд.

Онҳо фарёд бароранд, ки, эй бихиштиён, оби хунук бар мо бирезед.

Фармонояд, ки неъматҳои биҳишт бар шумо ҳаром аст. Агар шуморо ҷои хунук лозим бошад, дар дӯзах низ ҷои хунукӣ офаридаам.

Он гоҳ Молики дӯзах онҳоро дар водии хунук, ки аз барфу сармост, фурӯд орад ва номи он водӣ замҳарир аст. Пас дар хунукӣ он чунон бигузоранд, ки устухонҳояшон ҳам дар сӯзу гудоз ояд ва боз гӯшту пӯсташон тоза шаваду фарёд бароранд, ки ё Молик, боз моро дар оташ андоз. Ҳамчунин доим дар азоб бошанд. Ҳақ таъоло бо дӯзахиён ташнагӣ ва гуруснагиро биниҳад. Фарёд бароранд, ки, эй Молик, аз гуруснагӣ ҳайрон шудем.

Молик аз меваи дарахти зуқум, ки бениҳоят талху бадбӯст, онҳоро бихӯронад. Чун нахӯранд, базӯр бихӯронанду боз аз ташнагӣ фарёд бароранд.

Дар дӯзах дарёҳои рим, яъне чирк аст. Аз он рим ба ҳалқи онҳо бирезанд, то шиками онҳо пур шавад ва он чӣ дар шиками онҳо аст, ҳама фурӯ резад ва равғанҳои сӯзон бар рӯи ҳар яке бирезанд. Ба муҷарради рехтан гӯшти рӯй дарҳол бирезад ва бигудозад ва устухони сафед падид ояд. Фиғон бароранд, чунон ки дар дӯзах аз гиряи онҳо ҷӯйҳои оби шуру талх равон шавад.

Нигаҳбонони дӯзах гӯянд, ки, эй рӯсиёҳон, бо шумоён ҳеҷ пайғамбаре наёмада буд, ки аз ин рӯзу аз ин уқубат шуморо хабар кунад?

Гӯянд, ки: оре, пайғамбарон омада буданд ва моро тарсонида буданд, валекин мо онҳоро дурӯғгӯй медонистем.

Нигаҳбонони дӯзах гӯянд, ки пас ин дуо ва зорӣ ва фарёди шумо гумроҳӣ аст, шуморо аз ин азоб халосӣ нест. Чун дӯзахиёнро тоқат намонад, фарёд бароранд, ки, эй Молик, бигу бо Худои худ то бимиронад моро, ки аз ин азоб халосӣ ёбем.

Молик гӯяд, ки баъд аз ин шуморо марг нест ва ҳамчунин доим дар азоб хоҳед будан.

Боз зорӣ намоянд ва ҳазор соли дигар биноланд ва гӯянд, ки Худовандо, бадбахтӣ бар мо ғалаба кард ва надонистем. Моро аз ин берун кун ва ба дунё

фиристон. Агар миқдори як чашм задан нофармонӣ кунем, ба як гуноҳи мо сад баробар азоб кун.

Фармон даррасад, ки хор монед дар дӯзах ва сухан магӯед бо ман ва хомӯш бошед.

Пас ноумед шаванд. Абадулобод ҳоли кофирон ин бошад. Аз ҳазор як азоби кофиронро дар ин ҷо баён накардаем, аз он чӣ дар китобу дар тафсирҳо аст.

Дар шаби меъроҷ Молики дӯзах гуфт: - Ё Расулаллоҳ, умматони худро бигу то гуноҳ накунанд, ки ман бар ҳеҷ кас раҳм намекунам. Ин ҷои золимон аст ва ин ҷои хамрхӯрон аст ва ин ҷои бенамозон аст ва ҷои зинокорону рибохорон аст.

Хоҷаи олим (с) чун ин ҳоли дӯзахиёнро бидид, дарёи шафоати Набӣ (с) аз ботин мавҷ заду ашк аз ҷӯйбори дидаи мубораки он ҳазрат равон шуд. Ба тазаррӯъ ва зорӣ ба ҳазрати Кирдугор арз кард ва ба шафоати уммат мубодарат намуду гуфт: - Эй Ҷабраили амин, амома, яъне саллаи манро аз сарам бигир, то як маротиба сари худро бар остонаи дӯзах биниҳам ва ҳоҷате аз ҳазрати Парвардигор дархоҳам, ки умматони маро тоқати азоби дӯзах набошад.

Он ҳазрат сари муборакро бараҳна сохта, бар остонаи дӯзах ниҳода, менолид ва об аз дидаи муборак мебориду мегуфт - Умматӣ, умматӣ, Худовандо, умматони осии ман пургунохананд, вале гӯяндаи "Ло илоҳа илаллоҳ"-анд, ба ягонагии ту ва ба Расул будани ман икроранд, онҳоро ба ман бубахш.

Хоҷа алайҳи салоту васаллом ба ҳамин тариқ мегирист ва Ҷабраил (а) низ мегирист ва малоикаҳои осмонҳо низ мегиристанд.

Ходаи олам (с) гуфт: - Худовандо, агар умматони маро набахшӣ, май сар аз остонаи дӯзах барнадорам ва аз нолаву гиря наёсоям.

Ногоҳ хитоби Раббуларбоб даррасид, ки | Мухаммад (с), иродаи мо он аст, ки чун рӯзи киёмат шавад, халки аввалин ва охирин сари худ аз гӯр бардоранду дар маҳшари киёмат биёянд. Анбиё ва авлиё хозир шаванд ва ту бар болои макоми Махмуд барой ва осиёни умматро аз ман дархохӣ ва ман онҳоро ба ту бахшам, то дар он рӯз иззату шафоати ту зохир шавад ва ҳам фазлу рахмати ман. Ту металабӣ ва ман мебахшам. Чандон осӣ ба ту бахшам, ки ту аз ман розӣ шавӣ.

Дӯзахро ҳафт табака мебошад. Табақаи аввали дӯзахро Ҷаҳаннам гӯянд. Табақаи дуюми дӯзахро Лазо гӯянд. Табакаи сеюми онро Ҳатама гӯянд ва табақаи чахоруми дӯзахро Ҷахим гӯянд. Табакаи панҷуми дӯзахро Саъир гӯянд. Табакан шашуми дӯзахро Сақар гӯянд. Табақаи хафтуми дӯзахро Ҳовия гӯянд.

Ҳар табака поёнтар аз табакаи дигарс мебошад ва азоби ҳар кадом сахтар аз дигаре аст, ки мо ин чо ба таври мухтасар баён намудем.

Илоҳо, ҳамаи мӯъминонро ва ин нависандаи гунаҳгори осиро аз оташи дӯзах наҷот диҳӣ ба ҳурмати Расули акрам (с). Омин ё Раббу-л-оламин.

**Фасли дувоздаҳум дар баёни биҳишт ва биҳиштиён ва роҳати онҳо**

Расули акрам (с) фармуданд, ки шаби меъроҷ биҳиштҳоро низ дидам.

Мо, иншоаллоҳ, аз гуфтаҳои ӯ ба тариқи мухтасар баён мекунем. Биҳиштҳо ҳаштоанд: биҳишти аввалро Дорулхулд гӯянд. Биҳишти дуюмро Дорулмақом

гӯянд. Биҳишти сеюмро Доруссалом ва биҳишти чаҳорумро Ҷаннатулъадн гӯянд. Биҳишти панҷумро Дорулқарор ва биҳишти шашумро Ҷаннатулнаъим гӯянд. Биҳишти ҳафтумро Ҷаннатулмаъво ва биҳишти ҳаштумро Ҷаннатулфирдавс гӯянд.

Расули акрам (с) фармуданд: - Вақте ки аз Арши маҷид поён фаромада, ба мақоми Ҷабраил (а) расидам, хитоб аз ҷониби ҳазрати Парвардигор ба Ҷабраил (а) даррасид, ки Муҳаммад (с)-ро ҳашт биҳишт ва ҳафт дӯзахро бинамо. Он чиро, ки аз барои ӯ ва умматонаш тартиб додаам, ӯро як ба як нишон деҳ.

Чун Ҷабраил (а) ин нидоро шунид, Буроқро пеши ман овард ва ман бар Бурок савор шудам ва Ҷабраил (а) низ бар аспи биҳиштӣ савор шуду ба сӯи биҳишт равон шудем. Чун қариби биҳишт расидем, марғзоре дидем аз анбар. Назди он девор фурӯд омада дарахтҳои гуногуну гулҳои букаламун дидам, ки сифати он бар забон рост наёяд. Агар як барги он дарахт дар дунё бошад, тамоми халқ аз хушбӯии он беҳуш мешаванд ва агар як гули онро ба дунё биёранд, тамоми олам ба ранги он шайдо ва ошиқ шаванд.

Гуфтам: - Худовандо, ин кадом биҳишт аст?

Нидо даррасид, ки ё Муҳаммад (с), ҳанӯз дар бихишт надаромадаӣ ва ин мақоми ъилийин - ҷои ҷонҳои некбахтон аст.

Ҷонҳои некбахтон монанди чароғҳо менамуданд. Чун аз ин ҷо пештар шудаму назар кардам, замине аз нуқра дидам. Қасрҳои он замин ҳама аз нукраи хом буд. Аз Ҷабраили амин пурсидам, ки ин кадом биҳишт аст?

Гуфт: - Эй ҳабиби Худо, ин мақоми фариштаҳоеанд, ки бо ҳамроҳии Ризвон ба хидмати биҳишт мебошанд.

Чун аз пештар назар кардам, деворе аз тилло дидам ва баландии он маълум набуд ва ба гирди он девор фариштагонеро дидам, ки бениҳоят бузург буданд. Ҳама фариштагон назар бар ҳаво доштанд. Аз Ҷабраили амин пурсидам, ки инҳо киёнанд?

Гуфт: - Инҳо посбонони биҳиштанд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун дар биҳишт расидам, дарёе дидам сафедтар аз шир ва ширинтар аз ангубин ва бузургии он дарё ҳеҷ маълум набуд. Гуфтам: - Ё бародар, Ҷабраил, ин кадом дарёст?

Гуфт: - Ин дарёи Баҳрулҳайвон мебошад, ки дар рӯзи қиёмат умматони ту дар ин дарё ғусл мекунанд, чун берун оянд, аз моҳи шаби чаҳордаҳ тобонтар шаванд.

Саҳрои қиёматро масофат панҷоҳ ҳазор сола роҳ аст. Чун бандаи мӯъмин сар аз қабр бардорад, чашми вай бар айвоқи биҳишт афтад. Қатъи он биёбон бар вай осон гардад. Гӯянд. ки чун бандаи мӯъмин сар аз гӯр бардорад, ҳӯронро бар болои он айвон бинад. Ӯро гӯянд, ки шитоб кун. Ӯдар мушоҳидан ҳӯрон ва шунидани сухани онҳо он роҳро чунон ба зудиву шитоб равад, ки ба андак фурсат ба манзили максуд расад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки бар дари биҳишт навишта дидам, ки аксари аҳли биҳишт дарвешонанд. Ва боз гуфтанд, ки бар дари биҳишт навишта дидам, ки савоби садақа даҳ чандон ва савоби қарз ҳаждаҳ чандон аст.

Гуфтам, ки барои чӣ савоби қарз аз савоби садақа бисёр аст?

Гуфт, ки аз барои он ки талбанда ва дарвеш ҳар вақт садақа талабад, хоҳ мӯҳтоҷ бошанд, хоҳ не. Пас мумкин аст, ки садақа дар ғайри мавзеъи худ вокеъ шуда бошад, аммо қарзро ғайр аз вакти зарурат наметалабанд. Аз ҳамин ҷиҳат савоби қарз аз савоби садақа зиёдааст.

Расули акрам (с) фармуданд, ки бар дари биҳишт навишта дидам, бо оби тилло, ки "Ло илоха илаллоҳ Мухаммаду-р- расулуллох". Хостам ба дохили биҳишт дароям, Ҷабраил (а) гуфт: - Ё Расулаллоҳ (с), биҳиитро ҳашт дар аст аз тилло зинат додаанд. Ба ҳар даре чаҳор калима навишта шудааст, ки хар калима беҳтар аст аз дунё ва он чӣ дар дунё аст:

Дарвозаи аввал дарвозаи шаҳидон аст.

Дарвозаи дуюм аз они намозгузорон аст.

Дарвозаи сеюм аз они амри ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кунандагон аст.

Дарвозаи чаҳорум аз они рӯзадорон аст.

Дарвозаи панҷум аз они касоне аст, ки бозмедоранд шаҳвати нафсониро.

Дарвозаи шашум аз они ҳаҷкунандагон аст.

Дарвозаи ҳафтум аз они ҷиҳодкунандагон дар роҳи Худои таъоло аст.

Дарвозаи ҳаштум аз они худошиносоне аст, ки пӯшида доштанд чашмҳои худро аз ҳаром ва накӯӣ намуданд бо падару модари худ.

Расули акрам (с) фармуданд, ки баргаштам ва бо дарҳои биҳишт омадам. Чун назар кардам бар дари биҳишти аввал, навишта дидам, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р- расулуллоҳ". Ҳар чиз ҳилае, яъне рӯпуше дорад. Ва ҳилаи некзиндагони чаҳор хислат аст: қаноат ва тарки ҳасад, тарки гуноҳ ва нишастан бо аҳли хайр.

Баъд аз он омадам ба дари дуюм. Бар он дар навишта, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Хар чизеро ҳиллае аст ва ҳиллаи хурамии дунё ва охират чаҳор хислат аст: риояти ятимон ва риояти бевазанон ва саъй дар мусулмонон ва риояти дарвешон.

Баъд аз он бар дари сеюм рафтам: бар он дар навишта, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Хар **чи** хиллае дорад ва хилаи сиҳатии бадан чаҳор чиз аст: кам гуфтан ва кам хоб кардан ва камнафсӣ ва кам хӯрдан,

Баъд аз он омадам бар дари чаҳорум; бар он дар навишта дидам, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расуруллоҳ". Он касе, ки имон ба Худо ва рӯзи қиёмат дорад, бояд, ки бо бародари мусулмони худ зиёда аз се рӯз кахр накунад.

Баъд аз он омадам бар дари панҷум. Бар он дар навишта шудааст, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллаҳ". Он касе хоҳад бар вай зулм накунанд, бояд, ки ба касе зулм накунад ва он касе хоҳад, ки дашном ба вай надиханд бояд дашном ба касе надиҳад. Он касе хоҳад, хори набинад ба касе хорӣ накунад ва он касе хохад, дар дунё ва охират саломат бимонад, бояд, ки калимаи тавҳид бигӯяд.

Баъд аз он омадам бар дари шаштум ва бар он навишта дидам, "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Он касе хоҳад Малакулмавт ба раҳмат ва меҳрубонӣ бар вай биёяд, бояд раҳмат ва меҳрубонӣ бо мардум бикунат. Ва он касе хоҳад баромадани рӯхи ӯ осон шавад, бояд сухан бо мардум нарм ва некӯ

гӯяд. Ва он кас хоҳад кабри фарох за васеъ бошад, ғарибонро некӯӣ кунад. Ва он касе хоҳад дар зери хок пӯсида нашавад, бояд иморати масоҷид бикунад.

Баъд аз он омадам бар дари хафтум. Бар он дар навишта, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ'. Сафедрӯӣ дар рӯзи қиёмат чаҳор аст: аввал кафани мурдагонро кардан, дуюм қабрҳои мусулмононро кандан. Сеюм дар адои қарз ва дар адои фарзҳои Худои таъоло ҷидду ҷаҳд кардан.

Ва боз омадам бар дари ҳаштум. Бар он дар навишта буд, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Он касе хохад дар доруссалом бошад, бояд, ки садақа бидиҳад. Ва сахиву некхислат бошад.

**Фасли сездахум дар баёни биҳишти якум, ки онро Дорулхулд гӯянд**

Расул (с) фармуданд, ки андаруни биҳишт даромадам, ки онро дорулхулд гӯянд ва он аз нуқраи хом аст. Кунгураҳои он баъзе аз ёқути сабз аст. Ва баъзе аз лаъл ва баъзе аз дур чун пеши Ризвон назар кардам, калидҳои бисёр дидам, ки адади он ба ҷуз Худои таъоло дигаре надонад.

Гуфтам, ин калидхо аз барои чист?

Ризвон гуфт: - Ҳар гох, ки яке аз умматони ту бигӯяд, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ", ҳазрати Парвардигор кӯшке аз барои ӯ бино кунад. Ва қуфл бар вай ниҳад ва калиди он қуфлро ба ман супорад. Чун субҳи қиёмат бидамаду он банда сар аз хоки лаҳад бардорад, ман калиди кӯшк ба вай таслим кунам, то ӯ ба кӯшки худ дарояд.

Дар талаби биҳишт бикӯш, мешояд, ки ӯро талаб кунӣ. Фазои ӯ хуш аст ва ҳавои ӯ дилкаш, сахни ӯ равшан аст ва сохти ӯ гулхан. Ҳамнишинони хилвати ҷонафзои ӯ ҳурон аст. Баҳори ӯ бехазон аст ва рӯзи ӯ бешаб аст, сангрезаи ӯ дурру марҷон аст. Моҳрӯёни хаймаҳои ӯ дилбаронанд, ки касе ба онҳо даст нарасонда аст, пеш аз шумо на аз инсон, на аз ҷин. Дар тани ҳамаи онҳо либосҳои ҳарир аст ва ҳама хоку лойи он ҷо мушку анбар аст.

Расул (с) фармуданд, ки аз Ризвон пурсидам, ки аз ҳоли уммати ман чизе бигӯ, ки чӣ гуна дар бихишт дароянд?

Ризвон гуфт: Ҳақ таъоло биҳиштро се қисм кардааст. Ду қисм аз они уммати ту ва як қисм аз они дигар умматҳои гузашта. Чун муъминон дар арасоти қиёмат ҳозир оянд, фармон даррасад, ки ҳар киро бар ман ҳаққе бошад, пештар ояд. Касе барнахезад. Бори дувум боз ҳамин фармон даррасад, гӯянд, Худовандо бандаро бар холиқ чӣ ҳақ бошад?

Ҷавоб ояд, ки он касоне, ки дар роҳи Худои таъоло гуруснаро нон дода бошанд ва ё ташнаро об додаанд ва он касоне, ки дар вақти ғазаб хашми худро фурӯ бурдаанд ва гуноҳи гунаҳкоронро авф карда бошанд, бархезанд. Пас ҷамоате равон шаванд ва шитобанд ба сӯи биҳишт.

Малоикаҳо пеши онҳо оянд ва гӯянд, ки мо шуморо ба сӯи биҳишт равон мебинем, чӣ касонед?

Гӯянд, ки мо дар дунё барои ризои Ҳақ таъоло аз моли ҳалоли худ ба дарвешон ва мустаҳиқон хайр кардем.

Малоикаҳо гӯянд, ки биравед ва дароед дар биҳишт.

Пас гӯяндае мегӯяд, ки куҷоянд ахли фазл?

Пас ҷамоате равон шаванд ба сӯи биҳишт, малоикаҳо псш оянд ва гӯянд: - Шумо чӣ касонед?

Гӯянд, ки мо аҳли фазлем.

Гӯянд: Фазли шумо чӣ буд?

Гӯянд: - Чун бар мо ситам мерафт, сабр мекардем ва чун бар мо бадӣ мерафт аз касе даргузашт менамудем.

Малоикаҳо гӯянд: - Биравед ба хуши ва дароед дар биҳишт.

Баъд аз он боз мунодис нидо кунад, ки куҷоед, аҳли фақр?

Пас, бираванд ҷамоате шитобон ба сӯи биҳишт. Малоикаҳо пеш оянд ва гӯянд, ки шумо чӣ касонед?

Гӯянд: - Мо боз медоштем нафси худро аз гуноҳон.

Малоикаҳо гӯянд: - Биравед ба биҳишт.

Бозгӯяндае гӯяд, ки куҷоед дӯстони Худои таъоло?

Пас бархезанд ҷамоате шитобон ба сӯи биҳишт.

Малоикаҳо пеш оянд ва гӯянд, ки шумо чи касонед?

Гӯянд: - Мо дӯстони Худоем.

Малоикаҳо гӯянд: - Дӯстии шумо бо Худои таъоло чи гуна буд?

Гӯянд: - Моён ба ризои Худои таъоло якдигареро дӯст медоштем ва молу ҷони худро бо ризои Худои таъоло фидои якдигар мекардем.

Малоикаҳо гӯянд, ки биравед ба биҳишт.

Баъд аз он хитоб ба ин тоифа даррасад, ки эй дӯстдоштагони ман, шумо пеш шавед, то дигаронро низ ба туфайли шумо дар биҳишг дарорам.

Ҳама бар сари чашмаи Ризвон раванд. Фармон даррасад, ки дар он ғусл кунанд, чун аз он ҷо берун оянд, рӯйҳои онҳо чун моҳи шаби чаҳордаҳ тобон бошад ва баданҳои онҳо сафеду равшан бошад, чун нуқраи хом. Ва ҳар чӣ дар паси пушт бошад, аз тарафи сина намояд ва занҳоро низ ҳусну ҷамол он чунон шавад, ки ҳурон рашк баранд.

Баъд аз он малоикаҳо дароянд, онҳоро саду бист фавҷ кунанд. Ҳаштод фавҷ уммати ту бошанд ва чиҳил фавҷ умматони пайғамбарони дигар. Баъд аз он ҳамаро ба сӯи биҳишт равон кунанд ва он гоҳ туву уммати туро маълум кунанд ва алам, яъне парчами (байрақи) сафед бар сари муборaки ту барпо кунанд. Он гоҳ бо умматони худ дар зери алам биистед ва дар ақиби Шумо аламҳои пайғамбарони дигар, ҳар як бо умматони худ биистанд ва алами ту аз аламҳои дигарон як ба даҳ баланд бошад.

Дар ин миён меҳтари Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил (а), ҳар яке бо табақҳои нур аз ҳазрати Худованд ба истиқболи мӯъминон оянд ва ман низ баробари онҳо бо сад ҳазор бурок ва либосҳои биҳиштӣ ва тоҷҳо ба истиқболи мӯъминон бароям. Баъд аз он аввал бо ту салом кунем ва фариштагон ҳамаро либосҳои гуногун пӯшонанд ва тоҷҳои нур бар сар ниҳанд ва камарбанд аз нур бар миён банданд ва бар буроқҳо савор шаванд ва тахте аз нур биёранд, ки номи он Раф-раф бошад. Ороста ба анвоъи зеварҳо, ки васфи он ба ҷуз Парвардигори

ҷаҳон касе надонад. Болои вай ту нишинӣ ва фариштагон онро бар душ, яъне бар китфҳои худ гиранд ва  тоҷе аз нур бар сари муборакӣ ту ниҳанд ва тахтҳои ҳама анбиё (а) дар ақиби ту бошанд ва Микоил (а) ва дигар аз фариштагон табақҳои нур бар сари мӯъминон нисор кунанд. Ва меҳтари Ҷабраил (а) дар пеши буроки ту бошад. Ва парандагони гуногун ба сӯи ту парвоз кунанд. Аз биҳишти анбар сиришт нағмахонон аз ҳар тараф сурудгӯён ва кабӯтарони биҳишт дар ҳавои саҳро бар сари мӯъминон  тараннум бинавозанд ва бар сари ҳама соя карда бираванд. Муқаррабони биҳишт бо илҳони хуш ояти "Қул хуваллоҳу аҳад" бихонанд. Ва нағмаҳои хуш бароранд.

Ҳазрати Одам (а) ва ҷамеъи анбиё он замон зери ливои ту бошанд. Ва ғулғула дар малакут афтад, ки ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) бо аҳли биҳишт дар биҳишт мерасанд. Хурон ва ғилмон бар бомҳои биҳишт бароянд ва фариштагон бар боми арш ба назора биистанд. Дар ҳар бурҷе аз бурҷҳои биҳишт табли хуррамӣ бизананд. Ва дар лашкар аламҳои нур барпо кунанд. Ту бо ҷумлаи мӯъминон дар бихишти анбарсиришт дароӣ. Ба навъе, ки подшоҳон дар дунё будаанд, ҳама гӯянд, ки "Алҳамдулиллоҳ", ки Худованд рост кард бар мо ваъдаашро.

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ба деворҳои биҳишт назар кардам, хиште аз зар ва хиште аз нуқра ва лойу хоки он аз мушку кофур дидам ва арзи онро Худои таъоло медонад. Чунон соф буд, ки аз берун дарун менамуд. Чун оина акс падид меомад..

Поён назар кардам, замини он аз зар дидам. Ва хоку гили вай аз мушк ва анбар буд. Чун ба ҷониби дасти рост назар кардам, ҳафтод ҳазор гунбади фирӯза бидидам. Чун пештар назар кардам, ҳафтод ҳазор қаср аз марҷон бидидам. Ва ба ҷониби дасти чап назар кардам, ҳафтод ҳазор кӯшк аз каҳрабо дидам. Бузургии ҳар яке семоҳа роҳ буд. Ва дар ҳар гунбад ҳафтод ҳазор дар аз алмос буд ва дар пеши ҳар дар ҳафтод тахт аз зару ёқут буд. Ва бар гирди ҳар тахт ҳафтод курсӣ аз лаълу ёқуг буд. Ва ба гирди ҳар курсӣ ҳафтод хур истода буданд. Ва ба гирди ҳар хур ҳафтод гилмон буд ва ба гирди ҳар гилмон ҳафтод вилдон буданд. Ва бар сари ҳар як тоҷҳо аз марворид, аз зебогии либосҳои онҳо тамоми қасрҳо пурнур шуда буд. Ва аз рӯшноии чеҳраи онҳо дару девор мунаввар гашта буданд.

Чун маро бидиданд, салом карданд ва дафҳои шодӣ бинавохтанд.

Гуфтам: - Худовандо, ин ҳуру қусур, ки мебинам кадом пайғамбаронро медиҳӣ ва чанд ҳазор некбахтонро тақсим мекунӣ?

Нидо омад, ки ё Муҳаммад (а), ин ҳама ва он чӣ ки мебинӣ як гунаҳгор аз осиёни уммати туро медиҳам.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки чун ин нидо бишнидам, шодон шудам ва саҷдаи шукр ба ҷой овардам.

Расули акрам (с) фармуданд, ки қасре дидам, ки меваҳои он пухта ва деворҳои он аз зари сурху марворид ва гили он аз мушк буд. Дар ҳар кӯшке ҳафтод ҳазор сарой ва дар ҳар сарой ҳафтод  хона ва дар ҳар хона ҳафтод ҳазор тахт ва бар ҳар тахте хуре мисли офтоб тобон  нишаста буд. Дар нозукӣ чунон буданд, ки агар об мехӯрданд аз гулӯяшон менамуд. Қариби он кӯшк ҷӯйҳои об ва

шир ва ангубин ва занҷабил мерафт. Ва канораҳои ҷӯй марворид ва гавҳар рехта буданд. Гиёҳи он аз заъфарон ва дар назди он ҷӯйҳо дарахтони сабзу азиме сар дарҳаво қад кашида ва болои он дарахтон мурғони хушовоз дидам, ки Худои таъолоро санову мадҳ мегуфтанду бар ман салавот мефиристоданд.

Дар ин биҳишт ҷӯйҳо дидам, ки оби онҳо сафедтар аз шир ва ширинтар аз асал, хушбӯтар аз мушк буд. Бар лаби он ҷӯйҳо хаймаҳо дидам, ки дар он хурон нишаста буданд. Во овози фасеҳ гуфтанд, ки хушо неъматҳои ҷовидонӣ ва саъодати он кас, ки моро сано гуфт. Ва мо онҳоро сано гуфтем.

Гуфтам: - Ё Ҷабраил (а) амино ин хушовоз кистанд?

Ҷабраил (а) гуфт: - Ё Расулаллоҳ, инҳоро мебинед?

Гуфтам: -Оре.

Ҷабраил (а) дарҳои хаймаро боз карду ба он ҷо даромадем. Ҳуроне дидам, ки аз онхо некӯ надида будам.

Гуфтам: - Ё бародар Ҷабраил, он хурон насиби кӣ хоҳанд шуд?

Ҷабраил (а) гуфт: - Ё Расулаллоҳ, инҳо хосса мар туро ва уммати туро бошанд. Ва дидам обе сафедтар аз шир ва ширинтар аз асал ва шаҳд. Бӯяш ҳамчун бӯи мушки холис ва сангрезаи ӯ аз марҷон ва марворид, Хоки ӯ аз мушк ва анбар, гиёҳи ӯ аз заъфарон ва бар лаби ҳар ҷӯйе хаймаҳо буд аз ёқуту забарчад. Ва дар он хаймаҳо хурон нишаста, нидо медоданд, ки мо неъматҳои Худои таъолоем. Дур намешавем харгиз ва мо поку покизаем ва наҷас намешавем ҳаргиз. Мо муаттару хушбӯем ва бадбӯй намешавем ҳаргиз. Хушӣ ва хуррамӣ бод мар касеро, ки насиби мо бошад ва мо насиби ӯ бошем.

Гуфтам: ё Ҷабраил, амин ин чӣ овоз аст, ки аз ин хуштар нашунидаам?

Гуфт: - Ё Расулаллоҳ, онҳо хуронанд, мехоҳӣ бубинӣ?

Гуфтам: - Оре.

Пас кушод Ҷабраил (а) дарҳои хаймаро. Дидам рӯйҳои онҳо равшантар аз офтоб буд ва мӯйҳои сари онҳо бар рухсора афтода ва гарданҳои онҳо мурассаъ ба ҷавоҳир буд. Дар он ҳуҷраҳо нишаста буданд. Ҳар ҳуреро ҳафтод ҳилия буд, яъне либосҳои нозук, ки соқҳои онҳо менамуданд.

Гуфтам: - Ҳамду сано бод Худоеро, ки чунин неъматҳо офаридааст.

Расули акрам (а) фармуданд, ки дар биҳишт ду дарахт дидам. Ва мурғеро дидам сабз, аз ин дарахт бархосг ва бар он дарахт биншаст. Аз он дарахте, ки бархост, он дарахт хушк мешуд ва ин дарахт дар ҳол сабз мешуд. Чанд бор ин аҷоиб дидам. Аз Ҷабраил (а) пурсидам, ки ин чӣ ҳол аст?

Гуфт: - Ин мисли олимони уммати ту аст, ки бо ту менамоянд. Он мурғ, ки бар дарахти хушк менишинад, сабз мешавад. Дар ҳар шаҳре, ки олим бошад, чунон ки он дарахт сабз ва ботаровват аст, кори мусулмонӣ ба он шаҳр ботаровват ва равнақ шавад. Ҳар кучо, ки ҳузури олиме набошад, мисли он дарахти хушк бошад, ки ҳукми ҳезуми хушкро дорад ва сӯхтанро шояд.

Эй бародарон ва хоҳарон, пас бояд, ки дӯст доред олимонро, ки хайрияти кор дар ин аст ва худ дар талаби илму дониш бошед, то саодати дунё ва охират насибатон гардад.

**Фасли чаҳордахум дар баёни биҳишти дуюм, ки онро дорулмақом гӯянд**

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ман ва Ҷабраил (а) ва Ризвон аз биҳишти аввал пештар шудем, расидем дар биҳишти дуюм, ки онро дорулмақом гӯянд. Он биҳишт аз зарри сурху нуқра аст. Ва кунгураҳои ӯ аз марворид ва болои он навишта шудааст, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р- расулуллоҳ".

Бинои қасрҳои ӯ хиште аз зар ва хиште аз нуқра ва бӯи он аз мушку анбар ва сангрезаи саҳни он дурру марҷон. Гиёҳи замини он аз заъфарон ва либоси биҳиштиён аз ҳарир. Гили он аз мушку анбар ва тахтҳои он аз ёқути сурх.

Дар ҳар тахте чандин қолини зебо ва дар пеши ҳар тахте ҳури некӯрӯй ва ҳар яке аз ин ҳурон чандин либос болои ҳам пӯшида ва пеши ҳар ҳуре чанд каниз истода. Тӯҳфаҳо ва пиёлаҳои шароб ба даст гирифта.

Дар хабар аст, ки чун бандаи мӯъмин дар биҳишт дарояд, бар саҳни хонаи худ бирасад. Ҳуре бинад, ки онро ҳурулъин гӯянд. Ва чандин ҳурон ҳамроҳи он бошанд. Бар хоки мушку анбар ғалтон ва ҳеҷ мӯе набошад, ки аз дур ва ҷавохир мурассаъ набошад. Ва бар сари ҳурон чу нон намояд, ки моҳи шаби чаҳордаҳ дар миёни ситорагон ва он ҳурульинро хабар шавад, ки подшохи биҳишт омад.

Хурульни пойи бараҳна берун ояд ва ҳурони бисёр дар атрофи ӯ. Чун назари мӯъмин бар он ҳур афтад, худро аз асп бурок бар замин афканад. Ва баробари он ҳур бар тахт қарор ёбад. Ва арӯси дунёяш хабар шавад, ки шавҳари ту дар баробари ҳурулъин бар тахт нишастааст. Ва арӯси дунё биёяд ва дар паҳлӯи шавҳари худ нишинад. Мард ӯро дида ҳайрон бимонаду гӯяд: - Илохо, моҳ аз куҷо омадааст?

Чунки занҳои мусулмонон низ дар қиёмат чунон хушрӯй шаванд, ки ҳурон рашк баранд.

Ин арӯси дунё рӯи ба сӯи хуру.тьин карда гӯяд, ки ман дар дунё ранҷҳо кашидаам ва фарзандон зодаам ва хонаи инро ободон кардаам ва ба вакти заҳмат ҳамроҳи он будаам. Имрӯз, ки вақти роҳат ва лаззат гирифтан аст, ту дар ин ҳол ӯро мегирӣ? Ҳур гӯяд, ки солҳои дароз бо ту буд, дар ин чо ҳамроҳи ман бошад.

Чун инҳо дар мунокиша шаванд, Худованди бузург бодеро аз тахти арш бивазонад, ки тамоми кинаву кудурратҳоро аз дилҳои инҳо берун кунад. Баъд аз он арӯси дунё гӯяд, ки ин мард дар дунё ҳамроҳи ман буд, акнун дар ин ҷо ҳамроҳи ту бошад?

Ҳур гӯяд, ки дар дунё ту азоб ва машаққат кашида, фарзандон ба дунё овардӣ ва дар вақти мушкилиҳо ҳамроҳи ин мард будӣ. Акнун, ки вақти роҳат расидааст, ин ҷо низ ҳамроҳи ӯ бош.

Хулосаи калон ин ки дар дилҳои онҳо аз кинаву адоват чизе намонда, ба монанди беҳтарин дӯст бо ҳамдигар маъишат мекунанд.

**Фасли понздаҳум дар баёни биҳишти сеюм, ки онро доруссалом гӯянд**

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ману Ҷабраил (а) ва Ризвон дар биҳишти сеюм расидем, ки онро доруссалом гӯянд, аз ёқути сурх аст. Ва дари ӯ аз ёқути сабз аст. Ва кунгураҳои ӯ аз марворид аст ва бар он дар навишта дидам, ки

“Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ” гӯянд, ки дар ин биҳишт Ҳақ таъоло бо дӯстони худ сухан гӯяд. Дар ин биҳишт касоне меистанд, ки дар маҷлиси илм нишаста бошанд. Ва мавъизаи олимонро гӯш карда ба он амал карда бошанд. Ва ҷои шахсони сахӣ ва ҷавонмардон аст. Неъматҳои ӯ фаровон ва бақои ӯ ҷовидон ва дарахтонаш сар ба осмон ва ҳурони вай ҳама анорпистон. Дар ҷӯйҳояш обу шир, гулобу асал равон буд. Ва либоси онҳо ҳарир бувад. Наззораи онҳо ба Худои ҷаҳон бувад. Дар ин биҳишт камбағалҳои сабркунанда аз уммати Муҳаммад (с) медароянд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дар биҳишт хонае дидам, ки аз ёқути сурх буд. Ва дахлези он низ аз ёқути сурх буд. Ва фарохии он бениҳоят буд. Аз Ризвон пурсидам, ки ин хона аз они кист? Ва инро ба ман бинамо. Ризвон гуфт: - Ё Расулаллоҳ, ин хона бениҳоят бузург аст, ки ҳамаи ин хонаро дида нашавад, аммо дар дахлези ин хона дохил шав, то аҷоиби Худои таъоло бубинӣ.

Фармуданд, дар даҳлези он хона даромадам. Ризвон гуфт:

- Ҳар кадом ҳурон ва ғилмон дар ин хона оянд. Ҳурон ҳозир шуданд. Фармуданд, ҳазрат (а) аз дидани он хона ва ҳурон мутааҷҷиб бимондам. Аз ҳурон пурсидам, ки Ҳақ таъоло шуморо аз барои кӣ офаридааст? Гуфтанд: - Барои касоне аз умматони ту, ки намози чошт бигузоранд. Гуфтам: - Эй Ризвон ва сокинони биҳишт, ман ин намозро бар худ назр ва воҷиб гардонидам.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дар биҳишт дар лаби ҷӯйе расидам, ки сангрезаи ӯ аз ёқут ва марҷон буд. Овозе шунидам, ки “Ассалому алайкум ё Расулаллох”.

Гуфтам: - Лаббайка.

Аз Ҷабраил (а) пурсидам, ки инҳо киёнанд, ки бар ман салом карданд?

Гуфт: - Ҳуронанд, ки аз Худои таъоло иҷозат хостанд, то бар ту салом кунанд.

Он гоҳ ҳурон гуфтанд: - Мо зиндагонем, ҳаргиз намемирем. Ва мо неъмат дода шудем, ки ҳаргиз ранҷ ва сахтӣ надидаем. Ва мо ҷуфтони мардони порсоем ва ҷуфтони ҷавонмардонем аз умматони ту.

Хурон дар биҳишт дастхои якдигарро бигиранду бирақсанд ва бо овози хуш замзама намоянд, чунонки касе аз он хубтар овоз нашунида бошад. Ва мегӯянд, ки мо шодгонем, ки ҳаргиз ба ҷуфтони худ хашм нагирем. Ва мо ҳамеша дар ҳамин ҷо мебошем, ки харгиз ба ҷое наравем. Ва мо хушхислатонем, ки ҳаргиз туршрӯ нашавем.

Оиша (р) гӯяд, ки ҳурон ин суханҳо бигӯянд. Занони мӯъминон низ бигӯянд ба овози хуштар аз он овоз, ки ҳуронрост.

Мегӯянд, ки мо намоз хондаем дар дунё ва шумо намоз нахондаед. Ва мо садақа додаему шумо надодаед. Занони мӯъминон ғалаба кунанд бар ҳурон.
Ҳурони биҳишт чашм ба дидани касе накушоянд, магар ба дидани ҷуфтони худ. Бигӯянд ба иззати он Худои, ки ҷуз вай Худои дигаре нест, ҳеҷ чиз намебинем дар биҳишт хубтар ва некӯтар аз ту, ки ҷуфти моӣ. Алхамдулиллоҳ, ки ту аз они моӣ ва мо аз они туем.

Ҳар ки дар дунё чашм аз ҳаром ва лаззатҳои дунё бипӯшад, дар ивази он ин ҳуронро ба ӯ диҳанд. Гӯянд, ки онхо ёқутанд дар покизагӣ ва марворианд дар некӯӣ. Ва ҳар аҳли биҳиштиро ҳафтоду ду зан бошад аз ҳурони биҳиштӣ ва ҳафтоду ду зан аз занони дунё, ки аз дӯзахиён мерос монда бошад. Яъне шавҳарони онҳо дӯзахиву он занон биҳиштӣ бошанд ва онҳоро ба мардони биҳиштӣ диҳанд.

Дар хабар аст, ки нуре дар биҳишт битобад, гӯянд, ки ин чӣ нур аст? Гӯянд: - Нури дандони ҳуре аст, дар рӯи шавҳари худ (хандидааст. Аз овози кафшҳои ӯ овози тасбеҳ меояд. Ва аз гарданбанди заррини ӯ овози таҳлил меояд.

Абӯҳурайра (р) гӯяд, ки маҳри ҳур ба ин некӯӣ қабзаи мавиз ва ё хурмое аст, ки ба мискин бидиҳӣ ва ё масҷидеро бирӯбӣ ва ё пораи нони хушк ба дарвешон бидиҳӣ ё нонрезаи афтодаро аз хок бардорӣ ва бихӯрӣ. Ин ҳама мукофоти онҳо бошад дар биҳишт.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки дар пеши биҳиштиён моидае бошад, яъне дастархон. Дар он ҳаштод табақи заррин ва дар ҳар табақ ҳафтод ҳазор гуна таъом. Бишитобед ба амале, ки расонад шуморо дар биҳишт.

**Фасли шонздаҳум дар баёни биҳишти чаҳорум, ки онро ҷанно туладн гӯянд**

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ман ва Ризвон ва Ҷабраил (а) аз биҳишти сеюм баромадем ва расидем дар биҳишти чаҳорум, ки онро ҷаннотуладн гӯянд ва он аз зумради сабзу лаъл аст. Ва баъзе аз кунгураҳои ӯ аз гавҳар ва баъзе аз марҷон ва бар дари он навишта аст, ки "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Дар ин биҳишт сахиён ва одилон ва парҳезгорон ва имомони масҷидҳо дароянд.

Ба ривояте ҳафт тоифа дароянд: аввал вафо кунандагон ба аҳд, дуюм силаи раҳм нигоҳдорандагон. Сеюм ҷабрдидагон. Чаҳорум тарсандагон аз азоби Илоҳӣ. Панҷум собирон. Шашум молҳои худро дар роҳи Худои таъоло сарфкунандагон. Ҳафтум содиқон дар гуфтору кирдор.

Ҳашт биҳишт зери якдигар аст бар осмони ҳафтум ва болои онҳо арш аст. Ҳар яке дараҷот боандозаи тоат биёбанд. Ва ҳама чизҳоро бинад, ки на чашми ӯ дида бошад ва на гӯши ӯ шунида бошад. Ва на дар хотираш гузашта бошад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дар ҷаннат дар пеши ҳар қасре бӯстоне дидам ороста ва бо навъҳои дарахтон зебо карда. Ва бо навъҳои райҳонҳо ва гулҳо зинат додашуда. Ва дар гулистон ҳафтод ҳазор дарахти гуногун ва бузургии он дарахтон беандоза буд. Ва шохҳои баъзе аз забарҷад ва бехи он дарахтон заррин буд. Меваҳои гуногуне буд, ки дар гуфтан рост намеояд. Ва баргҳои онҳо дебо ва сундус буд ва биҳиштиён аз он меваҳо кадом мазае хоҳанд, ҳамон маза шаванд.

Гӯянд, ки бар он дарахтон себҳо буд чун кӯзае, ки аз асал пур бошад. Чун биҳитие он меваро ба даст орад ва бишканад аз миёни он ҳуре чун моҳ берун ояд, ки тоҷ бар сари ӯ, ангуштари сабоҳат дар ангушт. Ин неъматҳо насиби касоне бошанд, ки дар вақти неъмат шукр кунанд. Ва дар вақти меҳнат ва мусибат сабр кунанд.

Гирд бар гирди биҳиштиён гилмоне истода буданд ба хизмати онҳо, дар зебоӣ гӯё марвориданд. На офтоб бар онҳо тофта ва на бод бар онҳо вазида ва на дасти касе онҳоро суда.

Баъзе гӯянд, ки ин ғилмон кӯдакони онҳо бошанд. Ва баъзе гӯянд, ки мурод аз ин ғилмон кӯдаконе мебошанд, ки гуноҳ накарда бошанд, ки бар он дохили дӯзах шаванд. Ва тоате надоранд, ки ба сабаби он сазовори дараҷоти биҳишт бошанд. Ва онҳоро ба хизмати биҳиштиён баранд. Ва баъзе гуфтаанд, ки ғилмон тоифае бошанд, ки Ҳак таъоло онҳоро ба кудрати худ офаридааст.

Боз Расул (с) фармуданд, ки камтарин касеро аз аҳли биҳишт он дараҷа бошад, ки агар ходимеро фарёд кунанд, ҳазор ғилмон "Лаббайка" гӯянд.

Гуфтанд, ё Расулаллоҳ, чун ҳодим монанди луъ-луъ бошад, маҳдум чӣ гуна бошад?

Фармуданд: - Маҳдумро бар ходим фазл чунон бувад, ки моҳи шаби чаҳордаҳ бар ситорагон.

Овардаанд, ки ҳар чи биҳиштиро дар хотир гузарад, ғилмон дар ҳол пеши ӯ оранд, бе он, ки бар забон орад. Монанд ва сурати ин дар дунё чист?

Андомҳо ва аъзоҳои мардум аст, ки чун одами чизеро биандешад ба дили худ, андомҳо бидонанд ва бикунанд, бе он, ки бар забон гӯянд.

**Фасли хабдаҳум дар баёни биҳишти панҷум, ки онро дорулқарор гӯянд**

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ман ва Ҷабраил (а) ва Ризвон аз биҳишти чаҳорум баромадем, то бирасидем дар биҳишти панҷум, ки онро Дорулқарор гӯянд, аз марвориди равшан ва марҷон аст ва кунгураҳои ӯ аз алмос ва лаъл аст. Ва бар он навишта шудааст: "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ". Дар ин биҳишт касоне дароянд, ки парҳезгор бошанду дар талаби ризои Худованд ва амри маъруфу наҳйи мункар кӯшиш намоянд.

Иморатҳои он хиште аз нуқра ва хиште аз тилло, лойи он аз мушку хоки он аз анбар ва гиёҳи он аз заъфарону кӯшкҳояш аз марворид ва дар он ҷӯйҳои об ҷорӣ буд.

Биҳиштҳо дар болои осмони ҳафтум ва зери Аршанд. Дӯзах дар зери замини ҳафтум аст. Чун қиёмат шаваду осмонро бардоранд, тамоми ҳаво шикофта шавад. Он гоҳ Аллоҳ таъоло биҳиштро он миқдор кушода гардонад, ки тамоми аҳли биҳишт ба тартиби мувофиқ дар он ҷой гиранд.

Боғҳо дар биҳишт ороста ва меваҳо фурӯ бастаанд, чунон ки ҳар меваеро, ки нафс орзӯ кунад, ба даст тавон гирифтан, ҳар мевае, ки нафс орзӯ кунад бошад.

Дар ин биҳишт низ занони покиза ҳастанд, ки аз ҳайзу нифос пок бошанд. Онҳоро Ҳурулъин гӯянд. Дар якеро Аллоҳ таъоло аз нур ва ҷавоҳир офаридааст. Онҳо чашмони худро аз ғайр пӯшидаанд ва ба ҷуз аз шавҳари худ каси дигареро набинанд. Ҳеҷ кас аз одамию парӣ ба онҳо даст нарасонида бошад. Ҳар бор ки чун шавҳарони онҳо ба онҳо наздикӣ кунанд, онҳоро бикр, яъне духтар ёбанд.

Ҳар як ҳурро ҳафтод хулла, яъне хафтод либоси биҳиштӣ бошад. Ҳар либосе бо рангҳои гуногун. Он ҳафтод либос сабуктар аз мӯи бадани онҳо бошаду устухонҳои онҳо ва рагу пайи онҳо намояд. Чунончи шароби сабз дар зарфи сафед намояд. Ва гесӯи онхо мукаллал бошад ба дурру ёқут. Агар яке аз он хурон даст берун орад, тамоми дунё равшан гардад.

**Фасли ҳаждаҳум дар баённ биҳишти шашум, ки онро Ҷаннотулнаим гӯянд**

Пайғамбар (с) фармуданд, ки чун ману Ҷабраил (а) ва Ризвон аз биҳишти панҷум ба сӯи биҳишти шашум равон шудем, дар биҳиште, ки онро Ҷаннотулнаим гӯянд, он аз зумурраду лаъл аст, расидем. Дари он аз лӯълӯи байзо ва кунгураҳояш аз алмосу ҷавоҳлир буд ва ба дари он навишта шуда: “Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллоҳ".

Дар ин биҳишт шаҳидон ва мӯъминон дароянд. Ва бинои он хиште аз нуқра ва гиёҳаш аз заъфарону сангрезааш аз марворид аст. Фариштагон нидо кунанд, ки, эй аҳли биҳишт, шуморо зиндагонӣ аст бе марг ва неъмате аст бе завол. Дар биҳишт чизҳое ҳаст, ки ҳеҷ чашме ӯро надида ва ҳеҷ гуше ӯро нашунида ва онҳоро Худои таъоло барои аҳли биҳишт офаридааст.

Он гоҳ гуфт: - Ба миқдори тозиёна, яъне камчин аз биҳишт беҳтар аст аз ҳама дунё.

Фармуд: қасам ба он Худое, ки ба ман Қуръонро фиристодааст ҳусну ҷамоли бандагон дар биҳишт чунон бошад, ки дар ваҳми касе наёяд. Ва меваҳои биҳишт гуногун аст. Ҳар мевае ҳафтод рангу ҳафтод бӯ дорад. Ва аҳли биҳиштро на бавл (пешоб) асту на ғойит (ахлот) ва на балғам. Занони мӯъминро ҷамол чунон бувад, ки агар зане аз аҳли биҳишт як нохуни худро дароз кунад, аз Машриқ то ба Мағриб ҳама равшан гардад. Ҳар якеро ҳафтод либос бошад ва ҳар соате ҳафтод гуна бигардад.

Дар хабар аст, ки камтарин касеро аз аҳли биҳишт ҳафт қаср диҳанд. Қасре аз ёқут ва қасре аз ҷавоҳир ва қасре аз марворид ва касре аз гавҳар ва қасре аз нури арш.

Ҳар мӯъминеро дар биҳишт қуввати чиҳил паҳлавонро диҳанд ва низ дар биҳишт хоб набошад. Аз ҷомаҳои биҳишти бӯи мушку кофур ояд. Ва ҷомаҳои онҳо сабзранг бошад. Чун онҳоро ҳоҷат ба гӯшт хӯрдан шавад, мурғони бирёншуда гӯянд: эй дӯсти Худо, ҳар чӣ хоҳӣ аз мо бихоҳ, ки аз чашмаи салсабил об хӯрдаем ва аз дарахтони зери Арш омадаем. Чун мӯъмин аз он бихӯраду сер шавад, онҳо парида ба ҷои худ раванд.

Паҳнои қасрҳои биҳишт васеъанд. Аз яке то дигаре якмоҳа роҳ аст. Ҳар қасре ҳафтод хона дорад, ки дар ҳар хона ҳазор дар бошад. Ва дар ҳар даре ҳуре нишаста бошад ва он ҳурро ҳафтод канизак бошад. Агар ин қасрҳо дар дунё бошанд, чашм аз дидани онҳо кӯр гардад. Дар пеши тахт курсие ниҳода аз як дона марвориду ёқут ва он тахт болотар бошад. Чун биҳиштӣ хоҳад, ки пой бар тахт ниҳад, поён ояд ва кӯтоҳ гардад, чун бар тахт нишинад боз баланд гардад.

Овардаанд, ки дар биҳишт ҷое аст, ки мардум бинишинанд ва бо якдигар сухан гӯянд ва он чиро, ки дар дунё гузашта буд ва ё карда буданд, ба ёд оранд. Пас бар мӯъмин лозим аст, андеша кунаду бидонад, ки чӣ бояд кард, ки барои дунёи фонӣ шуда, чунин неъмати ҷовидониро фаромӯш накунад ва умри худро бар бод надиҳад.

Агар тамаъи биҳишт ва умед аз раҳмати Ҳақ таъоло дорӣ, пайваста дар ризои Худованд бош ва биҳиштро аз Худои таъоло бихоҳ ва ба тазаррӯъу зорӣ машғул бош.

Расули акрам (с) фармуданд, ки ҳар ки аз Ҳақ таъоло  пайваста биҳишт хоҳад, ӯро бидихад. Ва дар тоъат ва ибодат мустаҳкам бош. Худро ба кори хайр машғул гардон, то аз биҳишт маҳрум нагардӣ.

**Фасли нуздаҳум дар баёни биҳишти ҳафтум, ки онро Ҷаннатулмаъво гӯянд.**

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун ману бародар Чабраил (а) ва Ризвон аз биҳишти шашум баромадем, ба биҳишти ҳафтум расидем, ки онро чаннатулмаъво гӯянд. Он **аз** нур халқ карда шудааст; дари он аз раҳмат аст. Кунгураҳои он аз кофур ва лӯълӯъ аст. Бар он дар навишта шудааст: “Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду-р-расулуллох".

Ба ривояте ин биҳишт аз тилло халқ карда шудааст. Ва  дар он биҳишт хуроне аст, ки онҳоро Лӯъбат гӯянд. Ҳак таъоло ҳуронро аз чаҳор чиз офаридааст: аз мушку кофуру заъфарон ва агар қатраи оби даҳони онҳо дар баҳр чакад, тамоми оби он дарё пур аз ҳаловату ширин шавад. Дар синаи онҳо ба ғайб навишта шудааст, ки касе хоҳад ман насибаш гардам, ба тоъату ибодати Парвардигор бояд кӯшиш намояд.

Ин биҳишт ҷои шаҳидону парҳезгорон ва фурӯбарандагони хашм аст. Ва дарахтони он ҳаргиз хушк нашаванд ва марғзори онро хавфи беобӣ набвад. Дар биҳишт чандин марғзор аст Дар ҳар марғзоре чандин боғ аст ва дар ҳар боғе чандин гулистон аст ва дар ҳар гулистоне аз зумурради сабз тахте аст. Ба гирди ҳар тахте ҳурон ва гилмон истодаанд, ки аз офтобу моҳтобону зеботаранд. Пеши ҳар яке хурсандӣ ва шунидани овози хуш ва рақс аст, ки агар аз он овозҳо ба гӯши аҳли дунё расад, ҳама беҳӯш шаванд. Тасвиру нақшбандӣ дар он хонаҳо  чунон аст, ки аз он нуре дар чашм ҳосил ояд.

Дар ин хона чандин тахти зумуррадин гузошта шудааст. Ва дар он тахтҳо гилемҳои зебо андохта шуда ва болиштҳои атлас андохта ва чандин хизматгор қадаҳҳои булӯрин ва кӯзаҳои симин ба даст гирифта, истода буданд, ки дар ҳар яке ширу шароб ва ҳазор гуна меваву неъмат бувад. Он қадар, ки хоҳад, бихӯрад. Ҳурон ва ғилмони хушрӯй гирд бар гирди ҳар яке аз он тахтҳо ороста бо анвоъи зиннату табаққои пур аз таъом ва лаганҳои пур аз меваҳои гуногун дошта ва мунтазир истода.

Сурудхонон гирди ҳар тахте рақсеву суруде баргирифта ва табаққои нур бар даст истода, то бар ҳар тахте, ки ӯро хуш ояд, истироҳат намояд. Ва он табақи нур бар сари ӯ нисор кунанд ва ҳар кадом, ки ӯро рағбат ояд аз ҳурҳо ва ё аз занон дар

ҳол парда аз нур назди ӯ дарояд ва ӯ ба кори худ машғул гардад. Ва бар ҳар чӣ рағбат кунад, аз хурданиҳо ва нӯшиданиҳо ва шарбатҳо ва меваҳову гӯштҳои паррандагон, дам ба дам бихӯрад ва ба хӯрдани он аз нохуни пой то фарқи сар роҳат ёбад.

Дар ҳама тан лаззати он боқӣ бувад ва ҳаргиз маҳву нобуд нагардад, чандон ки хоҳад бихӯрад. Ва рағбату иштиҳои ӯ зиёда гардад. Ва аз ҳар табақе, ки бихӯрад ва ё бинӯшад, ҳанӯз дар даҳон бошад, ки боз ҳамон қадар дар он табақ зиёд гардад.

Дар бихишт бавлу ғоят набошад, мисли он ки дар дунё кӯдак дар шиками модар на бавл мекунад ва на ғоят. Ва дар он ҷо бӯйҳои хуш аст, ки аз он бӯи мушку анбар ояд. Агар аз он бӯйҳо як зарра ба дунё ояд, ҳама мурдагон сар аз хок бардоранд.

Ҳоли касе, ки ӯро дар дунё чандон тоъате набошад, ин аст, ки гуфтем ва ҳам аз ин маълум гардад, ки муттақиён, яъне парҳезгорон ва шаҳидон ва солеҳону олимон ва имомону муаззинон ва сахиёну қозиён ва рӯзадоронро чи дараҷаҳо бошад.

Дар биҳишт мардон хаждаҳсола ва занон сездаҳсола бошанд. Занон ба қадди ҳазрати Бибиҳаво (р) бошанд. Рӯйҳои ҳама ҳамчун моҳи шаби чаҳордаҳ дурахшон бошаду чун шамъ тобон.

Дар ҳар кӯчаву маҳалла малоика ин нидо кунанд, ки баъд аз ин ҳама вақт дар сӯҳбат ва роҳат бошед. Ҳеҷ вақт малолат ба шумо нарасад. Ва андешаву фикр бар замири шумо  нагузарад. Ва мӯъминон якдигарро тавоф кунанд ва дӯстон бинишинанду маҷлисҳо барпо кунанд. Ва рафикону ҳамнишинон якҷо шаванд ва бар ҷӯйҳои обу боғҳо ва неъматҳо якдигарро зиёфат кунанд. Дар биҳишт роҳати бисёр бошад. Бисёртар ба се кор машғул бошанд: хӯрдану нӯшидану бозанон наздикӣ кардан. Дар ҷимоъ лаззате бувад, ки дар ваҳми одамӣ нагунҷад ва ҳар бор, ки ӯ шаҳват ронад ва ба занон наздикӣ кунад, занони дунё ва ҳуронро бикр, яъне духтар ёбад.

Ҳазрати Пайғамбар (с) фармуданд, ки хулоса, дар биҳишт чандон неъмат дидам, ки агар ҳама умр тавсиф кунам, тамом нашавад.

Деворҳои биҳиштро дидам, хиште аз ёқут ва хиште аз забарҷад ва лойи он аз мушку кофур ва паҳнои он деворҳо бениҳоят буд ва сангрезааш аз зумуррад ва ёқут буд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки дар биҳишт ҷӯйҳо дидам, ҷӯе аз шир ва ҷӯе аз об ва ҷӯе аз ҳамру ҷӯе аз асал. Меваҳои дарахтони биҳишт чунон бошанд, ки агар биҳиштие орзӯи кадом намуд кунад ба назди ӯ биёяд ва чандон ки хоҳад. бихӯрад ва он шохи дарахт боз ба ҷои худ равад.

**Фасли бистум дар баёни биҳишти ҳаштум, ки онро Ҷаннотулфирдавс гӯянд**

Пайғамбар (с) фармуданд, ки чун ман ва Ҷабраил (а) ва Ризвон аз биҳишти ҳафтум баромадем, ба биҳишти ҳаштум бирасидем, ки онро ҷаннотулфирдавс гӯянд. Он аз нури Ҷалол аст. Дари он аз қудрат ва кунгураҳои он баъзе аз нур ва

баъзе аз ҷавоҳир ва баъзе аз ёқут ва баъзе аз сундус ва баъзе аз марворид ва баъзе аз алмос ва баъзе аз раҳмат аст. Ва бар он навишта шуда аст: "Ло илоҳа илаллоҳу Мухаммаду-р- расулуллоҳ".

Дар ин биҳишт касоне дароянд, ки аз ҳамаи худоёни ботила мисли бутпарастӣ ва ғайра безор бошанду хосу холис барои Парвардигор ибодат мекарда бошанд ва аз тарси гуноҳони худ доим аз Худо талаби мағфират мекарда бошанд. Ва аз раҳмати Парвардигор умедвор бошанду Аллоҳ таъолоро фармонбардор бошанд.

Пайғамбарон дар ин ҷо дохил шаванд ва бо ҳамроҳии онҳо низ ҳафт тоифа дароянд. Аввал касоне, ки дар намоз бо шикгастагӣ ва хушӯъ намоз мехонанд. Дувум касоне, ки аз суханони беҳуда дур бошанд. Сеюм закотдиҳандагон. Чаҳорум касоне, ки худро аз зино нигоҳ доранд. Панҷум касоне, ки намози панҷвақтаро дар вақташ гузоранд.

Ҳақ таъоло биҳишти фирдавсро офарида дар он ҷо ҳодимону ғулмон ва вилдону ҳурон офарид. Баъд аз он Ҷабраилу Микоил (а)-ро ваҳӣ кард, ки биравед ба биҳишти фирдавс ва тамошо кунед, ки чӣ гуна сохтем онро барои касоне, ки ризои маро ихтиёр карда, аз нафспарастӣ парҳез кардаанд. Ба фармони воҷиб Таъоло ин ҳар ду биёмаданд ва кӯшкҳо диданд аз ёқут ва ҳар кӯшке чандин дари дутабақа аз забарҷад бар ҳам ниҳода, ки аз он дарҳо боди раҳмат мевазид. Ва ҷӯйҳои шароб ва ширу ангубин дар миёни он бӯстонҳо мерафт. Ҳар ҳуреро чандин гесӯ буд. Ва ҳар гесӯе ба марвориду ёқут бофта ва мар он ҳуронро чандин курта бошад ранг ба ранг. Чун ҳуре аз он ҳурон Ҷабраил ва Микоил (а)-ро бидид, ба рӯи онҳо бихандид, чунон ки аз рӯшноии дандони ӯ ҳама биҳишт банур гардид. Ҷабраил ва Макоил (а) онро бididанд, сар ба саҷда ниҳоданд, гумон карданд, ки нури таҷаллии Илоҳӣ аст.

Агар як ҷома аз ҷомаҳои ҳурони фирдавсро аз осмон овезанд шаб бошад, чун рӯз равшан шавад ва агар рӯз бошад, офтобро хира гардонад. Ва агар яке аз онҳо ба дунё нигарад, ҳамаи ҷаҳон равшан гардад. Ва агар қатрае аз оби даҳони худ ба дарёи олам андозад, оби дарёҳо аз ангубин ширинтар ва аз мушк хушбуйтар гардад.

Худои таъоло ҳурони ҷаннати фирдавсро аз чаҳор чиз офаридааст: аз мушку кофуру амбару зъъфарон. Чун биҳиштӣ дар рӯи ҳур бингарад, рӯйи худ дар пешонии ӯ бинад ва мӯъмин низ дар биҳишт чунон хушшакл шавад, хи ҳур ҳам рӯи худро дар пешонии ӯ бинад.

Чун биҳиштӣ ҳуреро чандин сол дар бар гирад, вай сер нашавад, чун ӯро бигузорад, аз вай ҷудо нашавад; дарҳол ба ҳолати бакорат бозгардад.

Эй мӯъмини биҳиштӣ, ин ҳама неъматҳо аз барои ту сохтаанд. Ҷаҳд кун, то худро маҳрум нагардонӣ. Ба қазои Худои таъоло ризо бош, то ба он каромат бирасӣ.

Эй бор Худоё, моро рӯзӣ гардон ба қазоят ва ба ризоят.

Пайғамбар (с) фармуданд, ки чун андаруни биҳишт даромадам, Идрис (а)-ро дидам. Чун қариби ӯ расидам, шунидам, ки тасбеҳ мегуфт. Маро дида салом

кард, ҷавоби ӯ боздодам. Гуфтам, ки ё пайғамбари Худой, бад-ин мақом расидӣ ва талхии ҷон доданро чашидӣ?

Идрис (а) гуфт: - Ё пайғамбари Худой, кошкӣ аз аввали ҷаҳон то охири ҷаҳон талхии ҷон кандани ҳама халоиқ медидам ва тавфиқи он меёфтам, ки то ба дидори уммати ту мушарраф мегаштам.

Гуфтам: - Сабаби он чист?

Гуфт: - Чун дар биҳишт даромадам, ба ҳар қасре ва кӯшке, ки рӯй овардам ва ба ҳар ҳуре иқбол намудам, маро гуфтанд, ки аз ин ҷо даргузар, ки аз они уммати Муҳаммади Мустафо (с) аст. Баъд аз он дар биҳишт кӯҳе дидам, ки номи ӯро Ҷабалураҳмат гӯянд. Сари вай ба кунгураи Арш расида ва он кӯҳ аз мушку анбар аст. Чандин дар аз нуқраи хом бад-ин кӯх тартиб додаанд.

Гуфтам: - Илоҳо, ин аз кадом Пайғамбар ва ё Сиддиқ аст? Фармон даррасид, ки аз они яке аз умматони Муҳаммади Мустафо (с) аст, ки ду ракаат намози бомдодро боҷамоат бигузорад. Аз он ҷо орзӯ бурдам, ки кошки ман умматони туро медидам ва дар пайравии онҳо мекӯшидам.

Идрис (а) пай-амбаре аст, ки дар ҳолати ҳаёташ ба осмон рафта буд ва дар биҳишт даромад ва щоло ӯ дар биҳишт аст ва ӯ дар осмон талхии ҷон доданро чашид ва боз ба қудрати Илоҳи зинда шуд ва то рӯзи қисмат ӯ дар биҳишт мебошад.

Расули акрам (с) фармуданд: чун аз ин ҷо пештар шудам, як ҳавз дар назарам афтод, ки дар як мавҷи ӯ ҳазор ранг зоҳир мешуд ва ба ҷои сангрезаи ӯ лаълу заъфарон буд ва бар лаби он тахтҳои мурассаъ аз ёқуту фирӯза буд ва бар ҳар тахт қолинҳои гуногун буд ва гирди ҳар тахте чандин ҳур дастархонҳои алмос ва ҷавоҳир ба даст гирифта истода буданд. Аз Ризвон пурсидам, ки ин кадом ҳавз аст?

Гуфт: - Ин ҳавзи Кавсар аст. Агар як қатра аз ин ҳавз ба дарёи талх резанд, оби он чун оби ҳаёт гардад ва ин тахтҳо аз барои содиқон ниҳодаанд.

Ҳурон шароби таҳур дар даст гирифта мунтазир истодаанд. Оби он сафедтар аз барфу хушбӯтар аз мушку ширинтар аз ангубин ва канори он аз зари сурх аст. Ва сангрезаи он аз ҷавоҳир аст ва гили он аз мушку заъфарон аст. Ва оби он аз зери Арш меояд, чунон ки ҳар ҷо расад, тар накунад.

Агар касе дар он афтад, ғарқ нашавад. Ва агар касе аз он қатрае бичашад, ҳаргиз ташна намонад.

Расули акрам (с) фармуданд, ки чун аз ин ҷо пештар шудам, ҷӯе дидам обаш сафедтар аз ширу ширинтар аз асал ва аз мушк хушбӯйтар ва аз барф хунуктар. Ва ҷӯе дидам аз шир ва ҷӯе дидам аз хамр ва ҷӯи дигар дидам аз асал. Ва канори он ҷӯйҳо аз забарҷад буд. Ва сангрезаи ӯ баъзе аз ситорагони осмонро дар канори он ҷӯйҳо ниҳодаанд. Ва бар атрофи он мурғон буданд, ки бар мисли шутурон буданд. Ҳар ки гӯшти он мурғон бихӯрад ва аз оби он ҷӯй бинӯшад, ҳаргиз ташна нагардад. Ва дар гирди он ҷӯйҳо хаймаҳо дидам аз ёқут. Пурсидам, ки ин хаймаҳо аз они киёнанд?

Гуфт: Ин ҷои арвоҳи уммати ту аст.

Дар он хаймаҳо ҳурон буданд, ки рӯйҳои онҳо чун офтоб медурахшиданд ва ҳама овоз бардошта буданд ва ба нағмаҳои дилфиреб ҳамсоз гашта буданд. Ва садои нағмаҳои онғо ба қасрҳо ва дарахтони ҷаннат дарпечида ва аз он нағмаҳо овози хуше шунида мешуд, ки агар аз он замзама дар дунё мешуд, ҳаргиз марг ва меҳнат дар дунё намемонд.

Ҷабраил (а) дари хаймаҳоро бикушод ва пардаҳоро бардошт. Нигаристам, суратҳое дидам, ки агар ҳама умр дар сифати онҳо сарф кунам, ҳанӯз кам аст. Рӯйҳои онҳо сафедтар аз шир ва сурхтар аз ёқут буд. Ва пӯстҳои онҳо нозуктар аз барги гул буду мӯйҳои онҳо сиёҳ тофтаву бофта.

Гуфтам, ки инҳо аз они киён мебошанд?

Гуфт: Аз они ту ва уммати туанд.

Расули акрам (с) фармуданд, ки Ризвонро пурсидам, ки мӯъминон дар биҳишт қарор гиранд ва ба айш машғул шаванд, падарону модарон ва фарзандонро бинанд?

Ҷабраил (а) гуфтанд, ки падарону модарон ва фарзандон ҳама ҷамъ шаванд. Ва тарафи падарон ҳамчунин то Одам (а) дар рӯзи шанбе писарон меҳмони падарон бошанд. Дар рӯзи якшанбе падарон меҳмони писарон бошанд, дар рӯзи Душанбе шогирдон меҳмони устодон бошанд. Дар рӯзи сешанбе устодон меҳмони шогирдон бошанд. Дар рӯзи чаҳоршанбе умматон меҳмони пайғамбарон бошанд. Дар рӯзи панҷшанбе ҷумлагии аҳли биҳишт меҳмони пайғамбари мо (с) бошанд. Дар рӯзи ҷумъа дидори Худои таъолоро бубинанд ва меҳмони Худои таъоло бошанд.

**Фасли бисту якум дар баёни ҳаловат ва лаззат ва осоишу роҳати аҳли биҳишт**

Чун биҳиштиён дар биҳишт дароянд ва ба истироҳат машғул шаванд, хидматгорон дастархонҳои пур аз анвоъи неъматҳоро пеши ҳар яке аз аҳли биҳишт биоранд. Хонҳо ҳама аз ҷавоҳир ва лӯълӯъ ороста ва ба ҳар дастархоне чандин тошт ва ба ҳар ташт чандин тосе ва ба ҳар тосе чандин ҳазор луқмаи гуногун бошад. Дар ҳар луқмае чандин лаззат бошад. Ва хидматгорон қадаҳҳои заррин ва пиёлаҳои симин ба даст мунтазир биистанд, ки банда аз он дастархонҳои пур аз таъомҳои гуногун мувофиқи табъу иштиҳои худ биошомаду бихӯрад. Бандаи биҳиштӣ муддати чиҳил сол бар сари он дастархон бо хӯрдани гӯшти парандагон ва хӯрдани дигар неъматҳо машғул бошад.

Баъд аз он ки даст аз таъом боздорад, ғилмон косаҳои пур аз шаробро пеши ӯ баранд. Чун банда шарбате аз он нӯш кунад, хӯрдагиҳои чиҳилсола ба нӯшидани як пиёла шароб ҳазм шаванд. Гӯянд, ки банда як даст ба ҷоми заррин ва дасти дигарашро ҳалқа дар гардани ҳур дорад ва аз тарафи дасти росту чапи ӯ чандин хидматгорон дасти ба даст карда, ҷомҳои заррин бар каф гирифта, ба нағмаҳои ширин сурудхонӣ кунанд ва банда подшоҳвор бо айшу шодӣ биншинад. Он бандагон аз бисёрии айшу нӯш ва машғулият бо арӯсони худ Худои оламиёнро ба ёд наёранд.

Фармон ояд, ки, эй малоикаҳо, ин номаҳоро бар мӯъминон расонед.

Фариштагон он номаҳоро ба дасти ҳурон бидиҳанд. Ҳурон гӯянд, ки мо натавонем, чунки дӯсти Худои таъоло ба хилват машғул аст. Фариштагон онро ба ғилмон диҳанд, гилмон гӯянд, мо натавонем рафтан, зеро ки дӯсти Худои таъоло ба маишат машғул аст.

Фариштагон гӯянд, ки, Илоҳо, ту беҳтар медонӣ, ки бандаи худро чунин мартабаву бузургӣ додаӣ, ки ба наздаш натавонем рафтан.

Он гоҳ фармон шавад, ки аз боғҳои беруни биҳишт аз Ҳазрати мо тӯҳфа ва ҳадя баргиред ва ба сӯи бандагони мо, биравед ва бар дасти ҳар фаришта як табақ бидиҳад ва дар он табақ меваҳои гуногун бошад. Малоикаҳо онро баргиранд,
ва бар дари қасрҳо раванд ва аз нигоҳбонони қаср пурсанд, ки малик ба чӣ кор машғул аст?

Гӯянд, ки малик ба айш машғул аст.

Фариштагон бозгардандӯ гӯянд, ки, Илоҳо, бандаи худро чунон мартаба додаӣ, ки дарбонон чунин ҷавоб гӯянд.

Фармон шавад, ки пеши дари бандагони ман чандон истед, ки дарро кушоянд.

Фариштагон бар дари қасрҳо биистанд ва интизорӣ кашанд. Ҳар биҳиштиро ҳафтод дарбон бошад. Иҷозат гиранду баъд назди банда дароянд ва гӯянд, ки фариштагон бар дар чандон интизорӣ кашанд, ки посбонони қаср аз онҳо шарм кунанд.

Он гоҳ дарбонон наздики хидматгорон оянд, ки муддати чандин сол аст, ки фариштагон аз Ҳазрати Парвардигор тӯҳфахо ба даст гирифта мунтазир истодаанд. Ҳодимон ғилмонро гӯянд ва ғилмон ҳуронро бигӯянд ва ҳурон бандагонро аз ин ҳол огоҳ гардонанд. Онҳо ба муҷаррради шунидан талаб кунанд, ки ба назди мо биёянд. Чун наздик расанд, гӯянд, ки "Саломун алайкум, тибтум фадхулуҳо ҳолидин". Он гоҳ табаке аз нур пеши банда ниҳанд, ки дасторчае аз нур бар болояш андохта шудааст.

Чун биҳиштӣ пардаи нур аз табак бикушояд, себе бинад. Ба дасти ризо онро қабул кунаду бӯй кашад. Ҳамчун бӯи мушк аз он пайдо шавад, ки димоғи малики биҳиштӣ муъаттар гардад. Ва чун бишикофад, ҳури зебое аз он себ пайдо шавад, ки ниқоб дар рӯй баста, нури зебои ӯ дар биҳишт парешон шавад, чунон ки биҳишти анбарсиришт саросар зеботар гардад. Ва руқъа аз паёми дӯст ба дасти ӯ бошад, банда аз шавқу муҳаббати рӯи ин ҷамоли дӯст, ки ҳураш гӯянд, хохад, ки ниқоб бикушояд.

Ҳур гӯяд, ки ҳанӯз вақти он нест, дар шитоб машав, ки ман аз они туам. Аввал номаи дӯстро бихон, он гох ниқоби бастаро бикушо.

Чун банда номаи султони маликулмулк ва Худованди иззат ва ҷабаррут ҷалла ва ало бикушояд, ба даруни нома чанд сатре; навишта бинад, ки ин навиштаи подшоҳе аст, ки ҳаргиз намирад ва баъд аз ин низ ҳаргиз намирад ва мар ӯро марг ҳаргиз раво нест.

Дар сатри дувум навишта, ки "салом аз подшохе, ки мулки ӯро завол нест ба сӯи подшоҳе, ки мулки ӯро завол нест". Эй бандаи ман, ҳамроҳи ҳуру кусур

чунон машғул гаштаӣ, ки маро ёд намекунӣ, аммо вафои карими мо қадим аст. Акнун ёд кунед, ки ваъдае, ки дар дунё бо шумо буд, онро вафо кардам ё не?

Ҳама гӯянд, ки, Илоҳо, ваъдаҳои ту ба карам вафо гашт.

Он гоҳ арз кунанд, ки, Илоҳо, дар дунё зомини ризқи мо будӣ. Агарчанде ки гуноҳ мекардем рӯзии мо мерасонидӣ ва чун умри мо ба охир расид, Малакулмавт қасди ҷони мо кард ва шайтон чанг дар имони мо кард, ту дар он вақт калима бар забони мо гардонидӣ. Чун дар тангҳои лаҳад фуруд оварданд, саволи Мункару Накирро осон гардонидӣ ва гӯрро, ки мақоми торику боваҳшат буд, бар мо кушоду равшан гардонидӣ. Чун номаи кирдори моро паррон гардонидӣ, номаҳои мо ба дасти рост додӣ ва паллаи неки моро ба карами худ вазнин гардонидӣ. Чун вакти гузаштани пули Сирот шуд, сеҳазорсола роҳ аз мӯй бориктар ва аз теғ бурронтар ва аз оташ гармтар ба лутфи худ осон гардонидӣ ва ба Доруссаломи биҳишт расонидӣ, баъд ҳаёте додӣ, ки ҳаргиз намиронӣ. Акнун, бор Худоё, моро ба ҳазрати ту ҳеҷ орзӯе намондааст.

**Фасли бисту дуюм дар баёни меҳмонӣ кардани пайғамбарон биҳиштиёнро**

Чун биҳиштиён дар маконҳои худ қарор гиранд ва ба айшу нуш машғул шаванд, пайғамбарон биҳиштиёнро ба меҳмонии худ даъват намоянд.

Рӯзи шанбе овози фарёдкунандае барояд, ки эй аҳли биҳишт, имрӯз ҳама дар Ҷаннатулхулуд ҳозир шавед, даьвати Бобои Одам сафияллоҳро қабул кунед.

Ҳама биҳиштиён ба ҳузури дил ба Ҷаннаттулхулд ба зиёфати Одам (а) рафта, зиёфату неъматҳои гуногун хӯрда, бо фориғии дил ба манзилҳои худ бозгарданд.

Дар рӯзи якшанбе ба зиёфати Нухи Набиюллоҳ ба ҷаннатулнаъим раванд ва бо хурсандӣ ба маконҳои худ бозгарданд. Дар рӯзи шанбе ба ҷаннатулфирдавс ба меҳмонии Иброҳим Халилуллоҳ раванд. Баьд аз хӯрдани зиёфат бо шодиву хурсандӣ ба манзили худ бозгарданд. Рӯзи сешанбе ба зиёфати Мусо (а) раванд ва аз он ҷо бо роҳат ба қасрҳои худ бозгарданд. Дар рӯзи чаҳоршанбе ба зиёфати Ҳазрати Исо (а) оянд ва бозгарданд.

Дар рӯзи панҷшанбе нидо ояд, ки имрӯз рӯзи заёфати Саиди Асфиё ва саиди Анбиё ва нури дидаи ҳаждаҳ ҳазори олам ва беҳтарини авлоди одам Ҳазрати Муҳаммада Мустафо (с) аст. Дар таҳти дарахти Тубӣ ҳозир шавед то моидаи абад бихӯред ва ҷамоли бокамоли Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с)-ро бубинед.

Ҳамаи биҳиштиён дар сояи дарахти Тубӣ ҷамъ оянд ва ба зиёрати он султони инсу ҷон мушарраф гарданл. Чун аз таьом фориғ гарданд, кадаҳҳои шароби лазиз биёранд. Дар он навишта шудаас, ки ин шароби пок аз Парвардигор аст ба сӯи бандаи пок. Ҳар як аз ҳозирони он мақом ҷоме аз он бинӯшад, баъд аз он ҳиҷобҳоро аз пеш бардоранд, то ба мушоҳидаи ҷамоли Илоҳӣ мушарраф гарданд.

Илохо, мо бандагонатро ба дидори бемисоли худат мушарраф гардон.

Ба ривояти аҳли суннат дидори Худои таъоло мӯъминонро аз биҳишт ҳақ аст, лекин эътиқод бар он бояд кард, ки мӯъминон Худои таъолоро ба чашми сар аз биҳишт мебинанд на дар биҳишт. Агар гӯем, ки дар биҳишт Худои таъолоро мебинанд он ҳато аст, зеро ки ташбеҳ ба макон мешавад. Ва Аллоҳ таъолоро макони муайян нест.

Рӯзи ҷумъа биҳиштиёнро ба дорулҷалол ҳазрати Ҳақтаъоло меҳмонӣ кунад, ба андозае, ки таърифи он дар забон наёяд.

Чунончи Худои таъоло мефармояд, ки таъом диҳед бандагони маро, баъд ҳозир гардонанд таъомҳоро, ки забон аз андозаи сифати он таъомҳо оҷиз ояд. Ва ақл аз чигунагии он дар ҳайрат бимонад.

Гӯянд, ки ҳафтод сол дар он ҷо бо хӯрдани таъом бимонанд. Ва ба ҳар луқма шаҳват ва иштиҳои дигар бияфзояд. Дар пеши ҳар яке ҳафтод табақ ва дар ҳар табақ ҳафтод гуна таъом ва дар ҳар луқма ҳафтод лаззат. Мӯъминон хоҳанд, ки даст ба таъом дароз кунанд, фармон ояд, ки он дунё буд, ки ранҷ мекашидед, биҳишт ҷои машаққат нест. Ба фармони Аллоҳ таъоло он луқма биҷаҳад, наздик ояду ба даҳон дарояд. Хоҳанд, ки даҳон биҷунбонанд, фармон ояд, ки ин ҷо хоидан нест, чун ки хоидан низ машаққат аст. Чун аз таъом хӯрдан фориғ шаванд, дӯстони Худои таъолоро орзӯи шароб шавад.

Ҳазрати Одам (а) гӯяд, ки ё Раб, иҷозат ҳаст, ки фарзандони худро ман шароб диҳам?

Фармон расад, ки дар ҷои худ бинишин, инчунин чандин пайғамбарон хоҳиши шароб додан кунанд, лекин ҳазрати Худованд фармояд, ки имрӯз ваъда хоҳам кард ва бандагонро бевосита шароб ман хоҳам дод.

Пас аз таъом аз Арш қадаҳҳои пур аз шароб оянд. Аз зумурради сабз ва ёқути сурх. Гӯянд, ки чун банда даст дароз кунад, он қадаҳ гӯяд, ки, эй дӯсти Худо, ин дори дунё нест, ту подшоҳвор дӯстона биншин, то ман ба даҳони ту оям.

Гӯянд, ки даҳ навъ шароб бошад, ки бар аҳли зиёфат дар он рӯз зиёфат намоянд. Ва он гуфта шуда аст дар Қуръон. Аз рахику сарсабил ва тасниму кавсар, занҷабилу кофур ва моъу лабан, асалу ҳамр ва бар ҳар ҷом номи соҳиби он сабт бошал. Чун моъ хӯранд, даромадан бувад дар биҳишт бе баромадан. Чун лабан хӯранд, кувват бувад, на заъифӣ. Чун хамр хӯранл, шодӣ бувад, на ғам. Чун салсабил хӯранд, ҷавонӣ бувад, на пирӣ, чун раҳиқ хӯранд, зиндагонӣ бувад, на марг, чун тасним хӯранд, сиҳат бувад, на беморӣ, чун кофур хӯранд, расидан бувад ба мартабаҳои баланд. Чун шароби тахур хӯранл дидор бувад, на ҳиҷоб.

Баъд аз он Худои таъоло фармон диҳад, ки мева диҳед бандагонро, мевае, ки нагузашта бошал ба хаёли кас ва надида бошад онро чашми касе ҳаргиз.

Баъд аз он фармон шавад, ки либос пӯшонед дӯстони манро.

Хазинадорон ба ҳар биҳиштӣ ҳафтод гуна либоси фохира бо сад ҳазор ҳилаи зоҳир пӯшонанд ва тоҷи мурасаъ бар сар ниҳанд. Ва ҳеҷ либосе ба рангу шакл ба они дигар монанд набошад ва ҳамаи он либосҳо баробари мӯй сангина ва вазнинӣ накунанд. Баъд аз он Худои таъоло гӯяд, ки хушбӯ созед бандагони маро.

Абре бифиристонад, то бар он гулоби раҳмат ва мағфират бандагонро хушбӯй гардонад.

Илоҳо, мо мискинонро аз ин давлат бонасибу баҳравар гардонӣ, омин ё раббал оламин.

Дар вакти дидор Ҳақ Субҳонаҳу ва таъоло фармояд, ки, эй фариштагон, се ҳиҷоб дар мобайни мову бандагон монда аст. Як ҳиҷобро баргиред.

Чун як ҳиҷобро баргиранд, нуре пайдо гардад, ки ҳама мӯъминон беҳӯш гарданд.

Ризвон гуфт: - Ё Расулаллоҳ, дар он беҳушӣ чандин сол тамошои анвоъи қудрати Аллоҳ таъоло кунанд, ки на чашм дар биҳишт дида ва на гӯш онро шунида. Он гоҳ ҳурон онҳоро дар канор гиранд, то баҳӯш оянд.

Баъд фармон шавад, ки ҳиҷоби дувумро баргиранд, Фармони Илоҳӣ даррасад, ки, зи ҳурон ва вилдону ғилмон, акнун шумо бар қасрҳои худ равед ва, эй паррандагон, шумо бар шохҳои дарахтон равед ва дар ин мақом ба ғайр аз мӯъминон дигар нағунҷад. Ва ин мақомро холӣ созед, ки акнун маҳалли дидор аст.

Пас фариштагон ҳиҷобро бардоранд. Он гоҳ Худои таъоло дидори бечуну бечигунаи худро бинамояд на наздик ва на дур. Мӯъминон мутаҳайиру беҳӯш гарданд.

Илоҳо, мо бандагони гунаҳгоратро аз ҷамоли бемисолат бонасиб ва баҳравар гардонӣ, омин.

**Фасли бисту сеюм дар баёни кушта шудани марг дар биҳишт**

Чунин овардаааад, ки баьд аз он фармон шавад, ки, эй фариштагон, маргро ба сурати гӯсфанд дар байни биҳишту дӯзах биёред, то мӯъминон ва кофирон онро бубинанд.

Чун маргро биёранд, нидо ояд, ки, эй аҳли биҳишт ва эй аҳли дӯзах, ин гӯсфандро мешиносед, ки **чӣ** гуна гӯсфанд **аст?**

Гӯянд, ки Худовандо, инро намешиносем.

Фармони Илоҳӣ даррасад, ки бидонед, ки ин марг аст.

Мӯъминон ба дидани марг битарсанд ва ҳайрон бимонанд. Ва аз талхии ҷон кандан ёд оранд. Чунон нохуш ва ҳайрон бимонанд, ки ҳеҷ вакте он чунон нохуш нашуда бошанд. Гӯянд, ки ин бало аз куҷо омадааст?

Дар андоми биҳиштиён ларза афтад. Аммо кофирон ба дидани марг хушвакт шаванд. Аз азоби дӯзах талхии ҷон канданро осон донанд. Гӯянд: хоҳем мурдан ва аз ин азобҳои сахт халос хоҳем шуд.

Ҷабраил (а) гӯяд, ки, эй мӯъминон, огоҳ на доно бошед, ки бо амри Илоҳӣ ҷалла ва ало маргро мекушам. Ба сабаби он ки биҳиштиён дар бихишт ва дӯзахиён дар дӯзах ҳамеша бимонанд.

Биҳиштиён ҳамеша дар биҳишт дар роҳат бошанд ва дӯзахиён дар дӯзах ба азобҳои гуногун абадулобод бимонанд. Баъд маргро ба қатл расонанд. Мӯъминон чунон шод шаванд, ки баъд аз он ҳаргиз андӯхнок нашаванд ва кофирон хору залил шаванд, чунон ки баъд аз он ҳаргиз хушӣ набинанд.

Баъд аз Худои таъоло нидо ояд, ки аз ман хушнуд шудед?

Гӯянд, ки бор Худоё, хушнуд шудем ва ҳама чизҳо ёфтем ва ҳеҷ боқӣ намонда, ки биёбем ва ё бад-он чашмдор бошем.

Фармон ояд, ки шуморо башорате диҳам, ки аз ҳама неъматҳои биҳишт ғолиб ояд.

Гӯянд, он чист?

Фармон ояд. ки аз шумоён хушнудам, ки ҳаргиз аз шумо нохушнуд нашавам ва ба хеҷ чиз аз шумо наранҷам ва заррае аз шумо нуқсон накунам. Ва аз безорӣ шудан шуморо дур кунам.

Чун ни нидо бишнаванд шод шаванд. Гӯянд, бор Худоё, беҳтарини ҳама чизҳо ҳамин хушнудии ту буд, ки ёфтем.

Пас дарҳои шодиву хуррамӣ бикушоянду абадулобод ба хушиву хуррамӣ бигузаронанд ва як лаҳза аз айшу хушӣ холӣ набошанд. Ва ҳеҷ гӯяндаи "Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммаду- р-расулуллоҳ" дар дӯзах ҷовидон намонад. Аз мусулмонон касе, ки гуноҳ карда бошад дар дунё, ба қадри гуноҳаш дар дӯзах азоб карда мешавад. Баъд аз дӯзах бароварда, ба биҳишт мебаранд ва абадулобод дар дӯзах намемонад. Ин буд камтар аз аҳволи биҳиштиён, ки аз ҳазор якеашро баён накардаем.

Илоҳо, Парвардигоро, ба ҳурмати Қуръони покат ва ба ҳурмати Расули покат ва ба ҳурмати касоне, ки дар назди ту қадру қимат доранд, мо мусулмонони гунаҳгори парешонрӯзгорро аз ин неъмати бузургат, ки биҳишти ҷовидонӣ ва дидори бечуни худат аст, бонасиб ва баҳравар гардонӣ. Дар қатори инҳо нависандаи гунаҳгори осиро низ рӯзӣ гардонӣ, омин ё Раббу-л-оламин.

## ҲИКОЯИ ИСЛОМӢ (Пандомез)

Ҳазрати Расули акрам (с) аксар вақт шабҳо хоб намекарданд ва ба ибодат машғул буданд. Ва чунон дар қиёми намозҳо бисёр меистоданд, ки пойҳои муборакашон варам мекарданд. Иттифоқан як шаб дар хоб монданд. Ҳазрати Ҷабраил (а) омада ба ӯ гуфтанд, ки Худованд-мегӯяд, ки агар ӯ хоби бисёр равад, умматонашро азоб хоҳам кард.

Ин суханро шунида, аз хавфи Илоҳӣ ва аз муҳаббати умматонаш ба шӯр омада, гиряву зорикунон рӯ ба кӯҳу биёбон ниҳод. Баъдан ёрони ӯ аз ин ҳодиса хабар ёфта, аз пайи кофтукови ӯ баромада, ба саҳро рафта, ҳарчанд ҷаҳд карданд, ӯро наёфтанд. Ва як чӯпонеро дида, аз ӯ пурсиданд, ки шумо Пайғамбарро надидед?

Он кас дар ҷавоб гуфтанд: - Ман чунин касро надидаам, балки номаш аз касе нашнидаам. Лекин чанд рӯз аст, ки овози хурӯш аз миёни кӯҳ меояд ба гӯш. - Умматӣ, ё умматӣ, ё уммат.

Ин суханро шунида, ёрон ба тарафи гуфтаи ӯ, ба даруни ғоре рафта диданд, ки Расули акрам (с) сари муборакашро ба замин ниҳода, дар саҷда чунон гиряву зорӣ кардааст, ки аз ' бисёрии гиря замин лой шуда, сари муборакашон ба замин фурӯ рафтааст. Ин ҳоли даҳшатнокро дида, ёрон ҳар қадомаш ба навбат Пайғамбарро зораву таваллo мекарданд. Яьне аз ҳазрати Абубакр то ҳазрати Алӣ

ибодатҳои кардагиашонро аз аввали умр то охир барои уммати пайғамбар мебахшиданд ва он зоти бобаракатро мегуфтанд, сари худро аз замин бардор. Он ҳазрат қабул накарда гуфт: - Ин сухани итобомезро аз Худованд шунидаам, то аз худаш авфӣ гуноҳони умматро нашунавам, то рӯзи қиёмат ба ҳамин ҳол меистам.

Ногоҳ хабари ҳол ба хотуни ҷаннат ҳазрати Бибифотимаи Заҳро расид. Ӯ чодари хешро ба сар гирифта, чун бод ба назди он ҳазрат (с) расиданд ва ӯро ба он ҳол дида, сар ба замин ниҳода, бо сузӯ гудоз муноҷот карда гуфтанд:

Худоё ин канизакро шод кун, ҷумла умматро зи ғам озод кун.

Худованди бузург дуъои ҳазрати Фотимаро қабул карда, ҳазрати Ҷабраил (а)-ро фиристод, ки рафта ҳазрати Расули акрам (с)-ро бигу, ки ман дуъои Фотимаро қабул кардам, сари муборакашро аз замин бардорад, ки умматонашро аз азоб халос хоҳам кард.

Ҳазрати Расули акрам (с) ин муждаро аз ҳазрати Ҷабраил (а) шунида сари худро аз байни лой бардоштанд.

Эй бародар ва хоҳарони азиз, шумо хубтар андеша кунед, ки ҳазрати Расули акрам (с) барои мову шумо умматони осиаш чӣ гуна заҳматҳо кашидааст. Лекин афсӯс мову шумо як бор ёде аз пайғамбари азимушшаън намекунем, афсӯс.

Ҳазрати Нӯҳ (а), ки дарозумртарин пайғамбарон буданд, ба як қавле умри муборакашон 700, ба қавли дигаре 900 сол буд. Вақте ки умрашон ба поён расид, аз ӯ савол карданд, ки эй Шайхи пайғамбарон, дунёро чӣ гуна дидӣ?

Дар ҷавоб гуфтанд: - Дунёро ба монанди хонаи дудара дидам, ки аз як дар даромадам ва аз як дари дигар баромадам.

Азизони ман, пайғамбари Худо бо вуҷуди зиёда аз ҳафтсад соли умраш дунёро чунин ташбеҳ кард, мову шумо ба ин умрҳои кӯтоҳ хаёл мекунем, ки ин ҷо ҷовидон мемонем ва парвои мурдан надорем, афсӯс, сад афсӯс.

Вақте ки ёри аввали пайғамбари Худо ҳазрати Абубакр аз дунё гузаштанду ба ҷои ӯ ҳазрати Умар (р) халифа шуданд.

Аз зани ӯ пурсиданд, ки ҳазрати Абубакр дар ҳаёташ чи кор мекард, то пайравӣ аз он кунем?

Ӯ дар ҷавоб чунин гуфт: - Ман ҳамаи афъоли ӯро намедонам, фақат ҳаминашро медонам, ки вақте шаб аз масҷиди Расулуллоҳ (с) меомаданд, ба гӯшае менишастанд ва то субҳ дар тафаккур фурӯ мерафтанд ва чун субҳ мешуд, як оҳи пурдарде аз даруни он ҳазрат мебаромад, ки гумон мекардӣ, дар хонаи ҳазрати Абубакр ҷигарбирён карда истодаанд. Яъне аз хавфи Илоҳӣ чунин оҳи пурдард мекашиданд, бо вуҷуди он ки беҳтарини мавҷудот баъд аз пайғамбари Худо (с) буданд.

Хонандагони гиромӣ, қадре тафаккур намоед, ки он касон бо вуҷуди оне ки ҳамаи ҳаёташонро дар ибодат сарф мекарданду башорати биҳишт доштанд, аз Худованд чӣ қадар метарсиданд. Мову шумо бошем, чаро бо вуҷуди пургуноҳӣ хавфе аз Худованди бузург надорем?!

Ҳазрати Умар (р), ки ёри дувуми Расули акрам (с) буданд, дар вақти хилофаташон рӯзе ба кӯча гузар мекарданд ва як хасеро аз замин бардоштаву

гуфтанд, эй Умар, кошки Умар намебудӣ ва ҳамин хас мебудӣ, то ки аз азоби Худованд халос мегаштӣ.

Дар вақти подшоҳ буданаш бегумон шабҳо ба кӯчаҳо мегашт ва аз мардуми оддӣ мепурсид, ки подшоҳи шумо чӣ гуна бо халқ муомила мекунад, то ки аз мардуми оддӣ хақиқатро шунида камбудиҳояшро ислоҳ кунад. Ҳама аз адолати ӯ сифат мекарданд, чун ки ӯ одил буд.

Рӯзе як малоика ба сурати инсон ба назди ӯ омад ва ҳазрати Умар (р) аз ӯ пурсид, ки халифаи шумо чӣ гуна зиндагонӣ мекунад?

Ӯ гуфт: - Хеле одилона ва ботақво зиндагӣ мекунад, вале ду камбудӣ дорад. Яке ин ки ду ҷома дорад, якеро шаб мепӯшаду якеро рӯз ва дигар, он ки дар болои дастархонаш ду нонхӯриш дорад.

Гуфтанд, ки инҳо иншоаллоҳ ислоҳ мешаванд. Бо вуҷуди подшоҳ буданаш дар ҳоле, ки Ирону Рум аз ҳайбаташ меларзиданд, ҷомаи муборакашон ҳаждаҳ поргӣ дошт. Ҳазрати Усмон (р) ёри сеюми пайғамбар (с) буданд ва ду нури пайғамбар (с), яъне ду духтари пайғамбари Худоро ба занӣ гирифта буданд.

Азбаски духтари пайғамбар (с) ба дасти ӯ буд, вафот карданд, Пайғамбар (с) духтари дигарашро ба ӯ доданд. Баъд аз гузаштани духтари дуюмаш Расули акрам (с) гуфтанд, ки агар духтари дигаре медоштам, ба Усмон (р) медодам. Аз ҷиҳати оне, ки ӯ дар назди пайғамбар қурби калон дошт ва Қуръони каримро ӯ дар вақти подшоҳиаш ҷамъоварӣ намуда, ба шакли китоб мураттаб сохта буданд. Бо вуҷуди бузургиашон аз хавфи Худованд чунон мегиристанд, ки риши муборакашон тар мешуд.

Ҳазрати Алӣ карамаллоҳи ваҷҳа, вақте ки халифаву подшоҳ буданд, ду нафар аз наздиконаш машварат намуда ба назди ӯ рафтанд, ки аз байтулмол, яъне аз хазинаи ҳукумат барои онҳо чизе диҳад, то дар рӯзгорашон сарф кунанд.

Даме ки онҳо ба назди ӯ омаданд шаб буд, вале дар утоки кориаш чароғе дар наздаш ниҳода, ба кори ҳукуматдорӣ машғул буд. Чун онҳо ба наздаш даромаданд, ӯ чароғро хомӯш карда ба дигар тараф гузошт ва чароғи дигареро равшан карда ба назди онҳо гузошта, ба сӯҳбат оғоз кард. Онҳо таъаҷҷуб карда ба ӯ гуфтанд, ки ё Амирулмӯъминин, ин чӣ ҳикмат буд, ки чароғи равшанро хомӯш кардӣ ва чароғи дигареро оварда равшан кардӣ?

Ҳазрати Алӣ (р) гуфтанд: вакте ки шумо ба назди ман омадед, ман ба кори ҳукуматдорӣ машғул будам ва он чароғ аз моли ҳукумат буду аз вай истифода мебурдам. Чун шумо ба назди ман омадед ва меҳмони ман шудед, дигар ман ҳақ надоштам, ки аз чароғи байтулмол истифода барам. Аз ин рӯ чароғи шахсии худро равшан карда ба шумо сӯҳбат мекунам. Чун онҳо диданд, ки ҳазрати Алӣ (р) дар моли ҳукумат ин қадар эҳтиёт мекунад, мақсадашонро ногуфта баромада рафтанд.

Алӣ (р) дар вақти подшоҳ буданаш шабҳо худаш таъом бурда ба хонаҳои ятимон мегузоштанд, то ки соҳиби садақаро набинанд. Ва ятимон намедонистанд, ки таъомро кӣ ба онҳо оварда мемонад.

Вақте ки ҳазрати Алӣ (р) аз дунё мегузарад, дигар ба ятимон касе таъом намебарад. Баъдан ятимон мефаҳманд, ки Алӣ (р) ба онҳо таъом мебурдааст.

Ҳазрати Бибиробиа зани бисёр ботақвову парҳезкор, қарини Парвардигор ва соҳибҷамол буданд, вале шавҳар надоштанд. Рӯзе чанд нафар аз олимони ҳамон давр бо худ машварат намуда, гуфтанд, ки ба наздаш меравем ва ба ӯ мегӯем, ки ту худ медонӣ, ки бешавҳар будан чӣ қадар гуноҳ аст. Аз байни мо якеамонро ба шавҳарӣ ихтиёр кун.

Ин машваратро намуда ба хонаи ӯ рафта, аз паси парда ба ӯ максадашонро баён намуданд.

Ӯ дар ҷавоб ба онҳо гуфтанд, ки ман ба шумо се савол медиҳам, агар саволҳои манро ҷавоб диҳед, майлаш, ман ягон каси шуморо мегирам.

Онҳо ки олим буданд, бовар доштанд, ки саволҳои ӯро ҷавоб мегӯянд  ва гуфтанд: - Саволҳоятро бигӯ.

Ӯ гуфт: - Саволи аввали ман ин аст, ки ба ман бигӯед, вақте ки ҳазрати Худованд арвоҳҳои мову шуморо дар олами арвох халқ кард ва ба онҳо фармуд, ки ҳазрати Одам (а)-ро саҷда кунед. Онҳое, ки ба дасти рост буданд саҷда карданд ва онхо мӯъминонанд ва онҳое, ки ба дасти чап буданд, саҷда накарданд ва онҳо кофиронанд. Акнун бигӯед, ки дар ҳамон холат арвоҳҳои ману шумо аз гурӯҳи дасти рост буданд ё аз гурӯҳи дасти чап?

Онҳо фикр карда гуфтанд, ки ин саволро ғайр аз Худованд касе ҷавоб гуфта наметавонад.

Боз ӯ ба онҳо гуфт: - Саволи дуюми ман ин аст, вақте ки умри инсон ба охир мерасад ва ӯ дар ғар-ғара, яъне дар ҳолати додани ҷон мерасад, дар ҳамин ҳолат шайтони лаъин бо косаи об назди банда ҳозир мешавад ва кӯшиш мекунад, ки имони бандаро нааузубиллоҳ бигирад. Ба ман бигед, ки дар ҳамон ҳолат ману шумо имон аз чанголи шайтони лагьин ба саломат мебарем ё не?

Онҳо гуфтанд, ки ин саволро ҳам ғайр аз Хулованд касе намедонад.

Ҳазрати Бибиробиа гуфт: - Набошад саволи сеюми маро ҷавоб диҳед. Вақте ки қиёмат қоим мешавад ва мардумро ба маҳшаргоҳ даъват мекунанд, дар он вақт баъзе аз мардум номаи аъмолашонро ба дасти рост мегиранд ва баъзеашон ба дасти чап, наъузубиллоҳ. Ба ман гӯед, ки номаи аъмоли ман ё аз шуморо ба дасти ростамон медиҳанд ё ба дасти чап?

Онҳо гуфтанд, ки ин саволро низ ғайр аз Худованл касе  намедонад.

Баъдан ба онҳо гуфт, саволи охирин ба щумо. Ба ман бигӯед: вақте ки ҳисобу китоб дар рӯзи қиёмат ба охир мерасад ва мардум ду гурӯҳ мешаванд. Яке аҳли ҷаннат дигаре аҳли дӯзах. Ману шумо дар ҳамон вақт аз аҳли ҷаннатем ё аз аҳли дӯзах?

Онҳо гуфтанд, инро низ ғайр аз Худованд касе намедонад.

Баъдан ба онҳо гуфт: - Касе ки чунин мушкилотҳо дар пеш дошта бошад ва надонад, ки аҳволи ӯ чӣ мешуда бошад, агар дар фикри ин сахтиҳо бошад, мард бошад ё зан, магар бо чунин мушкилот шаҳвати ӯ меҷунбад ва дар фикри зан гирифтан  ё шавҳар кардан мебошад?

Ба онҳо боз гуфт, ки ақл чанд чузъ аст?

Онҳо гуфтанд, даҳ ҷузъ.

Ба онҳо гуфт, чанд ҷузаш дар мард аст ва чанд чузаш дар зан?

Онҳо гуфтанд, ки нӯҳ ҷузъи ақл дар мард аст ва як чузъаш дар зан.

Боз ба онҳо гуфт: нафс ва шаҳват чанд чузъ аст?

Гуфтанд, ки низ даҳ чузъ аст.

Гуфт, чанд ҷузъаш дар мард аст ва чанд ҷузъаш дар зан?

Онхо гуфтанд, нӯҳ чузъи шаҳват дар зан аст ва як ҷузаш дар мард.

Сипас ба онҳо гуфт, ки шумо шарм намекунед, бо вучуде, ки шумо нӯҳ ҷузъи ақл доред ва як ҷузъи шаҳват? Ва ман як ҷузъи ақл дораму нӯҳ ҷузъи нафс, вале аз Худованд тарсида сабр мекунаму шумо сабр карда наметавонед?

Онҳо ин суханони ҳақро аз вай шунида, пушаймон шуда, гирякунон аз хонаи Бибиробиа баромада рафтанд.

Падарону модарон, бародарону хоҳарони азизу меҳрубон, хулосаи суханони ин бузургворон ин аст, ки бо вуҷуди он ки онҳо ба ҳазрати Худованд нисбат ба мову шумо садҳо маротиба қарибтар буданд, аз Худованд чунон метарсиданд. Мову шумо бошем, бо вуҷуди ғарқи гуноҳ буданамон парвое надорем.

Дар охир бори дигар ба ҳамаи хонандагони гиромӣ муроҷиат намуда, ба онҳо васият мекунам, ки ҳеҷ гоҳ ва ҳаргиз аз ёди Худованд ғофил набошед ва ибодати Худовандро ба ҷо биёред ва дар доми нафсу шайтон наафтед, ки охир пушаймон мешаведу пушаймонӣ суде надорад. Ҳаёти дунёро ғанимат дониста, ба ибодат бикӯшед.

Расули акрам (с) фармудаанд, ки беҳтарин мусулмон он аст, ки тарк намекунад дунёро барои охират ва тарк намекунад охиратро барои дунё, яъне ҳам кори дунёро кардан лозим аст ва ҳам кори охиратро.

Луқмони Хаким гӯфтааст, ки ҷавониро ғанимат дон ва дар вакти ҷавонӣ кори ду ҷаҳон соз кун. Ҳар кас ибодат кунад, барои худаш мекунад. Ҳазрати Худованд мӯҳтоҷ ба ибодатҳои мову шумо нест. Худовандро беадад фариштагонанд, ки ӯро ибодат мекунанд. Лекин агар банда ибодат кунад, Худованд ӯро дар биҳишти ҷовидонӣ ҷову манзил медиҳад, ки он ҷо ҳамеша роҳату маишат асту бас ва аз ӯ розӣ мешавад.

Ва охиру даъвоно ани-л-ҳамду *лиллоҳи* рабби-л-оламин. Нависандаи осиро низ ба дуъо ёд кунед.

Рӯзи 23 апрели соли 2004, рӯзи ҷумъа дар лаби дарёи деҳаи Шаҳринав, дар синни 48 солагии бандаи осӣ дар муддати ёздаҳ сол навишта шуд ва ба ёрии ҳазрати Худованди бузург ба поён расид.

● * ●

Ҳар кӣ хонад, дуъо тамаъ дорам.
З-он ки ман бандаи гунаҳгорам.

● ● *

Муроди мо насиҳатат буд, гуфтем

Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

МАРҲИЛАИ ҲАШТУМ

АШЪОРИ ШУАРО

Ғазалиёти Мавлавӣ Ҷунунӣ
Порашеъре аз Аттор Ғазалиёти Қории Ғармӣ
Муноҷоти Маҳвии Мастчоҳӣ
Ашъори Шайхи Фонӣ (мусанниф)
Чакидае аз ашъори бузургон

**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**
**Ғазалиёти Мавлавӣ Ҷунунӣ**
Эй мусулмонон, ман аз дори фано кардам сафар,
Мубтало будам ба дарди бедаво кардам сафар.
Ман надидам дар ҷаҳон ҷуз меҳнату ранҷу алам,
Аз фанои бебақо бо сад ҷафо кардам сафар.
Монд қасру молу мулку дӯстон, фарзанду зан,
Бо фиғону нола шуд, амри Худо кардам сафар.
Умрҳо бигзашт андар ғафлати ҳавову ҳавас,
Тӯшаи роҳе надорам, бе наво кардам сафар.
Гарчи будам чанд рӯзе андар ин мотамсаро,
Оқибат хурдам ман аз тири қазо кардам сафар.
Нест ҷои истиқомат, эй писар дунёи дун,
Эй Ҷунунӣ, монд ин арзу само кардам сафар.

Ғарқ андар баҳри исёнам, Худоё даст гир,
Мубталои нафсу шайтонам, Худоё даст гир.
Ман ба дасти хеш кардам рӯи худ гарчи сиёҳ,
Аз гуноҳи худ пушаймонам, Худоё даст гир.
Касрати тавфиқ бахшу сӯи худ кун раҳнамо,
Дар либоси фисқ пинҳонам, Худоё даст гир.
Бо вуҷуди кардаи худ бурдаам дасти тамаъ,
Деҳ зи ҷоми бода чандонам, Худоё даст гир.
Гарчи кардам ман гунаҳ, ҷавру ситам бар ҷони хеш,
Мустаҳиқи баҳри ғуфронам, Худоё даст гир.

Бо умед аз номи Раҳмон шав, зи Қаҳҳораш битарс,
Гарчи дорад мағфират аз гулхани нораш битарс.
Бандагӣ ин аст, гар созӣ ба амраш инқиёд,
Ҳамчу барги бед ҳам, аз тарки гуфтораш битарс.
Дур бош аз кизбу ғайбат аз фаъоли нораво,
Кӯҳ кӯҳе дар ҷаҳаннам каждуму мораш битарс.
Бори исёнат ба дӯшу роҳи пурхавфу хатар,
Эй писар, зинҳор аз ғавғови бозораш битарс.
Ноумедӣ ҳам макун, бо карда ҳам мағрур мабош,
Эй Ҷунунӣ, доимо аз хавфи озораш битарс.
♦ * *
Ба уммедам, вале аз номи Қаҳҳори ту метарсам,
Ки ҷӯёи ризоам, ман зи озори ту метарсам.
Зи кӯҳи Қоф чандин ҳиса афзун аст исёнам,
Ба рӯзи "Ҳал мазид" аз гулхани нори ту метарсам.
Намедонам, киро хонӣ, наям воқиф, киро ронӣ?
Наям эмин ҳамеша, ман зи озори ту метарсам.
Ки балъам мешавад муртад, насуҳ мақбули даргоҳат,
Ҷиҳат ин аст, доим ман зи асрори ту метарсам.
Ба бозори қиёмат шоҳбозон бе пару боланд,
Ҷунунам ҳам забун аз хавфи бисёри ту метарсам.
* * *
Соқиё маст ба каф ҷоми шароб омадаӣ,
Хайра мақдам, ки ба ҳангоми шубоб омадаӣ.
Эй тағофул ту чаро тӯшаи фардо накунӣ?
Ё магар аз ҷиҳати хурдану хоб омадаӣ?
Аз бари роҳати тан халқ накардаст туро,
Балки бо бандагиву кори савоб омадаӣ.
Сари мӯе, ки гузаштаст ҳисоб аст ҳама,

Бари ҳар зарра ту ин ҷо ба ҷавоб омадаӣ.
Гар кунад раҳм ба ҳолат, гузарад хайрият аст,
Варна дар Қулзуму гирдоби азоб омадаӣ.
Ҳеч медонӣ, Ҷунунӣ, ки дар ин кулбаи ғам,
Балки аз катми адам по ба рикоб омадаӣ.
* * *
Хушк мегардад ба фардо ин даҳон аз ташнагӣ,
Мебарояд аз даҳони кас забон аз ташнагӣ.
Рух бигардонад, қади найза фарояд офтоб,
Мезанад фарёд ҳар пиру ҷавон аз ташнагӣ.
Оҳани тафсон заминаш, мағзи сар ояд ба ҷӯш,
Аҳли маҳшар мекунад шӯру фиғон аз ташнагӣ.
Ҳадди ҳар кас нест, по монад дар он тафси замин,
Мешавад ҳар кас ба ҳар сӯе давон аз ташнагӣ.
Ончунон рӯзе ҳарифон ҳам ба худ дар мондаанд,
Лахти хун бигрифта атрофи лабон аз ташнагӣ.
Шермардонро агар ҳол инчунин бошад, дареғ,
Чун шавад аҳволи мо бечорагон аз ташнагӣ?
Абри раҳмат дарфишон, кун, ё рабб, аз лутфу карам.
Аз ҳароратҳо бисӯзад осиён аз ташнагӣ.
Ё Расулаллоҳ зи ҳавзи кавсарат сероб кун,
Хушклаб онҷо намонад умматон аз ташнагӣ.
Эй Ҷунун, инҷо ту кори хештан дониста кун.
То намонӣ ал-аташгӯ он замон аз ташнагӣ.
* * *
Ассалом, эй гунчаи садбарги хандон, ассалом,
Ассалом, эй марҳами дарди ғарибон, ассалом.
Ҳамчу барги бед меларзам зи қаҳру бими ту,
Ҳамдулиллаҳ шуд падид абёзи дандон, ассалом.
Ҷониби ағёр лутфу қаҳру бимат сӯи мост,
Аз чи ранҷидӣ бигӯ, эй моҳи тобон, ассалом.
Ман надорам тоқати дур аз нигаҳ андохтан,
Сӯи муштоқон нигар, эй марҳами ҷон ассалом.
Кай фиристӣ марҳами ин синаи афгори ман,
Ё магар андохтӣ дар нори хиҷрон, ассалом.
Аз паи ҳар ҷанг меояд замоне оштӣ,
Раҳм кун бар ҳоли мо, эй шоҳи аднон ассалом.
Нолаҳои зори мо аз баски таъсире накард,
Кардаӣ пинхон дар ин зиндони ҳиҷрон, ассалом.
Сӯхтӣ охир Ҷунуниро ба сад дарду алам,
Чун пари парвона, эй шамъи шабистон, ассалом.

Хусайни ташналаб мегуфт, кавсарро намебинам,

Ачаб шӯру ачаб ғавгост, маҳшарро намебинам.
Ки мӯҳточам ба дашти Карбало бар қатраи обе,
Даҳан хушк аз ҳарорат шуд, лаби тарро намебинам.
Ки танҳоям чу шери ташнаву душман ҳазоронанд,
Кучо шуд дар замон асҳоби лашкарро намебинам?.
Кучой чадди аьлоям, ки ҳалқам бӯса мекардӣ?
Чи рӯзаст, эй Худовандо, паямбарро намебинам.
Кучой эй падар, дастам бигирӣ, баски мазлумам,
Нишони Зулфиқору қатли Ҳайдарро намебинам.
Муҳаммад, Буҳанифа, Шоҳҳусайн во паҳлавононам,
Дареғо, чумла ёру бародарро намебинам.
Кашида теғ бар қатлам, зи ҳар чониб ситамгорон,
Шавад хомӣ дар ин чо як диловарро намебинам.
Ба рӯи синаам биншаст, Шамри лаънатӣ охир,
Ба халқи ташнаам чуз неши ханчарро намебинам.
Чунунӣ хок бар сар мотами ӯ гир он хуршед,
Ки шуд ғарқоби хун рухсори аҳмарро намебинам.

Надорӣ бар кафи по тоқати юр.
Далерӣ чун кунӣ дар гулхани нор .
Бихӯр, солик, ғами чон рӯзи мурдан.
Макун андешаи нон, фикри хӯрдан.
Гузорӣ умрҳо ғар дар хӯру хоб,
Ба гармои қиёмат чун кунӣ тоб.
Надорӣ тоқати як захми сӯзан,
Наметарсӣ чаро аз сӯзи гулхан
* * |
Ҳуш дор, ки марг тири сӯзон дорад.
Кун тавба зи чурмҳо, ки зиндон дорад.
Дунё чу арӯс агарчи хандад имрӯз,
Фардо ба ситам ҳалоки дандон дорад.
Рав сӯи хамӯшон бипурс аз хокӣ.
Аз тири ачал ҳазор пайкон дорад.
« • •
Марг наздик аст, дар зулмат мабодо чон диҳӣ.
Сӯи он оби ҳаёт, эй ташналаб чолок рав.
Но гузашта аз Сироти охират шодӣ макун,
Кор душвор аст бо дудидаи намнок рав.
Кас намедонад, ки вақти чонсупорӣ ҳол чист.
Хуни дил аз ғуссаи мурдан хӯру ғамнок рав.
Гар шудӣ фардо чунун дармондаӣ бори гуноҳ,
Лутфи Ҳақро такя кун сӯи шаҳи лавлок рав.

* • •
Магӯ, эй ташна фардо об нӯшам,
Пас аз пирӣ ба кори хайр кӯшам

Ба бӯи пир чандин навҷавонӣ,
Ки рафт бе тавба аз ин дори фонӣ.
Ба фарзе гар расӣ дар пирӣ, эй ёр,
Қади пирон надорад тоқати бор.
Бикаш бори ибодат дар ҷавонӣ,
Ба тоат кӯш чанде, ки тавонӣ.
Туро додам аз ин пистони ҷон шир,
Бинӯш ину макун зинҳор таъхир.
* * *
Ҷаҳон бар одами як киштгоҳ аст,
Ба деҳқонӣ амал фазли Илоҳ аст.
Дар ин ҷо кор он ҷо нахл бардор,
Шавӣ то сарфароз аз фазли Ғаффор.
Ки ин ранҷи ту охир ганҷ дорад,
Ба як эҳсон ато дучанд дорад.
Ба як қавле ба як эҳсон ҳафтсад,
Иваз бахшад Худо аз фазли беҳад.
Худоят Ақризуллоҳ гуфт, эй ҷон,
Ба эҳсон бош, бингар фазли Субҳон.
Чаро бо Ҳақ набахшӣ қарзи эҳсон,
Бубинӣ то ба фардо чуди Субҳон.
Ту мемириву эҳсонат намирад,
Ба тангиҳои маҳшар даст гирад. Бикун он фикри тангӣ дар кушодӣ,
Ғами дин хур ба ҷои айшу шодӣ.
* * *
Бигӯяд, эй мусулмонон шуд охир,
Гузашт дунё, шумо дар раҳ мусофир.
Битарсед аз азоби сахти Қаҳҳор,
Бикӯшед дар ибодатҳои бисёр.
Бигӯед зикри Ҳақро ошиқона,
Шавед андар ғами фикри сагона.
Зи Эзид як даме ғофил набошед.
Хаёли ғайри ӯ аз дил тарошед.
Бикун коре, ки он ҷо дар намонӣ.
Дарой дар биҳишти ҷовидонӣ.
* * *
Надида роҳро инкори раҳ кардан, чӣ вовайло.
Сияҳрӯи надида, таъни маҳ кардан, чӣ вовайло.
Туро амри сафедӣ нома кард аз нури ирфонаш.

Ба дасти хеш рӯи худ сияҳ кардан, чӣ вовайло.
Ба ҳар ҷурме ҳазорон тавбаву ашки надам бояд.
Надида айби худ фахри гунаҳ кардан, чӣ вовайло.
Саропо ғарқи айби аз сари ғафлат намедонӣ.
Ба айби андаки ҳар кас нигаҳ кардан, чӣ вовайло.
Бари хидмат фиристонид аз ҳосил чиҳо кардӣ,
Накарда ҳеч ҳосил рӯ ба шох кардан, чӣ вовайло.
Дари дилро кушо бо ин калиди зикри Субҳонӣ.
Ба ин уқда сару поро гиреҳ кардан, чӣ вовайло.
Хушо, ки сар ба савдои муҳаббат шӯрҳо дорад.
Ба савдои ҷаҳон, сар зери чоҳ кардан, чӣ вовайло.
Муҳибон дар паноҳи лутфи Эзид рафта осуда.
Ба зери теғи душман сарпанаҳ кардан, чӣ вовайло.
Ҷунунӣ сӯҳбати девонагон шуд роҳати ҷонам.
Барои ҳоҷате рӯ боз сияҳ кардан, чӣ вовайло.
* * *
Бохабар бош, ки ин хок қамар мешинакад.
Зери девори лаҳад косаи сар мешиканад.
На магас ёфт халосӣ, на пари анқое,
Бол зан ҷониби мақсуд, ки пар мешиканад.
Охири кор ҳама сарву хиромони ҷахон,
Қадди сарвона дар ин хонаи ду дар мешиканад.
Кӯҳканвор дар ин водии ҳиҷрони алам,
Раҳравон, тешазанон, лахти ҷигар мешиканад.
Дил шикаста зи ғами санги маломат нашавӣ,
Шоҳи нахлат нигар аз бори самар мешиканад.
Чун сафедор макаш сар, ки дар ин боғи ҷаҳон,
Қадат аз бесамарӣ зарби табар мешиканад.
Ҳеҷ дил тоб надорад ба дами тири ғамаш,
Рамӣ нокарда ба оҳанги сипар мешиканад.
Нашавӣ дар паи озори дили ошиқи зор,
Санги хора зи дами оҳи саҳар мешиканад.
Маъданулҳоли ҷунун дар сари бозори ҷаҳон,
Қимати лаззати сад шаҳду шакар мешиканад.

Туро шомест андар пеш чу субҳат дар канор имрӯз,
Кудуратҳо, ки андар дил туро бошад барор имрӯз.
Ба дил оина банди кун, ки дорӣ эътибор имрӯз,
Наҳанги нафсро сар зан ҳавову ҳирс барор имрӯз..
Дар он манзил, ки ҷаннат ҳаст, диҳадат кирдгор имрӯз,

Чи суд аз тахт боз ойӣ ба тахта,

Чаконанд об дар ҳалқат ба пахта.
Ба нахли умр ҳар дамро табар дон,
Дар ин корвонсаро худ раҳгузар дон.
Ҳама дорад фано боқӣ аҳад дон,
Ту худро тӯъмаи кирми лаҳад дон.
Чаро андар ғуруру нангу номӣ,
Ба зери хок пӯсида устухонӣ.
Чаро дорӣ ба як сар ин кадар шӯр,
Намеорӣ ба хотир манзили гӯр.
Чаро бар ишқи зан дорӣ дилу хуш,
Шавад бар ғайри ту рӯзе ҳамоғӯш.
Бикун баҳри Худо з-ин бандагӣ шарм,
Ҳазар кун аз гудози оташи гарм.
Рафиқон рафт як-як сӯи манзил.
Ту бар ин хоктӯда мондаи дил.
Ҳама андар лаҳад хуфтанд кафан печ.
Надорӣ фикри он ҳолат ба дил ҳеҷ.
* * *
Ҷавзи пуч аст ҷаҳон бо ӯ дилу ҷон мафурӯш.
Ки ба зиндони алам Юсуфи Каньон мафурӯш.
Ин работест, ки сад кофиларо созад хок.
Ту ба ин кӯҳнасаро равзаву ризвон мафурӯш.
Васфи фирдавс зи тафсири каломаш бишунав.
Гулшани ту ба ин реги биёбон мафурӯш.
Хуру фирдавс занад шона ба зулфон бари ту.
Ту ба ин пири куҳан ҷилваи хурон мафурӯш.
Қавли тафсир шунав: аз пайи иблис марав.
Дилу ойину дин аз хатраи шайтон мафурӯш.
Вақт охир расад он дев ба як косаи об.
Ту ба ин оби аду гавҳари имон мафурӯш.
* * *
Ба роҳи дин намонд аз бандагиҳо.
Ту чун пайрав ба ин шармандагиҳо.
Ба назди ҳар таъоме паҳлавонӣ.
Ба вақти бандагӣ ранги занонӣ.
Равӣ кӯҳҳо ба азми белд**аста,**
Ба масҷид мешавад поят шикаста.
Кашӣ чун гов доим бори дунё,
Шавӣ дар хидмати мавло касалҳо,
Дугона кун ба марзои ягона,
Ҳама дар бандагӣ, ту дар баҳона.
Чӣ гуна бандаӣ ту, эй хунукрӯ,
Чи суд он дам, ки аз луҳия кни мӯ.

Пушаймонӣ дар ин ҷо мекунад суд,
Надорад суд пеши оташу дуд.
Ба рангу бӯи ин мурдор мастӣ,
Ба ном хоҷаи худ мепарастӣ.
Дилу ҷонат ҳамеша ошиқи нон,
Занӣ лофи забонӣ ишқи субҳон.
Гирифторӣ ба нафсу фикри меъда,
Шикастӣ охир он дерина ваъда.
Ба кори дин туро фармуд сарвар,
Чаро ҳар сӯ бари нон мезанӣ сар.
Бикан дар хидмати раззоқи худ ҷон,
Набахшад кам туро тақсими ӯ нон.
Ғами ҷон хӯр, ки ҷон чун мебарояд,
Ғами луқма махӯр, ки чун дарояд.
Ба Ҳазрат буд доим ҳубби дарвеш,
Ту чун ақраб занӣ дарвешро неш.
Зи гӯши ғафлатат ин пунба бардор,
Чу фарзандон шунав, гӯям падарвор
* * *
Азизон рафт, акнун навбати туст,
Машав ғофил зи файзи нашъаи дӯст.
Бикун коре, ки орад оқибат суд,
Наёрад дар надомат оҳи пурдуд.
Ба худ раҳме бикун, эй қабзаи хок,
Ба сарпечи кафан доман ба фитрок.
Ба хотир ор ин дам манзили гӯр,
Ду чашми равшанатро мехӯрад мӯр.
Ба айвони лаҳад бошӣ кафанпӯш,
Кунӣ хоки хунукро сахт оғӯш.
Чӣ лозим айшу нӯшу ком ронӣ,
Ки зери хок мушти устухонӣ.
Бихобад завҷаат бо шӯи дигар.
Ятимони ту мемонад ба ҳар дар.
Бимонад молу ситам назди ворис.
Ту сайди бевафоён аз чӣ боне.
Ба ёди Ҳақ барорӣ ҳар нафасро.
Кунӣ шаҳбоз ин мурғи қафасро.
* * * *′
Илоҳӣ, аз карам бар осиёнат лутфу эҳсон кун,
Саводи номаҳоро шустушӯ дар баҳри ғуфрон кун.
Макун шармандаи рӯзи ҷазо ин хоки осиро.
Зи лутфи худ ба ин аҳли ҳиҷолаг сатри исён кун.
Ба беморӣ гунаҳ набвад, ба ҷуз лутфи ту дорӯе.

Ҳакими хозиқе бар дарди ҳар дармонда дармон кун.
Ба вақти ҷон гирифтан деви малъун ҳамла меорад,
Саломат бандагонро аз фиреби шарри шайтон кун.
Ба вакти қабз кардан ҷони ширин талхие дорад.
Ба фазли хеш, ё Рабб, мушкили моро ту осон кун.
Малакҳо дар лаҳад бо гурзи оташбор меоянд,
Саволашро ҷавобаш бо савоб аз лутф фармон кун.
Чу сабза сар кашад дар рӯзи маҳшар одамӣ аз хок.
Ба гармои қиёмат раҳм бар ин аҳли урён кун.
Ҳаросон дидаҳо дар интизори номабахшиҳо.
Зи фазли худ саъодатномаро бар дасти имон кун.
Надорам аз амал ҷуз маъсият ҳангоми санҷидан.
Тарозуро гарон аз фазли худ дар вазни мизон кун.
Хурӯши дӯзахи сӯзанда гар ҳал мазид гӯяд,
Халос ин осиёни хастаро з-он нори сӯзон кун.
Ҷунун аз ҳосили ҳар ду ҷаҳон дидор мехоҳад,
Ба сӯи дидаи муштоқи мо дидор урён кун.
* * *

**Банда ҳамеша аз хавфи сахтиҳои пеш тарсон бошад**

Ки аввал сахтиат талхии ҷон аст,
Саломат мондани имон гумон аст.
Зи як сӯ қобиз андар ҷон занад чанг,
Зи як сӯ дев имонро кунад танг.
Миёни ин ду мушкил банда ночор,
Ба сад бечорагӣ гардад гирифтор.
Касе бар ёр бе ту дастрас нест,
Ба чуз лутфи Худо фарёдрас нест.
Надонӣ кандани ҷонро, ки чун аст,
Дили олам аз ин ғам ғарки хун аст.
Саволи ду малак дар гӯри торик,
Ба гурзи оташин пурсанд наздик.
Зи вахму ҳайбаташ заҳра шавад об,
Чӣ гуна бандаи оҷиз кунад тоб.
Ба хотир чун намеорӣ аз он рӯз,
Нафас дар ғарғара монӣ назардӯз.
Пас аз пурсиш азоби ҳавли гӯр аст,
Аз ин ғусса дили олам ба шӯр аст.
Ба маҳшар сахтии рӯзи қиёмат,
Ба пеш ояд дар он чандин аломат.
Ғами он рӯзро мехӯр ҳамин дам,
Ситам бар ҷон макун, эй ибни Одам.
Илоҳӣ, мо гурӯҳи оҷизонем.
Бикун лугфе, ки он ҷо дар намонем.

Ғубори хокаму исён сиришта.
Сияҳ аз ҷурм девони навишта.
Ҳамеша кори ман исёну нисён,
Хатову ҷурму зиллат, тарки фармон.
Хатоҳоро на битвонам шумурдан,
Ба хотир омад ин ҷо рӯзи мурдан.
Кушодам чашми худ аз хоби ғафлат.
Ба сӯи интизори боби раҳмат.
Зи бори ҷурм қадам гар чӣ нун аст.
Валекин раҳматат аз ҳад фузун аст.
Камина бандаи ту узрхоҳ аст,
Ба баҳри раҳматат кӯҳ ҳамчу коҳ аст.
Надорам ман ба ҷуз даргоҳи ту дар,
Ба даргоҳи карам биндодаам сар.
Сари исён сириштам хоки роҳат.
Равам афтону хезон дар паноҳат.
Бикун ин гумраҳонро раҳнамоӣ.
Ба сӯи нур бар аз ин сиёҳӣ.
Ки шояд во раҳем аз қайди ҳастӣ.
Бароем аз ғурури танпарастӣ.
* * *
Азизе ваъз гуфтӣ дар Самарқанд,
Бигуфт, эй мардумон гиред ин панд.
Мусулмонед, кӯшед дар раҳи дин.
Ба банда, бандагӣ дӯст ширин.
Ғараз аз бандагӣ фармон пазирӣ.
Чаро фармони мавлоро нагирӣ.
Мусулмон бош, аз тасдиқи ҷонӣ.
На иқрор аст ин нуки забонӣ.
Мусулмон будани ту, кай ба кор аст,
Мусулмон мурдан ин ҷо эътибор аст.
Азизоне, ки аз гиря наёсуд,
Ҳама андӯҳи завфи хотима буд.
Надонӣ, ки дами охир чи ҳол аст,
Аз ин то зери хокат сад савол аст.
Ҳазорон уқба дар пешу ту ғофил,
Гиребон дар кафи маргу ту ҷоҳил.
Расида пои умрат дар лаби гӯр,
Ту дар озурдани мардум чу занбӯр.
Кафанвори ту оварданд ба бозор,
Ту дар фикри арӯси нав харидор.
Шуда паймонаи умри ту лабрез,
Ба моли ғайр чун дандон кунӣ тез.

Насозӣ қавли Ҳақро ҳалқаи гӯш,
Кушода чашм дар хоби чу харгӯш.
Ҳазорон тавба аз ин зиндагӣ кун,
Гузар аз хоҷагиву бандагӣ кун.
Машав муллову хоҷа, шайхи каньон,
Мусулмон шав, мусулмон шав, мусулмон.
* * *
Зи тоъат кун иморат хонаи дин,
Нахобида ба рӯи аспи чӯбин.
Ҳамеша дар ризои зоти Ҳак кӯш,
Зи файзи зоти Қудсӣ шарбате нӯш.
Илоҳӣ чораи бечорагон кун,
Ба ҳамдат ҳар сари мӯям забон кун.
Ки шуд исёнам аз мӯи сарам беш,
Сияҳ аз ҷурм кардам номаи хеш.
Хатоҳо кард ин банда- гунаҳгор,
Ба ту рӯ кардаам бо ҷурми бисёр.
Ҳиҷолатмандам аз зиштии кирдор,
Яке шарманда омад, боз ба дарбор.
Агар чанде умед аз худ надорам.
Зи баҳри раҳматат уммедворам.
Зи мо саҳв асту нуқсону хатоҳо.
Зи ту авф асту эҳсону атоҳо.
Дуъои шармсоронро пазирӣ,
Ба ин афтодагон кун дастгирӣ.
Агар чӣ зарраам аз зарра камтар.
Тӯӣ он подшохи заррапарвар.
Чу тифлон кори мо лаҳв асту бозӣ,
Тӯӣ аз лугф дар банданавозӣ.
Ба ҷони худ намоям ҷабру истам,
Насозӣ дар ҳаққи мо ҷуди худ кам.
* * *
Чанд рӯзе, ки дар ин дунёи равшан фурсат аст.
Кор кун, ҳӯшёр бош, дар чоҳи зулмат меравем.
Баҳри тоат омадему оқибат дасти тиҳӣ,
Сӯи султони азал бо сад хиҷолат меравем.
Гар чӣ аз ноқобилӣ боре накардем пайравӣ,
Ҷониби Аҳмад ба уммеди шафоат меравем.
Ғайри савдои муҳаббат толиби чизе мабош.
Пеши саррофони бозори қиёмат меравем.
Соф шуд умри Ҷунун, охир ба муштоқи ҷамол,
Аз карам завқи лиқочӯёи ҷаннат меравем.
* * *

Ба зудӣ тӯша кун, эй бехабар, азми сафар дорӣ,
Чаро дилбастагӣ бо ин ҷахони раҳгузар дорӣ.
Ки охир сар ба болину ҷон дар чанги Азроил,
Нафас дар ғарғара печида худ андар ҷигар дорӣ.
Чӣ суд аз бистару болид, ки рӯи тахта меоӣ,
Ба гӯри тангу торики лаҳад рафта мақар дорӣ.
Ба аҷзи хеш эй мушти ғубори хаста қоил шав,
Чи мушкилҳо, ки андар пеши рӯ, эй бехабар дорӣ.
Бикун хайре, ки дар гармии маҳшар соябон гардад,
Ҳамон рӯзе, ки бо сад доғ сар аз хок бардорӣ.
Зи девони лаҳад ояд ба дастат номаи аъмол,
Зи ваҳми додан аз сӯи чапат ҳар сӯ назар дорӣ.
Ба дил нуре агар аз зикри Ҳақ пайдо кунӣ ин ҷо,
Миёни аҳли маҳшар рӯй чун нури қамар дорӣ.
Барои худ чаро дорӣ бинои хонаи рангин,
Макони хобгаҳ, эй бехабар ҷои дигар дорӣ.
Ҷунунӣ гар ба фардо ҷилваи дидор мехоҳӣ,
Ду дида доимо аз иштиёқи, дӯст тар дорӣ.

**Насоеҳи Мавлавӣ Ҷунунӣ (р)**

Ба як имон намонад куфри сад сол,
Зи ҳар олуда гардад пок дар ҳол.
Ба як тавба равад садсола исён,
Бишӯяд ҷурми ӯро баҳри ғуфрон.
Ба даргоҳи Худо пеш аз аҷал оӣ,
Гузашт умри азизат дар маҳал оӣ.
Ба ғафлат ҳайф шуд умрат маҳу сол,
Биё бедор шав аз хоб имсол.
Замин рӯзе кунад се бор фарёд,
Чаро дар ғафлатӣ, эй одамизод.
Машав бар фурсати ду рӯза мағрур,
Туро бошад дили ман хонаи гӯр.
Ба ҳасратҳо дарои дар дили ман,
Ғарибӣ оқибат дар манзили ман.
Ки ҳастӣ рӯзи маргат луқмаи гӯр,
Бимонӣ дар адам, то нафхаи сӯр.
Бихобӣ байни гӯри тангу торик,
Ба пешат уқбаҳои сахту борик.
Ду чашмони ҷахонбинат хӯрад мӯр,
Маҳоле на, ки то ӯро кунӣ дур.
Шавӣ пӯсида, мушти устухонӣ,
Бикун коре, ки он ҷо дар намонӣ.
Махӯр доми фиреби ранги дунё,

Машав ғофил зи файзи зикри мавло.
Ҷаҳон дом аст рангу бӯш дона,
Туро бо худ кашад бо ҳар баҳона.
Агар доноӣ аз домаш ҳазар кун.
Бикун фикру ба пешу пас назар кун.
Ки пеш аҳволи ин хешони дар хок,
Бувад пас ҳоли рӯзи назъи бебок.
Назар гар сӯй ин ду ҳол дорӣ,
Ба парвози ҳақикат бол дорӣ.
* * *
Ба ҷуз зоти ягона зоти ҳар хастӣ адам дорад,
Гирифтори аҷал хохад шудан, оне ки дам дорад.
Зи ошӯбу мусибатҳои ин олам чӣ меноли?
Ки аз рӯзи азал ин ранчи девонат рақам дорад.
Касе роҳ ёфт сӯи ҳак, ғами охир хӯрад ин ҷо,
Дигарҳо рӯзу шаб ҳайвонсифат фикри шикам дорад.
Зи бедардист бар лаб хандаву бар дил тарабнокӣ,
Дили пурдард доим нолаҳои пур алам дорад.
Чӣ менозӣ ба тоҷу тахт, эй хоки лаҳад охир,
Ниҳад по бар сарат, он ки назар андар қалам дорад.
Сари саркашонро кардуши гардун, шикает аммо,
Биёбад ганҷи маъниро, касе ки фарқи ҳам дорад.
Касе дар хоб гар гиря бубинад,
Ба бедориш дар ханда нишинад.
Саропо хоб дон, ин зандагонӣ,
Бувад мурдан ҳаёти ҷовидонӣ.
Бикун гиря зи ҳавфи Ҳақ дар ин хоб,
Ки то хандон кунад дар ҳашр Ваҳҳоб.
Ба хотир ор рӯзи сахт дар пеш,
Ки қассоди аҷал бар нон занад неш.
Зи як су талхии ин ҷони ширин,
Зи як су дев андар ғорати дин.
Чи бошад ҳоли ту андар миёна,
Набошад мустаъон ғайри ягона.
Ба ҳар ақба гудозад мушти хокат,
Ки бошад мустаъон ҷуз зоти покат.
Насозӣ чун аз он рӯзи сияҳ ёд,
Чаро аз ғам намеоӣ ба фарёд.
Ба ҳолат гиря кун аз рӯз ин аст,
Мақоми нолаи дарду сӯз ин аст.

Ки булбул аз хазон нолад баҳорон,
Нагардад хоки фарқи тоҷдорон.
Чи дидӣ аз ҷаҳон, ки бастаӣ дил,
Ба меҳри ин зи ҳоли хеш ғофил.
Бикун фикру назар кун охири кор,
Шавӣ хоки кадомин зери девор.
Аз ин бозӣ чу тифлон кай барой,
Ба аснофи риҷолуллоҳ дарой.
Риҷолуллоҳи шайдоёни даргоҳ,
Намебошанд даме ғофил зи Аллоҳ.
Ғами ҷон хӯр, чаро эй бехабар, андар ғами нонӣ,
Гурусна, ташналаб охир ба ғам дар кандани ҷонӣ.
Зи як сӯ ҷон ба кулфат метапад дар ҷанги Азроил,
Зи як су ларза дар имон фитад аз шарри шайтонӣ.
Илоҳо, раҳм кун бар ҳоли зори бандаи оҷиз,
Саломат кун зи макри деви душман, нури имонӣ.
* * *

Биё эй дил, агар фирдавс меҳоҳӣ ибодат кун,
Ба амри ҳазрати Мавлои худ доим итоат кун.
Гаҳе зикру гаҳе фикру гаҳе дар нолаву зорӣ,
Ҳамеша хӯ ба файзи назбаи аҳли муҳаббат кун.
Гурезон шав зи мункирҳои дилсангу парешонхӯ.
Агар ихлос дорӣ, ҷон фидои аҳли сӯҳбат кун.
Зи дунё одами аввал чӣ дид в-аз ҳотами охир,
Ба ибрат кун назар, гар оқилӣ, фикри қиёмат кун.
Набошӣ эътимоди равнақи дини мусулмонӣ.
Ба ҳар ҳоле, ки бошӣ бош, рав имон саломат кун.
* * *

Битарс, эй банда аз қаҳри Илоҳӣ.
Ки тарсон аст аз вай мурғу моҳӣ.
Ба хотир ор, ҳар дам рӯзи мурдан.
Чи бошад ҳолу вақти ҷон супурдан
Ки дорӣ ақбаҳои сахт дар пеш,
Занад рӯзе, ки қассоди аҷал неш.
Ба ҳар ақба шавӣ дармондаву зор,

Магар раҳме намояд лутфи ғаффор.
Надорӣ тоб бар як захми сӯзан.
Чи гуна тоб меёрӣ ба гулхан.
Ба ҳар банда ваъиди ҳақ назир аст,
Ки Эзид дергиру сахтгир аст.
Гаҳе бар кӯҳ бахшад аз надомат,
Гаҳе бар коҳ гирад дар қиёмат.
Либоси ҷурмро шуд тавба собун,
Биёяд дар надомат раҳми бечун.
Бикун тавба зи исён, эй гунаҳгор,
Бисозад авфи ҷурмат лутфи Ғаффор.
Магӯ фардо, даме фурсат ҳамин аст,
Ки фардоят шаку ин дам яқин аст.
Мабодо хайр, шарр гардад зи таъхир,
Ки сабр аз шарр чун хун мешавад шир.
Ба ҳар хайре бикун зинҳор суръат,
Ки дар таъхири хайри туст офат
* * *

**Порашеъре аз ШАЙХ АТТОР**

Оқил он бошад, ки ӯ токир бувад,
В-он гаҳе бар нафси худ қодир бувад.
Он буд аблаҳгарини мардумон,
К-аз пайи нафсу ҳово бошад давои.
Дар риёзат нафси сагро гӯш мол,
То наяндозад туро андар залол.
Мардумонро сар ба сар дар хоб дон,
Гашт бедо, он ки ӯ рафта аз ҷаҳон.
Аз ситам ҳар к-у дилере реш кард.
Он чароҳат бар вуҷуди хеш кард.
Он ки дар банди дилозоре бувад.
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.
Эй писар, қасди дидозорӣ макун.
Аз Худои хеш безорӣ макун.
Хотири касро маранҷон, эй писар.
Вар нахӯрдӣ захм бар ҷон. эй писар,
Қуввати некӣ надорӣ, бад макун.

Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун
Рав забон аз ғайбати мардум бубанд.
То набинӣ дасту пои худ ба банд.
Ҳар ки аз ғайбат забонаш баста шуд.
Донад он кас аз уқубат раста шуд
Ҳоссл аз дунё чӣ бошад, эй амин,
Нуҳ гази карбос, се газ аз замин.
Ғазалиёти Қории Ғармӣ
*Муноҷот ба даргоҳи Қозиюлҳоҷот бо гиря барои худ бихонӣ*
Эй Худованди карими корсоз,
Бандагонро меҳрубону чорасоз.
Чораи кори мани бечора кун,
Як назар бар бандаи овора кун.
Гаштаам расво аз ин шармандагӣ,
Шарм медорам, надорам бандагӣ.
Бандаи ғофил, ба даргоҳ омада,
Муҷриму осӣ дар шоҳ омада.
* * *
Рафт умрам аз паи нафсу ҳаво,
Шуд табоҳ ҳолам, Худоё раҳнамо.
Раҳ бинмоям, сиротал мустақим,
То нагардам пайрави деви лаим.
Гар набошӣ дастгирам, эй Худо,
Мебарад шайтон маро доми бало.
Эй Худо, ҳофизи имонам туӣ,
Аз шари шайтон нигаҳбонам туӣ.
Ғайри даргоҳат надорам пуштибон,
Эй Худованди кариму меҳрубон.
* * *
Ҷумла муъминро, Худоё, кун назар,
Раҳм дорӣ бар ятиму бепадар.
Оҷизу мискину мӯҳтоҷу гадо,
Дар фиғон гӯянд ҳар дам, эй Худ.
Ҷумла рӯ бар даргаҳат овардаанд,
Чун ки оҷизу ҳақиру бандаанд.
Он ки дорад кибру уҷбу фахру кин,
Гаштааст ӯ пайрави деви лаъин.

* * *

Лутф кун бар бандагонат, эй Худо,
Мо гунаҳгорему ту ғамхори мо.
Раҳм кун бар ҳоли зори бандагон,
Эй Худованди раҳиму ғайбдон.
Гар набошад лутфу эҳсонат ба мо,
Ҷумла мебошем гирифтори бало.
Аз ҳуҷуми хирсу нафсу шаҳватам,
Сад дареғо, доимо дар ғафлатам.
Мехӯрам афсус ба даргоҳи аҳад,
Аз дили нопок гуноҳи беадад.

* * *

Рӯ ба даргоҳи ту овардем кунун,
Гарчи бошем шайху шобу зуфунун.
Аз аҷал роҳи гурезе несту бас,
Ман надидам аз аҷал бигрехт кас.
Эй дареғо, аз гуноҳи бешумор,
Кардаем бар ҷони худ ҷабр ихтиёр.
Мо ба ҷони худ ситам худ кардаем,
Зин сабаб назди Худо шармандаем.
Қории оҷизу мискину ҳақир,
Рӯ ба ту овардааст дасташ бигир.
Гар чи бошам пургунаҳ андар ҷаҳон,
Лутфу эҳсони ту дорам пуштибон.
Ин муноҷотам қабул гардад агар,
Бандагонатро нигаҳ дор аз сақар.

* * *

Ҷумла муъминро Худое шод кун,
Меҳнати иблисро барбод кун.
Гар чи иблис кард инсонро фиреб,
Аз карам кун бандаро бо худ қариб.
То шавад навмед иблиси лаъин,
Аз гуноҳе кардааст бар ин замин.
Офаридӣ дар ҷаҳон ҳар гуна ранг,
Бандагон афтодаанд дар ҳирси танг.
Гар набошад раҳматат, эй кирдигор,
Мо шавем сайди адуи нобакор.

Аз чунин душман Худое ҳар замон,
Дар фиғонему бигӯем ал амон.
Ал амон аз фитнаи рӯзи ахир,
Эй Худованди кариму дастгир.
Дастгири ҷумлаи халқи ҷаҳон,
Ҳастӣ, эй Парвардигори инсу ҷон.

* * *

Дастгирам бош дар рӯзи ҷазо;
То намонам дар ҳисобу моҷаро.
Аз Сироти мустақим, эй кирдгор,
Бигзаронам ҳамчу боде дар баҳор.
Инчунин дорам муноҷон, эй Худо,
Дардмандонро ту мебошӣ даво.
Дардмандем, эй Худованди алим,
Огаҳӣ аз дардмандон, эй раҳим.
Дарди мо ҷурмасту исёну гуноҳ,
Шармсорем бар дари ту, эй Илоҳ.
Пургуноҳем, эй Худо, раҳмон туӣ,
Авфсози абди пурисён туӣ.
Гар набошад раҳматат бар бандагон.
Аз чунин банда шараф дорад сагон.
Банда он бошад, ки андар бандагӣ,
Тарсад аз Парвардигор аз гандагӣ.

* * *

Гар натарсад, Ҳақ битарсонад варо.
Ҳамчу қавми лут гирифтори бало.
Ҳарду олам бар сараш гардад хароб,
Ин ҷаҳону он ҷаҳонаш дар азоб.
З-ин сабаб бо даргаҳи Парвардигор.
Бандаро он беҳ, ки ояд бор-бор.
Гар чи ҳам гардад миёнаш аз гуноҳ,
Тавбаро андар забон орад ба роҳ.
Гарчи исёнам чу кӯҳасту гарон,
Тавба орам, ҳаст Худованд пуштибон.
Эй Худо, андар забонам тавбаро,
Ҳар замон ору қабул кун бандаро.
Шуд ба ҳафтод умри ман андар гуноҳ.

Сарф шуд охир, ту медонӣ Илоҳ.
Аҳду паймоне, ки бастам дар аласт.
То ҳанӯзам, эй Худо он аҳд ҳаст.
3-ин сабаб аз даргаҳат дорам умед.
Ки қабул созӣ, бо рӯи сафед.
* * *
Дареғ аз зиндагониҳо, ки марг андар қафо дорем,
Чӣ ғам дорем шафоат хоҳ, Муҳаммад Мустафо дорем.
Накиру Мункару мурда дар он кунҷи лаҳад зинда,
Биёянду савол созанд, ҷавоброчун диҳад банда.
Агар некӣ шавад ғолиб, сари банда шавад боло.
Накиру Мункарам розӣ ва банда хурсанд аз онҳо
Шаҳодат медиҳанд дастон, ки бо мо кардааст эҳсон,
Ду чашмаш мешавад шоҳид, ки бо мо хонда аст Қуръон.
Ду поят он замон гӯяд, ки масҷид рафтааст бо мо,
Барои амри Ҳақ кардаст дар он масҷид ибодатҳо.
Шаҳодат медиҳанд гӯшҳо, ки бо мо амри маъруфро,
Шунид ин бандану андар амал овард мавсуфро.
Аз ин рӯ шуд шаҳодат ду нафар дар шаръи пайғамбар,
Ба ҳар амре шаҳодат ду нафар бошад кунанд бовар.
Бувад ин пайкарат шоҳид, шунав аз ман ту, эй Обид.
Макун ҷурми гунаҳ зоид ба амри Ҳақ бишав оид.
Зи шайтон кун ҳазар андар ҷаҳон, ӯ душмани ҷон аст,
Машав ғофил, ки ин иблис бароят гурги имон аст.
Биё Қорӣ, намозу рӯзаву хайру саховат кун,
Барон тушаи фардо дар ин чо ту нбодат кун.
* * *
Фараҳ аз лил бурун орӣ, на дунё ҷои хурсандист,
Касе гӯӣ надорад ғам, бигу бар ман чӣ гуна зист.
Зи оби ғам дарахти пайкаратро ин ҳама сабзист,
Намедонам бад-ин ҷо касс бошад, бигӯ он кист?
Туро охир бақое не, пас ин кибру ғурур аз чист?
Ғанимат дон, ки ин ҷисми азизи ту ба хок афтад.
Кафан ак сӯ танат як сӯ, дар он кунҷи мағок афтад,
Мисоли мову ту беҳад дар ин ҷо сина чок афтад.
Агар шоҳу гадо бошӣ,  ба ҷони ту халал афтад.
Нафас  беҳуда масруф шуд, барор оҳе, ки пок афтад.

* * *

Барои гӯрм торикат чароғ ин ҷо муҳайё кун,
Бикӯш андар ибодат, то тавонӣ тарки дунё кун.
Мабанд дил бо зару зевар, ту чашми ибрате во кун,
Бирафтем мо аз ин хона назар бар гуфтаи мо ку,
Зи хешу ақрабову қавми худ море ҷудо созад.
Зи сахтии аҷал ҷон дар бадан, эй дӯст биғдозад,
Дареғо, Қорие ҳолат чӣ мегардад, намедонӣ,
Назар кун дар насиҳатҳои я пайғамбар, агар донӣ.

**МУНОҶОТ**

Биёмад бар серам ваҳми қиёмат, эй мусулмонон,
Бирехт об аз ду чашмонам надомат, эй мусулмонон.
Зи тарси марг менолам, ки мегирад гиребонам,
Ки рафт умрам ба исёну шабу рӯз дар паи нонам.
Шудам овораи дунё, нахардам гӯшаи уқбо,
Чи гӯям ман дар он дунё холиқи якто.
Надорам гӯшае ҳамроҳ, ки ӯ осон кунад роҳам,
Ҳама умрам ба ғафлат рафт, намепурсад касе оҳам.
Фитод андар сарам гардун, танам ранҷур дилам пурхун,
Расид чанголи Азроил, зи тарси ӯ шудам маҷрун.
Мадори чашм во кардан надорам, эй мусулмонон,
Ки бинам як даме рӯи шумону ҷумла фарзандон.
Биёмад наабати рӯзи ҷудоӣ аз дару бомам,
Ҳалоиқ омада баҳри видоъ бигрифтаанд номам.
Зи чанголи аҷал, афсус, халосӣ нест дигар моро,
Видоъе мекунам охир ҳама хеше таборонро.
Видоъ, эй дӯстон, моро аҷал созад ҷудо имрӯз,
Зи бому хонаву хешу табору мардуми дилсӯз.
Дар ин олам ҳама меҳмони марги хештан бошад,
Замингиру кафанпӯшӣ нишони марду зан бошад.
Намонад андар ин олам ба ҷуз Зоти Аҳад Қарӣ,
Зи Ҳақ хоҳӣ ба худ авфу зи пайғамбар талаб ёрӣ.

**Муноҷоти Аҳдӣ**

Худоё, хиҷлат дорам зи нуқсоҳои афъолам.
Туӣ воқиф ба ин ҳолам, ба даргоҳи ту менолам.

Асири доми ғаддорам, зи дасти нафси бадкорам.
Сазад аз дида хун борам, ба даргоҳи ту менолам.
Хатоҳо рафтааст аз мо, барорам дастро боло.
Иҷобат кун, Худовандо, ба даргоҳи ту менолам.
Набастам дида бо тамкин, ба фикри хотири ғамгин.
Саҳаргоҳон кунам омин, ба даргоҳи ту менолам.
Ба исён моил аз ғафлат, ба мо бикшо дари рахмат.
Надорам бо ту ҷуз хиҷлат, ба даргоҳи ту менолам.
Нанолам аз фалак чанде ғарибу бенаво кардӣ.
Ба ғамҳо мубтало кардӣ, ба даргоҳи ту менолам.
Туро, эй маҳрами розам, биё бо дида бинвозам.
Ки ҷон дар мақдамат бозам, ба даргоҳи ту менолам.
Зи дастури қазо ояд, зи некиҳо, вале ёбад,
Куҷо мақдури мо борад, ба даргоҳи ту менолам.
Зи дуди оҳи ман гардун, бигирад чодари пурхун.
Равон аз дидаам ҷайҳун, ба даргоҳи ту менолам.
Кунун хеҷам зи беморӣ, ба аҷзу бо нигунсорӣ.
Надорам ҷуз ту ғамхорӣ, ба даргоҳи ту менолам.
Туӣ якто, зи анбозӣ, кунам бо номат оғозе.
Бидеҳ ба мо сарафрозӣ, ба даргоҳи ту менолам.
Пушаймонам зи рафторам, ба пешат муддао дорам.
Ки бо душман набигзорам, ба даргоҳи ту менолам.
Ба ғурбат меравам гирён, зи кисватҳо ҳама ирён.
Маро мушкил шавад осон, ба даргоҳи ту менолам.
Зи мушкилҳо парешонам, ба ғам осуда инсонам.
Маро мушкил кун осонам, ба даргоҳи ту менолам.
Барой васлат, эй ҷонон, манам бо нолаву афғон.
Ба меҳнатхонаи даврон, ба даргоҳи ту менолам.

Асирам кард бебоқӣ, ба ханҷар зад дилам чоқӣ.

Манам афтида ғамнокӣ, ба даргоҳи ту менолам.

Маро, ҷоно, адо кардӣ, ба меҳнат ошно кардӣ.

Гирифтори бало кардӣ, ба даргоҳи ту менолам.

Зи модар зодаам гирён, барои нафси худ чандон.

Маро ин шеваи инсон, ба даргоҳи ту менолам.

Ба гиря баски маъмурам, ба ваҳмӣ хеш ранҷурам.
Макун аз назди худ дурам, ба даргоҳи ту менолам.
Шудам сармояи ҳасрат, ба меҳнат гаштаам улфат.
Куҷо моро бувад роҳат, ба даргоҳи ту менолам.
Манам Аҳди зи худ чандон, сипанди миҷмари даврон.
Равон аст дуди ман з-ин сон, ба даргоҳи ту менолам.

**Ашъори Шайхи Фонӣ (мусанниф)**

**Ҳақиқат**

Ҳақиқат, эй бародар, чун дарахт аст,
Ки бар ҳар шохи ӯ бахт асту тахт аст.
Агар хоҳӣ, ки он ҷо ту нишинӣ,
Зи файзи ин ҳақиқат мева чинӣ.
Авал бояд, ки бишносӣ Худоро,
Ба ҷо орӣ ту қавли Мустафоро.
Ду чашми ғафлататро мекушояд,
Ба сӯи Ҳақ туро раҳ менамояд.
Ҳақиқат мебарад касро ба боло,
Ба сӯи даргаҳи Эзид таъоло.
Зи файзи ӯ дилат масрур гардад,
Каломат дар даҳан чун нур гардад.
Ҳақиқат ақлу хушат мефазояд,
Ба роҳи рост роҳат менамояд.
Ҷавонмардо, ҳақиқат кун, ту пеша,
Ба роҳи ростон мерав ҳамеша.
Биёбӣ аз ҳақиқат обу рӯе,
Ба покӣ мешавӣ чун оби ҷӯе.
Ҳақиқат аз ҷаҳолат дур дорад,
Ба зери пардааш он нур дорад.
Зи шуру фитнаи охирзамонӣ,
Ҳақиқат мераҳонад, эй фалонӣ.
Ҳақиқат эй бародар, покбозист,
Ҳақиқат, эй бародар, дилнавозист.
Ҳақиқат, эй бародар, ростгӯист,
Ҳақиқат, эй бародар, ростҷӯист. .
Касе гӯяд маро, эй Шайхи Фонӣ,
Чӣ бояд кард дар вачти ҷавонӣ?

Ҳамегӯем ба ӯ, эй ёри ҷонӣ,
Ҳақиқатро биҷӯ гар метавонӣ.
* * *
Ҳамедон зуҳду тақво решаи он,
Мудом обе бувад бар решаи он.
Бувад оби ҳақиқат ҷумла тоат,
Бибояд рехт бар ӯ аз ибодат.
Тани ӯро ҳамедон фарзи Субҳон,
Барои худ бигир ин қарзи Яздон.
Ҳамебошад мар ӯро панҷ шоха,
Бигир ин файзро аз ганҷи шоха.
Ду шохи ӯ бувад савму салотат,
Ду шохи дигараш ҳаҷҷу закотат.
Ба панҷум шохаи ӯро ҳамедон,
Ки хавфу хашят аст аз қаҳри Яздон.
Мар ӯро шохча бас бешумор аст,
Дигар тооти Ҳақ он ҷо қатор аст.
Наояд дар шумар барге зиёдаш,
Набояд буданат ғофил зиёдаш.
Адолат ҷони ман пусти дарахт аст,
Касе дорад адолат  ба бахт аст.
Амал кардан ба инҳо мағз медон.
Ба ин роҳ рафтанатро нағз медон.
Ба олам меваи ӯ сарфарозист,
Ба хотам мсвааш айш асту шодист.

**Пандномаи Шайх Фонӣ**

Шунав панди маро, эй нури дида,
Ҳамегӯям туро бо оби дида.
Макун зоеъ, ту ин умри ҷавонӣ,
Бикун коре, ки фардо дар намонӣ.
Ҳамеша кӯш дар рози ниҳонӣ,
Ба ғафлат магзарон умри ҷавонӣ.
Ҳамегӯям бароят, эй ҷигарбанд,
Ба гӯши дил шунав панди Худованд.
Марав он ҷо, ки он ҷо хор бинӣ,
Зи захми хор бас озор бинӣ.
Бирав он ҷо, ки ту гулдаста бинӣ,

Ба ҳар сӯе риёҳин раста бинӣ.
Адаб бо худ нигаҳ дорӣ ҳамеша,
Нахоҳӣ зад ба пои хеш теша.
Ба дониш гар бикӯшӣ, эй ҷавонмард,
Набинӣ дар ду олам бар сарат дард.
Бигӯям бори дигар беғараз панд,
Тараҳҳум кун ба халқони Худованд.
Маранҷонӣ касе зинҳор, зинҳор,
Шавӣ дар ду ҷаҳон аз хеш безор.
Бигирӣ дасти маслуқу ятимон,
Биёбӣ иззате дар назди Яздон.
Барори ҳоҷати касро дар ин ҷо,
Дар он ҷо низ ёбӣ роҳатеро.
Насиҳат кун ҳамеша, Шайхи Фонӣ,
Насиҳат файзи имон аст, донӣ.
***
Ба падар гар хидматат боло шавад,
Қурби ту дар ду ҷаҳон воло шавад.
Гар биранҷонӣ варо гардӣ гадо,
Мешавӣ аз обрӯи худ ҷудо.
Модаратро доимо эъзоз кун,
Шафкати худро ба рӯяш боз кун.
Гар ту шафкат мекунӣ бо хоҳарат,
Мешавад хайру саховат раҳбарат.
Додаратро гар диҳи ёрӣ мудом,
Ӯ нахоҳад будани туро ба дом.
Мегурез аз хӯю аз афъоли бад,
Ҳама кун дар хеш лутфи беадад.
Эй бародар, гӯямат бори дигар,
Бош дар тоат сари шаб то саҳар.
Рӯй меовар ба даргоҳи Илоҳ,
То бимонӣ дар паноҳи бепаноҳ.
Шайхи Фонӣ з-ин сухан бисёр гӯй,
Ин суханҳо одамиро рангу бӯй.

**Муноҷот ба даргохи Козиюлхочот**

Худовандо, Худовандо, Худованд.
Бидеҳ моро зи Куръони худат панд,

Худовандо, азизу меҳрубонӣ.
Ҳама афъоли мо неку бидонӣ.
Худовандо, кариму чорасозӣ.
Ҳамедонад, ки ту банда навозӣ.
Худовандо, ту лутфе кун, ба моён,
Ба хубӣ бар ту умри мо ба поён.
Худовандо ҳамедонам ғафурӣ,
Ба мо бечорагон манмои дурӣ.
Худовандо, ту Сатгору-л-уюбӣ,
Ту ҷурми мо ба осонӣ бирӯбӣ.
Худовандо, Худованди ҷаҳонӣ,
Ҳамаи моро ба сӯи худ бихонӯ.
Худовандо, ту Раҳмону Раҳимӣ,
Барои бандагонат ту Ҳалимӣ.
Худовандо, бикун раҳме ба моён,
Мабар ҳаргиз ту моро сӯи поён.
Худовандо, заъифу нотавонем,
Зи афъоли бади худ мо ба домем.
Худовандо, намедонам чӣ гӯям,
Раҳоӣ аз залолат аз кӣ ҷӯям?
Худовандо, раҳонт Шайхи Фонӣ,
Зи офатҳои ин охирзамонӣ.
***
Гирифторем ба чанги нафсу шайтон,
Худовандо, нигаҳ дорӣ, ту моён.
Ҳамебинам дар ин дунёи фонӣ,
Ҳама ҳар сӯ давонанд, эй фалонӣ.
Яке кораш бувад савдои бозор,
Ҳама кораш фиребу макру озор.
Яке ҳақ мехӯрад андар тарозу,
Дигар ҳақ мехӯрад бо зури бозӯ.
Яке фаҳшу дигар ғавғо биҷӯяд,
Яке аз атри мӯи зан бибӯяд.
Занонро гар бубинӣ ту ба кӯча,
Ба ҳар сӯ покашон монанди ҷӯҷа.
Ҳаме бошанд онҳо ним бараҳна,
Надоранд шарм ҳаргиз аз равона.

Намедонам, Худовандо, чӣ гӯям,
Худ ин асрори дилро бо кӣ гӯям?
Дуъои зори мо бечорагонат,
Расонӣ бахри мардум бар иҷобат.
Агар хайре бихоҳӣ, Шайхи Фонӣ.
Барои мардуми охирзамонӣ.
Дуъое кун ба даргоҳи Илоҳӣ,
Ба ихлоси тамом андар паноҳӣ.

**Чакидае аз ашъори бузургон**

***

Бувад айёми бедорӣ ғанимат,
Бикун коре, ки дорад умр суръат.
Гузашт умри ту ҳамчун боди сарсар,
Намеояд даме бигзашта дигар.
Ба дам ҳушёр шав, ки дам ҳамин аст,
Агар монӣ зи дам ҷоят замин аст.

***

Дар ин мазраъ зироат кун, ки фардоят ба кор ояд.
Ниҳоле кун дар ин олам, ки ҳосилаш ба бор ояд,
Ба тоат умр кун омода то рӯзи шумор ояд.
Ту ҳар неку баде дорӣ дар он соат қатор ояд,
Чунон бигзар аз ин олам, ризои кирдигор ояд.

***

Зироъатгоҳи дунё ҷои кишт аст,
Баҳои тоъатат ъайши биҳишт аст.
Ба дам ҳушёр шав, ки дам ҳамин аст,
Агар монӣ зи дам ҷоят замин аст.

***

Эй он ки дар бисоти фароғат нишастаӣ,
Оё магар зи пули Сироташ гузаштаӣ?
Гар тавба зи кори бади худ кунӣ ба сидқ,
Гӯё миёну гардани шайтон шикастаӣ.

***

Эй дӯст бубин ин ҷаҳон дар гузар аст.
Ин умри азиз чун олами раҳгузар аст.
Аз ёд мабарор вақти мурдани худро,
Ҳар кардаву нокарда ба пеши назар аст.

***

Худоё, ин ҷаҳон пуршӯр гаштаст,
Чароғи маърифат бенур гаштаст.
Бирав бо ваҳшиён биншин ғафурӣ.
Ки феъли ваҳширо одам гирифтаст.

***

Озори касе махоҳ, ки озурда шавӣ,
Монанди гули кандаи пажмурда шавӣ.
Бар мурдани ҳеҷ бандае шод машав,
Зеро ки ту ҳам ба вақти худ мурда шавӣ.

***

Молу зари кас ба ту вафоят накунад.
Аз дасти аҷал туро раҳоят накунад.
Рӯзе ки аҷал гирад гиребони туро.
Сад дорую сад даво, давоят накунад.

* * *

Бигуфто, ёдам ояд ҷурми исён.
Биларзад ҷону дил аз қаҳри Субҳон.
Бипурсад гар ба фардо аз гуноҳам,
Чӣ созам чораи рӯи сиёҳам.
Надорам токати як захми сузан,
Чӣ гуна тоб меорам ба гулхан.
Дуруза зиндагиву марг бисёр,
Надорам тушае дар роҳи душвор.

* * *

Дунё ҳама бахри озмоиш бошад,
Дар пули Сирот ҷои лагжиш бошад.
Ин олами бевафо манзил бебақост,
Ин олами имтиҳону санҷиш бошад.

* * *

Ҳар лахзаи умри мо ҳисоб бояд кард,
Аз неку бади мо як китоб хоҳад кард.
Вақте ки ба рӯзи ҳашр хонанд ӯро,
Бар ҳар гунаҳи мо сад азоб хоҳад кард.

* * *

Мерасад рӯзе, ки моро марг меҳмон мешавад,
Хонаи ободи мо он рӯз вайрон мешавад.

Чун бигирад ҷони худ он дам ба фармони Худо,
Дар сари болини мо сад доду фарёд мешавад.
* * *

Бикун шукри Худоро ҳар дам, эй дӯст,
Ҳар он чи ҳаёт ҳама аз раҳмати ӯст.
Расид бар мақсади дил шод гардид,
Ҳар он кас, ки Худо гуфту Худо ҷуст.
* * *

Сад ҳокими сад кишвари давлат бошӣ,
Ё ҳилагару ё ки қаланлар бошӣ.
Рӯзе, ки ҷон аз тани ту хоҳад бурд,
З-он лаҳза ба хоки раҳ баробар бошӣ.
* * *
Эй зан ба ту аз Фотима ин гуна хитоб аст,
Арзандатарин зиннати зан ҳифзи ҳиҷоб аст.
Фармони Худо, қаҷли Набӣ, насси китоб аст,
Аз баҳри занон, афзали тоъот ҳиҷоб аст.
* * *
Қаноъат кун ба курси ҷав.
Ба тарки нони гандум кун.
Риёзат каш дар ин азам.
Дар он олам танаъум кун.
* * *
Худовандо, раҳиму меҳрубонӣ,
Ҳама рӯзу шабон вирди забонӣ.
Ҷазои ҷурмҳои мо чи бошад,
Мани мискин намедонам ту донӣ.
* * *

Бирав боре ба гӯристон гузар кун.
Ба сӯи ақрабоёнат назар кун.
Чӣ мегӯянд доноёни хомӯш.
Ки гир ибрат, аз ин ҷамъи кафан пӯш.
Илоҳӣ бар бигардонӣ балоро,
Зи офатҳо нигаҳ дорӣ, ту моро.

Ба ҳаққи ҳар ду гесӯи Ҳабибаг,
Барори ҷумла ҳоҷатҳои моро.
* * *
Ҳар кӣ парҳезу илму зуҳд фурӯхт,
Хирмане гирд карду пок бисӯхт.
* * *
Олим, ки компрониву танпарварӣ кунад,
Ӯ хештан гум аст, киро раҳбарӣ кунад.
* * *
Зану фарзанду молу савлату зӯр,
Ҳама ҳастанд ҳамраҳ то лаби гӯр.

**Поён**

# ФЕҲРАСТ

**Мавзӯъ ва фаслҳо** **саҳифа**
Пешгуфтори муаллиф ................................................................9

Шаммае аз таърихи китоб.......................................................................10
Оғози китоб ва марҳилаҳо......................................................................13
**Марҳилаи аввал. Сулби падир ва раҳми модар**.................................14
Фасли аввал - эҳтиёт дар нутфа...............................................................15
Фасли дуюм Васиятномаи ҳазрати Пайғамбар алайҳиссалом мар ҳазрати Алиро...............................................................................................16
**Марҳилаи дуюм. Аз рӯзи таваллуд то ба рӯзи балоғат...............20**
Фасли аввал - Масси шайтон......................................................................21
Фасли дуюм - Тарбияи фарзанд........................................................ 22
**Марҳилаи сеюм. Аз вақти балағат то ба заъф ва пирӣ..............27**

Фасли аввал дар басни булуғ ва худошиносӣ....................................30
Фасли дуюм дар баёни бинои Ислом...............................................35
Фасли сеюм дар баёни намоз...............................................................35
Фасли чаҳорум дар баёни закот............................................................40
Фасли панҷум дар баёни рӯзаи моҳи щарифи рамазон..................41
Фасли шашум дар баёни лайту-л-,қадр...............................................45
Фасли ҳафтум дар баёни садақаи фитр...............................................50
Фасли ҳаштум дар баёни ҳаҷ кардан....................................................50
Фасли нуҳум дар баёни никоҳ кардан ...................................................50
**Ҳуқуқи зан бар шавҳар.........................................................................49**
Фасли даҳум дар баёни эҳтиром кардани падару модар.......................61
Фасли ёздаҳум дар баёни ҳаққи ҳамсоя...............................................67
Фасли дувоздаҳум дар баёни уқубати ғайбат кардан.........................69
Фасли сездаҳум дар баёни уқубати арақ хурдан..........................................70
Фасли чаҳордаҳум дар баёни уқубати зино кардан.......................................71
Фасли понздаҳум дар баёни уқубати ливота (бачабозӣ).................................72
Фасли шонздаҳум дар баёни уқубати рибо хурдан...........................................72
Фасли ҳабдаҳум дар баёни қасами бардурӯғ хурдан.........................................72
Фасли ҳаждаҳум дар баёни суханчинӣ..........................................................73
Фасли нуздаҳум дар баёни иҷбу кибру риё..........................................................73
Фасли бистум дар баёни бухлу ҳасад..........................................................................74

Фасли бисту якум дар баёни қаҳру ғазаб ва бисёр хурдан...............................76 ,
Фасли бисту дуюм дар баёни тавба ва надомат бар гуноҳ...............................77
Фасли бисту сеюм дар баёни сабр кардан бар бало...........................................84
Фасли бисту чаҳорум дар баёни шукр кардан бар неъматҳо.........................85
Фасли бисту панҷум дар баёни ризо ба қазо додан.........................................87
Фасли бисту шашум дар баёни эътидоли хавфу раҷо.....................................88
Фасли бисту ҳафтум дар баёни таваккал ба Худо кардан...............................92
Фасли бисту ҳаштум дар баёни силаи раҳм бо ақрабо..................................93
Фасли бисту нуҳум дар баёни ихлос...................................................................94
Фасли сивум дар баёни хислати нек....................................................................96
Фасли сиву якум дар баёни муҳаббати Аллоҳ таъоло....................................99
Фасли сиву дуюм дар баёни салом додан.........................................................100
Фасли сиву сеюм дар баёни дӯст доштани меҳмон.........................................102
Фасли сиву чаҳорум дар баёни талаб кардани илм.........................................103
Фасии сиву панҷум дар баёни тиловат кардани Куръон..................................107
Фасли сиву шашум дар баёни салавот гуфтан ба Расул (с)...............................109
Фасли сиву ҳафтум дар баёни шикастанафсӣ ва бекибр будан......................110
Фасли сиву ҳаштум дар баёни садақа додан........................................................111
Фасли сиву нуҳум дар баёни некбахт ва бадбахт..................................................113
Фасди чиҳилум дар баёни фазилати қурбонӣ кардан...................................... 115
Фасли чилу якум дар баёш намози ҷамоъат ва намози ҷумъа.......................116
Фасли чилу дуюм дар баёни фазилати шаш рӯзи аввали моҳи шаввол......119
Фасли чилу сеюм дар баёни фазилати дуъо..........................................................123
Фасли чилу чаҳорум дар баёни амал кардан ба суннатҳои Расули акрам (с)..................................................................................................................125
Фасли чилу панҷум дар баёни ёрӣ додан бар зулмкардашуда............127
Фасли чилу шашум дар баёни фазилати инвсон....................................129
Фасли чилу ҳафтум дар баёни худошиносӣ..............................................130
Фасли чилу ҳаштум дар баёни насиҳат кардан ва амри маъруф ва наҳйи мункар.................................................................................................132
Фасли чилу нуҳум дар баёни талаб кардани касби ҳалол.........................135
Фасли панҷоҳум дар баёни фазилати дарвешӣ...........................................136
Фасли панҷоҳу якум дар баёни ҳаққи устод ва ҳурмати вай................137
Фасли панҷоҳу дуюм дар баёни ҳуқуқи ҳайвонот.....................................138
Фасли панҷоҳу сеюм дар баёни об хурдан......................................................139
Фасли панҷоҳу чаҳорум дар баёни одоби хоб кардан..............................140

Марҳилаи чаҳорум. Заъф ва пирӣ..........................................................141
Фасли аввал дар баёни сафари қиёмат..................................................142
Фасли дуюм дар баёни омадани малакулмавт.......................................143
Фасли сеюм дар баёни сакароти мавт ва омадани шайтон бо косаи об.......................................................................................................146
Фасли чаҳорум дар баёни таврим шудани ҳоли ӯ бар панҷ тариқа....148
Марҳилаи панҷум. Аз вақти март то рӯзи қиёмат.................................149
Фасли аввал дар баёни ҷудо шудани рӯҳ аз бадан................................150
Фасли дуюм дар баёни овоз кардани замин ва қабр............................151
Фасли сеюм дар баёни дафн кардани мурда.........................................156
Фасли чаҳорум дар баёни хатарҳои азиме, ки дар пеши майит оянд..................................................................................................157
Фасли панҷум дар баёни васваса кардани шайтони лаъин.................160
**Марҳилаи шашум. Ворисон дар ҳаққи майит..................................167**
Фасли аввал дар баёни тақсим кардани моли майит............................168
Фасли дуюм дар баёни чиҳил ҳаққе, ки баъд аз мурдани падару модар дар зиммаи фарзанд мебошанд ...........................................................169
**Марҳилаи ҳафтум. Аҳволи рӯзи қиёмат..............................................171**
Фасли аввал дар баёни ҳаққ будани рӯз қиёмат....................................173
Фасли дуюм дар баёни дамидани сур ..................................... 173
Фасли сеюм дар баёни қоим шудани рӯзи қиёмат...............................173
Фасли чаҳорум дар баёни тарозуи аъмол..............................................175
Фасли панҷум дар баёни овардани дузах ба арасот..............................177
Фасли шашум дар баёни пули сирот.. ....................................................181
Фасли ҳафтум дар баёни авф намудани Худованд гуноҳони шахсонеро, ки одамонро дар дунё дӯст медоштанд...............................183
Фасли ҳаштум дар баёни оташи дӯзах....................................................184
Фасли нуҳум дар баёни табақаи аввали дӯзах, ки онро Ҷаҳаннам гӯянд...........................................................................................186
Фасли даҳум дар баёни шафоъат кардани тифлон падару модари дӯзахиашонро.............................................................................194
Фасли ёздаҳум дар баёни азоб кардани кофирон..................................195
Фасли дувоздаҳум дар баёни биҳишту биҳиштиён ва роҳати онҳо ........................................................ ...............................................................198
Фасли сездаҳум дар баёни биҳишти якум, ки онро Дорул хулд гӯянд ...........................................................................................................202
Фасли чаҳордаҳум дар баёни биҳишти дуюм, ки онро

Дору-л-мақом гӯянд. ........................................................................................208
Фасли понздаҳум дар баёни биҳишти сеюм, ки онро Дору-с-салом гӯянд......................................................................................................210
Фасли шонздаҳум дар баёни биҳишти чаҳорум, ки онро
Ҷанноту-л-адн гӯянд. .......................................................................................212
Фасли ҳабдаҳум дар баёни биҳишти панҷум, ки онро
Дорул қарор гӯянд..............................................................................................214
Фасли ҳаждаҳум дар баёни биҳишти шашум, ки онро Ҷанноту-н-наим гӯянд....................................................................................................215
Фасли нуздаҳум дар баёни биҳишти ҳафтум,ки онро Ҷаннагу-л-маъво гӯянд......................................................................................................217
Фасли бистум дар баёни биҳишти ҳаштум, ки онро-
Ҷаннату-л-фирдавс гӯянд.................................................................................219
Фасли бисту якум дар баёни хиловату лаззат ва осоишу роҳати аҳди биҳишт.............................................................................................................223
Фасли бисту дуюм дар баёни меҳмонӣ кардани пайғамбарон биҳиштиёнро..................................................................................................226
Фасли бисту сеюм дар баёни кушта шудани марга дар биҳишт……230
Ҳикояҳои судманд.............................................................................................232
Марҳилаи шашум. Ашъори шуаро...............................................................240
Ғазалиёти Мавлавӣ Ҷунунӣ..............................................................................241
Порашеъре аз Аттор...........................................................................................261
Ғазалиёти Қории Ғармӣ ....................................................................................262
Муноҷоти Маҳвии Мастчоҳӣ..........................................................................268
Ашъори Шайхи Фонӣ (мусанниф).................................................................270
Чакидае аз ашъори бузургон............................................................................276

## ШАҲОДАТНОМА

*дар бораи ба қайд гирифтани асарҳои илм, адабиёт ва санъат*

Додашуд: ба Шарипов Давлатхоҷа Мирзоевич
дар хусуси он ки ӯ муаллифи асари «Дунёи фонӣ ва уқбои боқӣ» мебошад.
Жанри асар: асари адабӣ
Забони асар: тоҷикӣ
Асар иборат аст аз: 286 саҳифа

Маълумоти иловагӣ: Тибқи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» асари мазкур объекти ҳуқуқи муаллиф маҳсуб мешавад.
Муаллиф: Асперанти Академияи Таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шайх Давлатхоҷаи Мирзохоҷаи Раштӣ

## *ДУНЁИ ФОНӢ ВА УҚБОИ БОҚӢ*

*Тарроҳии компютерӣ:* Фаридуллоҳи Исматуллоҳ
*Ба чоп 19.02.2007 таҳвил шуд. Когази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60x84 Ҷузъи чопӣ 17.8. Адади нашр 500 нусха. Супориши №20. Нархаш шартномавӣ.*
*Тел: муашшиф 985-45-80-88, 918-64-13-33*
*МН -ИРФОН-И ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*
*734018 ш. Душанбе к. Н.Қарабоев 17* Тел: 223-56-66, 227-61-47 E-mail: devashtich@tojikiston.com